# Он чи пайғамбарон пешгӯӣ кардаанд

Ҷон Крос

*... ва аз Мусо ва аз тамоми пайғамбарон сар карда, он чиро, ки дар ҳамаи Навиштаҳо дар бораи Ӯ гуфта шудааст, ба онҳо фаҳмонда дод.*

# Мундарича

Пешгуфтор ... 7

**Боби якум**
1. Муқаддима ... 10
2. Ҷобаҷогузории масъалаҳо ... 11
3. Китоби бемонанд ... 13

**Боби дуюм**
1. Дар ибтидо Худо... ... 20
2. Фариштаҳо, лашкари осмонҳо ва ситораҳо ... 25

**Боби сеюм**
1. Осмон ва замин ... 31
2. Ин хуб аст .... ... 34
3. Мард ва зан ... 44

**Боби чорум**
1. Исёни каррубӣ ... 55
2. Оё Худо ҳақиқатан гуфтааст? ... 59
3. Куҷоӣ ту? ... 66
4. Марг ... 70

**Боби панҷум**
1. Парадокс ... 80
2. Кафорат ... 84
3. Ҳанӯхи пайғамбар ... 93
4. Нӯҳи пайғамбар ... 94
5. Бобил ... 104

**Боби шашум**
1. Айюби пайғамбар ... 110
2. Иброҳими пайғамбар ... 111
3. Имони ҳақиқӣ ... 114
4. Ҳоҷар ва Исмоил ... 116
5. Исмоил ва Исҳоқ ... 118
6. Он ки Ҳозир мекунад ... 120

**Боби ҳафтум**
1. Яъқуб ва Яҳудо ... 127
2. Мусои пайғамбар ... 129
3. Фиръавн ва Песаҳ ... 132

**Боби ҳаштум**
1. Нон, бедонаҳо ва об ... 140
2. Даҳ қоида ... 143
3. Толори доварӣ ... 151

**Боби нӯҳум**
1. Хаймаи вохӯрӣ ... 159
2. Нобоварӣ ... 168
3. Доварон, подшоҳон ва пайғамбарон ... 172

**Боби даҳум**

1. Фаришта Ҷаброил ........ 183
2. Исои Масеҳ ........ 190
3. Дар миёни муаллимони шариат ........ 199
4. Яҳёи пайғамбар ........ 201

**Боби ёздаҳум**

1. Озмудашуда ........ 206
2. Қудрат ва шӯҳрат ........ 209
3. Ниқӯдимус ........ 212
4. Рад шудан ........ 215
5. Нони ҳаёт ........ 220

**Боби дувоздаҳум**

1. Либоси олуда ........ 224
2. Роҳ сӯи Худо ........ 227
3. Нақша ........ 229
4. Элъозор ........ 231
5. Дӯзах ........ 235
6. Пешвози ботантана ва таслим шудани Исо ........ 237

**Боби сездаҳум**

1. Боғи Ҷатсимонӣ ........ 243
2. "Ҷои косахонаи сар" ........ 246
3. Қабри холӣ ........ 260

**Боби чордаҳум**

1. Дар роҳи Аммоус ........ 269
2. Шариат ва пайғамбарон (аз Одам то Нӯҳ) ........ 272
3. Шариат ва пайғамбарон (аз Иброҳим то шариат) ........ 278
4. Шариат ва пайғамбарон (аз хаймаи вохӯрӣ то мори мисин) ........ 287
5. Шариат ва пайғамбарон (аз Яҳёи Таъмиддиҳанда то растохези Исо) ........ 292

**Боби понздаҳум**

1. Он чӣ пайғамбарон пешгӯӣ кардаанд ........ 301
2. Исо ба осмон бармегардад ........ 302
3. Оё ба пайғамбарон бовар мекунед? ........ 303

**Замима**

Луғат ........ 307
Тарҷумаи Китоби Муқаддас ........ 309
Саволе ки боз бармеоянд ........ 309
Феҳристи адабиёт ........ 310
Маънидодҳои ишорашуда ........ 310

Барои осон кардани хониш ва мутобиқат ба матнҳои Китоби Муқаддас ман дар баъзе ҳолатҳо барои ҷонишинҳо ва баъзе номҳои Худо ҳарфҳои майдаро истифода бурдаам.

Тамоми оятҳои Китоби Муқаддас ба шрифти хамида ва бо фосила дода шудаанд. Ҳангоме ки ман мехостам ягон ҳақиқатро таъкид намоям, калимаҳоро ғафс карда навиштаам. Қавсҳои квадратӣ дар ояти Китоби Муқаддас ишорат бар он аст, ки шарҳҳо ба матн илова карда шудаанд.

Дар ин китоб таҳрири нави Китоби Муқаддас, соли 2016, истифода шудааст.

# Пешгуфтор

Мо дар ҷаҳоне зиндагӣ мекунем, ки дар он ақидаҳои бисёр паҳн шудаанд. Новобаста ба он ки онҳоро чӣ ном медиҳанд – динҳо, мазҳабҳо, ақидаҳо, фирқаҳо ё танҳо як иттиҳоди шахсони ҳардамхаёл, ки фақат аз рӯи хаёли худ рафтор мекунанд, – он чиро, ки мардум ба он бовар мекунанд, сарфи назар кардан мумкин нест.

Дар давоми таърих дин бисёр вақт дар маркази ҷангҳо ва ихтилофот қарор доштааст. Аммо бо мурури замон, тарафдорони ақидаҳое ки аз ҳам тамоман фарқ мекарданд, беш аз пеш байни ҳам муносибатҳо пайдо мекунанд. Ба сабаби ин ҳолат имкони ба миён омадани ихтилофоти калон меафзояд.

Донистани ақидаҳои мардуми гирду атрофи мо ва фаҳмидани сабабҳое ки онҳоро ба ин ақидаҳо оварда расонидаанд, хуб аст. Ҳамин тариқ мо имкон хоҳем дошт, ки хоксорона, бе дағал норозигиямонро изҳор намоем. Дар чунин ҳолат ин одамон худро бештар фаҳмидашуда ва камтар зери хатар ҳис хоҳанд кард.

Ин китоб дар бораи Китоби Муқаддас, китобе ки дар ҷаҳон беш аз ҳама паҳн шудааст ва дар таърихи инсоният беш аз ҳама мавриди баҳси гарму ҷӯшон қарор дорад, ҳикоят мекунад. Агар шумо ба паёми (хабари) пайғамбарон – навиштаҳои Аҳди Қадим ва Аҳди Ҷадид – аз тахти дил сарфаҳм рафтан хоҳед, ин китоб барои шумост.

Ман кӯшиш кардам, ки паёми пайғамбаронро ба қадри имкон беғаразона пешкаш намоям. Ин ҳамеша осон набуд, зеро ки навиштаҳои пайғамбарон табиатан баён намудани нуқтаи назари шахсиро талаб мекунанд. Бо вуҷуди он ман кӯшиш намудам, ки ба таври равшан онҳоро шарҳ диҳам ва баровардани хулосаҳои шахсиро ба хонанда вогузоштаам. Худатон интихоб кунед, ки ба чӣ бовар хоҳед кард.

Баъзеҳо маро айбдор хоҳанд кард, ки беғараз нестам, чунки Навиштаҳоро хақ нишон медиҳам. Ман боварӣ дорам, ки аз чунин айбдоркунӣ раҳо хоҳам шуд, зеро ки худи каломи Худо худро ҳақ эълон мекунад.

Ман нияти қатъӣ доштам, ки паёмро суст нагардонам. Дар ҷое ки Навиштаҳо интихобро металабанд, ман кӯшиш кардам, ки инро равшан нишон диҳам. Каломи Худо дар он маълумоте ки медиҳад, бисёр дақиқ аст, ва ман кӯшиш кардам, ки ин ҳақиқатро бо худдорӣ аз гуфтори нофаҳмо баён намоям.

Агар шумо паёми пайғамбаронро, ки хеле солҳо пеш навишта шудаанд, фаҳмидан хоҳед, ман шуморо ба хондани “Он чи пайғамбарон пешгӯӣ кардаанд”, даъват менамоям. Паёми онҳо шуморо ҳайрон карда метавонад.

## Каломи Худо мегӯяд:

*... Биё! Ва ҳар кӣ мешунавад, гӯяд: “Биё!” Бигзор ташна биёяд, ва ҳар кӣ хоҳад, оби ҳаётро муфт гирад.*

*Ман ба ҳар касе ки суханони пайғамбарии ин китобро мешунавад, шаҳодат медиҳам: агар касе ба инҳо чизе илова намояд, Худо ба ӯ балоҳое илова мекунад, ки дар бораи онҳо дар ин китоб навишта шудааст.*

*Ва агар касе аз суханони ин китоби пайғамбарӣ чизе кам кунад, Худо насиби ӯро аз дарахти ҳаёт ва аз шаҳри муқаддас ва аз ҳар чизе ки дар ин китоб навишта шудааст, кам мекунад.*

**Ваҳй 22:17-19**

# Боби якум

1. Муқаддима
2. Ҷобаҷогузории масъалаҳо
3. Китоби бемонанд

# 1. Муқаддима

Ин воқеа тақрибан соли 33-юми баъд аз милод рӯй дод. Офтоби нисфирӯзӣ ҳарорати бемадоркунандаро пош медод. Хомӯшии комил буд. Ҳатто парандаҳо ҷуръати овозхонӣ намекарданд. Клеупос кулӯхро бар роҳи пурчанг лагад зада, нафаси бемадор мекашид. Аз миёни ҳавои тафсон ӯ ба зӯр теппаеро аз дур дид. Якчанд километр дуртар Аммоус – зодгоҳи ӯ қарор дошт. Пеш аз ин ки ӯ бо рафиқаш ба он ҷо расанд, ғуруби офтоб онҳоро дар бар гирифт. Дуруст мебуд, ки онҳо барвақттар Уршалимро тарк мекарданд. Ёздаҳ километри пиёдаравӣ – хеле роҳ аст! Аммо аз сабаби ҳодисаҳое ки ин саҳар рӯй доданд, онҳо дар Уршалим як муддат истоданд, ба умеди он ки навигариҳои дақиқтарро фаҳмида гиранд. Клеупос на он қадар мехост ба Аммоус равад, аммо имрӯз ин беҳтарин роҳи ҳалли масъала буд: на дар Уршалим бо мардуми серғавғояш, бо дастаҳои сарбозони румӣ ва ҳокими он Понтиюс Пилотус, балки дар ягон ҷои дигар будан беҳтар мебуд.

Клеупос дар фикрҳои вазнини худ роҳгум зад. Овози қаҳролуди шарикаш, ки дубора ба вай савол дод, Клеупосро ба воқеият баргардонд. Ин ду мард дар бораи воқеаҳои имрӯза ва он чи дар солҳои охир рӯй дода буд, бо ҳам сӯҳбат карданд, то замоне ки дигар сухане барои гуфтан намонд. Клеупос хаста ва рӯҳафтода шуда буд – рӯйдодҳои Уршалим ӯро тамоман парешонҳол карда буданд. Чунин ба назар мерасид, ки зиндагӣ ба ҷои он ки ҷавобҳо диҳад, бештар саволҳо мегузорад.

Ду шарик бо қадами вазнин аз теппа поён фуромада, ба гардиш расиданд. Дар ҳамин ҷо онҳо бо марде рӯ ба рӯ шуданд.

Чанд соат пас, худи ҳамин шаб, вақте ки ин ду марди аз арақ таршуда дар миёни дӯстони худ дар Уршалим меистоданд, онҳо фаҳмонда наметавонистанд, ки чӣ тавр ин мард ба онҳо ҳамроҳ шуд. Клеупос мегуфт, ки ношинос аз сояи харсанг баромад, аммо ин шарҳ бо шарҳи рафиқаш баробар намеомад. Дар ҳақиқат на яке ва на дигараш қатъӣ намедонистанд, ки он шахс аз куҷо меомад. Клеупос мегуфт, ки ӯ тасодуфан пайдо шуд. Ин баёнот хандаовар буд.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ин ду мард дар як чиз дилпур буданд. Он марди ношинос аз китобҳои қадим (Китоби Муқаддас) ба онҳо иқтибосҳо овард:

> *... ва аз Мусо ва аз ҳамаи пайғамбарон сар карда, он чиро, ки дар тамоми Китоб дар бораи Ӯ гуфта шудааст, ба онҳо фаҳмонда дод.*
>
> **Луқо 24:27**

Тарзе ки Ӯ бо он Навиштаҳои Муқаддасро шарҳ медод, бениҳоят мантиқӣ буд. Дар баробари он Ӯ онҳоро маломат ҳам кард:

> *Эй бехирадон, ки барои бовар кардан ба* ***гуфтаҳои пайғамбарон*** *дили дерфаҳм доред!*
>
> **Луқо 27:25**

Агарчи Клеупос ва шарикаш дар бовар кардан оҳистакор буданд, аз вақте ки он мард паёми пайғамбаронро бароящон фаҳмонда рафт, тамоми беҷуръатӣ ва ҳар гуна шубҳа аз дилҳояшон берун рафт. Онҳо аз фаҳмиши нави Навиштаҳо хурсанд шуда, ҳамон замон рӯ ба Уршалим оварданд, то дар он ҷо ба дӯстонашон дар бораи он одам нақл кунанд. Бо ҳар арзиш лозим буд, ки онҳо низ ин паёмро, ки Клеупос ва шарикаш дар роҳи Аммоус шунидаанд, шунаванд.

Чӣ буд он чизи мантиқие ки он марди мусофир дар бораи Китоби Муқаддас, китобе ки ҳисси кунҷковии ин қадар мардуми зиёдро бедор мекунад, гуфтааст?

Китоби “Он чи пайғамбарон пешгӯӣ кардаанд” ба ин савол ҷавоби дақиқ медиҳад. Барои он ки ин равшан гардад, мо мисли он марди мусофир хоҳем кард: мо он чиро, ки Навиштаҳо дар Шариат, Китобҳои пайғамбарон ва Забур таълим медиҳанд, аз назар мегузаронем.

## 2. Ҷобаҷогузории масъалаҳо

Агар хуб фикр кунем, ба хулосае меоем, ки якчанд соати зиндагии худро барои бештар фаҳмидани Каломи (Сухани) Худо бахшидан ба назар пурра мантиқист, ва ҳатто хеле зарур аст.

Охир, Навиштаҳо дар бораи зиндагӣ ва марг маълумоти пурра доранд.

Дар тӯли асрҳо Китоби Муқаддас – китоби диққатҷалбкунанда аст. Ин китобест, ки беш аз ҳама хонда мешавад, беш аз ҳама чоп карда мешавад, беш аз ҳама тарҷума мешавад, ва дар таърих беш аз ҳама мавриди ҳамлаҳо қарор мегирад. Ҳар касе ки худро соҳибмаълумот меҳисобад, бояд дар бораи мазмун ва мундариҷаи ин китоб ақаллан тасаввуроти умумӣ дошта бошад. Мутаассифона, Навиштаҳо то як андоза бадном карда шудаанд, на ба сабаби он чизе ки онҳо мегӯянд, балки аз сабаби баъзе шахсон (аз ҷумла шахсони машҳур), ки баён мекунанд, ки таълимоти Каломи Худоро пайравӣ мекунанд, лекин мувофиқи фаҳмиши худ амал менамоянд.

Паёми Китоби Худо баъзан ҳатто аз ҷониби мардумони софдил низ мавриди ҳамлаҳо қарор гирифта буд, зеро онҳо барои фаҳмидани

чизҳое ки он дар асл мегӯяд, ҳаргиз вақт сарф намекарданд.

Бо вуҷуди ин, Навиштаҳо тағйир наёфтаанд, ва бар хилофи гуфтаҳои дурӯягону танқидчиён, пурра мантиқист, ва шумо худатон метавонед инро фаҳмед.

## Дуруст ҷамъ кардани порчаҳои муаммо

Навиштаҳоро ба муаммо (пазл) муқоиса кардан мумкин аст. Барои дуруст фаҳмидани паём бояд порчаҳои мантиқии онро дуруст ҷамъ кард. Барои расидан ба ин мақсад якчанд қоидаҳои асосӣ бароямон ёрӣ хоҳанд расонд.

## Қисмҳои асосӣ

Қоидаи аввал маълум аст: бояд аз чизҳои сода сар карда, баъд сӯи чизҳои мураккаб пеш рафт. Ба кӯдакони кӯдакистон алгебраро таълим намедиҳанд. Барои ба онҳо ҳисобро ёд додан, аввал аз рақамҳои сода сар карда, баъд ба фаҳмондани мафҳумҳои мураккаб мегузаранд. Агар кас қоидаҳои асосии илми математикаро наомӯзад, ҳатто алгебраи ибтидоӣ барояш дастнорас хоҳад буд.

Оид ба Навиштаҳо низ инчунин аст: аввалан қоидаҳои ибтидоиро аз худ бояд кард. Бе ин, хонанда ба хатари дохил кардани мафҳумҳои ғайримуқаррарӣ дар фаҳмиши матн ва ба хатари тағйир додан ва нодуруст фаҳмидани паёми асосии он гирифтор хоҳад шуд. Ҳангоми нодуруст чида шудани муаммо (пазл) як сурати вайрон ва ғалат ҳосил мешавад.

## Пайдарҳамии мантиқии ҳодисаҳо

Қоидаи дуввуми омӯзиш хусусан ба омӯхтани таърих ё хониши ҳикоя тааллуқ дорад: аз аввал сар карда мувофиқи пайдарҳамии ҳодисаҳо ба сӯи охир бояд рафт. Албатта, ин китоб на ҳама ҳодисаҳоро дар бар мегирад, аммо бо вуҷуди ин, ҳодисаҳои асосии Навиштаҳо дар он баён шудаанд. Онҳо мувофиқи пайдарҳамии мантиқӣ қатор карда шудаанд – мисли кашидани либосҳои шусташуда бар ресмон, бо каме фосила дар байни ҳар яке. Ҳангоме шумо ба тамоми паём назар меандозед, агар хоҳед, метавонед ҷойҳои холиро пур кунед.

Ҳатто агар ин китоб на дар бораи ҳамаи ҳодисаҳо нақл мекарда бошад ҳам, ҳамаи он чи зикр шудааст, дорои як хати роҳнамост, ки ба ҳамон як паём мебарад. Агар шумо хонандаи одӣ бошед, ҳангоми тамом кардани хониши ин китоб мефаҳмед, ки паёми Навиштаҳо пурра мантиқӣ аст.

Пас, ҳаққи қарор кардан, ки оё шумо ба он бовар мекунед ё не, ба шумо пешкаш карда мешавад. Шумо ноилоҷ ба ин интихоб дучор мешавед. Мақсади ин китоб – танҳо осон кардани фаҳмиши шумост.

**Диққатро ба чизҳои муҳим равона кардан**

Ин қоидаи охирин нисбати ҳар навъ омӯзиши мавзӯи нав қобили истифода аст. Қисмҳои муҳимтарин мавриди омӯзиши аввалиндараҷа мебошанд. Дар ин китоб мо диққатро ба мавзӯи асосии Каломи Худо ҷалб хоҳем кард. Ҳар гоҳе ки шумо онро сарфаҳм рафтед, паёми Навиштаҳо бароятон пур аз маънои чуқур ва ҳамзамон сода хоҳад буд.

# 3. Китоби бемонанд

Шубҳае нест, ки Китоби Муқаддас китоби бемонанд аст. Дар асл сухан дар бораи маҷмӯи китобҳо меравад, ки ҳамагӣ шасту шаш ҷилд мебошанд. Муаллиф ин гуна табиати ягонаи Навиштаҳоро шарҳ медиҳад:

*“Ин китобест навишташуда:*

1. *дар давоми 1 500 сол*
2. *дар зиндагии 40 насл*
3. *бо қалами беш аз 40 муаллиф, аз тамоми табақаҳои ҷамъият – подшоҳон, кишоварзон, файласуфон, моҳигирон, шоирон, ҳукуматдорон, олимон ва ғайра:*
   - *Мусо, роҳбари сиёсӣ, дастпарвари донишкадаҳои Миср*
   - *Петрус, моҳигир*
   - *Омӯс, чӯпон*
   - *Юшаъ, сипаҳсолор*
   - *Наҳемё, соқӣ*
   - *Дониёл, сарвазир*
   - *Луқо, духтур*
   - *Сулаймон, шоҳ*
   - *Матто, боҷситон*
   - *Павлус, хизматгузори дини яҳудӣ;*
4. *дар ҷойҳои гуногун:*
   - *Мусо, дар биёбон*
   - *Ирмиё, дар зиндон*
   - *Дониёл, бар теппа ва дар қаср*
   - *Павлус, дар зиндон*
   - *Луқо, дар сафар*
   - *Юҳанно, дар ҷазираи Патмӯс*

*дигарон дар майдонҳои ҷанг;*

5. *дар шароити гуногун:*
   *Довуд дар замони ҷанг*
   *Сулаймон дар замони сулҳ;*
6. *дар ҳолатҳои рӯҳонии гуногун:*
   *баъзеҳо аз шодӣ лабрез шуда,*
   *дигарон дар айни ғам ва ноумедии чуқур;*
7. *дар се қитъаи ҷаҳон:*
   *Осиё, Африқо, Аврупо;*
8. *ба се забон:*
   *ибрӣ, арамӣ ва юнонӣ.*
9. *Ва ниҳоят, агарчи ин китоб садҳо мавзӯъҳои гуногунро фаро мегирад, бо вуҷуди ин, ҳама чиз дар он – аз китоби Пайдоиш то ба китоби Ваҳй – ҳамоҳанг буда, пайдарҳам баён шудааст. Сухан дар бораи як нақл меравад...”*

Ин китоб боз як хусусият дорад, ки онро аз дигар китобҳои дунё фарқ мекунонад: ин китоб изҳор менамояд, ки он чи дар саҳифаҳои он навишта шудааст, сухани Худи Худост.

## Илҳоми илоҳӣ

Навиштаҳои Муқаддас изҳор менамоянд, ки:

*Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳист ....* **2Тимотиюс 3:16а**

Худи мафҳуми *илҳоми илоҳӣ* доштани Навиштаҳо метавонад як мавзӯи омӯзиширо ташкил диҳад. Айнан ҳамон тавре ки кас ҳангоми нафас кашидан аз худ ҳаворо хориҷ мекунад, ва он ҳаво аз амиқтарин ҷои вуҷудаш мебарояд, инчунон Навиштаҳо низ аз Худи Худо бармеоянд. Худо ва Сухани Ӯ аз ҳам ҷудоинопазиранд. Аз ин сабаб Навиштаҳо бисёр вақт Каломи (Сухани) Худо номида шудаанд.

## Пайғамбарон

Ба таври сода гуфтан мумкин аст, ки Китоби Муқаддас ба одамизод чунин расидааст: Худо ба одамони муайян он чиро, ки мехост то онҳо нависанд, хабар медод – ва одамон инро менавиштанд. Касоне ки ба воситаи онҳо Каломи Худо расонида мешуд, одатан *пайғамбарон* номида мешуданд.

> *Худо, ки аз қадимулаём борҳо ва ба тарзи гуногун ба падарони мо ба воситаи пайғамбарон сухан гуфтааст...*
>
> **Ибриён 1:1**

Ҳозир чунин ҳисобида мешавад, ки пайғамбар касест, ки ояндаро пешгӯӣ мекунад. Дар замони қадим пайғамбар касе буд, ки суханони Худоро ба мардум мерасонд. Одатан паём дар бораи зиндагии ҳаррӯза буд, аммо пайғамбарон баъзан дар бораи воқеаҳои оянда низ мегуфтанд. Ин кор мақсади амалӣ дошт: яъне барои санҷидани ҳаққонӣ будани пайғамбар.

> *Пас, сухане ки пайғамбар ба номи Парвардигор мегӯяд, вале он ба амал намеояд ва иҷро намешавад, он суханест, ки Парвардигор нагуфтааст...*
>
> **Такрори Шариат 18:22**

Паёми пайғамбар вақте қонунӣ ва ҳақ ҳисоб мешуд, ки пешгӯии ӯ аниқ иҷро мешуд. Пешгӯии пайғамбари ҳақиқӣ бояд то охирин ҳарф ба амал меомад. Ҳеҷ ҷое барои хато набуд.

> *Аммо пайғамбаре ки худсарона ба номи Ман сухане мегӯяд, ки ба гуфтанаш нафармудаам, ё ба номи худоёни дигар сухан мегӯяд, — он пайғамбар бояд кушта шавад.*
>
> **Такрори Шариат 18:20**

Худо пайғамбаронро роҳнамоӣ мекард, то онҳо маҳз ҳамон чиро, ки Ӯ мехост, нависанд. Дар айни ҳол Ӯ барояшон иҷозат медод, ки ҳангоми расондани сухани Ӯ услуби адабии хоси худро истифода баранд. Ин одамон ҳақ надоштанд, ки фикрҳои худро ба паём илова кунанд. Ва он самари хаёлоти онҳо набуд.

> *...ва пеш аз ҳама чиз инро донед, ки ҳеҷ як пайғамбарии Китоб аз тафсири худи пайғамбар нест; зеро ҳаргиз пайғамбарӣ бо хости одамизод оварда нашудааст, балки муқаддасони Худо бо* ***ангезиши*** *Рӯҳулқудс сухан гуфтаанд.*
>
> **2Петрус 1:20,21**

Набояд чунин ҳисобид, ки Навиштаи Муқаддас фақат як навъ асари бадеӣ аст, ки Худо онро таҳсин намудааст. Худи ҳамон калимаи юнонӣ, ки ҳамчун “ангезиш” тарҷума шудааст, дар ҷои дигари Навишта, масалан, он вақте истифода мешавад, ки сухан дар бораи аз ҷое ба ҷое бурдани шахси шал меравад.

> *Ва назди Ӯ бо марди шале омаданд, ки вайро чор кас* **бардошта** буданд. **Маркус 2:3**

Монанди он ки ин бемор бо қувваи худ роҳ рафта наметавонист, пайғамбарон низ бо хости худ Навиштаҳоро навишта наметавонистанд. Навиштаҳо дар ин бобат изҳороти қатъӣ доранд: тамоми ин китоб паёми (хабари) Худост, аз аввал то ба охир.

## Ниҳоятдараҷа аниқ

Пайғамбарон суханони Худоро бар лӯлапечҳои аз пӯсти ҳайвонот тайёр кардашуда ё бар варақҳои коғази аз папирус сохташуда менавиштанд. Дастнависҳои аслӣ *автограф* номида мешаванд. Вақте ки онҳо бо гузаштани замон кӯҳна мешуданд, онҳоро нусхабардорӣ мекарданд. Тамоми онҳо бо даст навишта мешуданд. Азбаски нусхабардорон мефаҳмиданд, ки сухани Худи Худоро рӯйбардор мекунанд, онҳо кори нусхабардории беҳтарини ҳамаи замонҳоро анҷом медоданд. Ҳангоми нусхабардорӣ кардани матни ибрӣ:

> *“нусхабардорон бо тамоми эҳтиёт, ки ба худ тасаввур кардан мумкин аст, ҳар қадар мушкил ва пурзаҳмат бошад ҳам, ин корро анҷом медоданд, то ки ба дақиқ будани нусхаҳои матн диллпур бошанд. Тамоми ҳарфҳои матнро ҳисоб карда, онҳо ҳарферо, ки дар мобайни китоб қарор дошт, муайян мекарданд. Ҳамчунин онҳо миқдори калимаҳоро ҳисоб карда, калимаи мобайниро муайян менамуданд*”.

Ин корро ҳам бо нусхаи асл (автограф), ҳам бо нусхаи рӯйбардоршуда анҷом медоданд, то боварӣ ҳосил намоянд, ки нусха ба автограф мувофиқ аст. Нусхабардорон дар иҷрои вазифаашон бисёр дақиқкор буданд. Ҳангоме дастнависҳои Бахри Мурдаро, ки қарибиҳои соли 100-уми пеш аз милод навишта шудаанд, санҷиданд, маълум гардид, ки инҳо нисбат ба нусхаҳое ки дар давоми ҳазор соли минбаъда нусхабардорӣ шудаанд, фарқи ҷиддӣ надоранд.

**Дастнависҳои Баҳри Мурда**



**с. 100-ум п. аз м.**

**Ҳазор соли нусхабардорӣ бе фарқҳои ҷиддӣ**

**Дастнависҳои қадимӣ, ки пеш аз дастнависҳои Баҳри Мурда ёфт шудаанд**



**с. 900-уми милодӣ**

Таърихшиноси яҳудии асри якум, Юсуфи Флавиюс, дар бораи халқи худ сухан ронда, баён мекунад:

> *“Эҳтироми бузурге ки мо ба ин китобҳои муқаддаси халқамон дорем, аз рӯи корҳои мо фаҳмида мешавад; зеро ҳеҷ кас дар давоми ин ҳама солҳо ҷуръат накардааст, ки чизеро бар он чи дар онҳо навишта шудааст, илова кунад ё аз он кам кунад, ва ё ягон тағйиротеро ба инҳо дохил кунад; ҳар яҳудӣ... ин китобҳоро... китобҳои илоҳӣ меҳисобад*”.

Нусхабардорон мефаҳмиданд, ки дар сурати тағйир додани матн онҳо нисбат ба Худи Худо ҷиноят содир мекунанд. Бинобар ин мо метавонем шубҳа надошта бошем, ки он Навиштае ки имрӯз дастраси мост, ҳамон матнест, ки пайғамбарон навиштаанд.

## Тарҷумаҳо

Автографҳо, ва албатта нусхаҳои онҳо, ба забони ибрӣ, арамӣ, ё юнонӣ навишта шуда буданд. Азбаски ин забонҳо барои миқдори ками мардумон ошно буданд, Навиштаҳо ба забонҳои дигар низ тарҷума шудаанд. Тамоми ин тарҷумаҳо дар асоси матни аслии қадимӣ ба ҷо оварда шудаанд.

Инчунин, тарҷумаҳои Аҳди Қадим (Шариат, Воқеанома ва Пайғамбарон) аз рӯи дастнависҳои таърихаш 100 сол пеш аз милод (дастнависҳое, ки имрӯз ҳам қобили хондан ҳастанд) анҷом дода шудаанд. Худи Исо аз тарҷумаи юнонии таърихаш 150 сол истифода кардааст. Ин тарҷумаро дар замони мо низ метавон хонд. Барои Аҳди Ҷадид (ки зиндагии Масеҳро баён мекунад), бештар аз 2700 дастнависи юнонии асри дуюм ва асрҳои минбаъда истифода шудааст. Барои санҷидани он чи мо имрӯз мехонем, ҳар кадоми ин сарчашмаҳоро истифода бурдан мумкин аст.

Худи пайғамбарон низ шаҳодат додаанд, ки Худо сухани навишташудаашро чунон нигоҳ хоҳад дошт, ки он ҳаргиз дигаргун карда нашавад.

> *Алаф хушк мешавад, гул пажмурда мегардад, вале каломи Худои мо то абад пойдор аст.* **Ишаъё 40:8**

Исои Масеҳ, чунин гуфтааст:

> *Зеро ба ростӣ ба шумо мегӯям: то осмон ва замин аз миён наравад, ҳеҷ як ҳарфе ё нуқтае аз Таврот аз миён намеравад, то даме ки ҳамааш иҷро шавад.* **Матто 5:18**

Худо бузург аст, ва мувофиқи хосияти Худ, Ӯ ба таври аҷиб суханашро нигоҳдорӣ кардааст.

## Каломи Худо

Дар ёд нигоҳ доштани тамоми ҷузъиёт дар хусуси тарҷумаҳо муҳим нест. Он чи аҳамият дорад, ки Навиштаҳо изҳор мекунанд: Сухани навишташудаи Худо – паём ба инсоният аст. Бо хониши сухани Худо мо бо Ӯ шинос шуда метавонем. Ин гуна баёнот бояд ҳатто шахси бепарвотаринро ба шунидани гуфтаҳои Навиштаҳо водор созад.

> *Каломи Ту, эй Парвардигор, абадист;*
> *дар осмонҳо пойдор аст.* **Забур 118:89**

**Маслиҳатҳои амалӣ**

Барои онҳое ки бо тарзи ҷустуҷӯ дар Сухани Худо ошно нестанд, ин маълумот шояд фоиданок бошад:

Аксари нашрҳои Навиштаҳо бар шасту шаш китоб тақсим шудаанд, ва онҳо дар навбати худ ба бобҳо ва оятҳо тақсим карда шудаанд.

Он қисми Китоби Муқаддас, ки пеш аз омадани Масеҳ навишта шудааст, *Аҳди Қадим* номида мешавад; қисми боқимондаи он *Аҳди Ҷадид* номида мешавад.

Аз нигоҳи таърих, Аҳди Қадим ба се гурӯҳ тақсим шудааст:

1. Шариати Мусо: Баъзеҳо ин қисмро *"Таврот"*, *"Китобҳои Мусо"*, *ё "Шариат"* меноманд.

2. Забур: Ҳамчунон машҳур ба номи *"Таронаҳо"*, *"Китобҳои назмӣ"*, *"Таронаҳои Довуд"*.

3. Навиштаҳои пайғамбарон ё пайғамбарон.

Дар Китоби Муқаддас ибораи *"Таврот ва пайғамбарон"* ба маънии маҷмӯи китобҳои *Аҳди Қадим* оварда шудааст. Ин қисм беш аз ду сеяки Навиштаҳоро ташкил медиҳад.

Сеяки дигар бо номи Аҳди Нав зикр мешавад. Он ҳикояҳоро дар бораи зиндагии Исо дар бар мегирад ва одатан *"Инҷил"* номида мешавад.

Дар бисёр кишварҳои рӯи замин Навиштаҳоро *"Библия"* меноманд. Маънои ин калимаи лотинӣ фақат "китобҳо" аст. Истифодаи калимаи "Библия" набояд ба як гурӯҳи махсуси имондорон нисбат дода шавад. Дар ин китоб мо аксаран ибораҳои *"Каломи Худо"*, *"Калом"*, *"Китоби Муқаддас"* ва албатта *"Навиштаҳо"*-ро истифода хоҳем кард.

# Боби дуюм

1. Дар ибтидо Худо…

2. Фариштаҳо, лашкари осмонҳо ва ситораҳо

# 1. Дар ибтидо Худо...

Худо бузург аст! Навиштаҳо борҳо ва борҳо инро баён мекунанд. Аз худи ибораи аввали Китоби Муқаддас, ки бо се калимаи серманъии зерин сар мешавад, бузургии Худо аён аст:

> *Дар ибтидо Худо...* **Пайдоиш 1:1**

Дар Китоби Муқаддас ягон кӯшиши исбот кардани мавҷудияти Худо нест. Он аллакай дар назар дорад, ки Худо ҳаст. Аз он бармеояд, ки Худо вуҷуд дорад!

## Абадӣ

Худо ҳама вақт вуҷуд дошт; пеш аз набототот, ҳайвонот ва одамизод; пеш аз пайдоиши замин ва коинот. Ӯ на саршавӣ дорад ва на охир. Навиштаҳо баён мекунанд, ки Ӯ аз азал (абадияти гузашта) то абад (абадияти оянда) вуҷуд дорад. Мусо, яке аз пайғамбарони Худо, навиштааст:

> *Пеш аз он ки кӯҳҳо таваллуд ёбанд, ва замин ва дунё самар оваранд, аз азал то абад Ту вуҷуд дорӣ, эй Худо.* **Забур 89:2**

Фаҳмидани мафҳуми *Худои абадӣ* барои инсон душвор аст. Ин фикр ақли инсонро чунон ба ҳаяҷон меоварад, ки бисёр касон фақат мегӯянд, ки ин ғайриимкон аст. Аммо мисолҳое вуҷуд доранд, ки метавонанд моро дар фаҳмиш ёрӣ диҳанд. Масалан, биёед абадиятро бо коинот муқоиса кунем.

Бисёре аз мо системаи офтобӣ – офтоб ва сайёраҳоеро, ки дар атрофаш давр мезананд, тасаввур карда метавонанд. Мо медонем, ки ин система васеъ ва паҳновар аст, аммо зондҳои кайҳонӣ исбот намудаанд, ки ҳатто масофаҳои дуртарин дастрас ҳастанд. Биёед боз як қадами дигаре гузошта, ба чен кардани коинот гузарем. Биёед фикран ба киштии кайҳоние савор мешавем. Он бо суръати рӯшноӣ ҳаракат карда, дар як сония ҳафт бор заминро давр зада метавонад!

... дар ду сония мо аз пеши моҳ...
... дар чор дақиқа аз пеши сайёраи Миррих ...
... дар 5 соат мо ба сайёраи Плутон хоҳем расид. Лекин мо ҳанӯз дар дохили галактикаи мо, ки Роҳи Каҳкашон ном дорад, хоҳем буд.

Дуруст аст, ки фикр дар бораи Худои абадӣ барои фаҳмиш душвор мебошад, аммо фикр дар бораи бузургии олам низ чунон аст. Ҳар дуи ин мафҳумҳо аз тасаввур берун буда, ҳамзамон ҳақиқат мебошанд.

Навиштаҳо дар ин бора бисёр равшану возеҳ мегӯянд. Мавҷудияти абадии Худо чунон аз бузургияш ҷудонашаванда аст, ки Сухани Худо барои шарҳи Худо чунин хислати Ӯро меоварад:

> *...номи Парвардигор Худои абадӣ....* **Пайдоиш 21:33б**

## Номҳои бисёр

Худо соҳиби номҳо ё унвонҳои зиёд аст, ва ҳар кадоми онҳо дар бораи хусусиятҳои махсуси Ӯ маълумоте медиҳад. Сетои онҳоро аз назар мегузаронем:

### 1) Ман ҳастам (Воҷибулвуҷуд)

> *Худо ... гуфт: "Ман ҳамоне ҳастам, ки ҳастам. ... чунин гӯй: Воҷибулвуҷуд маро назди шумо фиристод".* **Раҳоӣ 3:14**

Ба таври дигар ин суханонро чунин баён кардан мумкин аст: *Ман ҳамоне ҳастам, ки ҳаст, ё Ман Худ аз Худ вуҷуд дорам.* Сарчашмаи мавҷудияти Худо дар Худи Ӯст.

Мо, одамизод, ба хӯрок, об, ҳаво, хоб, равшанӣ ва рӯйхати нотамоми чизҳои дигари зарур барои зиндагӣ эҳтиёҷ дорем; вале барои Худо чунин нест. Ӯ ба ҳеҷ чиз, тамоман ба ҳеҷ чиз эҳтиёҷе надорад! Ӯ Воҷибулвуҷуд аст; Ӯ МАН ҲАСТАМ аст.

### 2) Худованд

Номи МАН ҲАСТАМ дар Навиштаҳо бисёр вонамехӯрад, зеро маънии он дар калимаи ХУДОВАНД (ё ПАРВАРДИГОР) мавҷуд аст.

> *Монанди Ту, эй Парвардигор, нест! Ту бузург ҳастӣ, ва номи Ту дар қудрат бузург аст.* **Ирмиё 10:6**

Номи ХУДОВАНД бештар бар табиати абадӣ ва воҷибулвуҷуд будани Худо ишора карда, таваҷҷӯҳро ба мақоми Худо равона мекунад – болотар аз ҳама. Ӯ Худованди худовандон аст.

### 3) Ҳаққи Таоло

Ин ном мақоми Худоро ҳамчун Соҳиби соҳибихтиёр махсусан қайд мекунад.

> *...бидонанд, ки танҳо Ту, ки номат ПАРВАРДИГОР аст, бар тамоми замин Ҳаққи Таоло ҳастӣ.* **Забур 82:19**

## Роҳи Каҳкашон[1]

Галактика – маҷмӯи ситораҳо аст. Галактикаҳоро бо ситораҳое, ки шаб медурахшанд, набояд омехта кард. Он ситораҳое ки мо ҳангоми шабҳои равшан дар осмон мебинем, як қисми оилаи бениҳоят азими ситораҳо ба номи галактикаи “Роҳи Каҳкашон” аст. Беш аз 100 миллиард галактика дар коинот ҳастанд, ки миллиардҳо ситораҳоро дар бар мегиранд. Бист галактика дар маҷмӯаи галактикаҳои мо ва миллиардҳо галактика берун аз маҷмӯаи мо, дар маҷмӯаи беруна вуҷуд доранд.




Киштии мо бо суръати рӯшноӣ ҳаракат намуда, тақрибан баъд аз 4,3 сол ба ситораи наздиктарин хоҳад расид. Ин маънои онро дорад, ки мо бо суръати 300 000 км дар як сония ҳаракат карда, 40 682 300 000 000 км масофаро тай намудем.




**Оё мехостед, ки яке аз ситораҳо ба номи шумо номида шавад?**
**Дар асоси миқдори ҳозираи аҳолии замин гуфтан мумкин аст, ки ҳар шахс метавонист соҳиби шонздаҳ галактика (яъне миллиардҳо ситора) гардад, ки ба номаш бошанд.**

Ситораи мо, Офтоб, дар канори галактикаи Роҳи Каҳкашон ҷойгир аст. Тамоми системаи офтобии мо бо ҳама сайёраҳояш дар ҳамин чоркунҷа ҷойгир мебошад.



Императорҳои замонҳои қадим бар қаламрави худ соҳибихтиёрона ҳукмронӣ мекарданд, Худо бошад, Ҳаққи Таоло аст, Ӯ бар тамоми олам ҳукмфармост.

Худи калимаи Худо ба ҳукмфармои соҳибихтиёр ишора мекунад. Он маънои "Ҳамон ки бениҳоят тавоност, Илоҳияти олӣ"-ро дорад.

> *Парвардигор дар қасри муқаддаси Худ сокин аст; тахти Парвардигор дар осмон аст; чашмони Ӯ менигаранд, пилкҳои Ӯ банӣ-одамро имтиҳон мекунад.* **Забур 10:4**

Худо аз осмон ҳукм меронад. Мо дар бораи осмон маълумоти начандон зиёд дорем, аммо ҳамон андаке ки ба мо маълум аст, аз ҳадди тасаввурот берун аст. Дертар мо дар ин бора ёдовар хоҳем шуд, аммо ҳоло дониши он ки Худои бузург ҳукмфармои баландмақомтарин аст, кифоя мебошад.

## Худои якто

Калимаи *Таоло* дар назар дорад, ки Худо ба таври инконнопазир нотакрор аст – ин ҷиҳати дигари бузургии Ӯст. Ӯ ҳаммонанд надорад. Танҳо Ӯ Худованди соҳибихтиёр бар ҳама аст.

> *Ман Парвардигор ҳастам, ва дигаре нест;*
> *ғайр аз Ман Худое нест.* **Ишаъё 45:5а**

> *...пеш аз Ман худое набуд, ва баъд аз Ман намешавад.*
> **Ишаъё 43:10б**

Ин ҷо масъалаи дараҷаҳои мансабу мартабаҳои худоён нест, ки дар байни онҳо як Худои бузург бартарӣ дошта бошад. Ҳеҷ худои дигаре нест, на худое ки худ аз худ вуҷуд дошта бошад, ё офаридашуда бошад.

> *Парвардигори лашкарҳо чунин мегӯяд: "Ман Аввалин ҳастам, ва Ман Охирин ҳастам, ва ғайр аз Ман Худое нест".*
> **Ишаъё 44:6 (б)**

Навиштаҳо дар ин бора возеҳу равшан мегӯянд: танҳо як Худо вуҷуд дорад.

## Рӯҳ

Инак он чи мо бояд ҳамчунин аз худ кунем. Навишта мегӯяд, ки Худоро дидан ғайриимкон аст, чунки

> *Худо рӯҳ аст...* **Юҳанно 4:24а**

Рӯҳ, бар хилофи инсон, на ҷисм дорад, на устухон. Аммо ҳатто агар мо чизеро дида натавонем ҳам, ин маънои онро надорад, ки он вуҷуд надорад.

Масалан, дар маросими дафни шахсе ки ӯро хуб мешинохтед, шумо ҷасадашро, ки дар тобут аст, мебинед. Ҷасадаш дар он ҷо буд, вале худи ӯ дар куҷо буд? Ӯ дар он ҳузур надошт, чунки рӯҳаш аллакай баданро тарк карда буд. Ҳангоме мо ба касе нигоҳ мекунем, мо фақат пӯшиши заминии ӯ, бадани инсониро мебинем, ки барои рӯҳи ӯ ҳамчун хона хизмат мекунад. Аммо шахсияти аслии ӯ, яъне рӯҳаш ба назар намоён нест.

Навиштаҳо бо тарзҳои гуногун нишон медиҳад, ки рӯҳи одам дар як замони муайян офарида шудааст ва оғозе дорад. Бо Худо чунин нест: Худоро на оғоз ҳасту на охир. Ӯ ягона Рӯҳи ҷовидон аст, ки аз азал буд ва то абад хоҳад буд.

**Худо:** **Рӯҳ** аст;
**Абадӣ** аст;
Ман ҳастам – **Воҷибулвуҷуд** аст;
Худои **Таоло**, Соҳиби соҳибихтиёр аст;
Худои **яктост**.

# 2. Фариштаҳо, лашкари осмонҳо ва ситораҳо

Қариб дар тамоми ҷойҳои Китоби Муқаддас маълумотеро дар бораи аввалин амали офариниши Худо ёфтан мумкин аст. Хонандаи бодиққат ба қадри кифоя маълумотҳоро барои ҷавоб ба саволҳои ибтидоӣ ҷамъ оварда метавонад, аммо на беш аз ин. Навиштаҳо барои қонеъ кардани кунҷковии барзиёди нсон навишта нашудаанд. Онҳо маълумоти умумиро дар бораи баъзе воқеаҳо пешкаш мекунанд, аммо дар қисмати ҷузъиёт хомӯшанд. Дар масъалаи рӯҳҳо низ ончунон аст.

## Номҳо

Навиштаҳо рӯҳҳоро бо номҳои бисёр меноманд. Баъзе аз онҳо дар шакли номи умумӣ, ва баъзеи дигар дар шакли исми хос ёд мешаванд. Бисёр вақт мо онҳоро “фариштаҳо” меномем, аммо Каломи Худо барои шиносонидани онҳо номҳои дигарро низ истифода мебарад: каррубиён, сарофиён, фариштаҳо, фариштаҳои муқарраб ва ситораҳои

субҳ. Ва ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ анбӯҳҳо, лашкарҳо ё ситораҳо номида мешаванд.

*... лашкари осмон ба Ту саҷда мекунанд.* **Наҳемё 9:6б**

Имкон дорад, ки ҳар фаришта соҳиби номи махсус бошад, аммо Каломи Худо фақат баъзе аз онҳоро бо ном ёдовар мешавад, масалан, Ҷаброил ва Микоил.

## Ба назар нонамоён ва бешумор

Ҳамон тавре ки Худо нонамоён аст, рӯҳҳо низ нонамоёнанд. Онҳо бадан надоранд. Агарчи мо онҳоро намебинем, онҳо бешубҳа дар ҳама ҷо ҳузур доранд, зеро Навишта мегӯяд:

*... ҳазорон ҳазор фариштаҳо ...* **Ибриён 12:22б**

Дар Китоби Муқаддас барои тасвир намудани шумораи фариштаҳои дар гирди тахти илоҳӣ буда иборае истифода мешавад, ки ададӣ калони бешуморро ифода мекунад:

*Ва дидам, ва овозе чун овози фариштаҳои бисёр шунидам, ки гирдогирди тахт ва гирдогирди он мавҷудҳои зинда ва пирон буданд, ва шумораи онҳо даҳ ҳазорон даҳ ҳазор ва ҳазорон ҳазор буд...* **Ваҳй 5:11**

## Хизматгузорони Худо

Фариштаҳо барои хизмати Худо ва иҷрои хости Ӯ офарида шудаанд. Онҳо рӯҳҳои хизматгузор номида шудаанд:

*Парвардигорро муборак бихонед, эй фариштаҳои Ӯ, ки дар қувват паҳлавон ҳастед, каломи Ӯро ба ҷо меоваред, ва овози каломи Ӯро мешунавед. Парвардигорро муборак бихонед, эй ҳамаи лашкарҳои Ӯ, ва эй хизматгузорони Ӯ, ки хости Ӯро ба ҷо меоваред.* **Забур 102:20,21**

*Оё ҳамаи онҳо рӯҳҳои хизматгузор нестанд...?* **Ибриён 1:14а**

Калимаи юнонии “ангелос” (“фаришта”) маънои “хабаррасон” ё “хизматгор”-ро дорад. Азбаски Худо офаридгори фариштаҳост, онҳо аз они Ӯ буда, бояд барои Ӯ хизмат кунанд.

## Офаридгор ва Соҳиб

Дар ҷамъияти саноатӣ ва материалистии мо, ки иқтисодиёти он

манфиатҳои молиявиро дар ҷои аввал мегузорад, фикр дар бораи Офаридгоре ки ҳамзамон соҳиби мол аст, маъноящро гум кардааст. Ман рӯзеро ба ёд меоварам, ки дар Папуа – Гвинеяи Нав аз як деҳа мегузаштам. Ҳар боре ки ман бо ангуштам ягон чизро нишон дода мепурсидам: "Ин кулба аз они кист? Ин заврақ аз они кист?", бароям номи соҳиби молро мегуфтанд. Ҳангоме ман мепурсидам, ки чӣ хел инҳо кӣ будани соҳиби ин ё он молро мешиносанд, аҳолии қишлоқ ҳайрон шуда ба ҷавобам мегуфтанд: "Маълум аст, ки соҳибаш ҳамон касест, ки онро сохтааст". Онҳо созандаи мол ва соҳиби онро хуб дар ёд доштанд. Ҳангоме ман савол додам, ки оё метавонам заврақро шиканам, онҳо бо қатъият ба ман гуфтанд, ки ин фикри хуб нест, агар созанда-соҳибашро бар зидди худ ангехтан нахоҳӣ. Ман фикри худро инкишоф дода, пурсидам: "Оё худи соҳиби заврақ онро шикастан метавонад?" Онҳо китф дарҳам кашида, ҷавоб доданд: *"Агар хоҳад, метавонад шиканад. Охир, худи ӯ онро сохтааст".*

Ба ҳамин сурат, фариштаҳоро моли Худо ҳисобидан дуруст аст, зеро онҳоро Ӯ офаридааст. Ҳамчун хизматгузорон ва хабаррасонҳои Худо – фариштаҳо, бояд фармонҳои Ӯро ба ҷо оранд. Аммо ин монанди ғуломдории замонҳои қадим нест. Робитаи байни фариштаҳо ва Худо ба чунин ғуломдории зӯроварона ҳеҷ монандӣ надорад. Онҳо ихтиёран ба Худо хизмат менамоянд, чунки соҳиби беҳтар аз Худоро пайдо наметавон кард.

## Ақл ва тавоноии ғайриодӣ

Худо ба фариштагон ақли расо ва тавоноии бузург додааст, то ки онҳо фармудаҳои Ӯро иҷро карда тавонанд. Баъзе фариштаҳо назар ба фариштагони дигар истеъдодҳои бештар доранд. Фариштагон комил ва бе ягон норасоӣ офарида шудаанд. Бо вуҷуди ин, онҳо робот нестанд. Онҳо дорои иродаи худ ҳастанд, ки барояшон ҳаққи интихобро медиҳад[2].

## Монанд, вале каме дигар хел

Фариштаҳо аз чанд ҷиҳат ба одамон монанд ҳастанд, вале одамон на ба он андоза боақл ва тавоно мебошанд. Дар Китоби Муқаддас дар бораи одам чунин гуфта шудааст:

> *Ӯро аз фариштаҳо фақат андак кам кардаӣ.* **Забур 8:5а**

Фарқи дигари фариштаҳо аз одамон он аст, ки онҳо ҳаргиз намемиранд[3], ба ҳамдигар чун зану шавҳар намерасанд ва насле боқӣ намегузоранд[4].

Онҳо одатан ба назар намоён нестанд. Аммо дар баъзе шароит худро намоён месозанд. Ҳангоме фаришта бо инсон гап мезанад, забонаш ба кас фаҳмост.

## Каррубии масҳкардашуда

Яке аз каррубиён аз ҳамаи рӯҳҳои офаридаи Худо тавонотар, боақлтар ва зеботар буд. Номи ӯ "ситораи дурахшони субҳидам" буд.

> *Эй ситораи дурахшони субҳидам....!* **Ишаъё 14:12**
>
> *Ту каррубии бузургҷуссае ҳастӣ... Ман туро бар кӯҳи муқаддас ҷойгир кардам... ту аз рӯзи офариниши худ дар роҳҳоят комил будӣ...*
>
> **Ҳизқиёл 28:14,15**

Маънии калимаи "масҳкардашуда" ба анъанаи қадимии рехтани равған бар шахсе ё чизе алоқа дорад – бар шахс ё чиз равған рехтан маънои онро дошт, ки онҳо ба иҷрои як вазифаи махсус барои Худо ҷудо карда шудаанд. Ин амал муқаддас ҳисобида мешуд.

Маълум мешавад, ки ин каррубӣ доим дар ҳузури Худо қарор дошт. Шояд ӯ як навъ сарвари фариштаҳои дигар буд ва онҳоро дар парастиши Худо роҳбарӣ мекард. Мо дар ин бора дертар сухан хоҳем ронд.

## Парастиши Худо

Маънои калимаи "парастиш" "ибодат" аст. Навишта мегӯяд ки тамоми фариштаҳо Худоро мепарастанд.

> *Ту осмон, осмони осмонҳо ва тамоми лашкари онҳоро... ба вуҷуд овардаӣ, ва Ту ба ҳамаи онҳо ҳаёт мебахшӣ, ва лашкари осмон ба Ту саҷда мекунанд.*
>
> **Наҳемё 9:6б**

Пурра табиист, ки Худо маркази парастиш бошад, зеро Ӯ Подшоҳи соҳибихтиёр аст. Навиштаҳо эълон мекунанд, ки Худои бузург лоиқи ҳар ситоиш аст.

> *Эй Худованд Худои мо, эй Қуддус, Ту сазовори он ҳастӣ, ки ҷалол, иззат ва қудрат ёбӣ, зеро Ту ҳама чизро офаридаӣ, ва ҳама чиз бо хости Ту вуҷуд дошт ва офарида шудааст.*
>
> **Ваҳй 4:11**
>
> *Зеро ки Ту бузург ҳастӣ ва корҳои аҷоиб мекунӣ, – Ту, эй Худо, танҳо Худат.* **Забур 85:10**

## Шоҳидони амалҳои офаринандаи Худо

Ҳамин тариқ, Худо офаридани оламро сар кард. Ва акнун, ки лашкари осмон амалҳои Ӯро дида, хурсандӣ мекарданд, Худо марҳалаи навбатии офаринишро сар кард.

**Майдони кории Ӯ:** коинот.

**Мақсади Ӯ:** офаридани дунёи мо.

Суханоне, ки Худо ба Айюби пайғамбар гуфтааст, бузургии бемисли Офаридгори моро хотиррасон мекунанд:

*Вақте ки Ман бунёди заминро мениҳодам, ту куҷо будӣ? Бигӯ, агар аз хирад хабардор бошӣ. Кист, ки андозаҳои онро муайян намуд? Оё медонӣ? Ё кист, ки шоқулро бар он кашид? Пояҳои он бар чӣ чиз ниҳода шудааст, ё кист, ки санги кунҷи онро гузошт, дар сурате ки ситорагони субҳ [мавҷудоти рӯҳӣ] якҷоя сурудхонӣ мекарданд, ва ҳамаи фарзандони Худо нидоҳои шодӣ медоданд?*

**Айюб 38:4-7**

# Боби сеюм

1. Осмон ва замин
2. Ин хуб аст
3. Мард ва зан

# 1. Осмон ва замин

Аввалин китоби Навиштаи Муқаддас *Пайдоиш* ном дорад.

Ин калима дар асл маънои “ибтидо”-ро дорад.

> *Дар ибтидо Худо осмону заминро офарид. Ва замин хароб ва холӣ буд, ва торикӣ бар рӯи обҳои азим; ва Рӯҳи Худо бар рӯи об дар парвоз буд. Ва Худо гуфт: “Рӯшноӣ шавад”. Ва рӯшноӣ шуд. Ва Худо рӯшноиро дид, ки хуб аст; ва Худо рӯшноиро аз торикӣ ҷудо кард. Ва Худо рӯшноиро рӯз номид, ва торикиро шаб номид. Ва шом шуд, ва субҳ шуд: рӯзи якум.* **Пайдоиш 1:1-5**

## Аз ҳеҷ

“*Дар ибтидо Худо ... офарид...*” Дар амали офариниш тавоноии бениҳоят бузурги Худо зоҳир гардид. Ҳангоми фаҳмидани он ҳақиқат, ки Худо ҳама чизро аз ҳеҷ офаридааст, фаҳмидани ин амал боз ҳам душвортар мешавад. Инсон метавонад чизе офарад, аммо ба шарти мавҷуд будани маводи сохт. Барои кашидани расм ӯ ба ранг ва қоғаз эҳтиёҷ дорад. Инсон бо ёрии чӯб, лой ва хишт хона месозад. Аммо вақте ки Худо меофарид, ӯ ба ҳеҷ мавод мӯҳтоҷ набуд.

## Тавоноии комил

Худо комилан тавоно аст! Офаридани чизе дар чунин миқёси бузург, бе истифода аз маводи асосӣ, бе кашидани нақшаи меъморӣ, бе корхона ва бе асбобҳои корӣ, қобилияти ғайриинсониро талаб мекунад. Навишта мегӯяд, ки офариниш аз боиси тавоноии номаҳдуди Худо имконпазир гардид:

> *Худованди мо бузург аст ва пурқувват...* **Забур 146:5а**

Ӯ ҳақиқатан *Қодир ва комилан Тавоно* аст.

## Дониши комил

Худо бузург аст! Ӯ на фақат соҳиби тавоноии комил, балки низ соҳиби дониши куллист. Ӯ комилан ҳама чизро медонад.

> *Худованди мо бузург аст... хиради Ӯ беҳадду беканор аст.*
> **Забур 146:5**

Худо ҳама чизро медонад. Ӯ ба машаварати меъморону муҳандисон зарурат надорад. Дониши Ӯ ҳадде надорад. Ҳангоми офариниш Худоро лозим набуд, ки нақшаи каси дигарро ба назар гирад.

## Худои ломакон (дар як вақт дар ҳама ҷо ҳузур доштани Худо)

Вақте ки инсон чизеро месозад ё дигаргун мекунад, ба ӯ ҷое барои анҷом додани кор, яъне коргоҳ лозим аст. Аммо Худо ба ин гуна ҷой зарурат надорад. Дар ҳақиқат Навиштаҳо таълим медиҳанд, ки Худо дар як вақт дар ҳама ҷо ҳузур дорад:

> *Оё Ман фақат аз наздик Худо ҳастам, – мегӯяд ПАРВАРДИГОР, – ва аз дур Худо нестам? Агар касе дар ҷои махфие пинҳон шавад, оё Ман вайро намебинам? – мегӯяд ПАРВАРДИГОР. Оё Ман замин ва осмонро пур намекунам? – мегӯяд ПАРВАРДИГОР.* **Ирмиё 23:23-24**

Ин се хусусият **(тавоноии комил, дониши комил ва ломакон будан)** танҳо ба Худо хос мебошанд. Бе доштани ин хислатҳо Худо чунин як дунёи мураккаберо, ки мо ҳоло дар он зиндагӣ мекунем, офарида наметавонист.

> *Ӯ заминро бо қуввати Худ офарид, дунёро бо ҳикмати Худ барпо намуд, ва осмонро бо хиради Худ густаронид.*
>
> **Ирмиё 51:15**

Фариштаҳо, ҳар қадар боқувват ва боақл бошанд ҳам, ҳеҷ яке аз ин хусусиятҳоро доро нестанд. Мо чӣ? Мо аз доштани ин хусусиятҳо хеле дурем.

Сохтани содатарин чиз зӯри як гурӯҳи одамонро талаб мекунад. Масалан, фарз мекунем, ки як курсии металлӣ сохтан даркор аст.

Пеш аз ҳама металл даркор аст.

***Аммо аз куҷо металли мувофиқро бояд гирифт?***

Аз ҷинсҳои кӯҳӣ.

***Ва кӣ медонад, ки дар кадом ҷинсҳои кӯҳӣ ин металл ҳаст?***

Барои ин геолог лозим аст, ки ҷои ёфтани маъдани оҳанро медонанд.

***Акнун фарз мекунем, ки маъдани оҳан ёфт шуд. Баъд аз ин чӣ кор бояд кард, охир, маъдани оҳан дар таги замин аст-ку!***

Барои ин мутахассисе ки моддаи таркандаро истифода бурда метавонад, ва техникаи маъданканӣ даркор аст. Кӯҳканҳои соҳибтаҷриба даркоранд, то ки маъдани оҳанро аз зери замин берун оваранд.

***Аммо бо як тӯда маъдани оҳан дарҳол курсиро сохтан намешавад.***

Маъдани оҳанро гудохтан даркор аст.

***Инро чӣ тавр ба ҷо овардан мумкин аст?***

Ҳарорати басо баландеро ба вуҷуд овардан даркор аст, то ки маъдани оҳан гудохта шавад. Касоне даркоранд, ки техникаи гудохтанро медонанд.

***Фарз мекунем, ки ин хел одамон ҳам ёфт шуданд! Аммо кор ҳанӯз тамом нашудааст…***

Ин мутахассисон ғӯлаи оҳанро истеҳсол намуданд. Аммо барои сохтани курсӣ бояд касеро ёбем, ки ин ғӯлаи оҳанро ба шакли варақаи ҳамвор бо ғафсии мувофиқ дароварад. Он гоҳ онро қат карда, кафшер (сварка) кардан имконпазир мешавад.

***Баъд чӣ бояд кард?***

Маълум аст, ки барои анҷоми ин кор касе лозим аст, ки бо корҳои барқ сарукор дошта бошад.

Маълум мешавад, ки сохтани қисми оҳании курсӣ як чараёни мураккаб аст. Ҳол он ки мо ҳанӯз ба масъалаи ранг кардани он бо ранги дилхоҳ ва махсусе, ки рӯи металл менишинад, дахл накардаем.

***Акнун нишастгоҳи курсӣ ва пояҳои онро бояд сохт.***

Онҳо пластикӣ мебошанд. Пластик аз нафт ҳосил мешавад, ҳамин тавр не? Пас, ба мо лозим меояд, ки бо коркарди нафт сару кор пайдо намоем...

Тамоми ин корҳо танҳо барои сохтани як курсии одии металлӣ даркор мешаванд. Сохтани ҳатто содатарин чиз донишу таҷрибаи садҳо одамонро металабад, **зеро ҳеҷ як одам ҳама чизро дониста наметавонад.**

Ҳеҷ як мавҷуд, хоҳ инсон бошад ва ё фаришта, аз ин ҷиҳат бо Худо баробар шуда наметавонад, зеро Худо ҳама чизро медонад, аз ҳеҷ чиз ҳама чизро офарида метавонад, ва дар як вақт дар ҳама ҷо ҳузур дорад. Ин ҳама хусусиятҳо ба Ӯ имкон медиҳанд, ки он чиро ки Худ сохтааст, дар ҳар ҷое ки хоҳад, гузорад. Худо ҳамто надорад.

> *“Оҳ, эй Худованд Парвардигор! Инак, Ту осмон ва заминро бо қуввати бузурги Худ ва бо бозуи дароз кардашудаи Худ ба вуҷуд овардӣ; барои Ту чизи мушкиле нест”.* **Ирмиё 32:17**
>
> *Магар ту намедонӣ? Магар ту нашунидаӣ? Парвардигор, Худои ҷовид, ки канори заминро офаридааст, хаста намегардад ва монда намешавад; хиради Ӯро таҳқиқ кардан имконнопазир аст.* **Ишаъё 40:28**

### Худо гуфт

Навиштаҳо кори аҷоиби офаринишро ба таври сода ва мухтасар тасвир медиҳанд. Равандҳои ҳайратноктарин дар он фақат бо якчанд калима тасвир карда шудаанд. Матни Китоби Муқаддас он воситаеро, ки Худо барои офаридан ба кор бурд, танҳо ном мебарад. Ӯ дунёро на бо дастҳо ва на бо асбобҳои корӣ меофарид. Худо фақат бо сухани Худ оламро ва ҳар чиро, ки дар он ҳаст, ба вуҷуд овард:

> *Ва Худо гуфт: рӯшноӣ шавад.* **Пайдоиш 1:3**

> *...оламҳо бо каломи Худо тартиб ёфтаанд...* **Ибриён 11:3а**

Албатта, ин гуна тавоноӣ берун аз ҳадди фаҳмиши инсонӣ аст. Оё мо бо сухани худ на ин ки оламро, балки ақаллан ягон қалами одии чӯбинро офарида метавонем? Аммо агар сухан дар бораи Худои Қодири мутлақ равад-чӣ? Агар дуруст муҳокимаронӣ намоем, маълум мешавад, ки ин кор аз дасти Ӯ меояд. Китоби Муқаддас ин ҳақиқатро тасдиқ мекунад:

> *Бо каломи Парвардигор осмонҳо офарида шудаанд, ва бо дами даҳони Ӯ ҳамаи лашкарҳои онҳо... Бигзор тамоми аҳли замин аз Худо тарсон бошанд; ҳамаи сокинони дунё аз Ӯ ҳаросон шаванд, зеро ки Ӯ гуфт, ва иҷро шуд; Ӯ фармуд, ва пойдор гардид.* **Забур 32:6,8,9**

Ҳама чиз ҳамин тавр сар шуд. Худо фармуд, ва рӯшноӣ пайдо шуд. Ӯ рӯшноиро *рӯз*, ва торикиро *шаб* номид. Мувофиқи Навишта, рӯзи аввали офариниш ҳамин тавр анҷом ёфт.

## 2. Ин хуб аст

Ҳамин тариқ, Худо амали офариниширо сар кард. Дар пеши назари лашкари осмонӣ дар саҳна осмонҳо ва замин ҷилвагар шуданд. Бо як сухан Худои соҳибихтиёр рӯшноиро ба вуҷуд овард. Рӯзи аввал бо ҳамин амали аввалини офариниш ба охир расид. Дар давоми панҷ рӯзи оянда Худо панҷ амали бузургро илова кард.

> *Магар намедонед? Магар шумо нашунидаед? Магар аз аввал ба шумо гуфта нашудааст? Магар аз бунёди замин фаҳм надоред? Ӯ Ҳамон аст, ки бар кураи замин нишастааст, ва сокинони он монанди малах мебошанд; Ӯ осмонро монанди чодире густурдааст, ва онро монанди хаймае барои сокин шудан барафроштааст.* **Ишаъё 40:21-22**

Навишта сайёраи Заминро ба хаймае монанд мекунад. Сухан дар бораи

ягона макони зист дар коинот меравад. Аммо аввал, барои аҳолинишин кардани он, бояд нақшаҳои сохтмонии калон амалӣ мегардиданд. Фариштаҳо хомӯширо риоя мекарданд. Парда бар рӯзи дуюм – рӯзи офарида шудани "фалак" кушода шуд. Фазо – он чист? Биёед инро бароятон фаҳмонам.

## Рӯзи дуюм

> *Ва Худо гуфт: "Фазое бошад дар миёни об, ва обро аз об ҷудо кунад". Ва Худо фазоро ба вуҷуд овард; ва оби зери фазоро аз оби болои фазо ҷудо кард. Ва чунин шуд. Ва Худо фазоро осмон номид. Ва шом шуд, ва субҳ шуд: рӯзи дуюм.* **Пайдоиш 1:6-8**

Ин аввалин ишора бар он аст, ки ҷаҳони ибтидоӣ аз ҷаҳоне ки мо дар он ҳоло зиндагӣ дорем, фарқ мекард. Ҳангоме Худо ҷаҳонро офарид, рӯи Замин бо об пӯшида буд. Навиштаҳо хабар медиҳанд, ки Худо як қисми обҳои заминиро дар шакли буғ дар осмон ҷой дод – ҳамин тариқ, байни обҳои поёнӣ ва болоӣ *фазои* васеъ буд, ки дар баъзе тарҷумаҳои Китоби Муқаддас *фалак* номида шудааст. Ба фаҳмиши мо ин атмосфера аст, ё фазоест, ки иборат аз ҳаво ва буғ аст.

Аммо сабр кунед: мо уқёнусҳо дорем, атмосфера дорем, ва ҳозир Замин бо қабати обӣ пӯшонида нашудааст! Пас, куҷост он "оби болои фазо", ки Худо дар ибтидо онро бар болои замин ҷой дода буд?

Далелҳо вуҷуд доранд, ки шароити иқлими Замини аввала аз имрӯза фарқ дошт. Дар натиҷаи чунин сохти Замин дар тамоми сайёра бояд "эффекти гармхона" ба миён меомад. Ҳамин тавр ҳам шуд: дар ҳама ҷо ҳарорати якхелаи тропикӣ барқарор гардид, ки вобаста ба мавсим ба тағйироти ночиз дучор мешуд. Минтақаҳо бо иқлими қутбӣ тамоман набуданд. На тӯфон буд, на тундбод. Мувофиқи он чи дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, заминро он вақт туман намнок мекард. Аз афти кор, пардаи обӣ Заминро аз нурҳои ултрабунафш ва дигар нурҳои кайҳонӣ хуб муҳофизат менамуд. Дар чунин шароит давомнокии умри одамон ва ҳайвонот назар ба ҳозира хеле бештар буд.

Дертар мо дида мебароем, ки чӣ боиси ин дигаргунии иқлим шуд, аммо ҳоло муҳим аст донем, ки мувофиқи Навишта, Худо дар рӯзи дуюм фазоро* офарид.

* Калимаи "фазо" муродифи калимаи "кайҳон" аст, ва онро хоҳ нисбати атмосфераи замин, хоҳ нисбати кайҳон истифода бурдан мумкин аст.

## Рӯзи сеюм

Дар аввали рӯзи сеюм оби зери фазо як уқёнуси фарогир буд. Ҳеҷ навъ замини хушк ба назар наменамуд. Худо боз гуфт:

*“Оби зери осмон дар як ҷо ҷамъ шавад, ва хушкӣ намудор шавад”. Ва чунин шуд. Ва Худо хушкиро замин номид, ва маҷмӯи обҳоро баҳрҳо номид. Ва Худо дид, ки хуб аст. Ва Худо гуфт: “Замин растанӣ рӯёнад, алафе ки тухм меоварад, дарахти мевадоре ки мувофиқи ҷинси худ мева медиҳад, ки тухмаш дар он бар рӯи замин бошад”. Ва чунин шуд. Ва замин растанӣ рӯёнид, алафе ки мувофиқи ҷинси худ тухм меоварад, ва дарахти мевадоре ки тухмаш дар он мувофиқи ҷинси худ аст. Ва Худо дид, ки хуб аст. Ва шом шуд, ва субҳ шуд: рӯзи сеюм”.* **Пайдоиш 1:9-13**

Рӯзи сеюмро бар ду қисм тақсим кардан мумкин аст. *Аввалан*, хушкӣ намудор шуд. Маълум мешавад, ки қаъри баҳрҳо фурӯ нишаст ва миқдори бениҳоят калони об, ки ҷойҳои фурӯрафтаро пур карданд, имкон дод, ки қитъаҳои хушкӣ намоён шавад. *Сониян*, растаниҳо ва дарахтон офарида шудаанд.

*Зеро Парвардигоре ки осмонҳоро офаридааст, чунин мегӯяд; Ӯ Худоест, ки заминро ба вуҷуд овардааст ва сохтааст; Ӯ онро барпо намудааст; онро на аз барои он офаридааст, ки холӣ бошад, балки аз барои он ба вуҷуд овардааст, ки дар он сокинон бошанд. “Ман Парвардигор ҳастам, ва дигаре нест...”.* **Ишаъё 45:18**

Аз худи аввал Худо дар нақша дошт, ки заминро маскун мегардонад ва барои ин ҳама чизи даркориро омода мекард. Ҳамин тавр Ӯ растаниҳоро ба вуҷуд овард, то ки онҳо барои мо хӯроки хӯрданӣ, оксиген барои нафаскашӣ, ва чӯб барои сохтмон бошад.

## Рӯзи чорум

Рӯзи аввали офариниш Худо торикиро барҳам дода, фармуд, ки рӯшноӣ пайдо шавад. Дар рӯзи чорум Худо нурафканҳоро офарид:

*Ва Худо гуфт: “Нурафканҳо дар фазои осмон бошанд, то рӯзро аз шаб ҷудо кунанд, ва барои аломатҳо ва замонҳо ва рӯзҳо ва солҳо бошанд; ва нурафканҳо дар фазои осмон бошанд, то бар замин рӯшноӣ диҳанд”. Ва чунин шуд. Ва Худо ду нурафкани бузург ба вуҷуд овард: нурафкани калонтар барои ҳукмронӣ бар рӯз, ва нурафкани хурдтар барои ҳукмронӣ бар шаб, ва ситорагон. Ва Худо онҳоро дар фазои осмон гузошт, то бар замин рӯшноӣ диҳанд, ва бар рӯзу шаб ҳукм ронанд, ва рӯшноиро аз торикӣ ҷудо кунанд. Ва Худо дид, ки хуб аст. Ва шом шуд, ва субҳ шуд: рӯзи чорум.* **Пайдоиш 1:14-19**

Каме ба назар аҷиб хоҳад расид, ки Худо рӯшноиро пеш аз нурафканҳо офарид, аммо бояд дар хотир дошт, ки барои Худо офаридани рӯшноӣ мисли ба вуҷуд овардани нурафканҳо осон аст.

*"Ман Парвардигор ҳастам, ки ҳама чизро ба амал овардаам, осмонҳоро ба танҳоӣ паҳн кардаам...* **Ишаъё 44:24б**

## Ҷаҳоне ки хуб тартиб дода шудааст

Офтоб, моҳтоб ва ситораҳо нишон медиҳанд, ки Худо Худои тартибу интизом аст. Тартиб қонуни вуҷуд доштани олам аст, ки бо дақиқияти соати электронӣ кор мекунад. Воқеан олам як навъ соатест. Олимон ҷадвали мадду ҷазри баҳрҳоро якчанд сол пешакӣ тартиб дода, нисбати дақиқ будани он заррае ҳам шубҳа намекунанд. Ҳангоме инсон мушакҳои кайҳониро (спутникҳоро) ба кайҳон мебароварад, ӯ умед дорад, ки онҳо дар вақти муайян, ки дар барномаҳо пешбинӣ карда шудааст, ба сайёраҳои дурдаст хоҳанд расид*. Сайёраи мо мунтазам дар гирди офтоб давр мезанад. Ҳамчунин он бар меҳвари худ давр зада, рӯз ва шабро ба вуҷуд меоварад. Бе ин тартиби муқарраршуда ҳеҷ чиз дар сайёра зинда намемонд.

* Мушаки кайҳонии "Галилей", ки онро NASA[1] ба кайҳон баровард, мувофиқи барнома пас аз шаш сол ба сайёраи Муштарӣ расид.

Тартибу интизоме, ки дар олам вуҷуд дорад, натиҷаи қонунҳои табиист, ки тамоми чизҳоро идора мекунанд. Ба воситаи илмҳое аз қабили ситорашиносӣ, биология, физика ва химия ин қонунҳоро омӯхтан мумкин аст. Худо ин қонунҳоро муқаррар кардааст, то оламро ба таври ҳайратангез дақиқ нигоҳдорӣ кунад.

*Ӯ пеш аз ҳама чиз аст, ва ҳама чиз дар Ӯ вуҷуд дорад.*

**Кулассиён 1:17**

Мо ин қонунҳоро чунон худ аз худ маълум меҳисобем, ки тасаввур карда наметавонем, ки бе онҳо ҷаҳон ба чӣ монанд мешуд. Дар ин бора фикр кунед: чӣ мешуд, агар ногаҳон дар якчанд дақиқа қонуни ҷозибаи Замин дигаргун мешуд. Натиҷаи он ҳарҷумарҷ, бесарусомонию марг мебуд. Ин мисли он буда метавонад, ки касе тамоми чароғҳои роҳнамо ва ишораҳои роҳгузарро аз тамоми кӯчаҳои шаҳр бардошта барад. Қонунҳо сабаби мавҷудияти худро доранд. Онҳо ҳудудҳоеро муқаррар мекунанд, ки барои дуруст фаъолият кардани чизҳо риоя бояд кард.

*Рӯз аз они Туст, шаб низ аз они Туст; Ту нурдиҳанда ва офтобро барпо кардаӣ. Ту тамоми ҳудуди заминро муқаррар намудаӣ; тобистон ва зимистонро Ту ба вуҷуд овардаӣ.* **Забур 73:16,17**

Мо ба таври инстинктивӣ (табиӣ) қонунҳои табиирo риоя мекунем. Масалан, вақте дар лаби ҷарӣ роҳ меравем, эҳтиёткорӣ зоҳир менамоем, зеро хуб медонем, ки вайрон кардани қонуни ҷозибаи Замин оқибатҳои бисёр хатарнок дорад. Дар ҷое ки қонун вуҷуд дорад, оқибат низ мавҷуд аст; аксари мо кӯшиш мекунем, ки аз ин оқибатҳои бад барканор бошем. Қонунҳои олам – сохт ва тартибе ки дар он ҳукмронанд – инъикоси табиати Худоянд. Ӯ Худои тартибу интизом аст.

## Рӯзи панҷум

Дар рӯзи панҷум Худо парандагону олами баҳрро дар тамоми гуногунияш офарид.

> *Ва Худо гуфт: "Об аз ҷонварҳои бешумор пур шавад; ва парандагон болои замин, дар рӯи фазои осмон парвоз кунанд". Ва Худо наҳангони бузург ва ҳар гуна ҷонварҳои хазандаро офарид, ки об аз онҳо мувофиқи ҷинсашон пур шуд, ва ҳар гуна парандагони болдорро мувофиқи ҷинсашон. Ва Худо дид, ки хуб аст. Ва Худо онҳоро баракат дода, гуфт: "Борвар ва зиёд шавед, ва обҳои баҳрҳоро пур кунед, ва парандагон бар замин зиёд шаванд". Ва шом шуд, ва субҳ шуд: рӯзи панҷум.*
>
> **Пайдоиш 1:20-23**

## Рӯзи шашум

Рӯзи шашум авҷи амали офариниши Худо гардид. Аввал Ӯ ба офаридани ҳайвонот сар кард:

> *Ва Худо гуфт: "Замин ҷони зиндаро мувофиқи ҷинсаш, чорпоён, ва хазандагон, ва ҳайвонҳои ваҳшии заминро мувофиқи ҷинсашон берун оварад". Ва чунин шуд. Ва Худо ҳайвонҳои ваҳшии заминро мувофиқи ҷинсашон, ва чорпоёнро мувофиқи ҷинсашон, ва тамоми хазандагони заминро мувофиқи ҷинсашон ба вуҷуд овард. Ва Худо дид, ки хуб аст.*
>
> **Пайдоиш 1:24,25**

## "Мувофиқи ҷинсаш"

Мо медонем, ки растаниҳое ки Худо дар рӯзи сеюм офарид, аллакай аз рӯи ҷинсҳо ("мувофиқи ҷинсашон") ҷудо карда шуда буданд.

Худи ҳамин чиз ба ҳайвонот низ дахл дорад. Ибораи "мувофиқи ҷинсашон" чӣ маънӣ дорад? Ин фақат ба маънии он аст, ки гурба гурбачаҳоро ба дунё меоварад, саг – сагчаҳоро ва шер – шербачаҳоро. Ва ҳангоме ки мо тухми гули лола корем, метавонем хотирҷамъ бошем, ки аз он дарахти чормағз намерӯяд.

Дуруст аст, ки як ҷинс метавонад зотҳои гуногунеро дошта бошад, аммо бо вуҷуди ин онҳо ҷинсашонро тағйир намедиҳанд. Масалан, зотҳои гуногуни аспро ҷуфтӣ кунонда, аз онҳо зоти дигар – аспи арабӣ ё туркманиро – баровардан мумкин аст, вале тамоми онҳо аспанд. Ҳеҷ маълумоти генетикие илова намегардад; ҳар зоти нав маълумоти генетикии ҷинси аслро дорост. Аз тарафи дигар, азбаски ҷинсҳо дуруст муқаррар карда шудаанд, масалан, фермер аз он ташвиш намекашад, ки гӯсфанди ҳамсоя метавонад ба саҳрояш омада, бо гови ӯ ҷуфтӣ шавад. Бори дигар, мебинем ки барои нигоҳ доштани интизом Худо қонунҳои табииро ба тартиб даровардааст.

### Комил, муқаддас ва бе хато

Дар Навиштаҳо гуфта шудааст, ки ҳангоме Худо ҷаҳонро офарид:

> *Худо дид, ки хуб аст.* **Пайдоиш 1:25**

Дар нақл дар бораи офариниш ин суханон борҳо такрор мешаванд. Ин суханон пур аз маънои амиқ мебошанд. Гап дар он аст, ки ҳар он чи Худо офарид, ҳақиқатан хуб ва комил буд.

> *Роҳи Худо комил аст...* **Забур 17:31а**

Одамизод як чизи тамоман комилро сохтан наметавонад. Шоҳасари одамӣ мавриди қабул шуда метавонад, аммо он дорои ягон норасоӣ мебошад. Аммо ҳар он чи Худо офаридааст, комил ва олист.

Навишта таълим медиҳад, ки Худи Худо комил, ва бе ягон айб аст. Барои шарҳ додани баъзе ҷиҳатҳои ин камолот Китоби Муқаддас калимаҳои "қуддус" ва "росткор"-ро истифода мебарад.

> *...Қуддус аст, қуддус аст, қуддус аст Парвардигори лашкарҳо!*
> **Ишаъё 6:3а**
>
> *Кори Ӯ шукӯҳ ва ҷалол аст; ва росткории Ӯ*
> *то абад пойдор аст.* **Забур 110:3**
>
> *... Худои қуддус дар росткорӣ қуддусиятро нишон медиҳад.*
> **Ишаъё 5:16б**

Дар омӯзиши ояндаи Каломи Худо мо калимаҳои "қуддус" ва "росткор"-ро хоҳем санҷид, аммо ҳоло кифоя аст донем, ки ин калимаҳо барои шарҳ додани баъзе ҷиҳатҳои табиати комили Худо истифода мешаванд.

Қудсияти (покии) комили Худо нуқтаи марказии паёми Навиштаҳост. Дар давоми хониши китоб инро дар хотир нигоҳ доред.

Камолот қисми фундаменталии табиати Худо ва яке аз ҷиҳатҳои

бузургии Ӯст. Азбаски Ӯ комил аст, Ӯ фақат чизи комилро офарида метавонад. Маълум аст, ки офариниш ҳозир комил нест, аммо дар ибтидо он комил буд. Худо гуфт, ки ҳама чиз *хуб, комил* аст.

## Худо ба мо ғамхорӣ менамояд

Худо тамоми растаниҳо ва ҳайвонотро ба рангҳои сиёҳ ва сафед офарида метавонист. Вале Ӯ истифодаи рангҳо ва тобишҳои бениҳоят дигаргунро интихоб кард. Илова бар ин Ӯ барои мо чашмонеро додааст, ки ҳамаи ин рангҳоро фарқ карда метавонанд.

Ҳамзамон Ӯ моро ба фаровонӣ бо хӯрокворӣ таъмин кардааст – растаниҳо ва ҳайвонҳои бисёре ҳастанд, ки мо аз онҳо хӯрок тайёр карда метавонем. Ӯ на фақат микдори бениҳоят зиёди мазаҳоро ба вуҷуд овард, балки моро бо ресепторҳои таъм, ки навъҳои бениҳоят сершумори хӯрокҳоро чашида метавонанд, таъмин кард.

Худо ба гулҳо садҳо бӯйҳои хуши гуногунро додааст ва моро бо бинии ҳассос, ки ҳамаи ин бӯйҳоро фарқ карда метавонад, таъмин кард.

Худо метавонист фақат якчанд навъ растаниҳоро офарад – ҳақиқатан, барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти мо фақат якчанд навъи онҳо кифоя мебошанд. Бо вуҷуди ин мо дар гирду атроф набототи хеле гуногунро мушоҳида мекунем. Маълум аст, ки Худо воқеан ба одамизод ғамхорӣ менамояд. Навиштаҳо баён мекунанд, ки Ӯ:

> *... ҳама чизро барои лаззати мо ба фаровонӣ ато мекунад.*
>
> **1Тимотиюс 6:17б**

Худо, ки чунин гуногунрангии беохири табиатро офаридааст, на фақат Қодири мутлақ, балки ҳамчунин ғамхор ва дӯстдор низ мебошад. Тамоми олами атрофи мо дар ин бора шаҳодат медиҳад.

Инсон ҳанӯз ҳам аз офаридаҳои Худо дар ҳайрат аст. Дар тӯли асрҳо он чи бисёр вақт аз чашмони одамон, ки онҳоро дида ва фаҳмида наметавонистанд, дар ниҳон буд. Аммо бо ихтирои микроскопи электронӣ, суръатфизои зарраҳо, телескопҳо ва дигар асбобҳо таҳқиқи он чи пештар аз инсон пӯшида буд, мумкин гардид. Ва одамизод барои кашф кардан шавқи зиёд дорад! Ҳар қадаре ки ӯ кашфиёт менамояд, ҳамон қадар мафтун мегардад ва бештар мефаҳмад, ки донишаш ба дараҷае маҳдуд аст. Ҳол он ки тамоми ин чизҳо кайҳо инҷониб вуҷуд доранд, ҳамаи онҳоро Худои бузург ва шоёни парастиш офаридааст.

> *Парвардигор бузург аст ва сазовори ситоиши зиёд; ва бузургии Ӯ беҳадду беканор аст.* **Забур 144:3**

Аммо раванди офариниш дар рӯзи шашум ҳанӯз анҷом наёфта буд. Пеш аз он ки офтоб бар рӯзи шашум ғуруб кунад, як чизи охирине барои такмил додани олам боқӣ монда буд: офариниши мард ва зан.

---

**Китоби Муқаддас: китоби қадим, вале дақиқ**

Хеле солҳо пеш мардум боварӣ доштанд, ки Замин ҳамвор аст. Ин ақида дар Китоби Муқаддас асос надорад. Китоби Муқаддас калимаеро истифода мебарад, ки ба шакли доира доштани Замин ишора мекунад:

*Ӯ Ҳамон аст, ки бар кураи замин нишастааст...*

**Ишаъё 40:22а**

Дар замонҳои қадим баъзе касон фикр мекарданд, ки Замин бар пояҳои қавӣ устувор аст ё ин ки як худои асотирӣ онро дошта меистад. Аммо мувофиқи Китоби Муқаддас Худо:

*... заминро бар нестӣ овехтааст.* **Айюб 26:7б**

Дар асри дуввуми баъд аз милод Птолемей шумораи ситораҳоро то ба адади 1022 ҳисоб карда буд. Ин рақам то замони аз ҷониби Галилей ихтироъ шудани телескоп дар асри XVII эътибор дошт. Агарчи бо чашмони муқаррарӣ беш аз 5000 ситораро дар осмон дидан мумкин аст, Сухани Худо аз саҳифаҳои аввалаш миқдори ситораҳоро чунин меҳисобад:

*... чун реге, ки дар соҳили баҳр аст*; **Пайдоиш 22:17б**

---

## Дар хусуси назарияи эволютсия чӣ гуфтан мумкин аст?

Китоби Муқаддас дар бораи назарияи эволютсия чизе намегӯяд. Назарияи эволютсия ба нуқтаи назари офариниш мувофиқат намекунад ва ин бисёр вақт ҳамчун баҳс байни дин ва илм пешкаш мегардад. Ин китоб мақсади чунин баҳсро надорад. Дар айни ҳол, инак, якчанд нуқтаҳои қобили андешаронӣ:

Аввалан, гуфтан душвор аст, ки назарияи эволютсия комилан бар илм асос меёбад, аммо офариниш бар дин. Аз вақте ки Чарлз Дарвин назарияашро дар соли 1859 эълон кард, дарвинизми классикӣ ба таври васеъ бо неодарвинизм ва назарияи таносубҳои ивазшаванда, назарияҳое ки бисёр аз ҳамдигар фарқ мекунанд, иваз шуд. Дар воқеъ, далелҳои исботкунандаи пайдоиши решаҳо, ки ҳама бар он розӣ мебуданд, вуҷуд надоранд. Миқдори зиёди олимон тасдиқ мекунанд, ки назарияи эволютсия илми тоза нест, ва бо баъзе хусусиятҳояш ба дин монандӣ дорад. Ин дин дар назар дорад, ки Худо нест, ва тасодуф ва вақтро маркази имони таълимоти худ қарор медиҳад.

Аз тарафи дигар, пурра дуруст нест, ки офариниш пурра бар дин асос ёфтааст. Ҷамъияти боэътибори олимон хулоса баровардааст, ки ин олами мураккаб бе вуҷуд доштани Офаридгор буда наметавонист. Ин мутахассисон илмро ба асос гирифта, мегӯянд, ки ҳатто дар сатҳи поёнтарини худ дунё дорои мураккабии тағйирнаёбанда аст. Онҳо нишон медиҳанд, ки ин гуна мураккабии умумӣ ва ин гуна тартиб вуҷуд дошта наметавонистанд, агар аз худи аввал хуб нақшагирӣ намешуданд.

Ҳамаи ин дар натиҷаи тасодуф ба вуҷуд омада наметавонист. Агарчи баъзе аз ин олимон худро ҳамчун имондорони Навиштаҳо муаррифӣ намекунанд, бисёри дигарон ҳақ будани Навиштаҳоро қабул доранд. Инҳо аксар вақт креатсионистҳо (тарафдорони офариниш) номида мешаванд. Баъд аз солҳои шастуми асри XX миқдори зиёди китобҳо доир ба ин мавзӯъ нашр шуданд. Бисёре аз баёнотҳои дар чунин китобҳо навишташуда барои шахсони ғайримутахассис осонфаҳм мебошанд. Ман шуморо водор мекунам, ки пеш аз қабул кардани қарори шахсӣ нисбати ин масъала онро бо диққат тадқиқ кунед.

Баъзеҳо савол мекунанд, ки чӣ тавр ҳикояи офариниш бо мавзӯи динозаврҳо мувофиқат карда метавонад. Аз рӯи гуфтаҳои Навиштаҳо, ҳеҷ сабабе барои бовар накардан ба он ки Худо онҳоро дар баробари ҳайвоноти дигар офаридааст, вуҷуд надорад. Дар бобҳои оянда мо сабаби аз байн рафтани онҳоро хоҳем дид.

Дигарон дар хусуси синну соли Замин савол медиҳанд. Баъзеҳо мегӯянд, ки он хеле солхӯрда аст, аммо Навиштаҳо ин фаразияро дастгирӣ намекунанд. Дуруст аст, ки олимон навъҳои бисёри соатҳо – астрономӣ, офтобӣ, заминӣ ва биологиро – барои муайян кардани синни Замин сохта баровардаанд, аммо ҳатто агар ин намунаҳо барои ҳисоббарориҳои дақиқ истифода мешуда бошанд ҳам, бар фаразияҳо асос ёфтаанд. Бар илова, натиҷаҳои ин ҳисоббарориҳо олимонро ба ҳайрат андохтаанд, зеро ки инҳо байни якчанд миллион ва якчанд миллиард сол каму зиёд мешаванд. Дарвин барои эволютсияи биологӣ фаразияеро оид ба 400 миллион сол пешкаш карда буд. Имрӯз, ҳисоббарории умумӣ ба 4,6 миллиард сол баробар аст. Пас, кадом соат дуруст аст?

Оё ҷавоби дурусти имконпазире вуҷуд дорад, ки ба нақли Китоби Муқаддас мувофиқ меомада бошад? Навиштаҳоро аниқ ба асос гирифта, мо медонем, ки Худо Заминро баркамол офарид. Фарз мекунем, ки Одам дар рӯзи офарида шуданаш дар сояи дарахтони калон гаштугузор мекард, аз дидори ҳайвонҳои рангоранг ва аз мушоҳидаи осмони пурситора ба ваҷд меомад. Шояд он гоҳ ӯ хитоб карда гуфт: “Дунё бояд аллакай дергоҳ вуҷуд дошта бошад!” Бо вуҷуди ин, Худо дар ҷавобаш мегуфт, ки олам зиёдтар аз шаш рӯз надошт; ки Ӯ онро пурра фаъол офаридааст. Олимон, мисли Одам, ба қафо нигариста кӯшиш мекунанд, ки гузаштаро аз рӯи таҳқиқоти худ муайян кунанд. Каломи Худо, баръакс, пайдоиши Заминро аз рӯи нигоҳи шоҳид, яъне Худи Худо, нақл мекунад.

Оё вақте Худо гуфт, ки Ӯ Заминро офарид, Ӯ шӯхӣ мекард? Мо ба кӣ бояд бовар кунем? Албатта ба Ҳамоне ки мо аз Ӯ дилпур буда метавонем!

*Парвардигор бузург аст ва сазовори ситоиши зиёд; ва бузургии Ӯ беҳадду беканор аст.*

**Забур 144:3**

# 3. Мард ва зан

*Зеро Парвардигоре ки осмонҳоро офаридааст, чунин мегӯяд; Ӯ Худоест, ки заминро ба вуҷуд овардааст ва сохтааст; Ӯ онро барпо намудааст; онро на аз барои он офаридааст, ки холӣ бошад, балки аз барои он ба вуҷуд овардааст, ки дар он сокинон бошанд.*

**Ишаъё 45:18**

## Рӯзи шашум (давомаш)

Рӯзи шашум бо офариниши ҳайвонот сар шуда буд. То ба ин дам Худо заминро барои сукунат омода карда буд. Эҳтимол, фариштаҳо ба худ савол медоданд, ки ҳамаи ин бо чӣ меанҷомида бошад. Ин Замин барои кӣ бошад? Оё барои онҳо? Донистан номумкин аст, ки оё ин гуна гумонҳои фариштаҳо вуҷуд доштанд ё не, аммо дар ҳамаи марҳалаҳои офариниш бисёр чизҳои ғайричашмдошт буданд.

*Ва Худо гуфт: "Одамро ба сурати Мо, ба монанди Мо офарем; ва онҳо бар моҳиёни баҳр ва парандагони осмон ва чорпоён ва тамоми замин ва тамоми хазандагоне ки бар замин мехазанд, ҳукм ронанд". Ва Худо одамро ба сурати Худ офарид, ӯро ба сурати Худо офарид; онҳоро марду зан офарид.* **Пайдоиш 1:26,27**

## Ба сурати Худо офаридашуда

Навишта мегӯяд, ки Худо инсонро ба сурати Худ офарид. Аммо ин маънои онро надорад, ки инсон нусхаи дақиқи Худост. Ҳеҷ кадоми мо соҳиби дониши комил, тавоноии комил нест, ва мисли Худо дар як вақт дар ҳама ҷо ҳузур дошта наметавонад. Китоби Муқаддас таълим намедиҳад, ки мо *худоёни хурд* ҳастем. Инсон бештар монанди оинаест, ки сурати чизеро акс медиҳад, бе ин ки худаш ҳамон чиз бошад. Ҳангоме инсонро ташхис мекунем, дармеёбем, ки ӯ бо Худо бисёр чизҳои умумӣ дорад.

Масалан, Худо ба инсон **ақл** додааст. Ин мисли он аст, ки Ӯ қатраи ақли Худро ба мо дода бошад. Мо дорои ақл буда, метавонем дарк намоем, муҳокимаронӣ кунем ва эҷодкорӣ намоем, ва аз ин ҷиҳат мо ба Худо монанд ҳастем. Дар айни ҳол мо ҳамадон нестем. Одам бо дониши хеле кам ба дунё меяд, ва тамоми умр бояд омӯзад ва дониш ба даст оварад. Худо ба инсон **эҳсосот** додааст. Ин калима гоҳо ба маънои манфӣ истифода шуда метавонад, аммо он ҷиҳатҳои мусбат низ дорад. Лаёқати изҳор кардани эҳсосот ҷиҳати муҳими ҳастии инсон аст. Бе

эҳсосот муносибатҳои мо бо якдигар мисли робот: хунук ва механикӣ мебуданд. Навиштаҳо ба мо мегӯянд, ки бар акси роботи беэҳсос, Худованд дилсӯз ва меҳрубон аст; ҳангоми дидани беадолатӣ Ӯ ҳамчунин эҳсоси хашм дорад. Худои бепарво, ки муҳаббат ё ҳамдардӣ нишон дода наметавонад, бадвоҳима мебуд. Худо ба мо лаёқати эҳсос кардан бахшидааст, чунки Худи Ӯ эҳсосот дорад.

---

**Оё Худо бо Худ гап мезанад?**

Аз саҳифаҳои аввалини Навиштаҳои Муқаддас мо мебинем, ки Худо ба таври ғайриодӣ гап мезанад, гӯё ки Ӯ ба Худ гап мезада бошад. Инак, якчанд мисол аз он:

Ҳангоми офариниши инсон:

> *Худо гуфт: "Одамро ба сурати Мо, ба монанди Мо офарем...*
>
> **Пайдоиш 1:26а**

Дар натиҷаи гуноҳи Одам:

> *Ва Парвардигор Худо гуфт: "Инак, Одам монанди яке аз Мо* гардидааст ва неку бадро мешиносад...* **Пайдоиш 3:22а**

* Шояд шумо пурсидан мехоҳед, ки Худо ба кӣ муроҷиат мекунад, ҳангоме мегӯяд: "...Одам чун яке аз Мо ... гардидааст". Мо дертар дар ин китоб дар ин хусус гап мезанем.

Ҳангоме ки Худо сокинони Бобилро пароканда мекард, чунин гуфт:

> *Пас фуруд оем, ва забони онҳоро дар он ҷо омехта кунем, то сухани якдигарро нафаҳманд. Ва Парвардигор онҳоро ... пароканда кард...* **Пайдоиш 11:7,8а**

Худо бо кӣ гап мезад?

Фариштае ки ба Марям муроҷиат мекард, гуфт:

> *"Рӯҳулқудс бар ту меояд, ва қуввати Ҳаққи Таоло бар ту соя меафканад; бинобар ин он Зодаи Муқаддас ҳам Писари Худо номида мешавад".* **Луқо 1:35**

Дар ин порча, Рӯҳулқудс, Ҳаққи Таоло ва Писари Худо – ҳар се зикр шудаанд. Мо медонем ки Ҳаққи Таоло – Худост ва мо аллакай оятҳои зиёдеро хондем дар бораи он ки Исо Худост, ки дар ҷисм омад. Шояд сухан дар бораи худи ҳамон як шахсият меравад? Рӯҳулқудс кист? Навиштаҳо дар бораaш чӣ мегӯянд? Оятеро ки дар бораи таъмиди Исо мегӯяд, аз нав хонда мебароем:

> *Ва Исо таъмид ёфта, дарҳол аз об баромад, ва инак, осмон ба Ӯ кушода шуд, ва Рӯҳи Худоро дид, ки чун кабӯтаре фуруд омада, бар Ӯ қарор мегирад. Ва инак, овозе аз осмон расид, ки мегуфт: "Ин аст Писари дӯстдоштаи Ман, ки аз Ӯ хушнудам".* **Матто 3:16,17**

Мо дар ин ҷо се моҳиятро мебинем: Исо, Рӯҳи Худо ва Он Касе ки овозаш аз осмон расид. Агар бо баъзе таълимотҳои асосгузори Навиштаҳо ошно набошем, ин моро роҳгум карда метавонад. Инак якчанд порчаҳои дигари муаммо:

Аввалан, мо медонем ки танҳо як Худо ҳаст. Навишта борҳо ва борҳо инро мегӯяд.

> *Исо ... ҷавоб дод: "Гӯш кун, эй Исроил! Худованд Худои мо Худованди ягона аст".* **Маркус 12:29б**

Ин баён бисёр дақиқ аст. Ҳамзамон, баъзе ҳақиқатҳо дар бораи Худо ҳаст, ки берун аз фаҳмиши мо мебошанд. Масалан, ақида дар бораи Худои ҷовидон барои фаҳмидан осон нест. Дарк кардани Худое ки ҳамзамон дар ҳама ҷо ҳозир аст, низ басо душвор аст. Азбаски ақли мо маҳдуд аст, дуруст фаҳмидани ин ду таълимот барои мо ғайриимкон мебошад. Инак, мо ҳоло дар пеши дигар таълимот дар бораи Худо қарор дорем, ки инчунин барои фаҳмидан душвор аст, аммо дар Каломи Худо бисёр равшан таълим дода шудааст. Навишта Худоеро нишон медиҳад, ки дар айни ҳол Падар, Писар ва Рӯҳулқудс аст – се шахсияти абадӣ ва байни ҳам баробар, ки воҳиди сегона буда, якто Худои ягонаро ташкил медиҳад.

Дар тӯли асрҳо, мардум кӯшиш мекарданд, ки барои фаҳмондани ин сегонагӣ мисоле биёваранд:

1. **Андозаҳо:** қуттӣ андозаҳои баландӣ, бар ва дарозӣ дорад. Гарчанд ин андозаҳо аз ҳам фарқ доранд, онҳоро аз ҳамдигар ҷудо кардан намешавад.
2. **Зарб:** 1x1x1=1
3. **Офтоб:** Ҷисми намоёни осмонӣ, нури намоён ва гармие ки ҳис карда мешавад – се ҷузъи фарқкунанда, вале ягона офтоб мебошанд.

Ҳатто агар баъзе аз ин тасвирҳо барои фаҳмидани сегонагии Худо ба мо ёрӣ медода бошанд, онҳо боз ҳам комилан мувофиқ нестанд.

Ҳушёр бояд шуд, ки мабодо Худоро ба сатҳи мо фуроварда, Ӯро ҳамчун яке аз мо фикр кунем.

Вақте ки мо кӯдак будем, бисёр чизҳоро бе ин ки ба инҳо сарфаҳм равем, қабул мекардем. *“Қувваи барқ чист? Чаро вақте ки асбоби барқиро хомӯш мекунем, қувваи барқ ба замин намерезад? Онро наметавон дид. Чаро бароям мегӯянд, ки агар ангуштонамро ба васлак (розетка) дохил кунам, қувваи барқ мезанад?”* Мушкилии мо дар фаҳмидани қувваи барқ маънои онро надорад, ки он вуҷуд надорад.

Ҳоло мо ҳамчун одамони тараққиёфта фахр мекунем, ки ақламон ҷаҳонеро, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, фаҳмида метавонад. Баъзе чизҳое ки аҷдодони моро дар ҳайрат меоварданд, имрӯз барои фаҳмидан осон шудаанд. Аммо набояд мағрур шуд. Коинот ҳанӯз аҷоиботи бисёре дорад. Баъди сад сол имкон дорад, ки мардуми он давра аз нофаҳмии мо нисбати баъзе чизҳо, ки барояшон хеле осонфаҳм хоҳанд буд, ҳайрон мешаванд. Шояд замоне таълимот дар бораи ваҳдати Сегона бароямон тамоман мантиқӣ хоҳад тобид. Аммо дар он сурат ҳам моро лозим аст фаҳмем, ки тавоноии ақли мо маҳдуд аст, ва бинобар ин мо наметавонем Худоро, ки “беохир” аст, дарк намоем.

Худое ки барои мо дар Навиштаҳо ошкор шуд, чизҳое дорад, ки моро ба ҳайрат меандозад.

Дар ин бора фикр кунед! Худои ҷовид ки тамоми чизҳоро медонад, ва дар як вақт дар ҳама ҷо ҳузур дорад; Офаридгори тамоми олам, Воҳиди Сегона; яъне Худои ягона дар се шахсияти бо ҳам баробар – Падар, Писар ва Рӯҳулқудс – ки ҳар кадомашон дорои ҳамон хусусият ва тавоноист. Ин ақлнорас аст! Гарчи ин таълимотҳоро фаҳмидан душвор аст, Каломи Худо исрор мекунад, ки тамоми онҳо ҳақанд.

Худи калимаи *“Худо”* ишорат бар сегонагӣ дорад. Сохти грамматикии забони ибрӣ се шакл дорад: яке ишора бар шакли танҳо, дигаре бар шумораи дугона (дуто), сеюм барои нишон додани се ва зиёдтар аз он. Калимаи Худо, дар забони ибрӣ, *Элоҳим*, дар шаклест ки ба се ва зиёдтар ишора мекунад, дар ҳоле ки дар шакли танҳо истифода мешавад.

> *Чизҳои ниҳонӣ аз они Парвардигор **Худои** мост, ва чизҳои ошкор то абад аз они мо ва фарзандони мост...*
>
> **Такрори Шариат 29:28а**

Худо ба инсон **ирода** бахшидааст, то ки озодона интихоб намояд. Инсон метавонад мустақилона қарорҳо қабул кунад. Ҳамин лаёқати интихоб кардан ва чизеро беҳтар шуморидан барои одам зиндагии гуногуншаклро имконпазир мегардонад. Баъзе шахсон биринҷро нағз мебинанд, дигарон бештар картошкаро хуш мекунанд. Одамон метавонанд барои хӯрдан оби ангур, себ ё афлесунро интихоб кунанд. Интихобҳо бениҳоят зиёданд.

Маҳз ҳамин лаёқати интихоб кардан одамро аз олами асбобҳои механикии мисли робот фарқ мекунонад. Асбобҳои механикӣ қарор қабул карда наметавонанд, онҳо танҳо мувофиқи маълумотҳои барномарезишуда ҷавоб дода метавонанд. Бар хилофи ин, ба одам ирода дода шудааст, то ки ӯ тавонад бо хости худ, на мисли робот, балки мисли каси соҳибақл Худоро пайравӣ намояд, ва фаҳмад, ки Худо ғамхори вай буда, хубиро барояш хоҳон аст.

Вақте Навишта мегӯяд, ки инсон ба сурати Худо офарида шудааст, ин ба он маъноест, ки ӯ соҳиби ақл, эҳсосот ва ирода мебошад. Ҷиҳатҳои дигар низ вуҷуд доранд, ки онҳоро аз назар гузарондан мумкин аст, аммо беҳтараш ба нақли худ идома диҳем. Каломи Худо мегӯяд:

> *Ва Парвардигор Худо одамро аз хоки замин бисиришт, ва ба бинии вай нафаси ҳаёт дамид, ва одам ҷони зинда шуд.*
>
> **Пайдоиш 2:7**

Чунин ҳисобида мешавад, ки нафаси ҳаёт (рӯҳи ҳаёт) – ҳамон *рӯҳ,* яъне ҷиҳати ғайримоддии инсон аст. Ин як қисми сурати Худо мебошад, ки инсон онро дорост, зеро Худо Рӯҳ аст. Чунон ки мо аллакай дидаем, рӯҳҳо ба назар нонамоёнанд, чунки ҷисм надоранд. Бо вуҷуди ин, Худо ба инсон хонаи ҷисмонии аз гӯшт ва устухон сохташуда – хонаи аз хок сохташуда бахшид, то ки рӯҳаш дар он сокин бошад. Ҳангоме ки бадани инсон сохта шуд, агарчи аз ҳар ҷиҳат комил ҳам буд, аммо ҳаёт надошт. Танҳо вақте ки Худо нафаси ҳаётро (рӯҳи ҳаётро) бар инсон дамид, инсон мавҷуди зинда гардид. Фақат Худо ҳаёт дода метавонад. Ҳеҷ як инсон ва ҳеҷ кадом фаришта ин қудратро надорад. Бори дигар мебинем, ки Худои Офаридгор аз офаридаҳояш фарқ дорад. Ӯ беандоза аз ҳама боло аст.

## Мададгор

Худо инсони аввалинро *Одам* номид, ки маънояш "инсон" аст. Сипас Худо занро офарид:

> *Ва Парвардигор Худо гуфт: "Хуб нест, ки одам танҳо бошад; бароят мададгоре ки ба вай мувофиқ бошад, офарам".*
>
> **Пайдоиш 2:18**

*Ва Парвардигор Худо хоби сахте бар одам овард; ва ҳангоме ки хобаш бурд, яке аз қабурғаҳои ӯро гирифт, ва гӯшт дар ҷояш пур кард. Ва Парвардигор Худо аз қабурғае ки аз одам гирифт, зане сохт, ва ӯро назди одам овард. ...Ва ҳар ду, Одам ва занаш, бараҳна буданд ва хиҷил намешуданд.*

**Пайдоиш 2:21,22,25**

Ин чанд оят ҳамеша боиси баҳсҳои пурхурӯш буданд. Баъзеҳо чунин меҳисобиданд, ки Худо занро ҳамчун инсони дараҷаи дуюм офаридааст. Ин тавр нест. Худо занро аз қабурғаи Одам офарид, то ки ҳамроҳи вай бошад, ва на аз пошнааш, то ғуломи вай бошад. Дертар Одам занашро Ҳавво номид, ки маъникаш “бахшандаи ҳаёт” аст.

## Боғи олидараҷа

Худо Одаму Ҳавворо дар боғе ки махсус барояшон омода карда буд, ҷойгир кард. Ин боғ *Адан* номида мешуд.

*Ва Парвардигор Худо боғе дар Адан ба тарафи шарқ шинонд; ва он одамро, ки сиришта буд, дар он ҷо гузошт. Ва Парвардигор Худо ҳар гуна дарахти хушнамуд ва хушхӯрро... аз замин рӯёнид.*

**Пайдоиш 2:8,9а**

Беҳтарин боғҳои зоологӣ ва ботаникии дунё ба боғи Худо монанд буда наметавонанд. Ин ҳақиқатан як ҷаннат буд: кабудизори бошукӯҳ, оби софу тоза, гуногунии тасаввурнашавандаи ҳайвонот ва моҳиён. Ин зебоии баённашаванда буд! Иқлим низ фарқ дошт. Навишта мегӯяд:

*... Парвардигор Худо борон бар замин набворонда буд... буғ аз замин баромада, тамоми рӯи заминро сероб мекард.*

**Пайдоиш 2:5б, 6**

Мо чандон маълумотеро дар бораи боғи Адан дар даст надорем, аммо бо дилпурӣ гуфта метавонем, ки дар он ҷо барои Одаму Ҳавво ҳар чизи мувофиқи талабашон дар фаровонӣ буд. Худо боғеро офарид, ки ба қонеъ кардани эҳтиёҷоташон ба таври беҳтарин мувофиқ буд. Ин як ҷаҳони олидараҷае барои зистан буд.

## Офаридгор ва Соҳиб

Худо аз Одаму Ҳавво напурсида буд, ки оё онҳо дар боғ зистан мехостанд ё не. Ӯ хуб медонист, ки чӣ барояшон беҳтар аст. Ӯ эҳтиёҷ надошт, ки бо ҳар касе ки бошад, машварат кунад, чунки аз боиси Офаридгор

буданаш Худо соҳиби офаридаҳояш низ аст. (Оё мисолеро дар хотир доред: касе ки заврақро сохта буд, соҳиби он низ буд.)

> *Парвардигоро! Бузургӣ ва зӯрмандӣ ва шукӯҳ ва пирӯзмандӣ ва шавкат аз они Туст, зеро ки ҳар он чи дар осмон ва замин аст, аз они Туст. Парвардигоро! Подшоҳӣ аз они Туст, ва Ту чун сар аз ҳама боло ҳастӣ.* **1Воқеанома 29:11**

> *Замин ва ҳар чи дар он аст, дунё ва сокинони он аз они Парвардигор аст.* **Забур 23:1**

> *Бидонед, ки Парвардигор Худост; Ӯ моро офаридааст, ва мо аз они Ӯ ҳастем, қавми Ӯ...* **Забур 99:3**

Айнан мисли он ки фариштаҳо аз они Худо мебошанд, инсон ҳам аз они Худо – Офаридгор аст, чунки Ӯ онҳоро офаридааст. Ва мисли фариштаҳо, ки хизматгузорони Худоянд, инсон аз ҷониби Худо вазифадор карда шуд, ки барои беҳдошти Замин ғамхорӣ кунад.

> *Ва Парвардигор Худо одамро гирифт, ва ӯро дар боғи Адан гузошт, то ки кори онро кунад ва онро нигаҳдорӣ намояд.* **Пайдоиш 2:15**

## Замони санҷиш

Худо пеш аз он ки Одаму Ҳавворо дар боғи Адан гузорад, пешакӣ бо онҳо машварат накарда буд, аммо ин маънои онро надорад, ки онҳо ҳуқуқи интихоб кардан надоштанд. Ҳангоме ки Худо инсонро офарид, Ӯ ба вай ирода, яъне лаёқати озодона интихоб карданро дода буд. Дар баъзе соҳаҳои зиндагӣ, ҳамчун муҳаббат, ин лаёқат ҳеҷ эътиборе надорад, агар беш аз як номзад барои интихоб вуҷуд надошта бошад. Пас Худо одамро пеши рӯи интихоби хеле сода қарор дод. Дар мобайни боғ танҳо ду дарахт буд:

> ... ***дарахти ҳаётро*** *дар мобайни боғ, ва* ***дарахти дониши неку бадро*** ... **Пайдоиш 2:9б**

Дарахте ки аввал зикр карда шудааст, *дарахти ҳаёт* аст. Агар инсон аз меваaш мехӯрд, ӯ ҳаргиз намемурд. Ин ягон мушкилиро ба миён намеовард. Худо аз меваи он хӯрданро ба инсон манъ накарда буд.

Огоҳонӣ ба дарахти дуввум дахл дошт. Он дарахти дониши неку бад буд. Одаму Ҳавво хубиро аллакай фаҳмида буданд, аммо бадиро ҳанӯз нашинохта буданд. Онҳо ҳар ду комил ва беайб офарида шуда буданд. То ба ин дам таҷрибаи ҳаётии инҳо бо некиҳои Худо маҳдуд шуда буд. Мувофиқи Навишта, агар Одаму Ҳавво аз меваи ин дарахт мехӯрданд,

онҳо на фақат аз хубӣ, балки аз бадӣ ҳам огоҳ мешуданд.

> *Ва Парвардигор Худо ба одам фармуда, гуфт: "Аз ҳар дарахти боғ хӯрдан гир; Аммо аз дарахти шинохти неку бад зинҳор нахӯр; зеро рӯзе ки аз он хӯрӣ, ҳатман мемурӣ".*
>
> **Пайдоиш 2:16,17**

Мо аллакай дидем, ки агар кас яке аз қонунҳои табиӣ, масалан қонуни ҷозибаи Заминро вайрон кунад, беоқибат нахоҳад монд. Ин қоида нисбати тамоми қонунҳо ва фармоишҳои Худо амал мекунад. Дар ояти пеш мо хондем, ки Худо танҳо як қонуни барои риоя осонро дода буд: "Аз меваи ин дарахт нахӯред". Оқибатҳои беитоатӣ бисёр равшан буданд: инсон миранда мешуд. Мо дертар ба мавзӯи марг диққат хоҳем кард.

Ин ҳамон дарахти дониши неку бад буд, ки барои фарқ кардани одам аз робот хизмат мекард. Инсон интихоб карда метавонист: хӯрдан ё нахӯрдан; итоат кардан ё итоат накарданро. Азбаски Худо ин интихобро дар ихтиёрашон дод, маълум аст, ки Одаму Ҳавво роботҳо набуданд, ки ба накардани ягон чиз барномарезӣ мешаванд. Фарқи бисёр калон ҳаст байни роботе ки ба гуфтани "Ман туро гӯш мекунам" барномарезӣ шудааст, ва он ки бо иродаи худ итоат карданро интихоб мекунад. Ҳамин калимаи "интихоб" аст, ки калимаи итоатро пурарзиш мегардонад. Интихоб асоси муносибатҳои ҳақиқист.

Ин ягона маҳдудият ҳаргиз зарар ба инсонҳо набуд. Боғе ки Одаму Ҳавво дар он зиндагӣ мекарданд, пур аз дарахтони гуногуни мевадор буд, ки меваҳоро ба фаровонӣ медоданд:

> *Ва Парвардигор Худо ҳар гуна дарахти хушнамуд ва хушхӯрро... рӯёнид.* **Пайдоиш 2:9а**

## Барои ҷалоли Худо офаридашуда

Вақте ки Худо ба Одаму Ҳавво ин интихобро пешкаш кард, хости Ӯ набуд, ки онҳо беитоатӣ кунанд. Баръакс, одам барои он офарида шуда буд, ки шукӯҳу бузургии Худоро инъикос намуда, Ӯро ҷалол диҳад.

> *Эй Худованд Худои мо, эй Қуддус, Ту сазовори он ҳастӣ, ки ҷалол, иззат ва қудрат ёбӣ, зеро Ту ҳама чизро офаридаӣ, ва ҳама чиз бо хости Ту вуҷуд дошт ва офарида шудааст".*
>
> **Ваҳй 4:11**

Писар ба падараш итоат намуда, ӯро ҳурмат мекунад. Муносибатҳои Худо ва инсон монанди ҳамин аст. Инсон соҳибирода офарида шуда

буд, то бо хости худ ба Худо итоат намуда, Ӯро ҳурмат кунад. Рости гап, ҳамчун Офаридгори олам, Худо лоиқи тамоми эҳтиромотест, ки инсон барояш тақдим карда метавонад. Чунин эҳтиромотро ба Худо зоҳир намуда, инсон сазовори некӯиҳои бузурге мешавад. Мувофиқи таълими Навиштаҳо, агар инсон ба нақшаи Худо оиди зиндагияш итоат кунад, бузургтарин хушбахтӣ, бузургтарин қаноатмандӣ ва зиндагии беҳтаринро соҳиб мешавад. Барои Одаму Ҳавво низ чунин буд.

> *Ва Худо онҳоро баракат дод, ва Худо ба онҳо гуфт: "Борвар ва зиёд шавед, ва заминро пур кунед, ва онро зердаст намоед, ва бар моҳиёни баҳр ва бар парандагони осмон ва бар ҳар ҳайвоне ки бар замин мехазад, ҳукмрон бошед".* **Пайдоиш 1:28**

## Инсон – дӯсти Худо

Худо некӯаҳволии Одаму Ҳавворо мехост. Ӯ мехост тамоми эҳтиёҷоташонро қонеъ намояд.

> *Ва Худо гуфт: "Инак, Ман ҳар алафи тухмдорро, ки бар рӯи тамоми замин ҳаст, ва ҳар дарахтеро, ки дорои меваи дарахти тухмдор мебошад, ба шумо додам, то барои шумо хӯрок бошад. Ва ба ҳамаи ҳайвонҳои замин, ва ба ҳамаи парандагони осмон, ва ба ҳар хазандаи рӯи замин, ки ҷони зинда дорад, Ман тамоми алафи сабзро барои хӯрок додам". Ва чунин шуд.* **Пайдоиш 1:29,30**

Навишта ёдовар мешавад, ки Худо бегоҳирӯзӣ назди Одам ва Ҳавво меомад, то бо онҳо сайру гашт кунад. Фаҳмидани он, ки чӣ тавр одам метавонад дар ҳузури Худо зиндагӣ кунад, барои мо душвор аст. Маълум аст, ки дар он замон ҳама чиз дигар хел буд. Аммо дар Навишта бисёр равшан аст, ки Худо Офаридгори дур истода ва нисбати Одаму Ҳавво бепарво набуд – Ӯ дӯсти онҳо буд. Илова бар он, азбаски Одаму Ҳавво аз ҳар бадӣ дур буданд, онҳо соҳиби камолот буда, дар ҳузури Ӯ буда метавонистанд. Танҳо шахсони комил дар ҳузури Худои комил зиндагӣ кардан метавонанд.

Дар оилаи хуб падару модар бо муҳаббат ва ғамхорӣ даври фарзандонашонро мегиранд, ва фарзандон бо итоати худ эҳтиромашонро нисбати падару модар зоҳир менамоянд.

Муносибати Одаму Ҳавво бо Худо ҳамин гуна буд. Худо тамоми эҳтиёҷоташонро қонеъ месохт, ва Одаму Ҳавво Парвардигорро бо итоати худ ҳурмат мекарданд. Ин ба нақшаи Худо мувофиқат дошт.

## Офариниш анҷом ёфт

*Ва Худо ҳар он чиро, ки ба амал овард, дид, ва инак, хеле хуб аст. Ва шом шуд, ва субҳ шуд: рӯзи шашум.* **Пайдоиш 1:31**

Инсон ба анҷом додани нақшаҳои бузург майл дорад. Одатан, ӯ бо шавқи бисёр ягон корро сар мекунад, аммо баъд кӯшишҳояш сусттар гардида, пас аз якчанд вақт тамоми шавқашро гум мекунад, ва чизи нотамомро ба канор мегузорад. Худо, баръакс, ҳар кори ба нақша гирифтаашро ба анҷом мерасонад. Инсон дар роҳ фикрашро тағйир дода метавонад, аммо Худо нақшаҳояшро ҳаргиз тағйир намедиҳад.

*Машварати Парвардигор ҷовидона пойдор аст, андешаҳои дили Ӯ то абад аз насл ба насл.* **Забур 32:11**

Китоби Муқаддас мегӯяд, ки пас аз анҷом ёфтани офариниш, дар рӯзи ҳафтум, Худо ором гирифт, яъне истироҳат кард, аммо на аз барои он ки монда шуда буд, балки барои он ки кори Худро ба инҷом расонида буд. Вақти он расида буд, ки Ӯ аз дидани шоҳасари Худ ҳаловат бурда, аз он шод шавад.

---

*Вақте ки ба осмони Ту менигарам, ки сохтаи ангуштони Туст, ва ба моҳ ва ситорагоне ки Ту офаридаӣ, – пас чист инсон, ки ӯро ёд кунӣ, ва фарзанди одам, ки ӯро бозҷӯӣ намоӣ? Ӯро аз фариштагон фақат андак кам кардаӣ; ва тоҷи ҷалол ва арҷмандӣ бар сари ӯ гузоштаӣ; ӯро бар корҳои дастҳои Худ ҳукмфармо кардаӣ; ҳама чизро зери пои ӯ гузоштаӣ: ҳамаи гӯсфандон ва говонро, ҳамчунин ҳайвонҳои саҳроро, парандагони осмон ва моҳиёни баҳрро, ҳар чиро ки бо роҳҳои баҳр гузар мекунад. Парвардигоро, Худованди мо! Чӣ қадар боҳашамат аст номи Ту дар тамоми замин!*

**Забур 8:4-10**

# Боби чорум

1. Исёни каррубӣ
2. Оё Худо ҳақиқатан гуфтааст?
3. Куҷоӣ ту?
4. Марг

# 1. Исёни карруби̅

Худо офаринишро ба охир расонда, дар он мӯҳри таҳсинашро монд ва гуфт, ки он хеле хуб аст. Ҳама чиз дар ҷаҳон комил буд. На дарде буд ва на касалие, на мубориза барои зинда мондан, на зиддият ва на марг. Байни Худо ва одам муносибати бемонанд, мушоракат, дӯсти̅ вуҷуд дошт. Адан ҷои беҳтарин барои зист буд. Ҳама чиз бисёр хуб буд.

Дар замони мо бошад, ҳама чиз дигар хел аст: дарду касали̅ мавҷуданд ва танҳо боқувваттаринҳо зинда мемонанд. Ба ғайр аз ин, зиддиятҳо на фақат дар сухан ба амал меоянд. Дар ҷаҳон зиддиятҳо ҳукмфармо буда, дар бисёр кишварҳо ҷанг рафта истодааст. Чи дар оила ва чи дар ҳукумат суиистифодаи қудрат ҷамъиятро фаро гирифтааст. Ҳар чиз паст рафта, вайрон мешавад ва аз байн меравад. Чи дар олами ҳайвонот ва чи дар одамизод, зиндаги̅ муборизаи бардавом аст. Ҷаҳон акнун ҷое нест, ки дар он ҳама хеле хуб аст. Ин чи̅ тавр шуд?

### Ситораи дурахшони субҳидам

Ҳамааш дар боғи Адан сар шуд. Китоби Муқаддас ба мо дар бораи фариштаи тавоное мегӯяд:

> *Ту дар Адан, дар боғи Худо буди̅; пӯшиши ту ҳар гуна санги гаронбаҳо буд...*
>
> **Ҳизқиёл 28:13а**

Номи ин фаришта “Ситораи дурахшони субҳидам” аст. Ӯ дар байни рӯҳҳое ки Худо офарида буд, тавонотарин буд. Ӯ аз ҷумлаи фариштаҳое буд, ки *каррубиён* номида мешаванд; ӯро Худо барои ба ҷо овардани вазифаи махсус интихоб карда буд, ва ӯ доимо дар ҳузури Худо буд.

> *Ту каррубии бузургҷуссае ҳасти̅... Ман туро бар кӯҳи муқаддас ҷойгир кардам...* **Ҳизқиёл 28:14**

Ин фаришта офаридаи комил буд. Мувофиқи сухани Худо, ӯ дорои зебои̅ ва ҳикмати тасаввурнашаванда буд.

> *Ту аз рӯзи офариниши худ дар роҳҳоят комил буди̅...*
>
> **Ҳизқиёл 28:15а**

> *Ту нигини комил, пуррагии ҳикмат ва камоли зебои̅ ҳасти̅.*
>
> **Ҳизқиёл 28:12б**

Аммо агарчи ӯ дар байни фариштагон аз ҳама тавоно буд, дар Навишта ҳеҷ ишорае нест, ки ӯ бар дигар офаридаҳои осмони̅ ҳукмфамои̅ мекард.

## Ҳавобаландӣ

Кай ба амал омадани ҳодисаи навбатии таърихро аниқ кардан ғайриимкон аст; эҳтимол, он каме баъдтар аз анҷом ёфтани офариниш воқеъ шуд. Замони ба амал омадани ин воқеа аниқ набошад ҳам, Каломи Худо аниқу равшан мегӯяд, ки маҳз чӣ рӯй дод. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки он каррубӣ ҳавобаланд шуда буд. Зебоӣ ва қувват ӯро мағрур карданд. Аз ин ҳавобаландӣ шӯҳратпарастӣ пайдо шуд. Ин каррубӣ панҷ мартаба дар суханронии худ "*Ман...*" мегӯяд. Маълум аст, ки ӯ ният дошт бар зидди Худо исёни осмонӣ бардорад:

> *Эй ситораи дурахшони субҳидам, ... ту дар дили худ мегуфтӣ: "**Ман** ба осмон боло шуда, курсии **худро** болотар аз ситорагони Худо **мегузорам**; ва бар кӯҳи анҷумани худоён, дар дуртарин ҷои шимол **менишинам**; бар баландиҳои абрҳо боло шуда, монанди Ҳаққи Таоло **мешавам**".*
>
> **Ишаъё 14:12-14**

Ин каррубӣ мехост на фақат қудратро дар осмон соҳиб шавад, балки нияти мисли Худо шуданро дошт. Ӯ мехост табаддулоти давлатиро роҳбарӣ карда, баъд худаш ҷои Худи Худоро ишғол намояд. Сипас ӯ фармонравои тамоми фариштаҳо шуда, бар тамоми олам ҳукм рондан мехост. Дили ин каррубӣ аз шӯҳратпарастии мағрурона пур шуд.

Фақат як чиз ба ӯ дар иҷрои ин нақша халал расонд: Худо аз худи аввал аз ин нақшаи ӯ бохабар буд. Худо ҳама чизро медонад ва Ӯ фикрҳои ин карруббиро низ медонист. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Худо аз ғурур, яъне ҳавобаландӣ нафрат дорад. Худо дар инсон пеш аз ҳама мағруриро маҳкум мекунад. Ҳавобаландӣ дар назди Худо гуноҳ аст.

> *Инак шаш чиз, ки ПАРВАРДИГОР онҳоро бад мебинад...: чашмони ҳавобаландона...* **Масалҳо 6:16,17**

Каррубӣ дидаву дониста бар зиди нақшае, ки Худо барояш дошт, рафтор кард. Бояд дар хотир дошт, ки Худо фариштаҳоро чун робот наофарид. Онҳо соҳиби иродаанд. Интихоби ба Худо хизмат кардан ё накардан – изҳори итоати ихтиёрона ба Худои соҳибихтиёр аст. Аммо ин фаришта аз вазифаи худ норозӣ буда, мақоми баландтаринро орзу мекард. Ӯ ҳавобаланд шуд ва қарор дод, ки бар зиди Худо хезад. Ӯ Офаридгори худ ва вазифаеро, ки барояш дода шуда буд, хор дид. Хор дидан "беэътиноӣ, чизеро ба назари эътибор нагирифтан" аст. Худо ин навъ рафторро "гуноҳ" меномад.

## Маҳкумият

Азбаски Худо қуддус аст, Ӯ тобу тоқати гуноҳи ин каррубиро надошт, ва гуфта наметавонист, ки ин аҳамият надорад. Камолот дар табиати худ набудани чизҳои нокомилро металабад. Ин ҳақиқат дар давоми мутолиаи навиштаҳои пайғамбарон борҳо такрор хоҳад шуд.

> Худо *одил аст* ва бо беадолатӣ ҳеҷ алоқае надорад.
>
> *Қуддусияти* Худо гуноҳро рад мекунад.
>
> Худое ки *бегуноҳ аст*, тобу тоқати гуноҳро надорад.

Ин ҳақиқат мисли ҳар кадом қонуни табиӣ, ки дар олам ҳукм меронад, низ дуруст аст.

Худо ба исёни фаришта ҳамон дам ҷавоб дод. Ӯ каррубиро аз он ҷояш, ки ӯ дар осмон дошт, пеш кард.

> *...ту гуноҳ кардӣ, ва Ман туро аз кӯҳи Худо сарнагун сохтам... эй каррубии сояафкан...*
>
> *Дили ту аз зебоии ту ҳавобаланд шуд, ту ҳикмати худро аз боиси шукӯҳи худ нобуд кардӣ; Ман туро бар замин задам...*
>
> **Ҳизқиёл 28:16б, 17**

Душмани Худо бе муқобилат нарафт. Ӯ мавҷуди боқувват буд, илова бар ин, фариштагони бисёри дигар низ ӯро дар исён пайравӣ карданд. Дар Навиштаҳо нақли дақиқтари он чи воқеъ шуда буд, оварда шудааст. Порчаи зерин аз он ҷумла аст. Барои осон кардани фаҳмиш калимаҳои қайдшуда имкон медиҳанд, то фаҳмед, ки сухан дар бораи кӣ меравад.

> *Ва аломати дигаре дар осмон намоён шуд: инак, <u>аждаҳои бузурги оташгун</u>... <u>думи он</u> сеяки* ***ситораҳоро*** *аз осмон кашида, бар замин афканд...*
>
> *Ва дар осмон ҷанг шуд: Микоил ва фариштаҳояш ба муқобили <u>аждаҳо</u> меҷангиданд, ва <u>аждаҳо</u> ва* ***фариштаҳояш*** *меҷангиданд.*
>
> *Аммо <u>аждаҳо</u> истодагарӣ карда натавонист, ва дар осмон барои вай дигар ҷое ёфт нашуд. Ва аждаҳои бузург сарнагун шуд, яъне он <u>мори қадимӣ, ки иблис ва шайтон ном дорад</u> ва тамоми ҷаҳонро фиреб мекунад. Вай ба замин партофта шуд, ва фариштаҳояш бо вай партофта шуданд.*[1]
>
> **Ваҳй 12:3-9**

## Иблис, шайтон, девҳо

Дар Китоби Муқаддас гуфта мешавад, ки сеяки фариштаҳо аз пайи каррубии исёнгар рафтанд. Ин карруби̅ бо номҳои иблис ва шайтон низ шинохта шудааст. Ҳамон тавре ки номҳои Худо хислатҳои Ӯро намоиш медиҳанд, номҳои шайтон низ хислатҳои вайро маълум мекунанд. Шайтон маънои “душман” ё “рақиб”-ро дорад. Маънои иблис, яъне “айбдоркунандаи дурӯғгӯ” ё “тӯҳматгар” аст. Фариштаҳои ошӯбгар, ки аз пайи шайтон рафта буданд, баъд девҳо ё рӯҳҳои нопок номида шуданд.

## Кӯли оташ

Вақте ки Худо шайтон ва девҳои ӯро аз осмон бадар ронд, ин фақат давраи аввали доварияш бар ин рӯҳҳои исёнгар буд. Мувофиқи Навишта, Худо ҷое барои ҷазои охирин дорад:

> *... оташи абадие ки барои иблис ва фариштаҳои вай омода шудааст...* **Матто 25:41б**

Ин ҷойро одатан дӯзах меноманд. Бисёр вақт дар расмҳо дӯзахро чунон тасвир менамоянд, ки гӯё дар он ҷо шайтону девҳояш дар байни шӯълаҳои оташ дигаронро азоб медиҳанд. Аммо ин тавр нест. Мувофиқи Сухани Худо, шайтон ҳанӯз дар он ҷо нест. Ӯ аз осмон бадар ронда шуд, аммо ба кӯли оташ ҳанӯз андохта нашудааст. Он рӯз дертар хоҳад расид, ҳангоме ки воқеаҳои бисёри дигар нисбати шайтон ва девҳояш анҷом хоҳанд ёфт. Он гоҳ онҳо ба ин ҷои пуразоб андохта хоҳанд шуд. Китоби Муаддас дар бораи ин замон ҳикоя карда, мегӯяд:

> *Ва иблис, ки онҳоро фиреб мекард, ба кӯли оташу кибрит партофта шуд... ва онҳо рӯзу шаб то абад азоб мекашанд.*
>
> **Ваҳй 20:10**

## Ҷанг

Худо шайтон ва девҳояшро аз осмон бадар ронд, аммо бо вуҷуди ин онҳо дорои қувват ва ақли бузург ҳастанд. Акнун ҳамаи онҳо душманони Худои Таоло мебошанд ва бар зиди Ӯ меҷанганд. Онҳо бар зиди ҳар гуна хуби̅ ва неки̅, бар зиди нақшаҳои Худо ва ҳар он чи ба Ӯ писанд меояд, муқобилат мекунанд. Дар ин ҷанг иблис ҳама воситаҳои барояш имконпазирро истифода мебарад.

Дар хусуси он чи баъд аз исёни шайтон ва аз осмон ронда шуданаш рӯй дод, мо фақат тахмин карда метавонем. Танҳо он чиз аниқ аст, ки шайтон бо ҳасаду нафрат назари айёронаи худро ба гирду атрофи олам

андохта, дар ҷустуҷӯи ҳалқаҳои суст дар зиреҳи Худо буд, то ба он ҷо зарба занад. Аммо чунин ҷои суст набуд! Барои аз Худо қасос гирифтан ӯ бояд илоҷе меёфт. Нигоҳи шайтон бар замин афтид... ва ӯ бар он инсонро дид. Ӯ нешханде кард.

# 2. Оё Худо ҳақиқатан гуфтааст?

Вақте ки Худо одамро офарид, ӯро ба ҳоли худаш рӯи замин нагузошт. Мувофиқи Навиштаи Муқаддас, Худо назди Одаму Ҳавво ба боғ меомад. Аз рӯи матн тахмин кардан мумкин аст, ки ин мулоқотҳо мунтазам буданд. Чунон ки Навишта шаҳодат медиҳад, дар якчанд мавридҳо Худо Худро ба одамон дар шакли инсон зоҳир мекард. Эҳтимол, дар мавриди Одаму Ҳавво низ Ӯ чунин мекард. Одам ва Ҳавво бо Офаридгор ва Соҳиби худ муносибати хуб доштанд, ва Худо дар хусуси ҳама гуна эҳтиёҷоти онҳо ғамхорӣ мекард.

## Ҳилагар ва дурӯғгӯ

Аммо, инак, шайтон пинҳонӣ вориди боғ шуд. Ҳеҷ як садои карнай дар бораи ки будани ӯ ва дар бораи ниятҳояш хабар надодааст. Шайтон барои ин ҳилагарии бузург зоҳир кард. Навиштаҳо баён мекунанд, ки шайтон дурӯғгӯи бузург, иблис аст. Ӯ дурӯғ нагуфтан, ҳақиқатро ғалат маънидод накардан наметавонад:

> *...иблис... аз ибтидо одамкуш буд ва дар ростӣ устувор намонд, зеро дар вай ростӣ нест. Ҳангоме ки вай сухани дурӯғ мегӯяд, аз они худро мегӯяд, зеро вай дурӯғгӯй ва падари дурӯғ аст.*
>
> **Юҳанно 8:44б**

Калимаи *дурӯғ* дар матни аслии юнонӣ бо калимаи *pseudos* ифода ёфтааст, ки ба маънои "дурӯғи барқасд, дидаву дониста дурӯғ гуфтан" аст.

Чандин сол пеш ман дар як маҷалла мақолаеро дар бораи шайтон хонда будам. Дар он расми иблис бо бадани сурх, шохҳо бар сар, думи тез ва шоха бар даст чоп шуда буд. Ин расми тамоман нафратангез буд! Мувофиқи Китоби Муқаддас, ин сурати шайтон тамоман бардурӯғ аст. Навишта мегӯяд, ки

> *... худи шайтон шакли фариштаи нурро мегирад.*
>
> **2Қуринтиён 11:14б**

Ӯ дар тамоми дурахши худ зоҳир шуда, то ҳадди имкон ба Худо тақлид

мекунад. Сурати фариштаи дурахшон ё марди суханваре ки либоси диндорӣ дар бар дорад – беҳтарин тасвири иблис аст. Шайтон бо майли том дар корҳои дин иштирок мекунад ва фиреби худро бо тақлиди ҳақиқат пинҳон карданӣ мешавад. Аммо ӯ аз рӯи табиати худ сазовори боварӣ нест, ӯ як фиребгар, дурӯя, бофандаи дурӯғҳои бемисол аст.

Ман шахсан чунин меҳисобам, ки ҳангоме шайтонро ҳамчун як мавҷуди сурхи шоха бар даст тасвир мекунанд, вай хеле хурсанд мешавад. Зеро ҳангоме одамон намедонанд аз кӣ барҳазар бошанд, онҳоро гумроҳ кардан осонтар аст. Дар баробари ин шайтон аз суханоне ки ман дар ҳамон маҷалла дидам, хурсанд мешавад: “Илоҳиётшиносон акнун одамонро ба вуҷуд доштани иблис бовар намекунонанд”. Дар назар дошта шудааст, ки *акнун касе ба шайтон бовар намекунад*. Ҳангоме ҳатто илоҳиётшиносон мегӯянд, ки иблис фақат як афсона аст – одамонро гумроҳ кардани шайтон то чӣ андоза осонтар мегардад.

## Гумроҳӣ

Инак, шайтон ба таври имкон моҳирона ба боғи Адан ворид шуд. Ҳеҷ карнайнавозӣ, ҳеҷ дабдабае набуд. Ӯ дар ҷисми як мор – хазандае, ки бисёр вақт ба иблис нисбат медиҳанд, сокин шуд. Навиштаҳо воқеаҳои зиёдеро мисол меоваранд, ки рӯҳҳои бад дар инсонҳо ва ҳайвонҳо сокин мешуданд, ва ба воситаи онҳо сухан меронданду онҳоро ба таври ғайриодӣ ба ҳаракат меоварданд. Дар ҷисми мор сокин шудани шайтон низ чизи ғайриимкон набуд. Ин дафъа шайтон ба воситаи як хазанда гап зад. Ӯ ба Ҳавво муроҷиат намуд:

> *Ва мор аз ҳамаи ҳайвонҳои саҳро, ки Парвардигор Худо ба вуҷуд оварда буд, зирактар буд. Ва ба зан гуфт: “Оё Худо ҳақиқатан гуфтааст, ки аз ҳамаи дарахтони боғ нахӯред?”*
>
> **Пайдоиш 3:1**

Аз афти кор, гап задани хазанда Ҳавворо ба ҳайрат наовард. Бешубҳа, ӯ рӯз ба рӯз ҷиҳатҳои нави офариниши Худоро кашф мекард. Ӯ шояд фикр кард, ки ин фақат боз як махлуқи Худост, ки то ба ҳол бо он вонахӯрда буд. Аммо мо дар ин бора ҳеҷ чизи аниқ гуфта наметавонем.

## Шубҳа

Ҷолиби диққат аст, ки шайтон назди Ҳавво бо саволе дар бораи Худо омад. Ӯ ба Ҳавво чизеро ошкор намуд, ки вай то ҳол дар бораи он фикр ҳам накарда буд: *махлуқ ба корҳо ва рафтори Офаридгор шубҳа карда метавонад*. Шайтон бо мулоимат пурсид: “Оё Худо ҳақиқатан гуфтааст...?”

Маънои ин савол чунин аст: “Оё Худо дар ҳақиқат чунин гуфт?”

Шайтон мехост одамро бовар кунонад, ки агар ӯ содадилона суханони Худоро қабул мекарда бошад, ӯ албатта сода ва зудбовар аст:

*“Имкон дорад, ки Ӯ шуморо аз чизе маҳрум дошта бошад. Шумо инро аз куҷо фаҳмида метавонед? Мумкин Худо на он қадар, ки вонамуд мекунад, меҳрубон ва дӯстдор бошад”.*

Шайтон ба он ишора кард, ки эҳтимол Худо бо Одаму Ҳавво на он қадар самимӣ буд. Дар навбати худ, шайтон худро тавре ба Ҳавво муаррифӣ намуд, ки гӯё маҳз ӯ дар ҳақиқат беҳбудии инсонро хоҳон бошад. Ӯ ба некии Худо тақлид мекунад ва бо мантиқи бардурӯғаш нисбати сухани Худо шубҳа ба вуҷуд меоварад.

Илова бар ин, шайтон ба манъи Худо аз ҳад зиёд эътибор дод. Худо хӯрдани меваи тамоми дарахтонро манъ накарда буд. Ӯ танҳо як дарахтро зикр намуд – дарахти дониши неку бадро. Аммо зиёд кардани ҳудудҳои манъ таъсири даркориро ба амал овард.

> *Зан ба мор гуфт: “Аз меваи дарахтони боғ хӯрда метавонем, лекин аз меваи дарахте ки дар мобайни боғ аст, Худо гуфт, ки нахӯред ва ба он даст нарасонед, мабодо муред”.* **Пайдоиш 3:2,3**

Ҳавво кӯшиш кард, ки Худоро тарафдорӣ кунад, агарчи Худо ба ин эҳтиёҷ надорад. Дар саъю кӯшиши худ ӯ ҳатто ба фармони Худо илова ворид намуд. Худо ба инсон фармуда буд, ки аз меваи дарахт нахӯранд, вале ҳаргиз нагуфта буд, ки ба он даст нарасонанд. Вақте ки ба Каломи Худо чизеро зиёд мекунанд, албатта доим чизеро аз он кам мекунанд. Ҳавво Худоро бештар аз он ки дар асл аст, серталаб ва сахтгир вонамуд кард. Ба ҳамин тариқ хости Худо ғалат баён карда шуд. Одамонро водор кардан ба ин ки чизеро ба Каломи Худо илова кунанд ё аз он кам кунанд, ба шайтон хос аст. Ӯ хоҳони бетартибиест, ки аз ин мебарояд. Иловаи Ҳавво ночиз буд, аммо ба шайтон маҳз ҳамин чиз даркор буд.

## Радкунӣ

> *Мор ба зан гуфт: “Не, намемуред; балки Худо медонад, ки дар рӯзе ки аз он хӯред, чашмони шумо воз мешаванд, ва шумо* ***монанди Худо*** *неку бадро мешиносед”.* **Пайдоиш 3:4,5**

Шайтон фақат ба ин ки Каломи Худоро зери шубҳа қарор дод, қонеъ нашуд; ӯ онро тамоман рад кард. Ӯ Худоро дурӯғгӯ номид. Ӯ тӯҳмат зада чунин вонамуд кард, ки гӯё Худо аз он сабаб хӯрдани меваи

дарахти дониши неку бадро ба Одаму Ҳавво манъ кардааст, ки аз бисёр боақл шудани онҳо метарсад. Шайтон дурӯғро бо ҳақиқат бисёр омехта кард. Ин дуруст буд, ки ҳангоми хӯрдани ин мева чашмонашон кушода мешуд ва онҳо хубу бадро мешинохтанд. Аммо фикри он, ки онҳо аз ҳама ҷиҳатҳо монанди Худо мешаванд, дурӯғ буд. Илова бар ин, шайтон гуфт, ки онҳо ҳаргиз намемиранд, ва ин дурӯғи ошкор буд. Шайтон бемалол ва дидаву дониста дурӯғ мебофад. Агарчи ӯ аз таҷрибаи худ оқибати беитоатиро ба Каломи Худо медонист, инсонро бераҳмона ба нобудшавӣ тела кард.

## Беитоатӣ

> *Ва зан дид, ки он дарахт барои хӯрок хуб аст, ва назаррабост, ва дарахти дилпазири донишафзост; ва аз меваи он гирифта, хӯрд; ва ба шавҳари худ низ дод, ва ӯ хӯрд.* **Пайдоиш 3:6**

Шайтон комёб шуд. Тасаввур кардан мумкин аст, ки чӣ тавр ӯ дар боғ аз шодӣ каҳқос зада хандид. Мисли ҳамеша ӯ дар ҷои амал намонд, то ки подоши зарари расондаашро диҳад. Навишта мегӯяд, ки:

> *...иблис, чун шери ғуррон гаштугузор карда, касеро меҷӯяд, то ба коми худ кашад.* **1Петрус 5:8б**

Шайтон худро ҳамчун касе муаррифӣ мекунад, ки ба мо лаззат ва вақти хуш додан метавонад, аммо дар ҳақиқат инҳо фақат лаззатҳои муваққатӣ ва ҳеҷу пучанд. Агар шайтон чизеро ҳам диҳад, ин танҳо азобу ғам мебошад. Дар асл, ӯ шарик ва дӯсти бадхоҳу бераҳм аст.

Дар тӯли солҳо баъзеҳо барои ин беитоатии аён Ҳавворо таъна кардаанд, аммо бояд гуфт, ки дар давоми сӯҳбати ӯ бо шайтон, эҳтимол, шавҳараш дар наздикиҳо буд. Одам метавонист кӯшиш карда, ба хӯрдани меваи манъшуда ба Ҳавво халал расонад ва, албатта, худаш ҳам маҷбур набуд аз он хӯрад. Лекин ҳар дуи онҳо хӯрданд.

Беитоатии Одаму Ҳавворо ба гапнодароии кӯдакон, ки бар хилофи гуфтаҳои модарашон дар кӯча бозӣ мекунанд, муқоиса кардан мумкин аст. Кӯдакони беитоат фикр мекунанд, ки беҳтар аз модарашон медонанд, ки чӣ чиз бехатар ва шавқовар аст. Онҳо дилпур нестанд, ки модарашон хуб медонад, ки чӣ чиз ба бехатарии онҳо халал оварда метавонад. Онҳо ба ӯ аҳамият намедиҳанд. Ба монанди ҳамин, Одаму Ҳавво низ вақте фикр карданд, ки беҳтар аз Худо медонанд, ки чӣ чиз барояшон хуб аст, гуноҳ карданд. Ҳангоме онҳо беитоатиро интихоб карданд, маълум гашт, ки онҳо аз Офаридгори худ дилпур набуданд; онҳо ба Каломи Худо шубҳа карданд.

Одаму Ҳавво тамоми далелҳои рӯи дунёро дар ихтиёр доштанд, то ба иблис ҷавоб диҳанд, ки ХУДИ ӯ дурӯғгӯй аст, вале онхо ба ҷои он ки ба Худо бовар кунанд, ба шайтон бовар карданро интихоб намуданд. Онҳо ба дастурҳои равшани Худо беитоатӣ карданд, ба исёни иблис пайвастанд. Навишта мегӯяд:

> *...касе ки мехоҳад дӯсти ҷаҳон* бошад, душмани Худо мегардад.* **Яъқуб 4:4б**

* Ҷаҳон, ки зери таъсири шайтон аст.

Ин натиҷаи мантиқии интихоби нодуруст аст. Одаму Ҳавво дӯстӣ бо Худоро тарк карданд, ва бо шайтон яке шуданд. Онҳо дунёи комилро рад карданд, то он чиро ки барояшон манъ шуда буд, таҷриба намоянд.

## Дар бораи рӯҳҳои бад, ҷинҳо ва ҷоду чӣ гуфтан мумкин аст?

Дар тамоми рӯи дунё халқҳои гуногун тарзҳои хоси ҳимоя аз рӯҳҳои бадро пайдо кардаанд. Баъзеҳо бар бадан ашёҳои бахтовар ё тӯморҳоро баста мегардонанд. Дигарон дар хонаҳои худ бутҳоро мегузоранд, нӯшокиҳои сеҳрнок менӯшанд ё роҳнамои рӯҳонияшонро зиёрат мекунанд. Якеҳо пеш аз даромадан ба хона ё ба мошин номи Худо ё ягон суханони муайянро такрор мекунанд, то дар роҳ худро аз нохушӣ амон доранд. Дигарон ба “рӯҳҳои нигаҳбон” қурбониҳо меоваранд, то аз бадӣ дар амон бошанд. Тамоми ин фикрҳо на аз Худо, балки аз одамон бармеоянд. Китоби Муқаддас таълим медиҳад, ки шайтон ва фариштаҳояш баъзе муъҷизаҳоро ба амал оварда метавонанд, аммо ҳатто агар онҳо ба баъзе корҳо қодир бошанд ҳам, комилан тавоно нестанд. Агар ба Худо итоаткор бошем, ҳеҷ зарурате нест, ки аз ин қувваҳои бадкор тарсем, зеро ки Ӯ аз тамоми рӯҳҳои бад ва ҷоду бениҳоят боқувваттар аст.

> *Номи Парвардигор бурҷи устувор аст: росткор сӯи он медавад ва паноҳ меёбад.* **Масалҳо 18:10**

> *Ниҳоят... дар Худованд ва дар тавоноии қудрати Ӯ устувор шавед... дар айни ҳол сипари имонро гиред, ки бо он ҳамаи тирҳои тафсони шарирро (шайтонро) хомӯш карда метавонед.*
> **Эфесусиён 6:10,16**

## Дӯстии шикаста

Пайравӣ ба шайтонро интихоб кардани Одаму Ҳавво оқибатҳои худро дошт. Чунон ки мо аллакай дидем, шикастани як қонун аллакай натиҷаи худро дорад. Навишта таълим медиҳад, ки натиҷаҳои гуноҳ басо ҷиддиянд. Интихоби бепарвоёнаи Одаму Ҳавво дар байни муносибатҳои инсон бо Худо ҷарии васеъ ва чуқурро ба миён овард. Худои комил наметавонист бо шахсе ки қисман дӯстӣ мекунад ва дар айни замон хиёнат низ мекунад, муносибатҳо дошта бошад. Дар ҷое ки боварӣ нест, ҳеҷ муносибате имкон надорад. Дӯстии Худо ва одам барҳам хӯрд.

> *Бинобар ин Худо онҳоро бо шаҳватҳои дилашон ба нопокӣ гирифтор кард, ...онҳо ростии Худоро ба дурӯғ иваз карданд ва парастишу ибодат карданд офаридаро ба ҷои Офаридгоре ки то абад муборак аст*[2].
>
> **Румиён 1:24,25**

## Баргҳои анҷир

Эҳтимол, Одам ва Ҳавво дарҳол ҳис карданд, ки чизе нодуруст шуд. Онҳо худро холӣ эҳсос намуданд. Ҳисси айбдорӣ ва шармсорӣ, ки то ҳол барояшон ношинос буд, онҳоро фаро гирифт. Онҳо тарсиданд ва бори аввал эҳсос намуданд, ки бараҳна ҳастанд. Онҳо барои ҳалли ин масъала ба атроф нигаристанд...

> *...ва баргҳои анҷирро ба ҳам дӯхта, лӯнгиҳо барои худ сохтанд.*
>
> **Пайдоиш 3:7**

Онҳо шояд фикр мекарданд, ки агар намуди берунии худро ба ҳолати дуруст оваранд, Худо намефаҳмад, ки чизе дар дарунашон тағйир ёфтааст. Онҳо вонамуд карданд, ки ҳамааш хуб аст.

<u>*Истифодаи баргҳои анҷир танҳо як норасоӣ дошт – он натиҷаи дилхоҳ надод*</u>. Маҳкумият боқӣ монд. Доштани намуди хуби берунӣ чизеро дар воқеияти дарунӣ тағйир надод. Онҳо дигар комил набуданд. Ҳисси айбдорӣ онҳоро азоб медод. Он ҷудоие ки байни Худо ва инсон пайдо шуда буд, боқӣ монд.

> *Ва овози Парвардигор Худоро шуниданд, ки дар вақти салқинии рӯз дар боғ мегашт; ва Одам ва занаш аз пеши назари Парвардигор Худо дар миёни дарахтони боғ пинҳон шуданд.*
>
> **Пайдоиш 3:8**

Танҳо айбдорон мегурезанд, то ки пинҳон шаванд. Одатан, кас аз рӯи

дӯсташ пинҳон намешавад! Акнун як монеа, як ҷарие байни Худо ва одам пайдо шуд. Дӯстии онҳо барҳам хӯрд.

### Оё Худо бениҳоят серталаб аст?

Баъзеҳо хоҳанд гуфт: "*Вале ин фақат як гуноҳи хурдтарак буд, як газ аз мева!*" Дуруст аст, ки Худо аз инсон чизи калонеро нахостааст. Дар асл ин ҳатто як имтиҳоне набуд. Одаму Ҳавво садҳо дарахтони мевадорро дар ихтиёр доштанд. Ин як санҷиши бисёр ночиз буд, аммо ҲАМИН санҷиш одамро ҳамчун соҳиби иродаи шахсӣ намоиш дод.

Фарз мекунем, ки як ҷавонзан номзаде дорад, ки бисёр зебо ба назар мерасад. Номзадаш ба ӯ муҳаббати зиёд нишон медиҳад, ҳаматарафа бар вай таваҷҷӯҳ мекунад, вақте ки ғамгин аст, димоғашро чоқ месозад, ва зуд-зуд барояш мегӯяд, ки вайро дӯст медорад. Баъд ин ҷавонзан маълум мекунад, ки номзадаш барои дӯст доштан барномарезӣ карда шудааст... ва ӯ ҳаргиз ба хости худ амал накардааст. Чӣ ноумедие! Ҳамааш чунон сунъӣ ба назар хоҳад расид, чунон холӣ ва бемаънӣ, ва ин маҳз ҳамин аҳвол мебуд. Ба Одаму Ҳавво имконияте дода шуда буд, ки интихобе, як қарори сода кунанд. Аммо ин як интихоби хурд фарқи калонеро ба миён овард.

Ҳамин интихоби... *хӯрдан ё нахӯрдан*<br>
*итоат кардан ё беитоатӣ кардан*<br>
*дӯст доштан ё дӯст надоштан*<br>
... одамро ҳамчун мавҷуди инсонӣ муқаррар кард.

Одам як мошине набуд. Ӯ интихоби озоде барои дӯст доштан дошт. Муҳаббате ки Одаму Ҳавво бо ҳам доштанд, сунъӣ набуд, он аслӣ буд. Итоат ва муҳаббате ки онҳо дар аввал ба Худо доштанд, низ аслӣ буданд.

Ҳатто агар имтиҳон ночиз ба назар мерасид, беитоатӣ ба Худо, ҳатто дар чизҳои хурд, ҳамеша ҷиддӣ буд. Навишта таълим медиҳад, ки Худо комил (муқаддас ва одил) аст ва гуноҳро, ҳар қадар хурд бошад ҳам, тоқат карда наметавонад. Навишта инчунин бисёр қатъӣ мегӯяд, ки беитоатӣ бад аст. Итоат накардан гуноҳ аст.

# 3. Куҷоӣ ту?

Шайтон Одаму Ҳавворо фиреб дода, бовар кунонд, ки онҳо мисли Худо шуда метавонанд. Шайтон худаш маҳз ҳаминро мехост. Аммо Худо инсонро на аз барои он офаридааст, ки аз пайи фаҳмиш ва ё идеяҳои худ равад. Ба ҷо овардани он чи Каломи Худо мегӯяд, муҳим буд, ва он мегуфт:

> *... аз дарахти шинохти неку бад зинҳор нахӯр; зеро рӯзе ки аз он хӯрӣ, ҳатман мемурӣ.* **Пайдоиш 2:17**

Ҳамин ки Одаму Ҳавво аз меваи манъшуда хӯрданд, ҳама чиз дигаргун шуд. Ҳамааш ҳамон тавре ки Худо гуфта буд, рӯй дод. Каломи Ӯ тағйир наёфт. Он ҳеҷ гоҳ тағйир намеёбад.

> *Ва овози Парвардигор Худоро шуниданд, ки дар вақти салқинии рӯз дар боғ мегашт; ва Одам ва занаш аз пеши назари Парвардигор Худо дар миёни дарахтони боғ пинҳон шуданд.* **Пайдоиш 3:8**

## Худо Одаму Ҳавворо меёбад

Дар Навишта зикр нашудааст, ки Одаму Ҳавво чӣ фикр мекарданд, ҳангоме дар пушти бутта пинҳон шуда буданд ва овози Худоро, ки меомад, шуниданд. Вале агар шумо ягон вақт ҳангоми набудани падару модари худ ягон кори бад карда... баъд ба хона баргаштани онҳоро дида, ба ҳарос афтода бошед, пас дар ин бора тасаввуроте доред. Аммо Одаму Ҳавво на падару модари худро бо рафтори худ хафа карданд, балки ба Парвардигори олам, Худои соҳибихтиёр ва қуддус беитоатӣ намуданд. Акнун Офаридгор ва Соҳиби инҳо чӣ хоҳад гуфт? Худои Қодири мутлақ чӣ хоҳад кард?

> *Ва Парвардигор Худо ба Одам хитоб карда, гуфт: "Куҷоӣ ту?"* **Пайдоиш 3:9**

Одаму Ҳавво аз ҷои ниҳонии худ бо намуди бегуноҳона баромаданд, ва Одам ҷавоб дод:

> *"Чун овозатро дар боғ шунидам, ҳаросон шудам, зеро ман бараҳнаам, ва пинҳон шудам".* **Пайдоиш 3:10**

Инро гуфта, Одам худро ошкор кард. Мисли бачае ки аз дарсҳо гурехта, сипас аз номи модараш баёноти сабаби ба дарс нарафтанашро менависад, ва содадилона дар поёни он "Модари ман" менависад,

Одам он чизро аз назар дур гузошт, ки пештар ҳеҷ гоҳ наметарсид ва бараҳнагияш ҳаргиз вайро ба ташвиш намеовард. Худо гуфт:

> *“...кӣ ба ту гуфт, ки бараҳнаӣ? Оё аз он дарахте ки хӯрданашро ба ту манъ кардам, хӯрдаӣ?”* **Пайдоиш 3:11**

## Саволҳо, саволҳо!

Барои чӣ Худо тамоми ин саволҳоро дод? Оё Худо, ки ҳамадон аст, пинҳон шудани Одаму Ҳавворо намедонист? Оё Худо намедонист, ки чаро инсон худро бараҳна ҳис мекард? Оё Парвардигор ба он дараҷа маҳдуд буд, ки маҷбур шуд аз айбдорон пурсад, ки оё онҳо аз меваи дарахти манъшуда хӯрдаанд ё не? Албатта, Худо ҳодисаи рӯйдодаро аниқ медонист. Вале Ӯ ин саволҳоро дод, то ба Одаму Ҳавво фурсат диҳад, ки худашон воқеаи рӯйдодаро фаҳмида тавонанд. Онҳо ба Худо беитоатӣ карданд! *Онҳо ба ҷои он ки ба Худо бовар кунанд, ба шайтон бовар карданд.*

Навиштаҳоро хонда, мо мебинем, ки Худо бисёр вақт саволҳоро истифода мебарад, то одамро ба фаҳмиши беҳтари рӯйдодҳо расонад.

## Оё ин ҳама бо айби Худо рӯй дод?

Саволҳои Худо ба Одаму Ҳавво инчунин фурсат медоданд, ки онҳо худашон айби худро фаҳманд.

> *Одам гуфт: “Ин зане ки ба ман додаӣ, аз меваи дарахт ба ман дод, ва ман хӯрдам”.* **Пайдоиш 3:12**

Одам то ба андозае иқрор шуд, ки меваи манъшударо хӯрд, вале фақат аз он сабаб чунин кард, ки занаш, ки Худо барояш дода буд, онро ба ӯ дод. Одам кӯшиш кард айбро ба гардани Худо гузорад!

> “Ин ҳама бо айби Худо рӯй дод”.
>
> “Агар Худо ин занро намеофарид... ва агар ин зан ба ман аз ин мева намедод, ман аз он намехӯрдам”. Маълум мешавад, ки ҳамааш ба сабаби хатои Худо рӯй додааст.

> *Ва Парвардигор Худо ба зан гуфт: “Ин чӣ кор аст, ки кардӣ?” Зан гуфт: “Мор маро фирефта кард, ва ман хӯрдам”.*
> **Пайдоиш 3:13**

Инак, ҳақиқат маълум гардид! Ин на хатои зан буд ва на хатои мард. Ин хатои мор буд. Ҳавво низ айби худро ба гардани дигарӣ гузошт. Ва албатта, агар Худо морро намеофарид... Ҳавво низ гуноҳ намекард. Дар

асл Худо ба хато роҳ додааст!

Худо ба мор савол надод, зеро дар воқеъ, Одаму Ҳавво ҳар ду бо ихтиёри худ гуноҳро интихоб карда буданд. Худо барояшон имкон дод, то озодона гуноҳи худро эътироф кунанд, аммо онҳо ин фурсатро аз даст доданд – онҳо аз эътирофи хатои худ даст кашиданд.

| Онҳо чӣ гуфтанд: | Онҳо бояд чӣ мегуфтанд: |
|---|---|
| **Мард гуфт:** *“Ин зане ки ба ман додаӣ, аз меваи дарахт ба ман дод, ва ман хӯрдам”.* | “Худоё, мутаассифона ман бар зиди Ту гуноҳ кардам. Ман ба фармони нахӯрдани мева беитоатӣ кардам. Илтимос, маро бубахш”. |
| **Зан гуфт:** *“Мор маро фирефта кард, ва ман хӯрдам”.* | “Худовандо, ман ҳам гуноҳ кардам ва ба фармони Ту беитоатӣ намудам. Ман мехоҳам, ки муносибатҳои мо дубора барқарор шаванд. Илтимос, ба ман бигӯ, ки чӣ кунам”. |
| **Психологияи шахсе ки гуноҳ мекунад, аммо худро зарардида меҳисобад. Хоҳиши айбдор кардани дигарон.** | **Шахсе ки гуноҳ мекунад, аммо ҷавобгариро барои амалҳои худ ҳис менамояд. Хоҳиши ислоҳ кардани вазъият.** |

Одаму Ҳавво кори нодуруст карданд. Акнун бошад онҳо суханони нодуруст гуфтанд. Бо вуҷуди ин, Худо онҳоро нобуд накард. Агар мо довар мебудем, онҳоро ба ҷазои қатл маҳкум мекардем. Аммо дилсӯзиву марҳамати Худо аз ҳар он чи тасаввур кардан мумкин аст, бештар мебошад.

## Ваъда

Натиҷаҳои ин гуноҳи аввалини одамон барои тамоми инсоният таъсир расонд. Мо хоҳем дид, ки Одаму Ҳавво ҳамчун намояндагони тамоми инсоният амал карда буданд. Гуноҳи онҳо боиси лаънат шуд, аммо Худо аз боиси некӯии Худ ба онҳо чунин ваъдаро дод.

> *Ва Парвардигор Худо ба мор гуфт: “Азбаски ин корро кардӣ... душманӣ меандозам байни ту ва зан, ва байни насли ту ва насли вай: вай сари туро мекӯбад, ва ту пошнаи вайро мегазӣ.*
> **Пайдоиш 3:14а,15**

Ин ҷумлаҳоро муфассал аз назар гузарондан лозим аст. Маънои ин суханон на танҳо он аст, ки байни зан ва мор бадбинии тарафайн хоҳад буд. Ваъдаи Худо ду маъно дорад:

| **Шайтон ва пайравони ӯ** | **Зан ва авлодони мардинаи ӯ** |
|---|---|
| Ва Парвардигор Худо **ба мор** гуфт: | |
| *“Азбаски ин корро кардӣ... душманӣ меандозам* | |
| *байни* **ту...** | ... ва **зан**, |
| *байни* **насли ту**... | ва **насли вай** |
| **Вай** *сари туро мекӯбад, ва* **ту** | пошнаи **вайро** мегазӣ |

Бо ҳамин Худо мехост гӯяд, ки рӯзе Ӯ одамро аз зери таъсири шайтон раҳо мекунад. Зан тифли наринаеро ба дунё меоварад, ки сари шайтонро мешиканад; ин зарбаи марговар хоҳад буд. Аммо шайтон низ насли занро захмдор мекунад, аммо ин фақат зарбае бар пошна – захме хоҳад буд, ки шифо меёбад.

Ин аввалин ваъда оид ба насли Ҳавво буд. Ин тифли нарина ба сабаби вазифаи махсусе ки Худо барояш хоҳад супурд, МАСҲШУДА, яъне ИНТИХОБШУДА номида мешавад. Ин вазифа иборат буд аз раҳо кардани одамизод аз оқибатҳои гуноҳ ва аз ҳокимияти шайтон. Аз барои ҳамин ӯ ҳамчунин ба номи РАҲОКУНАНДАИ ВАЪДАШУДА маъруф хоҳад буд. Бешубҳа, ин хабари хуши Худо барои Одаму Ҳавво хабари бисёр дилписанд буд.

Ваъдаи фиристодани РАҲОКУНАНДА ҷиҳати дигари табиати Худоро ошкор менамояд: Ӯст ҳамоне ки наҷот медиҳад ё Наҷотдиҳанда аст.

> *Ғайр аз Ман Худои дигаре нест, – Худои росткор ва наҷотдиҳандае ҷуз аз Ман нест. Ба Ман рӯ оваред ва наҷот меёбед, эй тамоми канорҳои замин! Зеро Ман Худо ҳастам, ва дигаре нест.* **Ишаъё 45:21б,22**

## Лаънат

Чунон ки мо аллакай дидем, гуноҳ ҳеҷ гоҳ бенатиҷа намемонад. Агар кас қонунҳои ҷозибаро риоя накунад, устухонҳояш мешиканад; ва агар кас ба Сухани Худо беитоатӣ кунад, ӯ оқибатҳои беитоатиро мебинад. Худо

наметавонист гуноҳи Одаму Ҳавворо нодида гирифта, барояшон гӯяд: “Хайр, ғам нахӯред”, “Ин айби шумо нест”, “Инро фаромӯш мекунем” ё ки “Ин фақат як гуноҳи хурдтарак аст”. Не, ин кори бениҳоят бад ба амал омада буд. Одаму Ҳавво айбдор буданд. Ягона гуноҳ боиси маҳкумият шуд. Ягона гуноҳ ба тарс ва шармсорӣ оварда расонд. Ягона гуноҳ боиси гуноҳҳои бисёр гардид. Замин ва тамоми он чи дар он ҳаст, аз барои ин лаънат азоб дид. Ҳайвонот, моҳиҳо, парандагон, ҳатто хоки замин – тамоми офариниш зери таъсири лаънат қарор гирифтанд. Офариниш дигар комил набуд. Мувофиқи Навиштаҳо:

> *... тамоми офариниш бо ҳам то ҳол менолад ва дарди зоиш мекашад...* **Румиён 8:22б**

Минбаъд инсон бояд бо дарди зоидан ба дунё меомад ва онро бо азоби марг тарк мекард. Зиндагии рӯи замин пур аз беадолатӣ, арақи ҷабин ва бечорагӣ шуд. Худо ба Одам гуфт:

> *Ба арақи ҷабинат нон мехӯрӣ, то даме ки ба хок баргардӣ, ки аз он гирифта шудаӣ; зеро ки ту хок ҳастӣ, ва ба хок бармегардӣ.* **Пайдоиш 3:19**

Хору хаси зиндагӣ, рамзӣ ё ҳақиқӣ, ҳаёти инсонҳоро душвор ва пуразоб хоҳанд сохт.

Одам як қатор бадбахтиҳоро аз сар гузаронд. Аммо сахттар аз ҳама марг буд, ки Худо дар борааш огоҳӣ дода буд.

# 4. Марг

> *Ва Парвардигор Худо ба Одам фармуда, гуфт: “Аз ҳар дарахти боғ хӯрдан гир; Аммо аз дарахти шинохти неку бад зинҳор нахӯр; зеро рӯзе ки аз он хӯрӣ, ҳатман мемурӣ.*
> **Пайдоиш 2:16,17**

Вақте ки Одам ва Ҳавво интихоб карданд, ки ба огоҳии Худо беитоатӣ кунанд, ба як маънӣ, онҳо Худоро имтиҳон карданд, ки оё Ӯ ба Каломаш вафо мекунад ё не. *Оё Худо ҳангоми гуфтани ин суханҳо ҷиддӣ буд? Оё одам дар воқеъ мемурад? Ё ин ки Худо таҳдидҳои хушку холиро ба забон оварда, онҳоро ба бод гуфтааст?* Ҷавоби Навиштаҳо дар ин бора қатъист:

> *Лекин аз байн рафтани осмон ва замин осонтар аст аз он ки нуқтае аз Таврот афтад.* **Луқо 16:17**

Гуфтугӯ дар бораи марг барои ҳеҷ кас писандида нест. Ин як мавзӯи манъшуда аст. Дар давоми тамоми сафарҳоям ба даври дунё, ҳатто дар байни қабилаҳои дурдасттарин, ман ҳаргиз ҷамъиятеро надидаам, ки барояш марг мавзӯи хушоянд бошад. Ман дар бисёр маросимҳои ҷаноза иштирок кардаам, баъзе аз онҳо дар қабристон ва дигаре дар ҷангал ба ҷо оварда мешуданд, аммо тамоми онҳо дорои як омили умумӣ буданд: ғами амиқ. Ин ҳамчун як таҷрибаи ҳаёт ба дили кас нақш мебандад, ки марг маънои ҷудоиро дорад. Мавҷуди ба дил ширин моро тарк кард, то дигар ҳаргиз барнагардад. Ғаме, ки мо дар чунин лаҳзаи ҷудоӣ дар дил дорем, мисли ҳисси гум кардани чизи гаронбаҳо аст, ва ба мо ёрӣ мерасонад, то калимаи "марг"-ро, чунон ки Китоби Муқаддас дар борааш мегӯяд, фаҳмем. Дар Каломи Худо марг як навъ ҷудоӣ мебошад. Он ба маънии "нобуд шудан" ё "номавҷуд шудан" нест.

Решаи марг гуноҳ аст. Дар Навиштаҳо мо мехонем, ки ин мисли он аст, ки як коргар музди корашро мегирифта бошад.

> *... музди гуноҳ марг аст...* **Румиён 6:23а**

Китоби Муқаддас ба мо дар бораи ҷиҳатҳои гуногуни марг нақл мекунад. Инак, сетои инҳо:

### 1. Марги бадан (ҷудоӣ байни рӯҳи инсон ва бадани ӯ)

Марги ҷисмонӣ ба мо ношинос нест. Бо вуҷуди он, марг дорои як хусусиятест, ки мо бояд онро бештар дар робита ба Одаму Ҳавво фаҳмем. Ҳангоме ки шохаи дарахтро мешикананд, баргҳои он ҳамон лаҳза намемиранд. Ҳамчунин, ҳангоме Худо ба Одам гуфт, ки "дар рӯзе ки аз он хӯрӣ, ҳатман мемурӣ", ин маънои онро надошт, ки Одам дар лаҳзаи хӯрдани мева ғалтида мемурад. Аниқтараш, суханони Худо маънои онро доштанд, ки инсон ҳангоми беитоатӣ аз сарчашмаи ҳаёташ бурида мешавад; ва ҳамчун натиҷа, айнан монанди он ки шохаи аз дарахт ҷудо кардашуда дар ниҳояти кор фано мешавад, бадани Одам оҳиста-оҳиста пажмурда шудан мегирад, то даме ки комилан аз фаъолият бозмонад. Сипас инсон вафот мекунад, ва баданаш ба хок мубаддал мегардад:

> *...мемиранд ва ба хоки худ бармегарданд.* **Забур 103:29б**

Аммо агарчи бадан мемирад, зиндагии рӯҳ давом мекунад. Мувофиқи Навишта рӯҳ намиранда аст.

**2. Марги муносибат бо Худо** (ҷудоӣ байни рӯҳи инсон ва Худо)

Мо аллакай дидем, ки Одаму Ҳавво аз муносибатҳои наздик бо Худо баҳраманд буданд. Беитоатии онҳо ба ин дӯстӣ хотима дод. Аммо ин тамом нест. Фарзандон ва набераҳои Одаму Ҳавво – тамоми инсоният – то ба имрӯз дар ҳолати ҷудоӣ аз Худо ба дунё омадаанд. Барҳам хӯрдани мушоракат байни Худо ва Одам чунон воқеӣ ва амиқ аст, ки сарфи назар аз ин ки одамон ҳанӯз ҷисман зиндаанд, барои Худо:

> *...дар хатоҳо ва гуноҳҳо мурда* [мебошанд]...
>
> **Эфесусиён 2:1**

Дар ин ҷо як ҳақиқате ҳаст, ки бояд онро фаҳмем. Иҷозат диҳед, то ба шумо як воқеаи ҳаётиро нақл кунам. Ман қисми зиёди зиндагиямро дар сафар ё дар кишварҳои тропикӣ гузарондаам. Муддате ману ҳамсарам дар хонае зиндагӣ карда будем, ки таҳкурсияш бар сутунҳои паст буд. Рӯзе як калламуши бениҳоят калон дар фосилаи мобайнии зери хона даромада, дар он ҷо мурдааст. Бадбахтона, он рост дар зери хонаи хоби мо мурда буд. Мо аввал қарор кардем, ки ҷасади калламушро дар он ҷое ки буд, гузорем ва фақат вақти пӯсидани баданашро мунтазир шавем. Аммо бӯи бади ниҳоят сахте ки аз он мебаромад, берун аз тоқати мо буд. Ман на фақат аз он безор шуда будам, балки ин бӯи бад бароям нафратовар шуда буд.

Бӯи баде ки аз калламуш меомад, он қадар тоқатфарсо буд, ки ҳамсарам ва ман маҷбур шудем дар қисмати дигари хона бихобем. Назди ин калламуши пӯсида хоб рафтан барои мо на муқаррарӣ буд ва на табиӣ. Бинобар ин мо аз он ҷо дур шудем.

Рӯзи дигар писарамон Андрей хоҳиш дошт, ки ба мо кӯмак расонад. Бо ёрии як чӯби дароз ӯ калламушро наздик ба баромадгоҳи таги хона кашида тавонист. Ҳамон вақте ки Андрей калламушро дид, ӯ бо нафрат қафо гашт. Ӯ дилбеҳузур шуда буд. “Падар, – гуфт ӯ, – калламуш пури кирм аст!” Баъд Андрей ба дасташ халтаи пластикӣ пӯшида, дар замин дароз кашид ва калламуши пӯсидаро аз думаш кашида баровард. Ӯ ҷасади пӯсидаи калламушро ба таври имкон аз баданаш дур нигоҳ дошта, сӯи ҷангали наздики хона давид ва онро ҳар қадаре ки тавонист, дуртар партофт.

Агар ин калламуш зинда мебуд ва ҳиссиёти Андрейро фаҳмида метавонист, мефаҳмид, ки Андрей аз он бениҳоят нохуш – дар ғазаб буд. Ва агар калламуш фикрҳои Андрейро хонда метавонист, ҳангоме ӯ онро ба дарунтари ҷангал мепартофт, чунин суханонро мешунид:

“Дафъ шав аз ин ҷо!” Ва агар калламуш гап зада метавонист, шояд мепурсид: “То ба кай?” Ва Андрей ҷавоб медод: “То абад!”

Мисоли калламуши мурда ба мо ёрӣ медиҳад, ки се аксуламали Худоро нисбати гуноҳ фаҳмем. Аввалан, Ӯ ба хашм меояд. Ин хашми носолим ё бад нест. Худо тундфеъл нест, ки Худро идора карда натавонад. Ғазаби ӯ аз табиати пок ва муқаддаси Ӯ бармеояд. Айнан ҳамон тавре ки мо аз калламуши мурдаи пӯсидаистода нохуш будем, Худо аз гуноҳ нохуш аст. Ӯ ғамгин аст. Худо Заминро ба вуҷуд овард, то ки он барои зист ҷои хубе бошад, аммо гуноҳ ҷиҳатҳои бисёри зиндагиро нопок кардааст. Гуноҳ офариниши комили Худоро вайрон кардааст. Дар офариниши ибтидоии Худо дард, азоб, ғам, хафагӣ, нопокӣ, бӯйҳои бад, зулм, бадмастӣ, заминҷунбиҳо ва ҷангҳо набуданд. Гуноҳ мисли як қатра заҳри қотил дар хӯроки лазиз ва бомаза аст. Танҳо як гуноҳ барои нопок кардани ҳама чиз кофӣ буд. Мисли он ки ҳангоми одамро газидани мор заҳри он ба тамоми бадан таъсир мекунад, гуноҳ низ ба вуҷуди инсонӣ пурра таъсир кард. Вақте ки инсон гуноҳ мекунад, ӯ, илова бар шикастани қонун, бар хилофи табиати поки Худо рафтор мекунад. Барои ҳамин Навишта мегӯяд:

> *...ғазаби Худо бар писарони саркашӣ меояд.* **Эфесусиён 5:6б**

Одаму Ҳавво дастурҳои Худоро сарфи назар карда, ба Ӯ беитоатӣ карданд. Беитоатӣ ба Худо маҳз гуноҳ аст.

> *...ғазаби Худо аз осмон зоҳир мешавад бар ҳар гуна худонотарсӣ ва бадкирдории одамон...* **Румиён 1:18**

Инсон ба гуноҳ нишона (этикетка) часпонда, онро ночиз ё бад, безарар ё зиёновар, хурд ё калон меномад. Аммо барои Худо ҳатто хурдтарин гуноҳ дорои бӯи бади нафратовар аст. Ин заҳри қотил бар зиёфати Ӯст.

Сониян, айнан ҳамон тавре ки бӯи бади калламуш ману занамро маҷбур кард, то дар хонаи дигар хоб кунем, ва ҳамон тавре ки Андрей калламушро аз ҳузураш дур партофт, Худо Худро аз дидори инсони гуноҳкор дур кардааст. Китоби Муқаддас мегӯяд:

> *Балки гуноҳҳои шумо дар миёни шумо ва Худои шумо ҷудоӣ андохтааст, ва хатоҳои шумо рӯи Ӯро аз шумо пӯшидааст, то ки нашунавад.* **Ишаъё 59:2**

Ман аллакай суханони мардумро шунида будам, ки мегӯянд: Худо аз мо хеле дур аст. Онҳо гуфтаҳои Китоби Муқаддасро тасдиқ мекунанд, ки мегӯяд: мо аз Худо ҷудо шудаем. Навиштаҳо мегӯянд, ки мо барои

Офаридгорамон бегона, душман шудаем:

> *...шумо...замоне...бегона ва душман будед...* **Куласси<U+0451>н 1:21а**

Қуддусият набудани гуноҳро металабад. Агар Худо ба инсони гуноҳкор иҷозат диҳад, ки ба тозагии пурҷалоли ҳузураш ворид шавад, ин монанди роҳ додани бис<U+0451>р калламушҳои пӯсида аст, ки зинда шуда ба хона медароянд, ва дар қолини зебову тоза дигар ҷои пок нахоҳад монд. Тамоми хона ифлос хоҳад шуд. Айнан ҳамин тавр, Худои комил наметавонад роҳ диҳад, ки гуноҳ ба ҳузураш би<U+0451>яд, зеро Навишта мегӯяд:

> *Чашмони Ту он қадар пок мебошанд, ки наметавонӣ бадиро бубинӣ ва ба палидӣ назар андозӣ.* **Ҳаббақуқ 1:13а**

Ин моро ба пункти сеюм, ки дар мисоли ҳикояи калламуши мурда намоиш дода шуд, мерасонад. Мувофиқи он чи Худо муқаррар кардааст, то ба кай мо метавонем берун аз ҳузураш монем? Ҷавобаш басо равшан аст: то абад! Гуноҳ оқибатҳои тамомнашуданӣ ва абадӣ дорад. Чунон ки мо на ҳафтаи оянда ва на соли оянда бо калламуши мурда зиндагӣ кардан намехоҳем, Худо низ ҳаргиз намехоҳад дар ҳузури гуноҳ зиндагӣ намояд.

Инҳоянд хабарҳои хеле бад! Аммо хонишро идома диҳед – хабарҳои хуш шуморо дар пеш интизоранд. Ҳоло бошад, фаҳмидани Навиштаи Муқаддас аҳамият дорад, вақте мегӯяд, ки муносибат байни Худо ва одам мурда аст, ва ин раднашаванда аст. Муносибат қатъ гардид – он мурда аст.

## 3. Марги ҳаловати оянда – марги дуввум

(ҷудоии абадӣ байни рӯҳи инсон ва Худо)

Ҳангоме ки ҷуфти ҷавон бо ҳам номзад карда мешаванд, онҳо дар хусуси хушиҳои оиладоршавии оянда орзуҳо мекунанд. Онҳо дар бораи ҷое ки дар он зиндагӣ кардан мехоҳанд ва дар бораи тамоми чизҳое ки бо ҳам хоҳанд ба амал овард, сӯҳбат мекунанд. Аммо агар онҳо аҳди номзадиро барҳам диҳанд, муносибат хотима ме<U+0451>бад ва тамоми нақшаҳоиояндаи онҳо гӯ<U+0451> мемиранд.

Мувофиқи Навишта, Худо барои инсон маскани зебоеро баъд аз маргаш муҳай<U+0451> кардааст. Онро осмонҳо меноманд. Ин як ҷоест тасввурнашаванда, ки Худо онро барои ҳаловати одам тай<U+0451>р кардааст. Зиндагии абадӣ қисми ин нақша аст. Барои инсон аз гуноҳ, аз азобҳо ва марг озод будан бениҳоят хуб мешавад.

Чунон ки зиндагии абадӣ вуҷуд дорад, марги абадӣ низ вуҷуд дорад. Дар Китоби Муқаддас марги абадӣ ҳамчунин марги дуввум номида шудааст, ки он баъд аз марги ҷисмонӣ фаро мерасад. Он насиби касоне хоҳад буд, ки дар осмонҳо нахоҳанд буд. Мувофиқи Навишта, ин мардум ба кӯли оташ, ҷое ки Худо махсус барои шайтон ва фариштагонаш муҳайё кардааст, хоҳанд рафт.

*Ва тахти бузурги сафед ва нишинандаи онро дидам... Ва мурдагонро, хурдон ва бузургонро дидам, ки дар пеши тахт истодаанд, ва дафтарҳо кушода шуданд; ва дафтари дигаре кушода шуд, ки дафтари ҳаёт аст; ва мурдагон... доварӣ карда шуданд ...ба кӯли оташ партофта шуданд. Кӯли оташ марги дуюм аст. Ва ҳар кӣ дар дафтари ҳаёт навишта нашудааст, ба кӯли оташ партофта шуд.*

**Ваҳй 20:11-12,14,15**

Китоби Муқаддас дар бораи касоне мегӯяд, ки зинда ба зинда ба кӯли оташу азоб андохта мешаванд[а]... ва шабу рӯз то ба абад азоб мекашанд[б]. Он ҷои азоб, ғам ва ғусса хоҳад буд[в]. Навишта дар бораи ин чизҳо нақл мекунад: кирмҳо[г], торикиҳои амиқ, гиряҳо ва ғиҷирроси дандонҳо[д], одамоне ки сахт ташна шудаанд[е], ва зиндагии заминии худро ба хотир оварда, аз таҳти дил орзу мекунанд, ки наздиконашон ба ин ҷои даҳшат наоянд. Ин ҷои азоби танҳоист, на ҷашни айшу ишрат бо дӯстон.

а. Ваҳй 19:20. Агарчи ҷисм мемирад, рӯҳ зистанро давом медиҳад.
б. Ваҳй 20:10.
в. Забур 114:3.
г. Марқус 9:48.
д. Матто 8:12; 22:13; 25: 30.
е. Луқо 16:24.

*Валекин тарсончакон ва беимонон ва гуноҳкорон ва палидон ва одамкушон ва фосиқон ва ҷодугарон ва бутпарастон ва ҳамаи дурӯғгӯёнро – насибашон дар кӯлест, ки бо оташ ва кибрит месӯзад; ин марги дуюм аст.* **Ваҳй 21:8**

Мо дар боби оянда дар хусуси қисмати инсон маълумоти бештар пайдо хоҳем кард.

## Табиати гуноҳолуд

Тамоми насли Одам зери ҳукмронии гуноҳ ва марг афтоданд, чунки инро ба воситаи падар мерос гирифтанд. Чунон ки дарахти себ себ меоварад ва гурба гурбаҳоро ба миён меоварад, одами гуноҳкор одамони гуноҳкорро ба дунё меоварад.

*Пас, чунон ки ба воситаи як одам гуноҳ ба ҷаҳон дохил шуд ва бо гуноҳ марг омад, ончунон низ ба ҳамаи одамон гузашт, чунки ҳама гуноҳ карданд.* **Румиён 5:12**

Ба сабаби гуноҳи Одам тамоми насли ӯ соҳиби табиати гуноҳолуд шуд. Ва азбаски Одам мурд, тамоми наслҳои оянда низ хоҳанд мурд[3].

Бисёр вақт рӯйхати ҷиноятҳоро ба калимаи гуноҳ баробар медонанд, аммо Навишта мегӯяд, ки маънои он хеле чуқуртар аст. Инсон соҳиби табиати гуноҳолуд аст. Онро бисёр вақт табиати Одам меноманд. Ин табиат ҳолати вуҷуди инсон аст. Масалан, табиб ба яке аз дӯстонам мегӯяд, ки ӯ ба бемории дил гирифтор аст. Ин ҳолат ба воситаи нишонаҳо ошкор мешавад. Ҳангоме ин дӯстам бар зинаҳо боло шуда, наздам меояд, ӯ нафасгир мешавад ва рӯяш сурх мегардад. Дар вақти даркорӣ ӯ бояд як дона доруи нитроглисеринро зери забон монад. Ба монанди ин, гуфтан мумкин аст, ки ҳар инсон ҳолате дорад, ки табиати гуноҳолуд ном дорад. Корҳои бади мо нишонаҳои ҳолати гуноҳолуди мо мебошанд.

## Худои ростгӯй

Мо мавзӯи маргро каме дарднок меёбем, аммо бояд фаҳмид, ки Худо кӯшиш намекунад мавзӯъҳои номаъқулро зебо гардонад. Ӯ суханонашро дигаргун намекунад ва ҳақиқатро рӯирост мегӯяд. Гуноҳ ва марг ду чизест, ки тамоми одамон инҳоро доранд ва мо ба шунидани он чи Навиштаҳо дар ин бора мегӯянд, эҳтиёҷ дорем. Гуфтани ҳақиқат яке аз хусусиятҳои Худои комил мебошад.

## Оё мо ҳангоми таваллуд шудан табиати тоза дорем?

Имрӯзҳо фикре ки кӯдакон ба дунё комил ва бегуноҳ меоянд, машҳур гардидааст. Аммо Китоби Муқаддас оид ба ин масъала чӣ мегӯяд? Оё мо ҳангоми таваллуд шудан дар ҳақиқат табиати тоза дорем?

Мувофиқи суханони пайғамбар Довуд, ки қисми назарраси Навиштаро сабт намудааст, ҷавоб ба ин савол **не** аст:

> *Инак, ман дар гуноҳ офарида шудаам, ва модарам дар гуноҳ ба ман ҳомила гардидааст.* **Забур 50:7**

Мувофиқи суханони пайғамбар Айюб, ки китобаш дар Каломи Худост, низ ҷавоб **не** аст:

> *Кист, ки тавонад аз чизи нопок чизе поке берун оварад?*
> **Айюб 14:4**

Ҳатто таҷрибаи шахсии хаётии шумо нишон медиҳад, ки ин чунон нест:

> *Ҷангу ҷидол дар миёни шумо аз куҷост? Оё на аз ҳавасҳои шумост, ки дар узвҳои бадонатон меҷанганд?* **Яъқуб 4:1**

Оё ба падару модарони мо лозим меомад, ки дурӯғ ва беитоатиро, худхоҳ ва ҷангҷӯ буданро ба мо ёд диҳанд? Ҳаргиз не! Моро лозим наомад, ки ин чизҳоро ёд гирем, зеро мо ин корҳоро табиатан мекунем.

Гуноҳ мисли касалии сирояткунанда аст. Мувофиқи Навишта, табиати гуноҳолуди Одам (иборат аз аломатҳо ва оқибатҳои он) ба тамоми одамон паҳн шудааст.

Мардуми Сенегал, дар Африқои Шарқӣ, зарбулмасалҳои бисёр доранд, ки ин ҳақиқатро намоиш медиҳанд:

- ❖ Вабо ягон касро фаро гирифта, бо ин шахс маҳдуд намешавад.
- ❖ Ғизоли ҷастухезкунанда насли хазанда намеоварад.
- ❖ Калламуш он чиро, ки чуқур кофтан натавонад, ба дунё намеоварад.
- ❖ Ҳатто агар чӯб муддати зиёд зери об шавад ҳам, он ҳаргиз тимсоҳ намешавад.

Азбаски Одам гуноҳ кард, тамоми фарзандонаш табиати гуноҳолудашро ба мерос гирифтанд.

**Мутахассисони соҳаи генетика чиро муайян намуданд?**

Дар нашрияи NEWSWEEK (1988), Стивен Ҷэй Гоулд, мутахассиси палеонтология дар Ҳарвард, мақолаеро бо номи “ *The Search for Adam and Eve*“[4] (Дар ҷустуҷӯи Одаму Ҳавво) навиштааст. Инак иқтибосе аз он: “*Ин моро водор месозад ҳақиқатеро фаҳмида гирем, ки ҳама одамон, бо вуҷуди фаркҳои зоҳирӣ, аъзоёни моҳияти ягона ҳастанд, ки дар як ҷой ба вуҷуд омадааст. Як навъ бародарии биологии хеле амиқтар аз он ки мо ба худ тасаввур карда метавонистем, вуҷуд дорад*”.

Мувофиқи суханони муаллифи ин мақола, “*...мутахассисони соҳаи биологияи молекулярӣ ... генҳои халқҳои гуногуни ҷаҳонро тафтиш намуда, кашф кардаанд, ки КДН-и онҳо ба модари ягона мебарад, ки тамоми нажоди инсонӣ аз вай пайдо шудаанд... Ҳеҷ як фарқ байни нажодҳо вуҷуд надорад*”.

Навишта мегӯяд:

> *Одам зани худро Ҳавво ном гузошт, зеро вай модари ҳамаи зиндаҳо шуд.*
> **Пайдоиш 3:20**

Дертар, дар соли 1995, дар як мақолаи кӯтоҳ дар нашрияи TIME[5] гуфта шуда буд, ки олимон исбот намудаанд, ки “як Одам”-и нахустпадар вуҷуд дошт, ки масолеҳи генетекии хромосомаҳояш барои тамоми намояндагони аҳли замин як мебошад”.

Навишта мегӯяд:

> *Ҳамаи халқҳои одамизодро Ӯ аз як хун ба вуҷуд овардааст, то бар тамоми рӯи замин сокин шаванд...*
> **Ваҳй 17:26а**

Ин омӯзишҳо дар бораи КДН-и инсонӣ хулоса медиҳанд, ки мо ҳама аз як мард ва як зан бармеоем. Баъзе олимон бо ин хулосаҳо розианд, дигарон не. Ба ҳар ҳол, ҷолиб менамояд, ки натиҷаҳои ин омӯзишҳо бо Каломи Худо мувофиқат доранд. Ин ва дигар кашфиётҳои мисли ин, ки дар соҳаи биологияи молекулярии замонавӣ карда мешаванд, он чиро ки Китоби Муқаддас дар давоми садсолаҳо баён мекард, тасдиқ менамоянд: мавҷудоти инсонӣ байни ҳам робитаи хешовандии хеле наздик доранд.

# Боби панҷум

1. Парадокс
2. Кафорат
3. Ҳанӯхи пайғамбар
4. Нӯҳи пайғамбар
5. Бобил

# 1. Парадокс

Дар бобҳои аввал мо баъзе тасаввуротҳоро дар бораи табиати Худо ба даст оварда будем. Дар давоми омӯзиш мо дар бораи Худо бештар маълумот пайдо мекунем, аммо ҳоло ба мо лозим аст чанде аз хислатҳои Худоро ба назар гирифта, бинем, ки чӣ тавр инҳо ба ҳолати нави инсон робита доранд.

Фаҳмидан фоида дорад, ки чунон ки Худо қонунҳои табиатро барои идоракунии олам ба вуҷуд овард, Ӯ қонунҳои рӯҳониро низ барои идоракунии муносибатҳоямон бо Ӯ ба вуҷуд овардааст. Дониши қонунҳои химия ва физика ба мо иҷозат медиҳад, то дунёеро, ки дар он зиндагӣ мекунем, фаҳмем. Айнан ба монанди ҳамин, дониши қонунҳои рӯҳонӣ ба мо ёрӣ медиҳад, ки маънои зиндагию маргро фаҳмем. Ин қонунҳо барои фаҳмидан осонанд. Аввалан, ба ҳолати инсон назар меандозем.

### Мушкилии инсон

Дар замонҳои қадим, дар Шарқи Наздик, вақте кас қарз мегирифт, забонхат менавишт. Ин забонхат ба ҳар ду тараф маблағи пардохтро ёдрас мекард. Агар қарздор қарзро пардохта наметавонист, мувофиқи қонун ҳамчун ҷинояткор ҳукм карда мешуд. Ба ҳамин сурат, Навишта таълим медиҳад, ки ҳар як гуноҳ қарзест дар назди Худо. Он бояд пардохта шавад. Инак, дар назди мо қонунест бо номи:

> *... қонуни гуноҳ ва марг...* **Румиён 8:2б**

Ин қонун мегӯяд:

> *Ҷоне ки гуноҳ карда бошад, мемурад...* **Ҳизқиёл 18:20а**



Саволе ба миён меояд: оё мо ин қарзро пардохта метавонем? Бале, мо онро пардохта метавонем. Азбаски гап дар сари марги абадист, пас пардохти ин қарз ҳам абадан давом мекунад. Барои нобуд кардани қарз мо бояд тамоми оқибатҳои маргро, яъне се ҷиҳати онро аз сар гузаронем – ҷудоӣ аз Худо, марги ҷисмонӣ ва ҳалокати абадӣ дар дӯзах. Бояд гуфт, ки аксари мардум ба пардохтани арзиши он хоҳиш надоранд. Мушкилӣ дар ин аст, ки мо бояд онро пардохт кунем; ин қарзи мост. Одамизод дар вазъияти аламовар аст.

## Ду ҷиҳат

Мушкилии инсон ду ҷиҳат дорад, айнан мисли тангае ки ду тараф дорад:

- ❖ **Мо чизе дорем, ки буданашро намехоҳем**, яъне табиати гуноҳолуд. Оқибати гуноҳ айбдорӣ, шарм, ғам, ҷудоӣ аз Худо ва, дар охир марги дуввум аст.
- ❖ **Ба мо чизе лозим аст, ки онро надорем**, яъне камолот. Мо эҳтиёҷманди он дараҷаи камолот ҳастем, ки ба мо рухсат хоҳад дод, то дар ҳузури Худо зиндагӣ кунем.

Чӣ тавр кас метавонад аз гуноҳ халос шавад? Ва чӣ тавр метавонем камолоти ба Худо писандро ба даст оварем, то ба ҳузураш қабул гардем?

Дар ибтидо Худо одамро комил офарид, то ӯ дар ҳузураш зиста тавонад. Аммо вақте ки одам беитоатӣ кард, тамоми вуҷудаш тағйир ёфт. Ӯ табиати комилро, ки ӯро дар назари Худо писанд мегардонид, аз даст дода буд. Акнун чӣ тавр ӯ онро дубора ба даст оварда метавонад, то дубора дар ҳузури Худо писанд афтад?

Моро лозим аст, ки ин саволҳоро дар давоми мутолиаи Навиштаҳо дар хотир дошта бошем.

## Вазъияти Худо

Барои фаҳмидани вазъияти Худо бояд аз ҷумлаи дигар хислатҳои табиаташ ду хислатро ба назар гирем:

### 1. Комилан Одил

Мо аллакай дидем, ки Худо комил ва бегуноҳ аст. Ин маънои онро дорад, ки Ӯ ҳаққ ва одил аст.

*Ӯ Кӯҳпора аст, амали Ӯ комил аст, зеро ки ҳамаи роҳҳои Ӯ*

*росткорона ҳастанд; Ӯ Худои боваринок аст ва ноинсофӣ надорад, Ӯ одил ва ҳаққонист.* **Такрори Шариат 32:4**

Худоро довари одил мебошад, зеро Ӯ тамоми дунёро ба таври боинсофона мебинад. Ӯ қонуни Худро ба таври боинсофона пешкаш мекунад. Дар рӯи замин мо метавонем ҷиноятеро пинҳон дорем, барои пинҳон кардани он дурӯғ гӯем, ба довар як тӯҳфа пешкаш кунем, ё бо ягон роҳ кӯшиш намоем, ки ба даст наафтем. Аммо ҳеҷ як қонуншикан аз адолати Худо гурехта наметавонад.

*Зеро ҳар амалро Худо ба доварӣ меоварад, ҳар амали ниҳониро низ, хоҳ нек бошад, хоҳ бад.* **Воиз 12:14**

Адолат ва инсоф хислатҳои асосии табиати комили Худо мебошанд.

*Адолат ва инсоф асоси тахти Туст.* **Забур 89:15а**

Азбаски Худо комил аст, дилпур будан мумкин аст, ки довариҳои Ӯ боинсофона мебошанд. Ин ба мо маъқул аст. Аммо ин барои мо хабари нохуш низ ҳаст. Адолати комили Худо мехоҳад, ки сахтии ҷазо ба сахтии ҷиноят мувофиқ ояд. Пас, сахтии ҷиноятро дар назари Худо бо сахтии ҷазо, ки Ӯ барояш талаб мекунад, фаҳмидан мумкин аст. Мо аллакай дидем, ки мувофиқи Навишта, қарзеро, ки ба гуноҳ алоқа дорад, фақат бо марг дар се ҷиҳати он пардохтан мумкин аст.

Ҳамин аст хабари нохуш барои мо. Хушбахтона, хислати дигари Худо низ вуҷуд дорад.

## 2. Муҳаббати комил

Бале, Худо комилан одил аст, вале Ӯ муҳаббат низ мебошад. Дӯст доштан дар табиати Ӯст.

- ❖ Ҳангоми офаридани ҷаҳон бо ғамхорӣ ва навозиш Худо як навъ муҳаббаташро зоҳир намуд.

- ❖ Сипас, Ӯ муҳаббати чуқуртар – муҳаббатеро, ки лоиқаш набуданд, нишон дод. Вақте ки сухан дар бораи ин навъ муҳаббат меравад, калимаҳои файз, марҳамат, некӣ ва дилсӯзӣ ба кор бурда мешаванд. Ҳамчун гуноҳкор мо сазовори некии Худо нестем. Вале бо вуҷуди гуноҳкор буданамон, Ӯ моро дӯст медорад. Азбаски Худо комил аст, беш аз ҳар каси дигар файзу марҳаматро нишон дода метавонад.

## Парадокс[1]

Инак мо дар рӯ ба рӯи парадокс қарор дорем: барои тамоман одил будан Худо бояд пардохти музди гуноҳро талаб кунад; мо бояд бимирем; аммо азбаски Худо муҳаббат аст, Ӯ ҳеҷ хоҳиши нобуд кардани моро надорад. Ин ду сифат аҳамияти баробар доранд. Адолати Худо аз муҳаббати Ӯ бузургтар нест. Пас, чӣ тавр Худо дар ҳоли Худои муҳаббат будан адолаташро нигоҳ дошта метавонад?

Аввалан, Худо ҳар гуноҳро маҳкум мекунад, чи дар ин ҷо дар замин ва ё баъд аз марги ҷисмонӣ. Ҳеҷ шубҳае дар ин ҷо вуҷуд надорад. Ҳамаи мо бояд як рӯзе бимирем.

> *Мо, охир, ҳатман мемурем, ва монанди обе мешавем, ки ба замин рехта мешавад, ва онро дигар ҷамъ кардан мумкин нест.*
>
> **2Самуил 14:14а**

Аммо ин ҷо хислати дигари Худо ба фаъолият медарояд. Зеро Худо муҳаббат аст.

> *Худо ... тадбирҳо меандешад, то ки рондашудае аз Ӯ ронда намонад.* **2Самуил 14:4б**

Дуруст аст, ки Худо мегузорад, то баданҳои ҷисмонии мо бимиранд. Аммо дар айни замон Худо дар муҳаббати Худ ба мо воситае низ медиҳад, ки бо он мо аз ҷиҳатҳои ҷовидонии ҷазои марг раҳоӣ ёфта метавонем. Дар айни замон, Ӯ моро дар назари Худ мақбул мегардонад, то мо аз нав дар ҳузури Ӯ зиндагӣ карда тавонем. Чӣ тавр Худо метавонад гуноҳро маҳкум карда, дар айни замон ба мо фурсати раҳо шудан аз марги абадиро диҳад? Чӣ тавр Ӯ, бе ин ки моро маҳкум кунад, гуноҳро маҳкум карда метавонад? Дар бобҳои оянда мо ин саволҳоро аз назар мегузаронем.

## Ҳавобаландӣ

Охирин чиз пеш аз давом додан ин аст: Сухани Худо мегӯяд, ки ҳавобаландӣ сабабгори исёни шайтон буд. Имрӯз инсон фахр карданро чизи хуб меҳисобад; аммо Китоби Муқаддас мегӯяд, ки ҳавобаландӣ ба инсон монеъ мешавад, то назди Худо омада, мадад дархост намояд. Бисёр вақт кас беҳад ҳавобаланд аст, то фурӯтан шуда эътироф намояд, ки ба Худованд эҳтиёҷ дорад.

> *...Худо ба ҳавобаландон муқобилат мекунад, вале ба фурӯтанон файз мебахшад.* **1Петрус 5:5б**

# 2. Кафорат

Баъд аз хӯрдани мева Одаму Ҳавво худро бо баргҳои анҷир пӯшониданд. Ҳатто бо ин либосҳо Одам ба Худо гуфт, ки худро луч ва бараҳна ҳис мекунад. Сабабе барои ин ҳаст. Навишта мегӯяд:

> *Он чи одам мебинад, ҳеҷ аст, зеро одам фақат он чиро, ки ба чашм намоён аст, мебинад, вале Парвардигор он чиро, ки дар дил аст, мебинад.* **1Самуил 16:7б**

Худо Одаму Ҳавворо, новобаста ба кӯшишҳои сусти пинҳон кардани худашон, кушоду равшан медид; Ӯ дилҳои онҳоро медид. Навишта мегӯяд, ки Худо амали Одаму Ҳавворо барои беҳтар кардани вазъияташон рад кард. Баргҳо бараҳнагии Одаму Ҳавворо мепӯшонданд, аммо дилҳои онҳо аз гуноҳ пур шуда буданд. Худо ба онҳо фаҳмондан хост, ки инсон барои ҳал кардани масъалаи гуноҳ, чи аз дарун ва чи аз берун, ҳеҷ коре карда наметавонад. Пас Худо либосҳои баргҳои анҷирро мақбул надонист.

## Пӯшок

Танҳо Худо либоси қаноатбахш муҳайё карда метавонист. Ӯ ҳайвонҳоеро кушт ва:

> *...барои Одам ва зани ӯ либос аз пӯст сохт ва онҳоро пӯшонд.*
> **Пайдоиш 3:21**

Ин намунаи аёнии он буд, ки *оқибати гуноҳ марг аст*. Одаму Ҳавво пеш ҳеҷ вақт маргро надида буданд. Шубҳае нест, ки дидани хуни бар замин рехташуда, нафаси қатъшудаи ҳайвонҳо, чашмони шишамонанд – ва ниҳоят, фаҳмидани бебозгашт будани марг барои онҳо таҷрибаи хеле даҳшатнок буд. Худо ҳамон вақт барояшон воқеияти даҳшатноки маргро нишон дод. Ҳайвонҳо мурда буданд, то ки Одаму Ҳавво пӯшонида шаванд.

## Рондашудаҳо

Агарчи инсон гуноҳ карда буд, ӯ ҳанӯз ҳам дар боғ буд ва дарахти ҳаёт дастраси ӯ буд. Агар ӯ аз меваи он дарахт мехӯрд, абадан зинда монда метавонист. Бинобар ин Худо Одаму Ҳавворо аз боғ берун ронд.

> *Ва Парвардигор Худо гуфт: "Инак, Одам монанди яке аз Мо* гардидааст ва неку бадро мешиносад; ва акнун мабодо дасти худро дароз кунад, ва аз дарахти ҳаёт низ гирифта хӯрад, ва то абад зинда монад".*

*Ва Парвардигор Худо ӯро аз боғи Адан берун кард, то дар замин, ки аз он гирифта шудааст, кор кунад.*

*Ва Одамро берун ронд, ва ба тарафи шарқии боғи Адан каррубиёнро, ва шамшери оташбори чархзанандаро гузошт, то роҳи дарахти ҳаётро нигаҳбонӣ кунанд.*

**Пайдоиш 3:22-24**

* Ба калимаи "мо" диққат диҳед. Азбаски Китоби Муқаддас ба таври равшан изҳор менамояд, ки танҳо як Худо ҳаст, пурсидан мантиқист, ки Худо ба кӣ мурочиат мекунад, ҳангоме мегӯяд: "...Одам монанди яке аз Мо гардидааст"? Мо дертар дар ин китоб дар ин хусус гап мезанем.

Вақте Худо ба Одаму Ҳавво нагузошт, ки аз меваи дарахти ҳаёт хӯранд, Ӯ барояшон марҳамат нишон дод. Ӯ намехост, ки инсон ба сурати абадӣ дар ҳоли гуноҳ монад. Оё ба худ тасаввур мекунед, ки агар тамоми бадкорони ҳамаи асрҳо ҳоло зинда мебуданд, ҳолати дунё имрӯз чӣ гуна мебуд? Худо одамро аз боғ бадар ронда, натиҷаҳои гуноҳро бо вақт маҳдуд кард – бо марги бадан. Аммо Худо тарафи дигари маргро медид. Ӯ мехост одамонро аз марги дуввум – кӯли оташ раҳо кунад.

## Қобил ва Ҳобил (ба нақшаи таърихии саҳ. 180, 181 назар кунед)

*Ва Одам бо зани худ Ҳавво хобид; ва ӯ ҳомила шуда, Қобилро зоид, ва гуфт: "Мардеро аз Парвардигор пайдо кардам". Ва боз бародари ӯ, Ҳобилро зоид...*

**Пайдоиш 4:1,2а**

Қобил ва Ҳобил, ҳар ду берун аз боғи Адан таваллуд шуданд. Онҳо табиати гуноҳолуди падарашонро ба мерос гирифтанд, ва аз сабаби гуноҳ мисли падару модарашон аз Худо ҷудо буданд. Бинобар ин, мувофиқи қонуни одилонаи Худо, онҳо низ бояд аз барои гуноҳи худ мемурданд.

Дар айни ҳол, Худо онҳоро дӯст медошт. Дар марҳамати Худ, Ӯ барояшон воситаеро дод, ки бо ёрии он аз доварӣ раҳо мешуданд. Ин восита ду ҷиҳат дошт:

## Ҷиҳати species дарунӣ – боварӣ ба Худо

Қобил ва Ҳобил бояд фақат ба рост будани гапҳои Худо бовар карда, ба Ӯ таваккал менамуданд. Масалан, Худо ба Одаму Ҳавво ваъда дода буд, ки НАҶОТДИҲАНДА сари шайтонро хоҳад кӯфт ва онҳоро аз оқибатҳои гуноҳ халос хоҳад кард. Оё ин мумкин буд? Оё ин рост буд? Оё Худо ҷиддӣ мегуфт? Ҳам Қобил ва ҳам Ҳобил шахсан бояд қарор мекарданд, ки оё ба суханҳои Парвардигор бовар мекунанд ё не.

## Ҷиҳати берунӣ – кӯмаки ба назар намоён

Худо ҳамчунин мехост ба Қобилу Ҳобил чизеро, ки гуноҳро аз ҷаҳон бардошта метавонад, нишон диҳад.

Ӯ ёрии дидашавандаи басо пуртаъсирро истифода бурд. Омӯзиши амиқтари Навиштаҳо моро ба фаҳмидани ин мерасонад: ба назар мерасад, ки Худо ба Қобилу Ҳобил дастурҳои махсуси амалро додааст. Онҳо бояд ҳайвонро гирифта, кушта, гузоранд, ки хунаш бар қурбонгоҳ резад. Чаро Худо инчунин дастурҳои равшанро дода буд? Навишта мегӯяд:

> *...бе рехтани хун бахшоиш нест.* **Ибриён 9:22б**

Ҳамин тавр Худо нишон медод ки қарзи гуноҳ ба ҳеҷ чиз, ҷуз марг, пардохта ё бахшида шуда наметавонад. Аммо чаро рехтани хун лозим буд?

> *Чунки ҷони ҷисм дар хун аст, ва Ман онро ба шумо барои қурбонгоҳ додаам, то ҷонҳои шуморо кафорат намояд; зеро ҳамин хун аст, ки ҷонро кафорат менамояд.* **Ибодат 17:11**

Мафҳуми қурбонии хун дорои ду ҷиҳат мебошад:

- ❖ **Қурбонии ивазкунанда:** Дуруст аст, ки инсон бояд барои гуноҳи худ бимирад; аммо акнун Худо, дар асоси баъзе воқеаҳои оянда, огоҳӣ медиҳад, ки ӯ марги ҳайвонро ба ҷои инсон қабул хоҳад кард. Гап дар бораи зиндагӣ ба ивази зиндагӣ буд. Беайб дар ҷои айбдор мемурд. Ин қурбонӣ анҷоми қонуни гуноҳу маргро барои қонеъ гардондани адолати Худо тасвир мекунад. Аммо оё ҳайвонро бе резондани хун, масалан онро буғӣ карда куштан мумкин набуд?

- ❖ **Кафорат:** Худо гуфта буд, ки хуни рехташуда кафорате барои гуноҳ буд. Маънои калимаи кафорат "пӯшонидан" аст. Хуни рехташуда гуноҳро мепӯшонад, ва Худо ба инсон нигариста гуноҳро намебинад. Инсон росткор шинохта мешавад ва Худо ӯро қабул мекунад. Ҳамин тавр муносибатҳои онҳо дубора барпо хоҳанд шуд. Инсон марги ҷисмониро аз сар мегузаронад, аммо оқибатҳои абадӣ – ҷудоии абадӣ аз Худо ва ҷазои кӯли оташ – ба ӯ дахл нахоҳанд дошт.

Инсон бо боварии худ ба Худо, ки дар марг ва хуни кафоратии ҳайвони ивазкунанда зоҳир мешуд, бахшида шудани гуноҳҳояшро соҳиб мешуд ва муносибатҳояш бо Худо барқарор мегардиданд.

Акнун, ҳангоме ки мо дастурҳои Худоро фаҳмидем, ба ҳикояи Қобилу Ҳобил бармегардем.

## Ду қурбонӣ

*Ва Ҳобил рамабон буд; ва Қобил зироаткор буд. Пас аз гузашти рӯзҳо, Қобил аз маҳсули замин ҳадияе барои Парвардигор овард. Ва Ҳобил низ аз нахустзодагони рамаи худ ва аз дунбаи онҳо ҳадияе овард.* **Пайдоиш 4:2б-4а**

Қобил ва Ҳобил ба Парвардигор қурбониҳо тақдим карданд. Ин чизро ба онҳо Худо фармуда буд. Худо мехост, ки Қобилу Ҳобил дар амал нишон диҳанд, ки ба сухани Ӯ ҳамчун ба ҳақиқат бовар мекунанд. Аммо як мушкилие пайдо шуд. Сарфи назар аз он ки ҳар ду қурбонӣ оварда буданд, як номувофиқатӣ буд.

Ҳобил ҳайвонеро оварда буд, ки онро куштан ва хунашро рехтан мумкин буд. Ин хуб буд. Ин ҳамон чизе буд, ки Худо мехост. Аммо Қобил аз самарҳои боғи худ овард. Сабзавоту меваҳо хун надоранд, ки рехта шавад. Қобил қурбонӣ овард, аммо он хуб набуд[2]. Ӯ ба Худо тафсири навбатии *баргҳои анҷирро* пешниҳод кард.

## Рад шудани қурбонӣ

*Ва Парвардигор Ҳобил ва ҳадияи ӯро писандид; аммо Қобил ва ҳадияи ӯро написандид.* **Пайдоиш 4:4б,5а**



Худо пешкаши Қобилро рад кард, зеро ӯ аз ду ҷиҳат аз дастурҳои Худо дур шуда буд:

Аввалан, корҳои ӯ нишон медиҳанд, ки ӯ воқеан ба суханони Худо бовар надошт. Дуввуман, ӯ барои дубора барқарор кардани муносибат бо Худо корро ба таври худ, бо такя бар ақли худ анҷом дод. Аммо маҳз Худо таври дуруст кардани муносибатҳо бо Худро муқаррар мекунад; Ӯ фикрҳои шахсии инсонҳоро аз ин ҷиҳат қабул намекунад. Кас метавонад беҳтарин ниятҳо дошта бошад, аммо самимият кофӣ нест – он наметавонад ҷариеро, ки байни Худо ва инсон вуҷуд дорад, аз байн барад.

Доштани фикри шахсӣ бисёр вақт сифати нек ҳисобида мешавад, ва то як андоза ин дуруст аст, вале на дар ин маврид. Бояд диққат дод, ки шахси мустақил хеле худпараст буда метавонад. Ҳангоме ки хоҳиши *бо фикри худ амал кардан* ба муносибатҳо таъсир мекунад – дар муайян кардани ҳақу ноҳақ будани кас, ва ҳатто дар тарзи идора кардан, – ҳодисаҳо хеле нохуш шудан метавонанд.

Қобил фақат бо фикри худ амал мекард. Ба монанди Одаму Ҳавво, ӯ дастурҳои Худоро ба назар гирифтан нахост. Қобил фикр мекард, ки ӯ чӣ будани хубро аз Худо беҳтар медонад.

## Писандидан

Ҳобил бошад ба Худо қурбонии мувофиқи талаби Ӯ, яъне ҳайвонеро, ки хунашро рехтан мумкин буд, тақдим намуд. Ҳобил барои гуноҳи худ маргро сазовор меҳисобид, аммо Худо, аз боиси марҳамати Худ, ҳайвонро қабул кард, то ба ҷои ӯ чун ивазкунанда бимирад. Ҳангоми ба Парвардигор тақдим кардани қурбонӣ, Ҳобил нишон дод, ки ба Худо таваккал менамояд, ва ба иҷрои ваъда дар бораи фиристодани НАҶОТДИҲАНДА, ки ӯро аз оқибатҳои даҳшатноки гуноҳ халос мекунад, боварӣ дорад. Албатта Ҳобил намедонист, ки НАҶОТДИҲАНДА вазифаи худро чӣ тавр ба ҷо хоҳад овард, аммо равшан аст, ки ӯ барои ҳал кардани масъалаи гуноҳаш ба Худо таваккал мекард.

> *Бо имон Ҳобил қурбоние беҳтар аз қурбонии Қобил ба Худо тақдим намуд; бо он ӯ шаҳодат пайдо кард, ки ӯ росткор аст, чунки Худо дар бораи ҳадияҳои ӯ шаҳодат дод...* **Ибриён 11:4а**

Ҳобил бо боварӣ назди Худо омада, қурбонии кафоратро барои пӯшидани гуноҳҳои худ овард. Ҳангоме Худо бар Ҳобил менигарист, Ӯ дигар гуноҳи ӯро намедид. Гуфтан мумкин аст, ки Ӯ гуноҳкор будани

Ҳобилро ба ҳисоб намегирифт. Дар чашмони Худо Ҳобил мисли як одами росткор ё комил буд ва акнун дар ҳузураш қабул шудан метавонист.

## Некии Худо

Табъи Қобил хира шуда буд:

> *Ва Қобил хеле ба хашм омад, ва сари худро поин кард. Ва Парвардигор ба Қобил гуфт: "Чаро ба хашм омадӣ? Ва чаро сари худро поин кардӣ? Агар некӣ мекардӣ, оё сари худро намебардоштӣ? Ва чун некӣ накардӣ, гуноҳ назди дар аст, ва хоҳони туст, вале ту бар вай ҳукмфармо шав".*
>
> **Пайдоиш 4:5б-7**

Худо кӯшиш кард, ки бо мулоимат ба Қобил нишон диҳад, ки ӯ дар роҳ сӯи фалокат аст – ва табиати гуноҳолудаш ӯро ба вайронӣ мебарад. Ӯ ба Қобил ишорат дод, ки агар мисли Ҳобил наздаш ояд, ӯ ҳам қабул шуда метавонад. Қобил ҷавоб надод. Ӯ қаҳр кард.

## Боз саволҳо

> *Ва Қобил ба бародари худ Ҳобил сухан гуфт. Ва ҳангоме ки онҳо дар саҳро буданд, Қобил бар бародари худ Ҳобил бархест, ва ӯро кушт. Ва Парвардигор ба Қобил гуфт: "Бародарат Ҳобил куҷост?"* **Пайдоиш 4:8,9а**

Чунон ки Худо ба Одаму Ҳавво баъд аз гуноҳ карданашон савол медод, Ӯ акнун ба Қобил саволҳо медиҳад. Худо эҳтиёҷ надошт, ки аз Қобил чӣ гап шуданро пурсад, зеро Ӯ тамоми чизҳоро медонад. Ӯ хеле дақиқ медонист, ки байни Қобил ва Ҳобил чӣ рӯй дод, аммо ба Қобил имконият дод, ки гуноҳашро эътироф кунад; лекин айнан мисли Одаму Ҳавво, суханони Қобил ҳолати дилашро ошкор мекард:

> **Қобил:** *"Намедонам; магар ман посбони бародарам ҳастам?"*
>
> **Худо:** *"Чӣ кор аст, ки кардӣ? Хуни бародарат аз замин сӯи Ман фарёд мезанад..."* **Пайдоиш 4:9б,10**

Гуноҳро пинҳон кардан ғайриимкон аст. Қобил бародарашро кушта буд ва акнун мехост инро рад кунад. Худо ба Қобил гуфт: "Ту айбдор ҳастӣ!" Дар матн ҳеҷ ишорае бар он нест, ки Қобил аз барои корҳояш пушаймон шуда бошад. Худо ӯро дар ҷояш нобуд карда метавонист, аммо аз боиси марҳаматаш, Ӯ Қобилро фақат аз вилояташ бадар ронд. Ҳамин тариқ, наҷоди инсонӣ оғози ҷанҷолӣ дошт.

**Шет** (ба нақшаи таърихии саҳ. 180, 181 назар кунед)

> *Одам боз бо зани худ хобид; вай писаре зоид, ва ӯро Шет ном гузошт; ва гуфт: “Зеро Худо насли дигаре ба ман муқаррар намуд, дар ивази Ҳобил, ки Қобил ӯро кушт”.*
>
> *Ба Шет низ писаре таваллуд шуд, ва ӯро Анӯш номид; дар он вақт ба хондани номи Парвардигор сар карданд.* **Пайдоиш 4:25,26**

Сарфи назар аз он ки Шет бо табиати гуноҳолуд таваллуд шуда буд, ӯ ба Худо таваккал мекард, айнан мисли Ҳобил, ки чунин карда буд. НАҶОТДИҲАНДА маҳз аз насабномаи Шет ва наслҳояш баромад. Худо ваъдаашро тасдиқ кард.

## Марг

Хуб! Вақте расидааст, ки Одамро ба канор гузорем. Навишта мегӯяд, ки ӯ соҳиби оилаи хеле калон гашт ва умри хеле дароз дида, вафот кард. Якчанд олимон пешниҳод мекунанд, ки ин натиҷаи эффекти гармхона буд, ки аз ибтидои офариниш вуҷуд дошт, ки одамонро аз шуоъҳои коинот маҳфуз нигоҳ медошт, ва имконият медод аз чунин давомнокии зиндагии ношуниданӣ, чунон ки ҳикоятҳои таърихӣ ёд мекунанд, баҳраманд бошанд. Дигар олимон мегӯянд, ки мутатсияҳои[3] харобкор ҳанӯз дар ҳолати ибтидоӣ буданд, ва ин ба одамон имкон медод, ки умри хеле дароз бинанд. Ҳатто агар ин назарияҳо арзиш дошта бошанд ҳам, олимон торафт бештар ба он ақида боварӣ мекунанд, ки давомнокии умр пешакӣ бо ҳудудҳои генетекӣ маҳдуд шуда буд. Имкон дорад, ки ин ҳудудҳо дар ибтидои офариниш васеътар буданд. Мо дертар мебинем, ки чӣ чиз инро тағйир дода метавонист. Сабабаш ҳар чи бошад ҳам, Китоби Муқаддас мегӯяд, ки суханоне ки Ӯ ба Одам гуфта буд, охир иҷро шуданд:

> *Ва рӯзҳои Одам пас аз таваллуди Шет 800 сол буданд, ва ӯ писарону духтарон ба дунё овард. Пас тамоми рӯзҳои умри Одам 930 сол буданд; ва ӯ мурд.* **Пайдоиш 5:4,5**

### Баъд аз мурдан бо Ҳобил чӣ шуд?

Агарчи Навишта возеҳ намегӯяд, ки рӯҳи Ҳобил баъд аз кушта шуданаш ба куҷо рафт, мо аз дигар қисматҳои Навишта медонем, ки баъд аз марг имондорон ба биҳишт мерафтанд, ҷое ки Худо онро барои тамоми касоне ки ба Ӯ боварӣ доранд, муҳайё кард. Баъзе донандагони Навишта фарқеро байни биҳишт ва осмон мегузоранд; аммо ҳама ба гуфтан розианд, ки ин ду ҷой дар замони ҳозира як ҳастанд.

Навиштаҳо маълумоти начандон зиёдеро дар бораи осмонҳо медиҳанд; шояд аз он сабаб ки ақли инсон маҳдуд буда ба фаҳмидани он нотавон мемонад. Худо ба яке аз пайғамбаронаш рухсат дод, то он чиро, ки дар осмонҳо ҳаст, бубинад. Ин мард калимаҳои дақиқеро барои шарҳ додани он чи дидааст, наёфта маҷбур шуд ба забони рамзҳо гузарад. Ба дунёе ки Худо фақат дар ҳафт рӯз офаридааст, нигариста, тасаввур намоед, ки Ӯ дар зарфи вақти беохир чӣ қадар корҳоро карда метавонист! Навишта тасдиқ мекунад, ки осмонҳо ҷои ҳақиқӣ, бо сокинони ҳақиқист. Осмонҳо монанди боғи Адан хоҳад буд, аммо бениҳоят хубтар.

Дар он ҷо инсон дигар табиати гуноҳолудашро нахоҳад дошт:

> *Ва ҳеҷ ҳароме, ва касе ки кори нафратовар мекунад ва дурӯғ мегӯяд, вориди он намешавад, балки фақат онҳое ки дар дафтари ҳаёт... навишта шудаанд.* **Ваҳй 21:27**

Инсон соҳиби росткории ба Худо писанд хоҳад буд. Замони дидани Худовандро пешдастӣ карда, Довуди пайғамбар навиштааст:

> *Ман дар росткорӣ рӯи Туро хоҳам дид;... аз сурати Ту сер хоҳам шуд.* **Забур 16:15**

Муносибат байни Худо ва инсон дубора барқарор хоҳад шуд.

> *Инак, хаймаи Худо бо одамон, ва Ӯ бо онҳо сокин мешавад; онҳо қавмҳои Ӯ мешаванд, ва Худи Худо бо онҳо Худои онҳо мешавад.* **Ваҳй 21:3б**

Зиндагӣ комил хоҳад шуд. Навишта мегӯяд, ки:

> *[Худо] ҳар ашкро аз чашмони онҳо пок мекунад, ва дигар на марг мешавад, на гиря, на фиғон, на дард; зеро он чи пештар буд, гузашт. Ва тахтнишин гуфт: "Инак, ҳама чизро нав месозам".* **Ваҳй 21:4,5а**

Дигар на маросими ҷаноза хоҳад буд, на муносибатҳои шикаста, на қабристонҳо. На хайрухушкуниҳои дилрешкунанда ва на касалхонаҳо, на бепаноҳон, на маъюбон, на саломатие ки вайрон мешуда бошад, ва на чӯбу таёқҳо.

Осмонҳо ҷои хушӣ ва лаззатҳои давомнок хоҳад буд:

> *... пуррагии шодиҳо ба ҳузури Туст, ва хушиҳо ба дасти рости Ту то абад мебошанд.* **Забур 15:11б**

Баданҳои мо дигар дар замону макон маҳдуд нахоҳанд шуд. Баръакс, маълум мешавад, ки кас метавонад дар як лаҳза аз як ҷо ба ҷои дигаре гузарад. Ҳамчунон касонеро, ки дар замин мешинохтем, хоҳем шинохт ва бо дигарон, ки дар бораашон мешунидем, шинос хоҳем шуд. Дар осмонҳо шаҳри калоне мешавад. Ҳисоботҳо тахмин мекунанд, ки агар ин шаҳр фақат ба 25%-и тавони худ маскун гардад, он ба осонӣ 20 миллиард нафарро паноҳ додан метавонад. Ин шаҳр Уршалими нав ном дорад:

> *... ва шаҳри бузург — Уршалими муқаддасро ба ман нишон дод, ки аз осмон аз ҷониби Худо фуруд меомад, ки вай ҷалоли Худоро дошт. Дурахши вай ба санги хеле гаронбаҳо монанд буд, мисли санги алмосе ки чун булӯр шаффоф аст; вай девори бузург ва баланде дошт, ва дувоздаҳ дарвоза дошт, ва бар онҳо – дувоздаҳ фаришта...* **Ваҳй 21:10а-12а**

> *Ва дарвозаҳои шаҳр рӯзона баста намешаванд, зеро дар он ҷо шаб намешавад.* **Ваҳй 21:25**

> *...ва кӯчаи шаҳр – зари холис, монанди шишаи шаффоф.*
> **Ваҳй 21:21б**

> *Ва дарёи покизаи оби ҳаётро ба ман нишон дод, ки чун булӯр дурахшон буда, аз ҷониби тахти Худо... ҷорӣ мешуд.*
> **Ваҳй 22:1**

Ин шаҳре хоҳад буд, ки ҳаргиз касе надидааст. Дар он ягон ифлосӣ ёфт нахоҳад шуд, на занге, на заъфе, на дузде ва на ҷинояткоре. Он дар тамоми ҷузъиёташ комил хоҳад буд. Тамоми сокинони осмонҳо абадиятро дар он хоҳанд гузаронид.

> *Ва шаб он ҷо намешавад, ва онҳо ба чароғ ва рӯшноии офтоб мӯҳтоҷ намешаванд, зеро Худо Худованд ба онҳо рӯшноӣ мебахшад; ва то абад подшоҳӣ мекунанд.* **Ваҳй 22:5**

Ин мавзӯъро бо ояте ба охир мерасонем, ки на фақат ба осмон робита дорад, балки фикри хубро дар бораи чизҳое ки Худо бароямон нигоҳ доштааст, ба мо медиҳад:

> *Он чиро, ки чашме надидааст, гӯше нашунидааст ва ба дили инсон наомадааст, Худо барои дӯстдорони Худ омода кардааст".* **1Қуринтиён 2:9**

**Шет ва Қобил киҳоро ба занӣ гирифта буданд?**

Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Одаму Ҳавво бачаҳо ва духтарони дигарро низ ба дунё оварда буданд. Дар назар дошта мешавад, ки дар он замони таърих, хоҳарон ва бародарон байни ҳам издивоҷ мекарданд. Ин никоҳҳо ҳеҷ таъсироти бадеро бар нажоди инсонӣ намеоварданд, зеро дар он замон даруни зарфи генетикие, ки фарзандон аз он сарчашма мегиранд, генҳои мутатсияшуда ҳанӯз вуҷуд надоштанд. Мо дертар мехонем, ки баъдтар Худо ин навъ издивоҷро манъ кард.

# 3. Ҳанӯхи пайғамбар




Дар Навишта дар бораи наслҳое, ки рост баъд аз таваллуди Шет ба дунё омадаанд, маълумоти кам аст. Яке аз он шахсоне ки кӯтоҳ ёд карда шудаанд, Ҳанӯх аст. Ҳанӯх марди худотарс буда, бовар мекард, ки фақат Худо ӯро аз оқибатҳои гуноҳ наҷот дода метавонад. Каломи Худо мегӯяд:

> *Ва Ҳанӯх пеши Худо роҳ рафт, ва нопайдо шуд, зеро Худо ӯро гирифт.* **Пайдоиш 5:24**

Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Ҳанӯх марди имон буд, ва Худо ӯро, бе он ки ӯ аз марги ҷисмонӣ гузарад, ба осмон гирифт. Чунин воқеа бо як шахси дигари Навишта низ рӯй дода буд. Дертар мо дар бораи бовари вай маълумоти бештар пайдо мекунем ва мефаҳмем, ки чаро барои ба Худо писанд афтодан боварӣ чизи асосӣ аст.

> *Бо имон Ҳанӯх тавре бурда шуд, ки маргро надид; ва ӯ дигар ёфт нашуд, чунки Худо ӯро бурд. Зеро пеш аз бурда шуданаш шаҳодат пайдо кард, ки ба Худо писанд омадааст. Аммо бе имон ба Худо писанд омадан мумкин нест; зеро ҳар кӣ сӯи Худо меояд, бояд имон дошта бошад, ки Ӯ ҳаст, ва ба ҷӯяндагони Худ мукофот медиҳад.* **Ибриён 11:5,6**

Ҷумлаи охир ин оятро бисёр хуб ба анҷом мерасонад: барои ба Худо наздик шудан мо бояд бовар кунем, ки Ӯ вуҷуд дорад ва мехоҳад ба мо нишон диҳад, ки чӣ тавр дубора бо Ӯ муносибатҳоямонро барқарор намоем.

# 4. Нӯҳи пайғамбар

Мардуми бисёр фикр мекунанд, ки Каломи Худо силсилаи беохири як қатор муъҷизаҳои ҳайратангез аст. Дар асл муъҷизаҳо на қоида, балки истисно буданд. Чандин садсолаҳо бе ин ки ягон чизи мӯъҷизанок рӯй диҳад, гузашта рафтанд. Навишта мегӯяд, ки баъди гузаштани камаш даҳ насл воқеаи назаррас ба амал омад. Дар тӯли зиндагии ин наслҳо муддати дарози замон гузашт ва аҳолии ҷаҳонӣ хеле зиёд шуд.

Садҳо сол гузаштанд, аммо Худо ваъдаи худро оид ба фиристодани НАҶОТДИҲАНДА фаромӯш накард. Дар ҳар насл касоне ёфт мешуданд, ки ба суханони Худо бовар мекарданд. Бо вуҷуди ин, агарчи аҳолии кураи замин зуд зиёд шуда буд, миқдори имондорон баробари он зиёд нашуда буд. Мувофиқи Китоби Муқаддас, танҳо миқдори ками одамон Худоро рад накарданд.

### Зулм

Инсон на фақат Худоро ба канор гузошт, балки нияти пайравӣ ба шайтонро дошт. Навишта мегӯяд:

> *Ва ПАРВАРДИГОР дид, ки бадкирдории одамизод дар замин бисёр аст, ва ҳамаи фикру андешаҳои дили ӯ ҳамеша фақат бад аст...*
>
> *Ва замин пеши Худо фосид шуд, ва замин аз ситам пур шуд. Ва Худо заминро дид, ки инак, он фосид шудааст: зеро ҳар башар роҳи худро бар замин фосид кардааст.* **Пайдоиш 6:5,11,12**

Мо қариб ҳар бегоҳ дар экранҳои телевизор ахборро тамошо карда мебинем, ки ҷаҳон пур аз худсарӣ, ҷанг ва зулму ситам аст. Инро дида, мо метавонем дар бораи ҳолати ҷаҳони он замон як андоза тасаввурот пайдо намоем. Навишта мегӯяд, ки инсоният комилан ба бадӣ дода шуда буд. Вайронӣ ва бетартибӣ ҳукмрон буданд. Ҷаҳон беҳад хатарнок гардида буд.

Илова бар он Китоби Муқаддас мегӯяд, ки мардум ниҳоят худпараст[3] шуда буданд. Каломи Худо барои инҳо дигар аҳамияте надошт. Онҳо ба нақшаи Худо аҳамият надода, барои худ фалсафаи ҳаётии махсуси худро сохтанд, ки берун аз ҳар хоҳиши наздик шудан ба Худованд буд. Инсон ҳатто кӯшиш намекард, ки муносибатҳояшро бо Худо барқарор кунад. Ӯ танҳо дар фикри бадӣ кардан буд.

> *Агарчи онҳо Худоро шинохтанд, Ӯро чун Худо ситоиш накарданд ва шукр нагуфтанд, балки хаёлоти онҳо ҳеҷ*

*гардиданд, ва дили бефаросати онҳо тира шуд. Худро хирадманд номида, аҳмақ шуданд, ва ҷалоли Худои нобуднашавандаро ба сурате табдил доданд, ки ба одами нобудшаванда, ба парандагон, чорпоён ва хазандагон монанд аст.*

*Бинобар ин Худо онҳоро бо шаҳватҳои дилашон ба нопокӣ гирифтор кард, ба тавре ки онҳо баданҳои худро бо ҳамдигар нангин карданд; онҳо ростии Худоро ба дурӯғ иваз карданд ва парастишу ибодат карданд офаридаро ба ҷои Офаридгоре ки то абад муборак аст, омин.*

*Аз ин сабаб Худо онҳоро ба ҳавасҳои нангин гирифтор кард: занони онҳо алоқаи табииро ба алоқаи ғайритабиӣ иваз карданд; ҳамчунин мардон алоқаи табииро бо занон тарк карда, оташи шаҳваташон ба якдигар баланд шуд, ва мард бо мард ба кирдори нангин машғул шуда, сазои гумроҳии худро дар худашон диданд.*

*Ва азбаски Худоро бо ақли худ шинохтан нахостанд, Худо онҳоро ба фикрҳои ношоиста вогузошт, то ки корҳои носазо кунанд, бинобар ин онҳо аз ҳар гуна норостӣ, фосиқӣ, бадӣ, тамаъ ва кина, ҳамчунин аз ҳасад, куштор, ҷанҷол, фиреб ва бадхӯӣ пур ҳастанд, бадгап, тӯҳматчӣ, худобадбин, дилозор, ҳавобаланд, худсито ва бадандеш ҳастанд, ба падару модарон итоат намекунанд, бефаҳм, аҳдшикан, номеҳрубон, оштинопазир ва бераҳманд. Агарчи доварии Худоро медонанд, ки кунандагони чунин корҳо сазовори марганд, на фақат худашон ин корҳоро мекунанд, балки аз кунандагони дигар низ хуш ҳастанд.*[4] **Румиён 1:21-32**

Навишта мегӯяд, ки дар он замон одамон Худоро тамоман рад карда ба гуноҳ дода шуда буданд. Аммо тавре ки мо аллакай дидем, гуноҳ доим оқибатҳоро ба бор меорад. Айнан ҳамон тавре ки риоя накардани қонуни ҷозибаи замин боиси шикастани устухонҳо мешавад, беэътиноӣ ба Каломи Худо низ бенатиҷа намемонад. Худо гуноҳҳои одамонро сарфи назар карда наметавонист. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Худо аз дидани паҳншавии гуноҳ дар ҷаҳон ғамгин аст.

*Ва Парвардигор гуфт: "Одамизодро, ки офаридаам, аз рӯи замин нобуд мекунам, аз одамизод то чорпоён, то ҳайвоноти хазанда ва то парандагони осмон нобуд мекунам; зеро афсӯс мехӯрам, ки онҳоро ба вуҷуд овардаам".* **Пайдоиш 6:7а**

Ҳатто агар фалсафаи инсон Худоро дар назар надошта бошад ҳам, Худо инсонро барои рафтори бадаш ҷавобгар меҳисобид.

**Нӯҳ** (ба нақшаи таърихии саҳ. 180, 181 назар кунед)

Аммо як кас ва аҳли оилааш аз дигарон фарқ доштанд. Дар Китоби Муқаддас гуфта мешавад:

> *... Аммо Нӯҳ дар назари Парвардигор марҳамат ёфт ... Нӯҳ марди росткор буд, ва дар насли худ комил; Нӯҳ пеши Худо роҳ мерафт.* **Пайдоиш 6:8-10**

Агарчи Нӯҳ шахси росткор буд, Каломи Худо возеҳ мегӯяд, ки ӯ гуноҳкор буд. Мувофиқи қонуни гуноҳ ва марг, ӯ бояд аз боиси гуноҳҳои худ мемурд. Аммо дар Китоби Муқаддас зикр шудааст, ки Нӯҳ ҳайвонеро кушта, ҳамчун қурбонӣ ба Худо тақдим менамуд. Ҳамин тариқ ӯ эътироф мекард, ки қурбонии беайб бояд ба ҷои ӯ ҷазои маргро медид. Нӯҳ боварӣ дошт, ки Худо ӯро ба як тавре аз оқибатҳои гуноҳ наҷот хоҳад дод. Навишта мегӯяд, ки ба сабаби ба Худо умед бастанаш Нӯҳ дар назари Худо росткор ҳисобида шуда буд. Нӯҳ бо Худо муносибатҳои дуруст дошт, чунон ки инро дар суханони зерин дидан мумкин аст:

> *Ва Худо ба Нӯҳ гуфт: "Поёни ҳар башар пеши Ман фаро расидааст; зеро замин аз дасти онҳо аз ситам пур шудааст. Ва инак, Ман онҳоро бо замин якҷоя нест мекунам. Барои худ киштие аз чӯби ҷӯфар соз; лонаҳо дар киштӣ соз, ва онро аз дарун ва аз берун қир мол".* **Пайдоиш 6:13,14**

## Воситаи наҷот

Худо ба Нӯҳ фармуд, ки киштие созад. Сухан дар бораи як завраќи одие намерафт, балки дар бораи киштии бузурге, монанди онҳое, ки имрӯзҳо дар уқёнусҳо мегарданд. Киштӣ саҳнҳои бисёр дошт, он дорои системаи ҳаворасонии махсус буда, даре дошт – он ягона дари даромад ба киштӣ буд. Киштӣ аз чӯб сохта шуда, бо қир молида шуда буд; дар замонҳои қадим бисёр вақт ба ин восита киштиро обногузар мегардонданд[5].

Киштии Нӯҳ бузургтарини киштиҳое буд, ки дар ягон замон сохта шуда буд. Фақат дар соли 1844 киштие сохта шуд (*Грейт Британ*), ки аз андоза ва таносубҳои ин киштӣ каме бештар буд. Андозаҳои киштии Нӯҳ низ беҳатарин андозаҳо барои устувории ин гуна киштии калон шинохта шуданд, ва ҳанӯз ҳам барои устувории ин гуна киштиҳои

калон идеалӣ ҳисобида мешаванд. Киштии Нӯҳ на барои рекордҳои зудсуръатӣ, балки бештар барои нигоҳ доштани ҳаёт сохта шуда буд. Худо ба Нӯҳ гуфт:

> *Ва инак, Ман тӯфони обро бар замин меоварам, то ҳар офаридаеро, ки рӯҳи ҳаёт дар он аст, аз зери осмон нест кунам; ва ҳар чи бар замин аст, мемурад.*
>
> *Ва аҳди* Худро бо ту барпо мекунам, ва ба киштӣ медароӣ, ту, ва писаронат, ва занат, ва занони писаронат бо ту. Ва аз тамоми ҷонварон, аз ҳар офаридае ҷуфте ба киштӣ дохил кун, то бо худ зинда нигоҳ дорӣ: нар ва мода бошанд.*
>
> * аҳднома ё шартнома.
>
> *Аз парандагон мувофиқи ҷинсашон, ва аз чорпоён мувофиқи ҷинсашон, ва аз тамоми хазандагони замин мувофиқи ҷинсашон, ҷуфт-ҷуфт аз ҳама назди ту оянд, то зинда нигоҳ дорӣ. Ва аз ҳар ғизои хӯрданӣ гир ва назди худ захира намо, то барои ту ва онҳо хӯрок бошад.*
>
> *Ва Нӯҳ чунин кард; ҳар он чиро, ки Худо ба ӯ фармуда буд, ба ҷо овард.* **Пайдоиш 6:17-22**

## Итоат

Азбаски Нӯҳ ба Худо боварӣ дошт, вай ба Ӯ итоат намуд. Бо вуҷуди ин, иҷрои дастурҳои Худо барояш осон набуд. Ӯ ҳеҷ гоҳ пеш чунин киштие насохта буд; ва албатта на ба ин бузургӣ.

Худо гуфт, ки тӯфон 120 сол пас рӯй медиҳад[6]. Дар давоми ин муддат Нӯҳ сардориро бар корҳои сохтмонии киштӣ ба ӯҳда гирифт; ҳамзамон ӯ ба касоне ки ӯро шунидан мехостанд[7] дар бораи доварии оянда хабар медод.

Каломи Худо мегӯяд, ки пеш аз тӯфон мардум садҳо сол зиндагӣ мекарданд. Барои кӯшиши фаҳмондани ин падидаи бемисл назарияҳои зиёд пешниҳод карда шудаанд, аммо Китоби Муқаддас ҳеҷ шарҳе намедиҳад. Он фақат тасдиқ мекунад. Агар давомнок будани умри инсонро ба назар гирем, муддати 120 сол барои сохтмони киштӣ басо асоснок буд. Мо хоҳем дид, ки баъд аз тӯфон давомнокии умр то ба дараҷае кӯтоҳ шуд, ки инсони 90-сола аллакай пиру солхӯрда ба ҳисоб мерафт.

Дар хусуси тӯфон ва таъсираш бар обу ҳаво ва ба сохти сатҳи замин китобҳои бисёри аҷоиб навишта шудаанд. Ин китобҳо назарияҳое

мебошанд, ки самари тафаккури мантиқӣ буда, бар нақлҳои Китоби Муқаддас ва мушоҳидаҳои илмӣ асос ёфтаанд. Бо назардошти он ки ин сарчашмаҳо хеле дастрас мебошанд, ман кӯшиш накардам онҳоро дар ин китоб зикр кунам. Бо вуҷуди ин, дар саҳифаҳои оянда ман баъзе аз ин назарияҳоро ёдовар мешавам, бо умеде ки инҳо барои фаҳмидани мавзӯъ фоиданок буда тавонанд.

> *Ва Парвардигор ба Нӯҳ гуфт: "Ту ва тамоми аҳли хонаат ба киштӣ дароед; зеро туро дар ин насл пеши Худам росткор дидам.*
>
> *Ва Нӯҳ ҳар он чиро, ки Парвардигор ба ӯ фармуд, ба ҷо овард... Дар худи ҳамон рӯз Нӯҳ, ва писарони Нӯҳ Сом, Ҳом ва Ёфат, ва зани Нӯҳ, ва се зани писаронаш бо онҳо ба киштӣ даромаданд.*
>
> *Онҳо, ва ҳамаи ҳайвонҳо мувофиқи ҷинсашон, ва ҳар гуна чорпоён мувофиқи ҷинсашон, ва тамоми хазандагоне ки бар замин мехазанд, мувофиқи ҷинсашон, ва ҳамаи парандагон мувофиқи ҷинсашон, ҳамаи мурғон, ҳамаи болдорон, ҷуфт-ҷуфт аз ҳар ҷисме ки рӯҳи ҳаёт дорад, назди Нӯҳ ба киштӣ омаданд. Ва онҳое ки омаданд, нар ва мода аз ҳар офарида омаданд, чунон ки Худо ба ӯ фармуда буд. Ва Парвардигор дарро аз пушти ӯ баст.* **Пайдоиш 7:1,5,13-16**

## Як дар

Барои ба киштӣ бор кардани ҷонварон ҳафт рӯз лозим шуд. Ба ҷуз баъзе истисно, Нӯҳ аз ҳар намуди ҷонварон фақат якҷуфтӣ ба киштӣ даровард. Ҳатто бо назардошти намудҳои ҳайвоноти то имрӯз аз байн рафта, тахмин кардан мумкин аст, ки ҳамаи ҷонварон фақат 60% ғунҷоиши киштиро ишғол мекарданд[8]. Ҷои боқимондаи киштиро, бе шубҳа, хӯрокворӣ гирифта буд. Шояд Нӯҳ барои сарфа намудани масоҳат ҳайвоноти ҷавонро гирифт. Илова бар ин, имкон дорад, ки баъзе ҳайвонот ба хоб рафта буданд, мисли хоби зимистонии баъзе намуд ҳайвоноту ҷонварон дар замони мо, ва ин эҳтиёҷотро ба хӯрокворӣ кам карда буд. Ҳар чӣ бошад ҳам, Худо комилан аз ӯҳдаи ғамхорӣ дар ҳаққи ин ҳама хоҷагӣ мебаромад.

Вақте ки бор кардан ба киштӣ анҷом ёфт, Худо дари киштиро маҳкам кард. Ҳангоме ки доварӣ омад ва обҳо баланд шудан гирифтанд, касе наметавонист Нӯҳро ба кушодани дар водор кунад. Ӯ ва оилааш ҳеҷ тарсе надоштанд, ки дари киштӣ зери фишори об кушода шуда метавонад. Онҳо комилан дар амон буданд, чунки Худо дарро, ягона

дарро, ки ба амният мебарад, баста буд. Худо онҳоеро, ки ба Ӯ боварӣ доштанд, дар дохили киштӣ паноҳ дод ва саркашонро дур кард.

Худо меҳрубон аст: Ӯ ба одамон 120 сол дода буд, то ки онҳо аз рафтори бади худ рӯй гардонда, аз файзи Ӯ баҳра баранд. Акнун вақти онҳо тамом шуд. Ҳамон тавре ки Худо гуфта буд, доварӣ бар сарашон омад. Баъзан одамон таҳдид мекунанд, аммо таҳдиди худро амалӣ гардонда наметавонанд. Аммо Худо ҳамеша суханашро ба иҷро мерасонад.

> *Дар соли шашсадуми зиндагии Нӯҳ, дар моҳи дуюм, дар рӯзи ҳафдаҳуми моҳ, дар ҳамон рӯз ҳамаи чашмаҳои обҳои азим шикофта шуданд, ва равзанҳои осмон — кушода. Ва борон чил рӯз ва чил шаб бар рӯи замин борид.* **Пайдоиш 7:11,12**

## Чашмаҳо ва равзанаҳои осмон

Гоҳо дар филмҳои тасвирии кӯдакона Нӯҳ ва тӯфон чунин тасвир карда мешавад: пирамарде зери тундбоди борон дар саҳни киштии хурде истодааст ва дар гирдаш ҳайвонот ҷамъ шудаанд. Ин тасвири барғалати ҳикояи Нӯҳ аст. Дар чунин фалокат берун мондан худкушӣ мебуд.

Аввалан, замин кафида, оби бениҳоят зиёди зери заминро баровард. Навишта мегӯяд, ки ҳамаи чашмаҳои обҳои азим шикофта шуданд. Инчунин обе ки дар фазо буд, дар замони кушода шудани равзанҳои осмон поён омад. Баъзе шахсон тахмин доранд, ки дар натиҷаи фишори зиёд об боло шудан гирифт. Чунин кафидани қишри замин албатта бояд фаъолияти зиёди вулканҳоро низ дар бар мегирифт. Имкон дорад, ки дар айни замон қишри замин ба ҳаракат омада, аз ҳам ҷудо шуд ва бар қитъаҳо тақсим шуд. Яке аз тадқиқотчиёни муътабартарини соҳаи қабатҳои тектоникӣ бо ёрии компютерҳои пешрафта намунаи тӯфони замони Нӯҳро дар графикаи 3D нишон дод, ки ба қитъаҳо тақсим шудани заминро дар муддати чандин моҳ тасвир медиҳад[9]. Қишри замин кафида, порчаҳои бениҳоят калони рӯи замин ба маркази он бурда шуданд, дар ҳоле ки ҳавзаи уқёнусӣ ва қисми асосии континенталӣ ба тағйироти зиёд дучор шуданд.

Калимаи ибрие ки барои шарҳ додани ин воқеа истифода мешавад, “тӯфони ҳалокатовар” аст. Дар Навиштаҳо ин калима фақат оид ба ин тӯфон ба кор бурда шудааст. Ҳеҷ як обхезии дигаре ҳаргиз ба он баробар набуд. Ҳатто агар илм бисёр чизҳоеро, ки ҳангоми дигаргунии харобиовар рӯй медиҳанд, шарҳ дода тавонад ҳам, дар хотир бояд дошт, ки Худои тавоно шароити тӯфонро бо тамоми оқибатҳои ҳалокатовари

он ба вуҷуд оварда метавонист.

Борон 40 рӯз давом кард, аммо мувофиқи матн, ба назар мерасад, ки обшорҳои зеризаминӣ 150 рӯз зада мебаромаданд.

> *Ва тӯфон чил рӯз бар замин давом кард, ва об афзуд, ва киштиро бардошт, ва он аз замин баланд шуд. Ва об бо шиддат зиёд мешуд ва бар замин хеле меафзуд; ва киштӣ бар сатҳи об шино мекард. Ва об бар замин хеле ва хеле пурзӯр шуд, ва ҳамаи кӯҳҳои баланде ки зери тамоми осмон буданд, пӯшида шуданд.*
>
> **Пайдоиш 7:17-19**

> *Ҳар он чи дар хушкӣ дами рӯҳи ҳаёт дар димоғаш буд, мурд. Ва ҳар мавҷуде ки бар рӯи замин буд, аз одам то чорпоён, то хазандагон ва то парандагони осмон аз замин нобуд шуд: фақат Нӯҳ ва он чи бо ӯ дар киштӣ буд, боқӣ монд.*
>
> **Пайдоиш 7:22,23**



*Ва Худо Нӯҳ ва ҳамаи ҳайвонҳои ваҳшӣ ва ҳамаи чорпоёнро, ки бо ӯ дар киштӣ буданд, ба ёд овард; ва Худо боде бар замин вазонд, ва об фурӯ нишаст. Ва чашмаҳои обҳои азим ва равзанҳои осмон баста шуданд, ва борон аз осмон бозистод. Ва об рафта-рафта аз рӯи замин баргашт...* **Пайдоиш 8:1-3а**

Баъзеҳо ақида доранд, ки пеш аз тӯфон кӯҳҳо аз ҳозира пасттар буданд. Агар сатҳи замини имрӯзаро ҳамвор кардан мумкин мебуд, рӯи он то 3 км бо об пӯшида мешуд. Дар Каломи Худо мехонем, ки баъд аз тӯфон кӯҳҳои имрӯза баланд шуданд ва водиҳо поён шуда, ҳамаи ҳавзаҳои уқёнусиро ба миён оварданд.

*...бар кӯҳҳо обҳо меистанд. ... кӯҳҳо боло мераванд, водиҳо поён фуроянд, ба ҷойе ки барояшон бунёд кардаӣ. Ҳадде гузоштаӣ, то ки аз он нагузаранд ва баргашта, заминро напӯшонанд.*
**Забур 103:6б,8,9**

## Сайёраи тамоман дигар

Нӯҳ ва оилааш пеш аз он ки Худо дарашонро кушода, онҳоро берун бароварад, 371 рӯзро дар киштӣ гузаронданд. Хеле пеш аз он рӯз обҳо аз рӯи замин паст рафта, киштӣ дар минтақаи кӯҳистонӣ қарор гирифт. Дар ин муддат (байни паст рафтани обҳо ва баромадан аз киштӣ) на фақат замин хушк шуда буд, балки он аз нав ҳосил дода буд. Дар айни замон ин тамоман сайёраи дигар буд, ҳамон тавре ки мо онро имрӯз мешиносем.

Ва Худо Нӯҳро хитоб карда, гуфт:

*“Аз киштӣ берун ой, ту, ва занат, ва писаронат, ва занони писаронат бо ту. Ва ҳамаи ҳайвонҳоеро, ки назди худ дорӣ, ҳар офаридаеро аз парандагон, ва чорпоён, ва тамоми хазандагоне ки бар замин мехазанд, бо худ берун овар, то бар замин паҳн шуда раванд, ва борвар ва зиёд шаванд”. Ва Нӯҳ, ва писаронаш, ва занаш, ва занони писаронаш бо ӯ берун омаданд.*

*Ва Нӯҳ қурбонгоҳе барои Парвардигор сохт; ва аз ҳар чорпои пок, ва аз ҳар парандаи пок гирифта, қурбониҳои сӯхтанӣ бар қурбонгоҳ тақдим кард. Ва Парвардигор бӯи хуш бӯид, ва Парвардигор дар дили Худ гуфт: “Заминро бори дигар аз боиси одамизод лаънат намекунам...”* **Пайдоиш 8:15-18,20,21а**

## Ваъда

Баъд аз тарк кардани киштӣ аввалин кори Нӯҳ барпо намудани қурбонгоҳ ва ҳамчун қурбонии хунин ба Худо тақдим кардани қурбонии ҳайвони беайб буд. Қурбонӣ гуноҳи Нӯҳро пок насохт, аммо он чизеро, ки барои пардохти музди гуноҳ лозим аст, яъне хуни рехташуда ва маргро тасвир медод. Ин амал нишон дод, ки Нӯҳ ба Худо такя мекард. Ӯ боварӣ дошт, ки Худованд ваъдаашро дар хусуси аз оқибатҳои гуноҳ наҷот додани ӯ ва оилааш нигоҳ медорад. Қурбонии Нӯҳ ба Худо писанд омад.

> *Ва Худо Нӯҳ ва писаронашро баракат дода, ба онҳо гуфт: "Борвар ва зиёд шавед, ва заминро пур кунед..."* **Пайдоиш 9:1**
>
> *"Инак, Ман аҳди Худро бо шумо ва пас аз шумо бо насли шумо барпо мекунам... Аҳди Худро бо шумо барпо мекунам, ки бори дигар ҳар офарида аз оби тӯфон ҳалок нашавад, ва бори дигар тӯфон барои хароб кардани замин рӯй надиҳад".*
>
> *Ва Худо гуфт: "Ин аст аломати аҳде ки Ман мебандам дар миёни Худам ва шумо ва ҳар ҷони зиндае ки бо шумо аст, аз насл ба насл то абад: рангинкамони Худро дар абр мегузорам, то аломати аҳди байни Ман ва замин бошад".* **Пайдоиш 9:9,11-13**

Худо ваъда дод, ки заминро бо тӯфон дигар ҳаргиз талаф нахоҳад кард. Ҳамчун ёдоварии ин ваъда баъд аз боридани борон дар осмон рангинкамон пайдо мешавад. Бо вуҷуди гузаштани ҳазорон солҳо Худо ба қавлаш вафодор монд.

> *Писарони Нӯҳ, ки аз киштӣ берун омаданд, Сом, Ҳом ва Ёфат буданд... Ин се нафар писарони Нӯҳ буданд, ва аз онҳо тамоми замин аҳолинишин гашт.*
>
> **Пайдоиш 9:18а,19**

Ин барои инсон як ибтидои нав шуд.

> *Пас тамоми рӯзҳои Нӯҳ 950 сол буданд; ва ӯ мурд.*
>
> **Пайдоиш 9:29**

---

### Дар бораи динозаврҳо, ҷоварон ва растаниҳои санггардида, ангиштсанг ва нафт чӣ бояд гуфт?

Калимаи динозавр дар Китоби Муқаддас вонамехӯрад. Ин истилоҳро дар соли 1841 як анатомисти англис ихтироъ кард. Ҳамзамон, қисмҳои қадимтарини Китоби Муқаддас ҳайвонҳоеро ёдовар мекунанд, ки имрӯзҳо

вуҷуд надоранд. Дуто ҳайвони бузургтарини ёдоваршуда аз қатори санггардидаҳо мебошанд.[10]

Бар асоси гуфтаҳои Китоби Муқаддас, тахмин кардан мумкин аст, ки динозаврҳо аз ибтидо офарида шуда бо инсон ҳамзист буданд. Ба назар мерасад, ки динозаврҳо аз ҷумлаи хазандагон буданд; бисёре аз ин намуд ҳайвонҳо то ба мурданашон инкишоф меёбанд. Агар, мисли одамони он замон[11], хазандагон низ аз умри дароз баҳраманд буда бошанд, ин бузургҷуссагии баъзе аз онҳоро мефаҳмонад.

Китоби Муқаддас ишора мекунад, ки дар киштӣ ҷуфте аз ҳар навъ ҳайвони замин ҷой гирифта буд. Мантиқист, ки фақат ҳайвонҳои ҷавон ба киштӣ бор карда шуда буданд, на танҳо барои нигоҳ доштани ғунҷоиши киштӣ, балки низ барои мусоидат кардан ба замони наслёбии онҳо баъд аз тӯфон.

Шароите ки дар натиҷаи тӯфон ба миён омад, саволҳои сершуморро дар бораи табиати имрӯза бо ҷавобҳо таъмин мекунанд. Аз ҷумла, миқдори бениҳоят зиёди таҳнишинҳо дар натиҷаи тӯфон, фишори обҳо ва камшавии оҳистаи онҳо сабаби пайдо гардидани маъданҳои ангиштсанг, нафт ва ҷонварони санггардидаи зиёдеро мефаҳмонанд.

Бисёр ҷонварону растаниҳои санггардида нишонаҳои ҳайратоваре доранд, ки хеле зуд ва ба тарзи фалокатовар, бисёр вақт дар қабристонҳои азими санггардидаҳо, зери хок шудаанд. Масалан, ҳақиқати содаи мавҷуд будани моҳиёни санггардидаи хуб нигоҳдошташуда нишон медиҳад, ки инҳо хеле зуд дафн шуда буданд; пӯшиши таҳнишинӣ ба дараҷае зуд сахт шуда буд, ки лошахӯрон, бактерияҳо ва пӯсидан барои вайрон кардани онҳо вақти кофие надоштанд.

Китобҳои бисёр навишта шудаанд, ки дар бораи офариниш ва тӯфон маводи андешаронӣ медиҳанд. Дар онҳо маънидоди оқилонаву мантиқӣ ҷой ёфтаанд. Агар шумо саволҳои муҳим дошта бошед, барои рӯйхати сарчашмаҳое ки дар ин бора таҳлилҳо пешкаш мекунанд, ба Замима муроҷиат кунед.

Дар бораи сабаби нобуд шудани ин ҷонварон фақат тахминҳо кардан мумкин аст. Дар даҳсолаҳои охир аз байн рафтани намудҳои бисёри мавҷудот дида шуд ва, ҳатто дар ин ҳодисаҳои ба қарибӣ рӯйдода сабабҳои инро аниқ муайян кардан кори мушкил аст. Вақте ки барои муайян кардани сабабҳои аз байн рафтани онҳо чандин ҳазор сол қафо гаштан лозим мешавад, ин алалхусусус мушкилтар аст. Азбаски иқлим дар натиҷаи тӯфон комилан тағйир ёфт, баъзе касон фикр мекунанд, ки зинда мондани чунин ҳайвонот мушкил буд.

Азбаски бузургии як динозаври миёна баробар ба ҷуссаи як аспи қадкӯтоҳ буд, ва ҳангоми таваллуди худ калонтарин динозаврҳо калонтар аз як тӯби футбол набуданд, ҳисобот нишон медиҳанд, ки дар киштӣ ҷой ба таври кофӣ барои онҳо мавҷуд буд.

# 5. Бобил

Боби даҳуми китоби Пайдоишро бисёр вақт “Феҳристи миллатҳо” меноманд. Дар ин боб дар бораи пайдоиши гурӯҳҳои асосии этникӣ, ки аз се писари Нӯҳ ба вуҷуд омаданд, ҳикоят карда мешавад.

> *Инҳоянд авлодҳои писарони Нӯҳ, мувофиқи наслҳои онҳо, дар халқҳои онҳо. Аз онҳо пас аз тӯфон халқҳо бар рӯи замин паҳн шуданд.* **Пайдоиш 10:32**

Бори дигар, пас аз гузаштани чандин асрҳо аҳолии ҷаҳон афзун шуд. Таърих акнун дар ҷое авҷ мегирад, ки таърихшиносон онро “гаҳвораи тамаддун” меноманд: Байнанаҳрайни қадим, Ироқи имрӯза.




> *Дар тамоми замин як забон ва ҳамон як калимаҳо буданд. Чун аз шарқ кӯч мекарданд, даште дар сарзамини Шинъор ёфтанд ва дар он ҷо сокин шуданд.*
>
> *Ва ба якдигар гуфтанд: “Биёед, хишт резем, ва онро хуб пазем”. Ва онҳоро хишт ба ҷои санг буд, ва қир ба ҷои гил. Ва гуфтанд: “Биёед, шаҳре барои худ созем, ва бурҷе ки сараш ба осмон расад; ва номе барои худ пайдо кунем, мабодо бар рӯи тамоми замин пароканда шавем”.* **Пайдоиш 11:1-4**

## Нақшаи амалҳои инсон

Баъд аз тӯфон, Худо ба инсон гуфт:

> *“Борвар ва зиёд шавед, ва заминро пур кунед”.* **Пайдоиш 9:1б**

Аммо инсон мехост на фақат нақшаи Худоро дигаргун кунад, балки ҳамчунин нақшаҳои шахсии худро барпо кунад.

Аввалан: одамон бештар фикр мекарданд, ки бояд дар як ҷо зиндагӣ карда, як шаҳри бузургеро созанд. Ин беитоатӣ ба дастурҳои Худо буд. Бори дигар инсон фикр кард, ки беҳтар аз Худо чӣ будани дурустро медонист.

Чунон ки шумо онро мушоҳида кардан метавонед, инсон бо итоаткорӣ мушкилот дорад. Оё шумо аллакай пурсидед, ки чаро ба кӯдак беитоатӣ ба падару модарро омӯзондан зарур нест? Ба соҳибэътиборон

муқобилат кардан дар табиати инсон ҳаст. Одам итоат карданро бад мебинад, ва ба хости худ амал намуданро авлотар медонад. Сокинони Бобил истисно набуданд.

Сипас: бар иловаи шаҳр сохтан, инсон мехост бурҷеро дар он ба номи худ барпо созад. Одамон мегуфтанд:

*... номе барои худ пайдо кунем...* **Пайдоиш 11:4**

Дар ин суханон пичир-пичири пуркинаи шайтонро, ки одамонро ба ҳавобаландӣ ташвиқ мекард, ба худ тасаввур кардан осон аст.

Аён аст, ки Худо дар ҳеҷ кадоми ин нақшаҳо ҳиссае надошт. Ҳар боре ки инсон мехоҳад ба худ НОМ созад ё КАСЕ шавад, ин нишонаи ғурури ӯст. Аммо худро болобардор кардан дар пеши Худои чунон пурҷалол, чунон меҳрубон, чунон тавоно, хандаовар хоҳад буд. Дар паҳлӯи Ӯ тамоми довталабони номи баланд ночизанд. Чунон ки мо аллакай дидем, танҳо Худо лоиқи болобардор шудан мебошад.

Пас нақшаҳои инсон бо дастурҳои Худо мувофиқ набуданд. Илова бар он инсон мустақилона, новобаста ба Худои Таоло амал мекард.

Ҳикояи Бобил дар Китоби Муқаддас аввалин зикри дини ташкилшуда мебошад. Навиштаҳо бисёр вақт Бобилро мисол меоваранд, вақте ки дар бораи кӯшишҳои инсонӣ гап мезананд. Сокинони Бобил ба сохтани бурҷи осмонхарош саъй карда, кӯшиш намуданд ба таври худ ба Худо расанд. Онҳоро дар зери шӯълаҳои офтоби сӯзон машғули кори сахт, дар ҷустуҷӯи лой, дар ҳоли пухтани хиштҳо ва бо қир ба ҳам пайвастани онҳо тасаввур кардан мумкин аст. Чӣ зӯрзаниҳои вазнини беҳуда, ва ин ҳама барои расидан ба осмон! Аммо онҳо муваффақ нашуданд. Фақат як роҳи расидан ба Худо вуҷуд дорад – роҳи Худи Ӯ.



Инак шарҳи хуби калимаи дин ё мазҳаб: саъю кӯшиши инсонӣ барои расидан ба Худо. Инсон табиатан бисёр диндор аст. Ӯ доим дар ҷустуҷӯи роҳҳои нав барои ёфтани Худост. Ин як ҷустуҷӯи беҳуда аст. Мо хоҳем дид, ки мувофиқи Навишта, инсон роҳи бозгашт ба Худоро бо воситаҳои худ ёфтан наметавонад. Ӯ на худро аз гуноҳаш халос карда метавонад, ва на ба дараҷаи росткории мувофиқ расида метавонад, то ба ҳузури Худо қабул шавад.

Бар хилофи дин, Сухани Худо таълим медиҳад, ки танҳо як роҳи дуруст ба сӯи Худо вуҷуд дорад, ки онро Худи Худованд додааст, вақте ки Ӯ, дар файзи Худ, барои ато кардани воситаи раҳоӣ аз музди гуноҳ, сӯи инсон омад. Худо ба мадади мо меояд. Ӯ Наҷотдиҳанда аст. Навишта аниқ мегӯяд, ки Худованд ҳамон аст, ки:

> *...тадбирҳо меандешад, то ки рондашудае аз Ӯ ронда намонад.*
>
> **2Самуил 14:14б**

Сокинони Бобил ба ин ҳақиқат эътибор надоданд. Албатта, Худо кӯшишҳои онҳоро барои сохтани шаҳр ва бино кардани бурҷ нодида намонд. Худо аниқ медонист, ки чӣ воқеъ шуда истодааст.

> *Ва Парвардигор фуруд[12] омад барои дидани шаҳр ва бурҷе ки фарзандони одам месохтанд. Ва Парвардигор гуфт: "Инак, қавм як аст, ва ҳамаи онҳоро забон як аст; ва ин корро сар кардаанд, ва акнун ҳар коре ки карданӣ шаванд, барояшон дастнорас нест".* **Пайдоиш 11:5,6**

Худо он чиро ки таърих низ исбот мекунад, медонист: вақте ки одамон як забон доранд, технологияҳо хеле зудтар пешрафт мекунанд. Ба қадре ки инсон пешрафт мекунад, ӯ бештар худро қудратманд ҳис мекунад, ва ба Худо эҳтиёҷ доштанашро – камтар. Агарчи Худо ба инсон иродаи шахсӣ дода буд, Ӯ намехост, ки инсон мустақилона, новобаста ба Ӯ зиндагӣ намояд.

## Парокандашудагон

Пас Худо бар зидди исёни инсон баромад. Ӯ гуфт:

> *"Пас фуруд оем*, ва забони онҳоро дар он ҷо омехта кунем*, то сухани якдигарро нафаҳманд". Ва Парвардигор онҳоро аз он ҷо бар рӯи тамоми замин пароканда кард; ва онҳо сохтани шаҳрро бас карданд.* **Пайдоиш 11:7,8**

* Бори дигар ба калимаи "оем, кунем" диққат диҳед. Китоби Муқаддас ба таври равшан изҳор менамояд, ки танҳо як Худо ҳаст. Пас Худо ба кӣ муроҷиат мекунад, ҳангоме мегӯяд: "фуруд оем.... омехта кунем...". Мо дертар дар ин китоб дар ин хусус гап мезанем.

Фарзияе ки, гӯё сокинони маҳаллии Амрикои шимолӣ ва ҷанубӣ аз гулӯгоҳи Беринг омада бошанд, исбот нашудааст. Бо вуҷуди баъзе монандиҳо дар сатҳи забон, забоншиносӣ ин фаразияро исбот карда наметавонад. Маънидоди оқилонае вуҷуд надорад, ки барои чӣ гурӯҳҳои хурди одамони аз ҷиҳати забон ҷудогона дар минтақаҳои дурдаст, аз шимоли Гренландия то дохили ҷангалҳои Амазонка, вуҷуд доранд. Навишта мегӯяд, ки Худо онҳоро аз ҳам пароканда кард – ва чунон ба назар мерасад, ки ин айнан ҳамон чизи рӯйдода аст. Бешубҳа, Ӯ онҳоро бо ҳар гуна донишҳои лозим дар ҷои нав таъмин намудааст.

Ба ҳар сурат, вақте ки Худо одамонро пароканда кард, Ӯ забонҳои навро барояшон дод. Ва чӣ забонҳоеро! Ҳама касоне ки аллакай ба вазифаи омӯзиши забони нав ҷуръат намудаанд, медонанд, ки забон фақат бо фикре ки бар сар омада бошад, пайдо намешавад. Баъзе забонҳо, ки Худо онҳоро офаридааст, чунин мураккабанд, ки забоншиносони ботаҷриба ба омӯхтани инҳо солҳои зиёдеро мебахшанд, ва ба ин нигоҳ накарда, комилан онро ёд гирифта наметавонанд.

Шаҳре, ки сокинони Бобил месохтанд, нобуд нашуд. Онро тавре номиданд, ки маънояш "омехташавӣ" буд.

> *Аз ҳамин сабаб он ҷоро Бобил номидаанд; зеро дар он ҷо Парвардигор забони тамоми заминро омехта кард, ва аз он ҷо Парвардигор онҳоро бар рӯи тамоми замин пароканда кард.*
>
> **Пайдоиш 11:9**

## Нажодҳо аз куҷо сарчашма ёфтаанд?[13]

Ба як маънӣ фақат як нажод – нажоди инсонӣ вуҷуд дорад. Навиштаҳо одамонро на аз рӯи ранги пӯст ё намуди ҷисмонӣ, балки аз ҷиҳати миллат ё қабила фарқ мекунанд. Бо вуҷуди ин, дигаргуниҳои ҷисмонӣ вуҷуд доранд. Ин чӣ тавр рӯй додааст?

Барои сода кардан, бо ранги пӯст маҳдуд мешавем. Ҳамон шарҳ барои намуди чашмон ё бинӣ, сохти мӯйҳо, сохти бадан ва ғайра қобили истифода аст.

Мо ба фикре моилем, ки рангҳои бисёри пӯст ҳаст, дар ҳоле ки тамоми рангҳо аз як сарчашма: меланин, мебароянд. Шахсе ки баданаш меланинро камтар ҳосил мекунад, соҳиби пӯсти сафедранг аст; шахсе ки баданаш меланини зиёд дорад, соҳиби пӯсти ториктар аст. Бисёр омилҳои дигар низ ба ранги пӯст таъсир мекунанд, аммо онҳо ба як нажоди алоҳида хос намебошанд ва шарҳи зерин барои ҳар яки аз ин омилҳо дуруст аст.

Муддати зиёд ба ҳама маълум аст, ки агар шахси сафедпӯст бо шахси сиёҳпӯст издивоҷ кунад, дар асар ранги пӯсти фарзандонашон қаҳваранг меояд. Агар ду нафар аз чунин насл бо ҳам издивоҷ кунанд, фарзандонашон имкон дорад сиёҳ, сафед ё ҳар тобиши миёнаи дигар дошта бошанд. Барои чӣ? Чунки ду волидайн дорои тамоми генҳои лозим барои овардани тамоми тобишҳо мебошанд.

Акнун, агар фарзандони тамоман сиёҳпӯст, ки аз издивоҷи пештара ба дунё омадаанд, бо дигар фарзандони сиёҳпӯст издивоҷ намояд ва агар инҳо дар вилояти дур маскун шаванд, ки дар он наслҳояшон бо намояндагони ранги пӯсти дигар издивоҷ карда натавонанд, авлодони инҳо фақат сиёҳпӯст ба дунё меоянд. Онҳо дигар дорои генҳое ки метавонистанд пӯсти сафедро бароранд, намешаванд. Бо шахсони сафедпӯст низ дар шароити ҳаммонанд ончунон аст. Онҳо дигар дорои генҳои оварандаи пӯсти сиёҳ нахоҳанд буд. Чунин фарқ дар байни ду гурӯҳи рангии одамон, агар ягон гени дигар бар он илова нагардад, баъди чандин наслҳо ба миён омада метавонад. Гарчанд шарҳи зикршуда басо сода гардонда шудааст, возеҳ аст, ки масъалаи нажодҳо бештар камаҳамияттар аст аз ин ки дар аввал метофт.

Каломи Худо мегӯяд, ки тамоми миллатҳои замин аз Нӯҳ, аз се писараш ва занони онҳо ба миён омадаанд, ки эҳтимол соҳиби пӯсти торикранг буданд, зеро бояд наслҳои соҳиби пӯсти сафеду сиёҳро ба олам меоварданд.

# Боби шашум

1. Айюби пайғамбар
2. Иброҳими пайғамбар
3. Имони ҳақиқӣ
4. Ҳоҷар ва Исмоил
5. Исмоил ва Исҳоқ
6. Он ки ҳозир мекунад

# 1. Айюби пайғамбар

Баъд аз омезиши забонҳо дар Бобил якчанд насл гузаштанд, пеш аз он ки Навишта дар хусуси ба таърихи ҷаҳониён дахолат намудани Худо зикре кунад. Дар давоми тамоми солҳо Худо ваъдаашро оиди фиристодани НАҶОТДИҲАНДА фаромӯш накард. Агарчи аксари мардум ҳаргиз дар фикри Худо набуданд, дар ҳар насл якчанд касон ёфт мешуданд, ки ба ваъдаи Ӯ боварӣ доштанд. Айюби пайғамбар аз он ҷумла буд.




Айюб медонист, ки ҳолати гуноҳолудаш сабабгори мушкилияш буд. Ҳангоми яке аз сӯҳбатҳояш бо Худо ӯ барояш гуфт:

> *Агар худро дар оби барф шустушӯ намоям ва дастҳои худро бо собун тоза кунам, он гоҳ маро дар ифлосӣ мeғӯтонӣ, ба тавре ки либосҳоям аз ман нафрат мекунанд.* **Айюб 9:30,31**

Айюб мефаҳмид, ки ҳатто агар ӯ худашро мешуст, дар назари Худо, ки қуддус ва беайб аст, тоза намешуд. Шустушӯ карда, Айюб аз берун тоза мешуд, аммо аз дарун ӯ боз ҳам гуноҳкори сазовори ҷазо мемонд. Ӯ аз ин ҷазо метарсид ва мехост, ки касе – миёнарав – пайдо шуда дар байни ӯ ва Худо, як дасташро бар Айюб ва дигарашро ба Худо гузошта, қарор мегирифт, то барои дарёфти марҳамат аз ӯ илтиҷо кунад.

> *Дар байни мо миёнараве нест, ки дасти худро бар ҳар дуи мо гузорад. Кошки асои Худро аз ман дур мекард...* **Айюб 9:33,34а**

Ҳатто агар Айюб, аз тарси марге ки бар ӯ гаронӣ мекард, доимо ҳайвонотро ҳамчун қурбонии ивазкунанда тақдим менамуд, маълум буд: ӯ мефаҳмид, ки ин қурбониҳо қарзашро аз байн бурда наметавонанд. Ин фақат як ёрии муваққатие буд барои пӯшонидани гуноҳ. Бешубҳа, аз сабаби ҳамин фаҳмиш ва азбаски Айюб пеши бузургӣ ва қуддусияти Худо саҷда мекард, Ӯ саволи бисёр муҳимеро пурсид:

> *... инсон чӣ гуна пеши Худо росткор шавад?* **Айюб 9:2б**

Айюб ба худ савол медод, ки чӣ тавр худро аз гуноҳ халос карда соҳиби росткории ба Худо писандида шуда метавонад, то ки дар ҳузури қуддусаш қабул карда шавад. Ҷавоби Парвардигорро чунин хулосагирӣ кардан мумкин аст: “*Айюб, ба ман такя кун ва ман ба гуноҳи ту сару*

*кор хоҳам гирифт. Ман барои ту росткории лозимеро хоҳам дод, то ба ҳузури ман омада тавонӣ. Ба ман боварӣ дошта бош".*

Ва ин аст коре ки Айюб кард. Ӯ ба Худо бовар кард. Дертар ӯ дар бораи Масҳкардашудаи Парвардигор, Наҷотдиҳанда, сухан хоҳад ронд, ки бар Замин омада, ба ин ё он тариқ ваъдаи Худо: ваъдаи аз оқибатҳои гуноҳ наҷот додани одамизодро, ки ба Одаму Ҳавво дода шуда буд, ба ҷо меоварад. Айюб Наҷотдиҳандаро фидягузори худ номид. Ӯ гуфт:

> *Ва ман медонам, ки фидядеҳи ман зинда аст, ва дар замони охир бар замин бармехезад. Вале агарчи пӯсти ман пӯсида гардад, ман дар ҷисми худ Худоро мебинам. Ӯро ман барои худ мебинам, ва чашмонам ба Ӯ менигарад, ва на чашми бегонае...*
>
> **Айюб 19:25-27**

Айюб медонист, ки баъд аз марг Парвардигорро хоҳад дид. Ӯ ин лаҳзаро бо шодӣ пешакӣ пай мебурд, чунки Ӯ ба Худо таваккал дошт ва мушкилияш бо Ӯ ҳал буд. Дертар мо хоҳем дид, ки чаро Айюб Наҷотдиҳандаи Ваъдашударо фидядеҳи худ номид.

# 2. Иброҳими пайғамбар

Абром ва Сорай низ ба ваъдаи Худо бовар мекарданд.

> *Сорай бенасл буда, бача надошт.* **Пайдоиш 11:30**

Абром дар кишваре таваллуд шуд, ки имрӯз онро Ироқ меноманд. Ур, шаҳри вай, дар самти каме ҷанубтари Бобил воқеъ буд. Абром ба дастурҳои Худо итоат намуда, Урро тарк кард, то дар Ҳорон ҷойгир шавад. Дар ин ҷо Худо боз барояш сухан ронд.

> *Ва Парвардигор ба Абром гуфта буд: "Аз сарзамини худ равона шав — аз хешу табори худ ва аз хонаи падари худ сӯи сарзамине ки нишон медиҳам".*
>
> *Ва Абром, чунон ки Парвардигор ба ӯ гуфт, равона шуд; ва Лут ҳамроҳи ӯ рафт. Ва Абром 75-сола буд[1], ҳангоме ки аз Ҳорон берун омад.* **Пайдоиш 12:1,4**




Барои Абром ин як иқдоми бузург буд. Ӯ имкон надошт харитаҳои ҷуғрофиро ба кор барад ё пешакӣ дар интернет дар бораи ҷои расиданаш маълумот гирад. Ӯ ба Агентии саёҳат низ муроҷиат карда наметавонист. Ӯ ҳатто намедонист ба куҷо меравад. Худо инро ба ӯ

нагуфта буд. Дар ин сафар ӯ ба роҳнамоиҳои Худо таваккал дошт. Ҷои расидани ӯ Канъон, кишвари имрӯзаи Исроил буд.

> *... Ва ба сарзамини Канъон омаданд... Абром дар он ҷо барои Парвардигор, ки ба ӯ зоҳир шуд, қурбонгоҳе сохт.*
>
> **Пайдоиш 12:5б,7б**

Азбаски Абром боварӣ дошт, ки Худо наҷотдиҳандаи ӯст ва ӯро аз оқибатҳои гуноҳ раҳо хоҳад кард, ӯ қурбонии хунинро ҳамчун кафорат баровард, то гуноҳаш пӯшида гардад. Агарчи қурбонии ӯ фақат як тасвире буд аз он чи барои тоза кардани гуноҳ лозим аст, ин амали Абром нишон медод, ки ӯ эҳтиёҷашро ба ивазкунандае ки ҷазои маргро ба ҷояш бояд медид, дарк мекард. Абром ба Худо таваккал дошт, мисли Ҳобил, Нӯҳ ва дигар росткороне ки пеш аз ӯ таваккал карда буданд.

Абром ҳаёти нимкӯчманчиёна ба сар мебурд, ва бинобар ин сокинони маҳаллӣ ӯро *ибрӣ* меномиданд, ки маънояш *мусофир, касе аз ҷои дур* аст. Азбаски Абром дар як маҳал вақти зиёдеро гузаронд, шаҳраки маҳаллӣ Ҳебрӯн ном гирифт. Аз ҳамин вақт сар карда Иброҳим ва авлодони Ӯ ҳамчун ибриён зикр мешуданд.

## Чор ваъда

Худо ба Абром чор ваъдаи махсусро дод:

1. *Туро халқи бузурге мегардонам...*[2]
2. *Номи туро бузург месозам...*[3]
3. *Баракатдиҳандагонатро баракат* медиҳам, ва лаънатгӯёнатро лаънат* мегӯям;*[4]
4. *Ва ҳамаи авлодҳои рӯи замин дар ту баракат меёбанд.* **Пайдоиш 12:2,3**

* ҳангоме ки Худо **баракат** медиҳад, Ӯ муваффақият ва некӯаҳволӣ ато мекунад. Ҳангоме Ӯ **лаънат** мегӯяд, нобарорӣ меоварад.

Аввалин ваъдаи Худо барои Абром хушхабар буд. Барои халқи бузург шудан ӯ бояд фарзанддор мешуд. То ҳол ӯ фарзанд надошт, ва Сорай аз синни фарзандоварӣ гузашта буд. Онҳо ба худ савол медоданд, ки ин чӣ тавр мумкин аст. Бо вуҷуди ин, азбаски Худо ваъда дод, Абром бовар мекард, ки чунин бояд шавад.

Ваъдаи охир ба ваъдаи аввалин вобаста буда, бевосита бар Наҷотдиҳанда ишорат мекард. Худо ба Абром мегуфт, ки яке аз авлодонаш Масҳшудаи Худованд хоҳад буд, ки ба воситааш тамоми халқҳо баракат меёбанд. Навишта мегӯяд, ки Абром ба Худо боварӣ

дошт ва аз фикри як рӯз вохӯрдан бо Наҷотдиҳанда[5] шод мешуд.

> *Пас аз ин ҳодисаҳо каломи Парвардигор дар ваҳй ба Абром расида, гуфт: "Натарс, эй Абром; Ман сипари ту ҳастам; муздат бисёр бузург аст". Ва Абром гуфт: "Худовандо, Парвардигоро! Ба ман чӣ медиҳӣ? Ва ман бефарзанд меравам..."*
>
> *Ва ӯро берун оварда, гуфт: "Ба осмон нигоҳ кун, ва ситорагонро шумор, агар онҳоро шумурда тавонӣ". Ва ба ӯ гуфт: "Насли ту ҳамин қадар мешавад". Ва ба Парвардигор имон овард, ва ин барои ӯ росткорӣ ҳисобида шуд.* **Пайдоиш 15:1,2а,5,6**

Охирин ибораи ин оят дорои аҳамияти бузург аст. Маънии калимаҳои зеринро наздиктар дида мебароем: *росткорӣ*, *ҳисобида шуд*, *имон оварл* (бовар кард).

## Росткорӣ

Мо аллакай дидем, ки *росткорӣ* ба камолоти Худо алоқа дорад; он бехато, муқаддас, пок, ноолуда, бедоғ ва беайб аст.

## Ҳисобида шуд

*Ҳисобида шуд* чунин маъноро дар бар мегирад: ба воситаи пардохт ба низом даровардани ҳисоби бонкӣ. Дар замони ҳозира ин истилоҳ хеле маъмул аст. Ба ҳисоби бонкии мо гузаронда шудани пули сармоягузорон моро шод месозад, зеро ин нишон медиҳад, ки мо пул дарёфт кардем. Аммо вақте Навишта мегӯяд, ки "Абром ба Парвардигор боварӣ дошт,



Румиён 6:23

ва Ӯ инро барояш ҳамчун ростторӣ ба ҳисоб гирифт", ин чӣ маъно дорад?

Оё шумо он забонхатро, ки тамоми аҳли башар чун натиҷаи гуноҳ доранд, дар хотир доред? Хеле хуб! Абром низ қарзе барои пардохтан дошт. Аммо азбаски ӯ ба ваъдаҳои Худо боварӣ дошт, ростторӣ ба ҳисоби ӯ даровартда шуда буд.

Ин мисли он буд, ки Худо гуфта бошад: "Абром, азбаски ту ба Ман таваккал дорӣ, Ман пешакӣ ба ҳисоби ту сармоягузорӣ мекунам. Ман камолоти Худамро ба ҳисоби ту медароварам. Ту бояд фаҳмӣ, ки андозаи росткории Ман аз андозаи гуноҳат хеле бештар аст. Ту метавонӣ қарзеро, ки дар робита бо гуноҳат доштӣ, пардохта ҳисоб кунӣ. Илова бар он ки ин қарзат пардохта шудааст, росткории Ман камолоти лозимро барои бо Ман зистан дар осмонҳо бароят медиҳад".

Навишта мегӯяд, ки Абром ба Худо чунон таваккал мекард, ки:

> *... мунтазири шаҳре буд, ки таҳкурсии мустаҳкаме дорад, ва меъмору созандаи он Худост.* **Ибриён 11:10**

Агарчи Абром ҷисман бояд мемурд, ӯ ҷазои даҳшатноки алоқаманд ба марги дуввумро нахоҳад дид. Ӯ медонист ки дар осмонҳо бо Худо то абад хоҳад зист.

Дар боби пештара саволе ба миён омада буд: "Чӣ тавр одам аз гуноҳ халос шуда, росткории ба Худо писандро ба даст оварда метавонад, то ки ба ҳузураш қабул гардад?" Барои Абром ҷавобаш сода буд: ба Парвардигор таваккал намо, ба ваъдаҳояш бовар кун, ва Ӯ ҳозир хоҳад кард.

# 3. Имони ҳақиқӣ

Баъзе чизҳоро дар бораи калимаи имон, тавре ки он дар Китоби Муқаддас оварда шудааст, бояд фаҳмем, чунки дар бобати маънии он зуд дучори иштибоҳ шудан мумкин аст.

❖ Мафҳумҳои *бовар кардан, имон овардан, ва таваккал доштан* аксар вақт дар Китоби Муқаддас ҳамдигарро иваз мекунанд.

| | |
|---|---|
| Абром ба Парвардигор **бовар кард**. | Ӯ ба он чи Худо гуфта буд **бовар мекард**. |
| Абром ба Парвардигор **имон овард**. | Ӯ ба сухани Худо **имон дошт**. |
| Абром ба Парвардигор **таваккал дошт**. | **Таваккалаш** бар Худои ягона буд. |

- ❖ Имони ҳақиқӣ на бар ҳиссиёт, балки бар фактҳо асос меёбад. Ҳангоме кас бар рӯи курсӣ менишинад, бовар мекунад, ки он нахоҳад шикаст. Ин кас фақат барои доштани ҳиссиёти чуқур бар курсӣ наменишинад. Кас бештар мустаҳкамии онро дида бар ин асос қарор медиҳад, ки рӯи он бинишинад. Имони Абром бар як асос – бар ваъдаи Худо қарор дошт. Ин танҳо як саволи содаи риёзӣ буд:

  **Худо гуфт: "Ту соҳиби писар мешавӣ".**

  **+ Худои Офаридгор тавоно аст ва ҳаргиз дурӯғ намегӯяд.**

  **= Абром соҳиби писар мешавад.**

- ❖ На андозаи имон, балки шахсе ки мо ба вай ин имонро дорем, муҳим[6] аст. Имони Абром баъзан ноустувор буд, аммо ӯ ба Худо таваккали қавӣ дошт.
- ❖ Имони ҳақиқии мувофиқи Китоби Муқаддас танҳо қабули ақлии фактҳо нест. Агар чунон мебуд, он имони ҳақиқӣ намебуд.

Имонро ба таври зерин тасвир намудан мумкин аст:

Ду дӯст дар боғи марказӣ вақти худро хуш мегузаронанд. Ба аттраксиони теппаҳои амрикоӣ нигоҳ карда, яке аз дигар мепурсад: "Оё бовар мекунӣ, ки чархҳои қатора бар роҳҳояшон устувор боқӣ мемонанд?" Дигаре ҷавоб медиҳад: "Албатта! Ман ба ин боварӣ дорам". "Пас, биё, савор шав" мегӯяд аввалӣ. Агар дигар дӯст дар ҷустани баҳонаҳо шаваду аз савор шудан ба он канораҷӯӣ кунад, пас таваккали ӯ шубҳанок аст. Ӯ бо ақлаш ба бехатар будани аттраксиони теппаҳои амрикоӣ бовар мекунад ва бо даҳонаш инро иқрор мекунад, аммо дар дил шак мекунад.

Дар бехатар будани теппаҳои амрикоӣ шак доштан қонунист, ва мо ҳамчунин далелҳои дигарро барои савор нашудан бар ин аттраксион ёфта метавонем; аммо ҳақиқат ин аст, ки бовариҳо ё имони мо амалҳои моро шарҳ медиҳанд!

Имони Иброҳим аз ҳиссиёташ бештар буд. Дар амал он ба тамоми соҳаҳои зиндагияш таъсир дошт. Азбаски Абром бовар мекард, ӯ ба фармони Худо итоат намуда, шаҳри зодгоҳашро тарк кард, то ба кишвари бегонае равад. Азбаски Абром бовар мекард, бо тавакккал ба он ки Худо ӯро аз оқибатҳои гуноҳ наҷот хоҳад дод, бар қурбонгоҳ қурбонӣ меовард.

Дар айни замон бояд фаҳмид, ки итоаткории Абром ба мақсади дар

назди Худо ва дигарон исбот кардани воқеӣ будани имонаш набуд. Азбаски Ӯ ба Худо боварӣ дошт, ба ҷо овардани хости Худо барояш тамоман табиӣ буд. Барои ҳамин, вақте мехонем, ки Абром ба Худо имон овард ва ин барояш росткорӣ ҳисоб карда шуд, тамоми аҳамияти ин баёнотро дар назар бояд гирифт.

Дертар мо аҳамияти имонро барои пардохтани қарзе ки ба гуноҳ алоқа дорад, чуқуртар аз назар хоҳем гузаронд. Ҳоло бошад, донистани он кофист, ки Худо касонеро, ки ба Ӯ бовар мекунанд, эҳтиром менамояд.

# 4. Ҳоҷар ва Исмоил

Солҳо гузаштанд, аммо Абром ва Сорай ҳанӯз ҳам бефарзанд буданд. Пас онҳо қарор доданд, ки воқеиятро ба дасти худ гиранд. Азбаски Сорай бенасл буд, мувофиқи анъанаву одатҳои он замон канизаки худ Ҳоҷарро ба шавҳараш дод. Вай барояш писареро бо номи Исмоил зоид. Абром акнун насли ҳақиқие дошт, ки ваъдаи Худо ба воситааш иҷро шуда метавонист. Фақат як мушкилие буд. Онҳо на мувофиқи хости Худо, балки мувофиқи хости худ амал карданд.

> *Ҳангоме ки Абром 99- сола буд, Парвардигор бар Абром зоҳир гардида, гуфт: "Ман Худои Қодири Мутлақ ҳастам; пеши Ман роҳ рав ва комил бош; Ва номи ту минбаъд Абром хонда нашавад; балки номи ту Иброҳим бошад; зеро туро падари халқҳои бисёр мегардонам.* **Пайдоиш 17:1,5**

Абром, ки акнун номаш Иброҳим шуд, бо ин гуфтаҳои Худо ҳеҷ мушкилие надошт. Охир, ӯ акнун соҳиби насл шуда буд. Ҳоҷар барояш писаре – Исмоилро ба дунё оварда буд!

> *Ва Худо ба Иброҳим гуфт: "Зани худ Сорайро Сорай нахон; балки номаш Соро бошад. Ман вайро баракат медиҳам, ва писаре низ аз вай ба ту мебахшам; вайро баракат медиҳам, ва халқҳо аз вай ба вуҷуд оянд, ва подшоҳони қавмҳо аз вай пайдо шаванд".* **Пайдоиш 17:15,16**

Чаро Худо Сороро ёдовар шуд? Оё Ӯ аз Ҳоҷар огоҳ набуд? Иброҳим писардор шуда буд! Оё Худо Наҷотдиҳандаи Ваъдашударо ба воситаи насли Исмоил фиристодан наметавонист? Чаро Худо бояд барои иҷрои ваъдааш Сороро истифода мебурд? Охир, Соро чунон пир буд! Ин ғайриимкон буд!

> *Ва Иброҳим ба рӯи худ афтода, хандид ва дар дили худ гуфт: "Наход ки аз марди садсола бача шавад, ва Соро дар*

*навадсолагӣ зояд?" Ва Иброҳим ба Худо гуфт: "Кошки Исмоил пеши Ту зиндагӣ кунад!"* **Пайдоиш 17:17,18**

Иброҳим ба Худо ёдрас намуд, то ваъдаашро ба воситаи Исмоил иҷро кунад.

*Худо гуфт: "Валекин занат Соро ба ту писаре мезояд, ва ӯро бояд Исҳоқ ном гузорӣ; ва аҳди Худро бо ӯ барпо мекунам, то бо насли ӯ пас аз ӯ аҳди абадӣ бошад. Дар ҳаққи Исмоил ҳам туро шунидам... аз ӯ халқи бузурге ба вуҷуд меоварам. Вале аҳди худро бо Исҳоқ барпо мекунам, ки Соро ӯро соли дигар дар ҳамин вақт ба ту мезояд".* **Пайдоиш 17:19-21**

Бисёр хуб! Худо он чиро ки берун аз нақшааш ҳаст, ба назар намегирад. Соро пас аз як сол соҳиби писар мешавад, ва Худо илова кард, ки номаш Исҳоқ хоҳад буд. Бо вуҷуди ин, Худо Исмоилро низ фаромӯш накард. Дертар дар ин боб мо дар бораи ӯ хоҳем гуфт.

## Се меҳмон

Пас Иброҳиму Соро интизор шуданд. Дар ин миён Худо наздашон омад, ин дафъа дар сурати инсон. Ӯ ҳамроҳи ду фаришта, ки низ дар сурати одам буданд, ҳозир шуд.

**Парвардигор гуфт:** *"Зани ту, Соро куҷост?"*

**Иброҳим ҷавоб дод:** *"Инак,* [ӯ] *дар хайма аст".*

**Парвардигор гуфт:** *"Соли оянда дар ҳамин вақт ҳатман боз назди ту меоям, ва занат Соро писардор мешавад".*

*Ва Соро назди дари хайма, ки дар паси ӯ буд, гӯш мекард. Ва Иброҳим ва Соро пир ва солхӯрда буданд; ва одати занон аз Соро қатъ шуда буд. Ва Соро дарунакӣ хандида, гуфт: "Оё пас аз пир шуданам маро ҳаловате мешавад? Ва хоҷаам низ пир шудааст".*

**Парвардигор ба Иброҳим гуфт:** *"Барои чӣ Соро хандида, гуфт: "Наход ки ҳақиқатан зоида тавонам, дар ҳоле ки ман пир шудаам?" Магар барои Парвардигор чизи мушкиле ҳаст? Дар вақти муқарраршуда, соли оянда дар ҳамин вақт боз назди ту меоям, ва Соро писардор мешавад".*

**Соро инкор карда гуфт:** *"Нахандидаам". Чунки тарсид.*

**Парвардигор гуфт:** *"Не, хандидӣ".* **Пайдоиш 18:9-15**

Шояд Соро ҳайрон шуд, ки Худои ҳамадон фикрҳояшро хонда тавонист. Вай мехост ҳақиқатро дар бораи ханда карданаш рад кунад, аммо бе

муваффақият. Худо ба ӯ ҷавоб дод: “Не, хандидӣ”. Худо одамонро мебинад ва онҳоро водор месозад, ки ҷавобгариро барои амалҳояшон ба ӯҳда гиранд.

Иброҳим ва Соро боварӣ доштанд, ки Худо ваъдаашро иҷро мекунад, аммо тавре ки ба мо маълум шуд, имонашон нопойдор буд. Гоҳо онҳо тахти ҳамлаи шубҳа қарор доштанд, аммо аҷоибии кор дар он буд, ки Худо ҳатто имони ин қадар камро ба назар гирифт, ҳатто агар он аз донаи хардал зиёдтар набуд. Донаҳои хардал хеле хурд мебошанд. На андозаи имон аҳамият дорад, балки шахсияте ки мо имони худро бар ӯ қарор додаем. Иброҳим ва Соро ба Худо таваккал доштанд.

# 5. Исмоил ва Исҳоқ

> *Ва Парвардигор ба Соро, чунон ки гуфта буд, таваҷҷӯҳ намуд; ва Парвардигор он чи ба Соро гуфта буд, ба амал овард. Ва Соро ҳомила шуда, ба Иброҳим дар пирияш писаре зоид, дар вақте ки Худо ба ӯ гуфта буд. Ва Иброҳим писари зодашудаи худро, ки Соро ба ӯ зоид, Исҳоқ ном гузошт.* **Пайдоиш 21:1-3**

Худо ваъдаашро, ки ба Иброҳим ва Соро дода буд, сарфи назар аз он ки онҳо хеле солхӯрда буданд, иҷро кард. Ӯ доим ба суханаш вафодор мемонад, ва аз анҷом додани корҳои ғайриимкон хурсанд мешавад. Иброҳим акнун соҳиби ду писар буд – Исҳоқ ба воситаи Соро, ва Исмоил ба воситаи Ҳоҷар. Ин марди аллакай пир фарзандони дигар низ ба дунё овард, аммо дар бораи ин дуто, ки ёд карда шудаанд, маълумоти бештар вуҷуд дорад.

Вақте ки Исмоил беш аз сездаҳ сол дошт, ва Исҳоқ дусола буд, як воқеае рӯй дод, ки зиндагии Исмоилро дигаргун карда, рафти таърихро тағйир дод.

> *Ва Соро дид, ки писари Ҳоҷари мисрӣ, ки ба Иброҳим зоида буд, ханда мекунад.* **Пайдоиш 21:9**

Исмоил бар Исҳоқ механдид. Ӯ нақшаи Худоро, ки барои Исҳоқ дошт, то ӯро падари халқи бузург созад, намефаҳмид, ва эҳтиром ҳам намекард. Аз ин халқ Худо ба ҷаҳон пайғамбарон, Навиштаҳо, ва ниҳоят Худи Наҷотдиҳандаи Ваъдашударо хоҳад дод. Соро бошад, аз ин ки Исмоил бар писари ӯ механдад, нохуш буд.

> *Ва [Соро] ба Иброҳим гуфт: “Ин канизро бо писараш пеш кун; зеро писари ин каниз набояд бо писари ман Исҳоқ ворис шавад”.*

*Вале ин сухан дар назари Иброҳим дар ҳаққи писараш хеле бад омад.* **Пайдоиш 21:10,11**

Ҳатто агар Худо чунин интихоб карда бошад, ки Наҷотдиҳандаи Ваъдашударо аз насли Исҳоқ оварад, Исмоил низ фарзанди Иброҳим буд. Маълум аст, ки Иброҳим фарзандашро дӯст медошт. Ӯ дар кашмакаш байни фикри занаш ва меҳри шахсии худ нисбат ба писараш Исмоил қарор дошт.

*Ва Худо ба Иброҳим гуфт: "Ин дар ҳаққи писарат ва канизат дар назари ту бад наояд; ҳар он чи Соро ба ту мегӯяд, ба суханаш гӯш андоз; зеро насли ту аз Исҳоқ хонда мешавад. Ва аз писари каниз низ халқе ба вуҷуд меоварам, чунки ӯ насли туст".* **Пайдоиш 21:12,13**

Ба як маънӣ, Худо ба Иброҳим фармуд, то канизаш, Ҳоҷарро ҷавоб дода фиристад.

*Ва саҳарии барвақт Иброҳим бархест, ва нон ва машки обе гирифт, ва ба Ҳоҷар дода, бар китфи ӯ гузошт, ва ӯро бо писар равона кард; ва ӯ рафт, ва дар биёбони Беэр-Шебаъ роҳро гум кард.*

*Ва чун оби машк тамом шуд, писарро зери буттае гузошт. Ва ба масофаи тиррас дур рафта, дар рӯ ба рӯи вай нишаст, зеро гуфт: "Мурдани писарро набинам". Ва дар рӯ ба рӯи вай нишаста, овози худро баланд кард ва гирист.* **Пайдоиш 21:14-16**

Ноумедии Ҳоҷарро ба худ тасаввур кардан мумкин аст. Аз нуқтаи назари худ ӯ барои ғамхорӣ дар ҳаққи фарзандаш ҳама кори аз дасташ меомадаро мекард, бе ин ки ёрӣ ё хонае дошта бошад. Ӯ ғарқи ғами худ буда, фаромӯш кард, ки Худо ба вай ва Исмоил ғамхор буд.

*Ва Худо овози бачаро шунид; ва фариштаи Худо аз осмон Ҳоҷарро нидо карда, ба вай гуфт: "Эй Ҳоҷар, туро чӣ шуд? Натарс; зеро Худо овози бачаро аз он ҷое ки ҳаст, шунид. Бархез ва писарро бардошта, дасташро гир; зеро аз вай халқи бузурге ба вуҷуд меоварам". Ва Худо чашмони ӯро воз кард, ва ӯ чоҳи обе дид, ва пеш рафта, машкро об пур кард, ва бачаро нӯшонд.*

*Ва Худо бо он бача буд; ва ӯ калон шуда, сокини биёбон гашт; ва камонкаш шуд.* **Пайдоиш 21:17-20**

Навишта мегӯяд, ки Худо бо бача буд, то даме ки вай калон шуд. Агарчи Худо Наҷотдиҳандаи Ваъдашударо аз насли Исҳоқ фиристоданӣ буд,

Ӯ ҳамзамон Исмоилро низ баракат додан мехост. Худованд мехоҳад, ки Худои ҳама халқҳо гардад. Ҳар як инсон ба ҳузури Худо қабул шуда метавонад, ба шарте ки ба тарзи муайянкардаи Ӯ наздаш ояд.

Мувофиқи ваъдааш, Худо халқи бузурге аз Исмоил ба миён овард, зеро сарчашмаи миллатҳои бисёри араб сӯи ин одам мебарад.

> *Ва [Исмоил] дар биёбони Порон иқомат дошт; ва модараш зане аз сарзамини Миср барои ӯ гирифт.* **Пайдоиш 21:21**

## 6. Он ки ҳозир мекунад

Навишта воқеаеро аз зиндагии Иброҳим, ки барои ҳамеша дар зеҳнаш нақш баста буд, зикр мекунад.

> *Ва пас аз ин ҳодисаҳо чунин шуд, ки Худо Иброҳимро озмуда, ба ӯ гуфт: "Эй Иброҳим!"*
>
> *Гуфт: "Лаббай!"*
>
> *Ва гуфт: "Писари худро, ки ягонаи туст, ва ӯро дӯст медорӣ, яъне Исҳоқро гир; ва ба замини Мӯриё рав, ва дар он ҷо ӯро бар яке аз кӯҳҳое ки ба ту мегӯям, барои қурбонии сӯхтанӣ барор".*
>
> *Ва Иброҳим саҳарии барвақт бархеста, хари худро полон кард, ва ду нафар аз ғуломбачаҳояш ва писараш Исҳоқро ҳамроҳи худ гирифт; ва ҳезум барои қурбонии сӯхтанӣ шикаст, ва бархеста, сӯи маконе ки Худо ба ӯ гуфт, равона шуд. Дар рӯзи сеюм Иброҳим чашм андохта, он маконро аз дур дид.*
>
> *Ва Иброҳим ба ғуломбачаҳои худ гуфт: "Шумо дар ин ҷо бо хар монед; ва ман бо писар ба он ҷо рафта, парастиш мекунам, ва назди шумо бармегардем".*
>
> *Ва Иброҳим ҳезуми қурбонии сӯхтаниро гирифта, бар писари худ Исҳоқ бор кард; оташ ва кордро ба дасти худ гирифт, ва ҳар ду якҷоя равона шуданд. Ва Исҳоқ ба падари худ Иброҳим гуфт: "Эй падарам!"*
>
> *Гуфт: "Лаббай, писарам!"*
>
> *Гуфт: "Инак оташ ва ҳезум, пас барраи қурбонӣ куҷост?"*
>
> *Ва Иброҳим гуфт: "Эй писарам, Худо барраи қурбониро омода мекунад". Ва ҳар ду якҷоя рафтан гирифтанд.*
>
> *Ва ба маконе ки Худо ба ӯ гуфт, расиданд; ва Иброҳим дар он ҷо қурбонгоҳе сохт, ва ҳезумро чид, ва писари худ Исҳоқро*

*баста, бар қурбонгоҳ болои ҳезум гузошт.*

*Ва Иброҳим дасти худро дароз карда, кордро гирифт, то писари худро кушад.*

*Вале фариштаи Парвардигор аз осмон ӯро хонда, гуфт: “Иброҳим! Иброҳим!”*

*Гуфт: “Лаббай!”*

*Ва гуфт: “Дасти худро бар писар дароз накун ва ба ӯ чизе накун; зеро акнун донистам, ки аз Худо метарсӣ ва писари худро, ки ягонаи туст, аз Ман дареғ надоштӣ”.*

*Ва Иброҳим чашм андохта, дид: инак, дар қафо қӯчқоре бо шоххҳояш дар беша андармон шудааст; ва Иброҳим рафта, қӯчқорро гирифт, ва дар ивази писараш онро барои қурбонии сӯхтанӣ тақдим кард. Ва Иброҳим он маконро Яҳува-яро номид; бинобар ин то имрӯз гуфта мешавад: “Дар кӯҳ Парвардигор омода мекунад”.*

*Ва фариштаи Парвардигор бори дуюм Иброҳимро аз осмон хонд, ва гуфт: “Ба зоти Худ қасам ёд мекунам, мегӯяд Парвардигор, азбаски ту ин корро кардӣ ва писари худро, ки ягонаи туст, дареғ надоштӣ, туро бисёр баракат медиҳам ва насли туро хеле зиёд мекунам, чун ситорагони осмон ва чун реге ки дар соҳили баҳр аст; ва насли ту дарвозаи душманони худро соҳибӣ мекунад; ва ҳамаи халқҳои рӯи замин дар насли ту баракат меёбанд, чунки ба овози Ман гӯш додӣ”.*

**Пайдоиш 22:1-18**

Ин ҳикоя дорои маънии чуқур аст. Ба назари аввал метавонад чунин тобад, ки Худо ба қурбонӣ овардани кӯдаконро таҳсин мекунад. Аммо биёед ҳодисаро аз наздик бинем.

## Писари ягонаи ту

Воқеа басо одӣ аст. Парвардигор ба Иброҳим гуфт, ки ӯ писарашро ба қурбонӣ рӯи қурбонгоҳ оварад, яъне ӯро кушад. Ин як хоҳиши одимиёнае нест. Ҳангоме Каломи Худо дар бораи писари Иброҳим мегӯяд, ки ӯ писари ягона аст, он намехоҳад гӯяд, ки Иброҳим дигар писар надошт. Аниқтараш, Парвардигор дар бораи ягона писари Иброҳим мегуфт, ки аз ӯ Масҳшудаи Парвардигор бояд ба дунё меомад. Иброҳим солҳои зиёд таваллуди ин кӯдакро интизор кашид; илова бар он, Исҳоқ писари ваъда буд, ҳамоне ки падари халқҳои бисёр шуда, Наҷотдиҳандаи Ваъдашуда бояд аз ӯ мебаромад. Худо дар ин қисмат бисёр возеҳ буд ва маълум аст, ки писари кушташуда насл

дошта наметавонист.

Ин дархости Худо бояд Иброҳимро ҳайрон мекард. Бешубҳа, ӯ аллакай шоҳиди қурбониҳои одамӣ буд, ки халқҳои ғайр барои нармдил кардани худоёни худ ба ҷо меоварданд. Аммо ин фармони Худо бо он чи Иброҳим дар бораи Офаридгор медонист, мухолифат дошт. Дар муҳаббати Худ Худо ваъда дода буд, ки Исҳоқ падари фарзандони бисёр мешавад. Аз нуқтаи назари инсонӣ иҷрошавии ваъдаи Худо бо ин фармони ҳозира мувофиқат надошт. Чӣ тавр Худо ин тавр ҳардамхаёл буда метавонист? Бо вуҷуди ин, Иброҳим аллакай фаҳмида буд, ки Худо комилан сазовори таваккал аст; пас ӯ итоат намуд. Ӯ писарашро ҷеғ зада, харашро зин кард ва чизҳои даркории қурбониро бо худ гирифта, ба иҷрои амри Худо пардохт. Чӣ ғамеро ӯ бояд аз сар мегузаронд! Ин навъ итоат барои Иброҳим қадами бузурге буд, аммо он намоишгари имони комили ӯ ба некӯии Худо буд.

Эҳтиёҷ нест, ки фикрҳои Иброҳимро дар ин воқеа пайхас кунем. Навишта мегӯяд, ки ӯ ба ваъдаи Парвардигор мустаҳкам дил баста буд, бо таваккал ба он ки Ӯ Исҳоқро дубора ба зиндагӣ баргардонда метавонад.

> *Бо имон Иброҳим, ҳангоме ки озмуда шуд... фикр мекард, ки Худо қодир аст ҳатто аз мурдагон бархезонад; ва Исҳоқ... ба ӯ баргардонда шуд.* **Ибриён 11:17а,19а**

Навишта мегӯяд, ки Худо имони Иброҳимро месанҷид, ва мо сабаби онро дар саҳифаҳои оянда хоҳем дид. Ин имтиҳони муҳими чун қурбонӣ овардани писари худ, воқеӣ будани имони Иброҳимро ба худи ӯ, ва ба мо низ маълум кард.

Иброҳим ва писараш ҳамроҳи ду хизматгор ба самти Мӯриё ҳаракат карданд. Ба он ҷо расида, Иброҳим ва писараш роҳи худро давом доданд. Иброҳим корду оташро мебурд ва писараш – ҳезумро. Дар роҳ писар аз падараш савол кард. Бе шубҳа, ӯ аллакай шоҳиди чандин қурбониҳо буд, ва барояш мушкилӣ надошт фаҳмад, ки бо онҳо чизи асосӣ, барраи қурбонӣ набуд. Барра дар куҷо буд?

> *Инак оташ ва ҳезум, пас барраи қурбонӣ куҷост?* **Пайдоиш 22:7б**

Мо наметавонем аниқ гӯем, ки оё Исҳоқ дар бораи қурбониҳои сершумори одамӣ, ки халқҳои давру пеш меоварданд, фикр мекард ё не. Ӯ низ бояд комилан ба Парвардигор таваккал мекард! Вақте падараш дар ҷавоб гуфт, ки Худо Худаш барраи қурбониро ҳозир мекунад, Исҳоқ бе шубҳа роҳашро давом дод. Оят мегӯяд, ки онҳо ҳар ду бо ҳам

мерафтанд.

Худо барояшон аниқ ҷоеро дар кӯҳҳои Мӯриё нишон дод, ки бар он бояд қурбонгоҳро бино мекарданд. Чандин сол дертар дар ҳамин кӯҳи Мӯриё ибодатгоҳи яҳудиён бино гашт.

## Басташуда

> *Ва ба маконе ки Худо ба ӯ гуфт, расиданд; ва Иброҳим дар он ҷо қурбонгоҳе сохт, ва ҳезумро чид, ва писари худ Исҳоқро баста, бар қурбонгоҳ болои ҳезум гузошт.* **Пайдоиш 22:9**

Писари Иброҳим кӯдаки хурде набуд. Калимаи ибрие, ки “писар” тарҷума шудааст, ба маънии ҷавонмарди то синни хизмати ҳарбӣ истифода мешуд. Писараш албатта басо калон буд, то худро ҳимоя карда тавонад, ва ҳатто агар Иброҳим аллакай пир буд, ягон ишорае дар Каломи Худо вуҷуд надорад, ки ҷанге дар байнашон шуд. Маълум аст, ки писар бо ҷону дил мутеи падараш шуд, чунки ӯ дар назараш марде буд, ки ба Каломи Худо итоат мекард.

Писари Иброҳим, ки бар рӯи қурбонгоҳ баста шуда буд, худро ҳимоя карда наметавонист. Мувофиқи фармони Худо, Иброҳим бояд писарашро мекушт. Писараш барои халос кардани худ чизе карда наметавонист. Каломи Худо мегӯяд, ки Иброҳим дасташро дароз кард



ва кордро гирифт. Дасти ларзон ва дили тапони ӯро ба худ тасаввур кардан мумкин аст. Ин писари ӯ буд! Ҷиддияти лаҳза бояд тоқатнопазир мебуд! Ӯ оҳиста дасташро баланд мекунад – теғи корд зери офтоб барқ мезанад. Иброҳим қарор медиҳад, ки амалро анҷом диҳад ва сипас... Худо мудохила мекунад. Фариштаи Парвардигор аз осмон ба Иброҳим нидо карда, мегӯяд:

*Дасти худро ба писар дароз накун ва ба ӯ чизе накун; зеро акнун донистам, ки аз аз Худо метарсӣ ва писари худро, ки ягонаи туст, аз Ман дареғ надоштӣ.* **Пайдоиш 22:12**

Бе ягон шубҳа, бар рӯяш бояд ашк мерехт. Падару писари оромёфтаро гирён бо ашкҳои гарм ба худ тасаввур кардан мумкин аст. Худо мудохила кард. Ҳукми марг дигар вуҷуд надошт – ба ҳар ҳол на барои писари Иброҳим. Аммо боз ҳам як марги дигаре сурат гирифт.

## Ивазкунанда

Навишта мегӯяд, ки Худо ҳайвонеро ҳозир кард:

*Ва Иброҳим чашм андохта, дид: инак, дар қафо қӯчқоре бо шохҳояш дар беша андармон шудааст...* **Пайдоиш 22:13а**



Қӯчқор андармон шуда буд ва халос шудан наметавонист.

*Ва Иброҳим рафта, қӯчқорро гирифт, ва дар ивази писараш онро барои қурбонии сӯхтанӣ тақдим кард.* **Пайдоиш 22:13б**

Як кушторе шуд, аммо он марги баррае буд, на марги писари Иброҳим. Писар озод шуда буд, чунки барра дар ҷояш кушта шуд. Худо ивазкунандаеро ҳозир кард. Ин ҳодиса ба дараҷае ба Иброҳим таассурот бахшид, ки ӯ ин кӯҳро номе ниҳод, ки

табиати Худоро ба ёдаш меовард:

> *Ва Иброҳим он маконро Яҳува-яро номид; бинобар ин то имрӯз гуфта мешавад: "Дар кӯҳ Парвардигор омода мекунад".*
>
> **Пайдоиш 22:14**

Иброҳим ошкор кард, ки Худо воқеан...

> *...дар вақти тангӣ наҷот [аст].* **Ирмиё 14:8а**

Оё ба назар гирифтед, ки Иброҳим кӯҳро "Парвардигор омода мекунад" номид? Мо ҳозир дидем, ки Худо ивазкунандаеро барои эҳтиёҷи Иброҳим омода кард. Чаро ӯ номи кӯҳро "Парвардигор омода кард" наномид? Ҷавоби ин саволро дар боби оянда хоҳед дид.

## Дарсе барои ҳама

Ҳикоя бо он хатм мешавад, ки Худо ваъдаи ба Иброҳим додаашро дубора баён мекунад. Насли ӯ – тамоми халқи Исроил, сершумор хоҳад шуд. Бо ин ваъда, фаҳмидан мумкин аст, ки Масҳшудаи Парвардигор намояндаи насли Иброҳим ва Исҳоқ хоҳад буд. Навишта шудааст, ки Ӯ барои ҳама сарчашмаи баракат хоҳад буд.

> *"Ба зоти Худ қасам ёд мекунам, мегӯяд Парвардигор, азбаски ту ин корро кардӣ ва писари худро, ки ягонаи туст, дареғ надоштӣ... ҳамаи халқҳои рӯи замин дар насли ту баракат меёбанд, чунки ба овози Ман гӯш додӣ".* **Пайдоиш 22:16,18**

Он чи Худо аз Иброҳим хоста буд – писари худро қурбон кунад – ягона ин навъ дархости Худо дар таърихи тамоми инсоният буд. Худо ба Иброҳим, ҳамчунон ба мо низ, баъзе ҳақиқатҳоро дар бораи доварӣ, имон ва халосӣ ба воситаи ивазкунанда фаҳмонданӣ буд.

Ҳамон тавре ки писари Иброҳим бояд мувофиқи фармони Худо кушта мешуд, мо низ маҳкум ба марг ҳастем[7]. Писари Иброҳим худро худ халос кардан наметавонист. Иброҳим имонашро бар Худо қарор дода, бовар мекард, ки Худованд, дар муҳаббати Худ, мушкилии ӯро ҳал мекунад. Ва ӯ хато накард. Худо барояш воситаи наҷотро бо барраи ивазкунанда дод. Гап дар бораи ҳаёт ба ивази ҳаёт буд; ҳайвони беайб дар ҷои гуноҳкор мурд.

Ҳамон тавре ки Ҳобил гӯсфандеро пешкаш намуд, то дар ҷояш бимирад, қӯчқоре ба ҷои писари Иброҳим кушта шуд. Ва ҳамон тавре ки Худо қурбонии Ҳобилро қабул дошт, Ӯ қурбонии барраеро, ки Худаш ба ҷои писари Иброҳим ҳозир карда буд, писанд дид. Ин фикри Худо буд. Ин ба Худо наздик омадани инсон ба тариқи муқарраркардаи Худо буд – бо таваккал бар ҳақиқати Каломи Ӯ.

# Боби ҳафтум

1. Яъқуб ва Яҳудо
2. Мусои пайғамбар
3. Фиръавн ва Песаҳ

# 1. Яъқуб ва Яҳудо

*Ва Иброҳим мурд, ва дар мӯйсафедии некӯ, пиру солхӯрда шуда, аз дунё чашм пӯшид, ва ба қавми худ пайваст. Ва писаронаш Исҳоқ ва Исмоил ӯро дар мағораи Макпело... ба хок супурданд... Дар он ҷо Иброҳим ва занаш Соро ба хок супурда шуданд.* **Пайдоиш 25:8-10**

Акнун вақте ки Иброҳим вафот кард, чӣ воқеъ шуд? Ҳамон тавре ки Худо ваъда карда буд, авлодони Исмоил оилаи калони миллатҳоро ташкил доданд. Худо ҳамчунин ваъдаашро ба Исҳоқ аз нав дода, барояш гуфт, ки ӯ падари миллате хоҳад буд, ки НАҶОТДИҲАНДА аз он мебарояд. Исмоилу Исҳоқ ҳар ду умри дароз дида вафот карданд.

## Яъқуб

Исҳоқ соҳиби ду писар шуд: Эсав ва Яъқуб. Эсав, айнан монанди Қобил, зиндагияшро мувофиқи фикру андешаҳои худ пеш мебурд, ва корҳояшро мувофиқи табъи дилаш анҷом медод. Аз дигар тараф, Яъқуб имонашро дар Худо қарор дод, ва аз ин сабаб Худо ӯро ростқор шуморид. Яъқуб бисёр вақт барои пӯшидани гуноҳҳои худ хуни ҳайвонеро чун қурбонии ивазкунанда бар қурбонгоҳ рехта, назди Худо меомад.




*Яъқуб... он ҷо қурбонгоҳе сохт... зеро дар он ҷо... бар ӯ Худо зоҳир гардида буд.* **Пайдоиш 35:6-7**

Яъқуб низ ба қоидае, ки дар Китоби Муқаддас шарҳ дода шудааст, бовар мекард, ки мегӯяд:

*... бе рехтани хун бахшоиш нест.* **Ибриён 9:22б**

*Чунки ҷони ҷисм дар хун аст, ва Ман онро ба шумо барои қурбонгоҳ додаам, то ҷонҳои шуморо кафорат намояд; зеро ҳамин хун аст, ки ҷонро кафорат менамояд.* **Ибодат 17:11**

Сарфи назар аз он ки Яъқуб на ҳамеша корҳои хубро ба ҷо меовард, ӯ мустаҳкам ба Худо таваккал дошт. Номи вай дертар ба Исроил мубаддал шуд. Худо ҳамчунин ваъдаашро ба Яъқуб аз нав такрор кард, ин ҳамон ваъдае буд, ки Ӯ ба Иброҳим ва Исҳоқ дода буд. Парвардигор

ба Яъқуб гуфт:

> *“Манам Парвардигор, Худои Иброҳим падарат ва Худои Исҳоқ... дар ту ва дар насли ту ҳамаи авлодҳои рӯи замин баракат меёбанд”.* **Пайдоиш 28:13а,14б**

Бори дигар Худо тасдиқ кард, ки яке аз авлодони Яъқуб барои тамоми халқҳои замин баракат хоҳад буд. Ӯ ба Наҷотдиҳандаи Ваъдашуда ишора мекард.

Яъқуб (ё Исроил) соҳиби дувоздаҳ фарзанд шуд, ки аз инҳо дувоздаҳ қабила ба миён омаданд[1]. Яъқуб пеш аз вафоташ писари худ Яҳудоро баракат дод ва барояш пешгӯӣ кард, ки аз қабилаи ӯ Наҷотдиҳандаи Ваъдашуда мебарояд.

Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб зиндагии нимкӯчманчигиро дар кишвари Канъон ба сар бурдаанд. Дар охири зиндагии Яъқуб дар кишвар гуруснагӣ рӯй дод; сипас ӯ, писаронаш ва оилаҳои онҳо Канъонро тарк карданд ва рафта, дар Миср ҷойгир шуданд. Дар ин замон аъзоёни оилаи Яъқуб фақат ҳафтод нафар буданд. Мисриён онҳоро хуб қабул карданд.

Юсуф, яке аз дувоздаҳ писарони Яъқуб, чандин солҳо пештар ҳамчун ғулом ба Миср оварда шуда буд. Бо ёрии Худо ӯ истеъдодҳояшро ба хубӣ истифода бурда, дарбории фиръавни Миср гардид. Аз ин сабаб оилаи ӯ аз ҷониби фиръавн хуб пазируфта шуд. Ӯ ба онҳо Ҷӯшан ном вилоятеро дод, ки дар резишгоҳи серҳосили дарёи Нил воқеъ буд. Дар интизори гузаштани гуруснагӣ исроилиён дар он ҷо маскан гирифтанд.

Пас аз сесаду панҷоҳ сол онҳо ҳанӯз дар он ҷо буданд, аммо акнун миқдорашон ба дую ним миллион расида буд. Насли Иброҳим, Исҳоқ



ва Яъқуб як халқи бузург шуданд. Аммо онҳо дигар дар кишвари хуб зиндагӣ намекарданд. Худо ба онҳо на замини Ҷӯшани Мисрро, балки сарзамини Канъонро ваъда дода буд. Бо вуҷуди ин, Худо ваъдаашро фаромӯш накарда буд. Чандин солҳо пеш аз он ки Яъқуб ба Миср равад, Худо барояш гуфта буд:

> *"Ва инак, Ман бо ту ҳастам; ва туро дар ҳар ҷое ки равӣ, муҳофизат менамоям; ва туро ба ин сарзамин бармегардонам; зеро то он чиро, ки ба ту гуфтам, ба ҷо наоварам, туро тарк намекунам".* **Пайдоиш 28:15**

# 2. Мусои пайғамбар

Дую ним миллион исроилиён дар назари мисриён хатаре метобиданд. Ба сари фиръавни Миср фикре омад:

> *"Инак, қавми банӣ-Исроил аз мо сершумортар ва пурзӯртаранд. Биёед, зидди онҳо тадбири пурҳикмате андешем, то афзоиш наёбанд; вагарна, ҳангоме ки ҷанге рӯй диҳад, онҳо низ ба душманони мо ҳамроҳ шуда, ба муқобили мо меҷанганд, ва аз кишвар берун мераванд". Ва саркорони меҳнати маҷбуриро бар онҳо таъйин карданд, то онҳоро бо корҳои сахт ба танг оваранд; ва онҳо барои фиръавн шаҳрҳои захираҳо – Питум ва Раамсисро сохтанд. Вале ҳар қадар зиёдтар онҳоро ба танг меоварданд, ҳамон қадар бештар онҳо афзоиш ёфта, сершумор мегардиданд, ба тавре ки мисриён аз банӣ-Исроил тарс доштанд, ва банӣ-Исроилро бо зулму зӯрӣ кор мефармуданд. Ва зиндагонии онҳоро бо меҳнати сахти гилкорӣ ва хиштрезӣ ва бо ҳар кори саҳро талх мегардонданд; ҳар навъ кори худро ба гардани онҳо бо зулму зӯрӣ бор мекарданд.* **Раҳоӣ 1:9-14**

Ҳамзамон, Худо ваъдаи аз Миср баровардани насли Яъқубро фаромӯш накард. Навишта мегӯяд:

> *Ва Худо нолаи онҳоро шунид, ва Худо аҳди Худро, ки бо Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб баста буд, ба ёд овард. Ва Худо ба ҳоли банӣ-Исроил назар андохт, ва Худо ғамхорӣ намуд.*
> **Раҳоӣ 2:24,25**

Худо аз ғуломӣ халос кардани исроилиёнро ба нақша гирифта буд. Ӯ аллакай роҳбареро интихоб намуд: Мусо, исроилии дар Миср таваллудшуда. Волидайни Мусо аз насли Иброҳиму Исҳоқу Яъқуб

буданд. Мусо аз вақти таваллуди худ ба мурдан маҳкум шуда буд. Боз ҳам, ӯ ба таври аҷоиб аз мурдан раҳоӣ ёфт ва ӯро яке аз аъзоёни оилаи фиръавн тарбия кард. Пас ӯ соҳиби маълумоти ҳар чи бештар гардид. Вақте ки Мусо болиғ шуд, ӯ ҳангоми ҳимоя кардани як исроилӣ мисриеро кушт. Баъд аз ин ӯ ба биёбон гурехт ва дар он ҷо бо меҳнати чӯпонӣ машғул шуд. Дар давоми чордаҳ сол Мусо нигаҳбонӣ намудани гӯсфандонро ёд гирифт. Ин касб қисме аз нақшаи Худо барои ӯ буд.

> *Ва Мусо рамаи падараръӯси худ Ятрун, коҳини Мидёнро мечаронид, ва рамаро ба он тарафи биёбон бурд, ва ба Ҳӯриб, ки кӯҳи Худост, омад. Ва Фариштаи Парвардигор дар алангаи оташ аз миёни хорбуттае ба вай зоҳир шуд; вай дид, ки инак хорбутта дар оташ фурӯзон аст, валекин хорбутта намесӯзад.* **Раҳоӣ 3:1,2**

Тасаввур кардан мумкин аст, ки Мусо истода, ба ин хорбуттаи оташбор чашм дӯхтааст. Ӯ бояд мушавваш мешуд. Ин чӣ навъ чӯбе буд? Он ҳеҷ зараре намедид. Занаш аз шунидани суханҳо дар бораи ин чӯбе ки бе зарар месӯзад, шод хоҳад шуд. Чӣ сӯзишвории олидараҷае барои оташдони вай!

> *Ва Мусо гуфт: "Наздик омада, ин манзараи аҷоибро бинам, ки чаро хорбутта намесӯзад".*
>
> *Ва Парвардигор дид, ки вай барои дидан наздик меояд, ва Худо аз миёни хорбутта сӯи вай хонда, гуфт: "Мусо! Мусо!"* **Раҳоӣ 3:3,4а**

Хорбуттае, ки гап мезанад! Мусоро ба худ тасаввур кардан мумкин аст, ки бо умеди он ки касе инро намешунавад, ба давру пеши худ менигарад. Агар ӯро дар ҳоли сӯҳбат бо хорбутта медиданд, дар бораaш чӣ фикр мекарданд!

> *Вай гуфт: "Лаббай!"*
>
> *Ва Ӯ гуфт: "Ба ин ҷо наздик наой; пойафзолатро аз пойҳоят каш, зеро ҷое ки ту дар он истодаӣ, замини муқаддас аст". Ва гуфт: "Ман Худои падарат ҳастам, Худои Иброҳим, Худои Исҳоқ ва Худои Яъқуб".* **Раҳоӣ 3:4б-6а**

Мусоро бояд тарс фаро мегирифт. Ӯ дар бораи Парвардигор, Худои Таоло ҳикояҳо шунида буд. Ӯ бохабар буд, ки Худо Офаридгор ва Соҳиби ҳама аст. Ин Худои муқаддас буд, ки ба сабаби гуноҳ аз одамизод Худро ҷудо карда буд. Худи Мусо гуноҳкор – одамкуше буд.

Ва Мусо рӯи худро пӯшонд, зеро аз нигоҳ кардан ба Худо тарсид.

> *Ва Парвардигор гуфт: "Хории қавми Худро дар Миср дидам, ва фиғони онҳоро аз дасти зулмкунандагонашон шунидам, ба тавре ки дарду озори онҳоро медонам. Ва акнун биё, ки туро назди фиръавн фиристам, то қавми Ман – банӣ-Исроилро аз Миср берун оварӣ".* **Раҳоӣ 3:6б,7,10**

Мусо шояд оҳи сабуке кашид. Худо на барои маҳкум кардани ӯ, балки барои додани супорише назди ӯ омада буд. Ҳамзамон, ӯ як мушкилие дошт. Мусо чӯпон буд, ва вазифаи баровардани халқи Худо аз Миср бениҳоят вазнин ва мураккаб метобид. Худи ӯ кӣ буд? Мардум ба касе ки мегӯяд, ки бо хорбутта гап задааст, бовар намекунанд.

> *Ва Мусо ба Худо гуфт: "Инак, ман назди банӣ-Исроил омада, ба онҳо мегӯям: "Худои падаронатон маро назди шумо фиристодааст". Ва онҳо ба ман мегӯянд: "Номи ӯ чист?" Ба онҳо чӣ гӯям?"*
>
> *Ва Худо ба Мусо гуфт: "Ман ҳамоне ҳастам, ки ҳастам". Ва гуфт: "Ба банӣ-Исроил чунин гӯй: "Воҷибулвуҷуд маро назди шумо фиристод".* **Раҳоӣ 3:13,14**

ВОҶИБУЛВУҶУД ё МАН ҲАСТАМ чунин маъно дорад: "Ҳамоне ки сарчашмаи ҳаёташ дар Худи Ӯст" – Худое, ки ба сабаби қуввати Худ зист мекунад.

Ва Худо боз ба Мусо гуфт:

> *"Ба банӣ-Исроил чунин гӯй: "Парвардигор Худои падаронатон, Худои Иброҳим, Худои Исҳоқ ва Худои Яъқуб, маро назди шумо фиристод". Ин аст номи ман то абад, ва ин аст зикри Ман аз насл ба насл.*
>
> *Рав, ва пирони Исроилро ҷамъ карда, ба онҳо гӯй: "Парвардигор Худои падаронатон, Худои Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб, ба ман зоҳир шуда, гуфт: Ман ба шумо таваҷҷӯҳ намудаам, ва он чиро, ки дар ҳаққи шумо дар Миср ба амал оварда мешавад, дидаам. Ва гуфтаам: шуморо аз ... Миср ... мебарорам, ба сарзамине ки шир ва асал дар он ҷорист".*
>
> *Он гоҳ ба овози ту гӯш медиҳанд..."* **Раҳоӣ 3:15-18а**

Сарфи назар аз шубҳаҳои худ, Мусо медонист, ки вақте Худо ваъда медиҳад, Ӯ доим онро ба ҷо меоварад. Пас Мусо анҷомҳояшро ҷамъ кард, то ба Миср, назди фиръавн ва асирони исроилӣ баргардад. Дар

роҳ ӯ бо бародараш Ҳорун вохӯрд, ки Худо ӯро барои сухангӯ буданаш фиристода буд.

> *Ва Мусо ва Ҳорун рафта, ҳамаи пирони банӣ-Исроилро ҷамъ карданд. Ва Ҳорун ҳамаи сухanонеро, ки Парвардигор ба Мусо гуфта буд, нақл намуд... Ва қавм бовар карданд; ва чун фаҳмиданд, ки Парвардигор ба банӣ-Исроил таваҷҷӯҳ намуда, хории онҳоро дидааст, онҳо сар хам карда, саҷда бурданд.* **Раҳоӣ 4:29,30а,31**

Ҳамааш аниқ ҳамон тавре ки Худо онро гуфта буд, анҷом ёфт. Халқ бовар кард ва Худоро парастиш намуд. Худо ваъдаашро иҷро кард.

# 3. Фиръавн ва Песаҳ

Барои Мусо ва Ҳорун роҳбарони исроилиёнро бовар кунондан ба он ки Худо ба онҳо гап задааст, кори нисбатан осон буд, аммо бовар кунондани фиръавн тамоман кори дигар буд.

Ва пас аз ин Мусо ва Ҳорун омада, ба фиръавн гуфтанд:

> *"Парвардигор Худои Исроил чунин мегӯяд: "Қавми Маро раҳо кун..." Ва фиръавн гуфт: "Парвардигор кист, ки ба овозаш гӯш дода, Исроилро раҳо кунам? Парвардигорро намешиносам, ва Исроилро низ раҳо намекунам".* **Раҳоӣ 5:1,2**

Фиръавн рост мегуфт, ӯ ПАРВАРДИГОРРО намешинохт. Мисриён худоёни бисёрро парастиш мекарданд: худои офтоб, худоёни раъду барқ, худои дарёи Нил – ҳатто фиръавн низ худо ҳисобида мешуд. Ҳар худо аломати махсусе дошт: каргас, қурбоққа, каждум, ва ғайра. Мисриёни он замон махлуқро беш аз Холиқ парастиш мекарданд. Фиръавн Худоро на танҳо намешинохт, балки илова бар он ӯ ҳеҷ хоҳише барои шинохтанаш ҳам надошт. Парастиши Офаридгор ва мутеъ шудан ба хости Ӯ маънои гум кардани қудрат ва обрӯи фиръавнро дошт, ва агар ӯ исроилиёнро иҷозати рафтан медод, ӯ ба иқтисод зараре мерасонд; ин аз даст додани дастони кории муфт мебуд. Фиръавн қатъиян ба ин гуна нақша мухолиф буд.

> *Ва Парвардигор ба Мусо гуфт: "Акнун мебинӣ, ки Ман ба фиръавн чиҳо мекунам... Ман ... шуморо аз зери ситамҳои мисриён берун меоварам, ва шуморо аз бандагии онҳо раҳо мекунам... бо довариҳои бузург наҷот медиҳам.* **Раҳоӣ 6:1а,6**

Худо ба пайғамбари Худ Мусо гуфт, ки Ӯ бар зидди Миср ҷазоҳо хоҳад

фиристод. Фақат аз барои ҳамин ҷазоҳо фиръавн исроилиёнро иҷозати рафтан хоҳад дод. Оё фиръавн кӯшиш намекунад, ки қасос гирад, агар Худо кишварашро ҷазо диҳад? Худо ваъдаи худро, ки ба аҷдодонашон дода буд, ба исроилиён хотиррасон карда онҳоро дилбардорӣ мекард:

> *"Ва шуморо мегирам, то ки барои Ман қавм бошед, ва Ман барои шумо Худо мешавам... шуморо ба сарзамине меоварам, ки дар бораи он даст боло карда қасам хӯрдаам, ки онро ба Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб диҳам, ва онро ба шумо мерос медиҳам; Ман Парвардигор ҳастам".* **Раҳоӣ 6:7а,8**

## Халқи Худо

Худо гуфт, ки исроилиён халқи Ӯ мешаванд. Ин дигар халқҳоро истисно намекард – баръакс. Ин тарзи содаи ба онҳо нишон додани чӣ гуна амал кардани Худо дар муносибатҳо бо инсон буд. Ба халқи Исроил нигоҳ кардан кофӣ буд, то тарзи муносибати Худо ба одамизод фаҳмида шавад. Мо дертар хоҳем дид, ки оё Исроил нақши барояш муқарраршударо хуб ба ҷо овард ё не.

Худо гуфт, ки Мисрро бо ҷазоҳо зарба мезанад, то ки Исроилро раҳо кунад. Ҳамзамон Ӯ ба ҳар ду халқ чизеро дар бораи Худ меомӯзонад.

Дарс барои **исроилиён**:

> *... шумо бояд донед, ки Ман Парвардигор Худои шумо ҳастам, ки шуморо аз зери ситамҳои мисриён берун овардам.*
> **Раҳоӣ 6:7б**

Дарс барои **мисриён**:

> *Ва бигзор мисриён донанд, ки Ман Парвардигор ҳастам, ҳангоме ки дасти Худро бар Миср дароз карда, банӣ-Исроилро аз миёни онҳо берун меоварам.* **Раҳоӣ 7:5**

Худо ҳамон як дарсро ба ҳар ду халқ мефаҳмонд: Ӯ Худои ягона аст. Бо вуҷуди ин, фиръавн чизеро дар бораи Мусо ва Ҳорун шунидан намехост. Пас Худо ба онҳо гуфт:

> *Саҳарӣ назди фиръавн рав; инак, вай сӯи об берун меояд, ва ту барои бо вай вохӯрдан дар соҳили дарё исто... Ва ба вай гӯй: "Парвардигор, Худои ибриён, маро назди ту фиристода, гуфт: қавми маро раҳо кун... ва инак, то ҳол ту гӯш надодӣ.*
>
> *Парвардигор чунин мегӯяд: аз ин бидон, ки Ман Парвардигор ҳастам: инак, ман... оби дарёро мезанам, ва он ба хун табдил*

> *меёбад; ва моҳиёне ки дар дарё ҳастанд, мемуранд, ва дарё бадбӯй мешавад, ва мисриён аз нӯшидани оби дарё нафрат мекунанд“.* **Раҳоӣ 7:15а,16,17,18**

Худо айнан ҳамин тавр кард. Ӯ ҳатто ба ақидаҳои динии мисриён зарбаи ҳалокатовар расонд, вақте ки оби яке аз худоёнашон, Нил, ба хун табдил ёфт. Дарё барояшон нафратовар шуд. Аммо:

> *...дили фиръавн сахт шуд, ва ба онҳо гӯш надод... ва ин ҳам ба дили ӯ таъсире набахшид.* **Раҳоӣ 7:22б-23**

## Худо дар муқобили худоён

Ҳамин тариқ, силсила сар шуд. Худо фиръавнро огоҳ мекард, ки исроилиёнро иҷозати рафтан диҳад. Фиръавн мегуфт НЕ; ва Худо ҷазое мефиристод. Ҳар кадоме аз ин ҷазоҳо муқобили яке аз худоёни мисрӣ буд.

Аввалан оби Нил ба хун табдил ёфт.

Баъд қурбоққаҳо кишварро пур карданд. Дар ҳар гӯша онҳоро ёфтан мумкин буд, дар хӯрок, дар ҷогаҳи хоб – дар ҳама ҷо.

Сеюм, Худо пашшаҳои хокиро фиристод.

Пашшаҳои хокӣ навбатро ба магасҳо супурданд, ва онҳо касалии чорворо паҳн карданд. Тамоми рамаҳову подаҳо мурданд.

Баъд одамону ҳайвонот ба захмҳои обиладор гирифтор шуданд.

Сипас, тӯфони жоладор саҳроҳоро нобуд кард.

Малаххо рӯи заминро пӯшида, он чиро аз тӯфони жоладор боқӣ монда буд, хӯрданд.

Дар охир, Худо яке аз худоёни дурӯғин – офтобро – бо торикии чунон зич, ки онро ламс кардан мумкин буд, зарба зад.

Ҳамагӣ Худо даҳ ҷазо фиристод. Охирин ва вайронкунандатарин ҷазо ҳанӯз омаданӣ буд. Худо ба Мусо ва Ҳорун муроҷиат карда гуфт:

> *“Боз як зарбае бар фиръавн ва бар Миср меоварам; пас аз он вай шуморо аз ин ҷо раҳо мекунад; ва ҳангоме ки вай шуморо раҳо кунад, комилан шуморо аз ин ҷо берун меронад...”*
>
> *“Парвардигор чунин мегӯяд: қарибҳои нисфи шаб Ман андаруни Миср берун меоям, ва ҳар нахустзода дар сарзамини Миср мемурад, – аз нахустзодаи фиръавн, ки бар тахташ*

*нишастааст, то нахустзодаи канизе ки назди дастос аст; ва ҳар нахустзодаи чорпоён.* **Раҳоӣ 11:1,4,5**

Охирин ҷазо дар ҳақиқат бадтарин буд. Он ҳам ба мисриён ва ҳам ба исроилиён зарба мезад, агар онҳо дастурҳои Худоро пайравӣ накунанд. Худо, ҳамчун Худои одил, бояд гуноҳро ҷазо медод, аммо ҳамчун Худои муҳаббат, Ӯ бояд ба инсон воситаи раҳоиро медод. Муҳаббат ва адолати Худо ба тамоми сокинони Миср нисбат дода мешуд: мисриён ва исроилиён. Дар назари Худо ин ду халқ баробар буданд. Ҳар дуи инҳо имкон доштанд, ки муҳаббати Худоро таҷриба намоянд, ва ҳар дуи инҳо дар сурати гӯш накардани Ӯ бояд ҷазо медиданд. Худо гуфт:

**Барраеро бигиранд…**

*Ва Парвардигор ба Мусо ва Ҳорун дар сарзамини Миср сухан ронда, гуфт: ...Ба тамоми ҷамоати Исроил сухан ронда, гӯед: дар рӯзи даҳуми ҳамин моҳ бигзор ҳар яке баррае барои хонавода гиранд, яъне барои ҳар хонадон як барра.*

**Раҳоӣ 12:1,3**

**Наринаи беайбро.** Ҳайвон набояд ягон нуқсе медошт. Худо барраи комилро металабид.

*Барраи шумо бояд беайб, наринаи яксола бошад; аз гӯсфандон ва бузон онро гиред.* **Раҳоӣ 12:5**

**Барра бояд дар вақти муқарраршуда кушта шавад.**

*Ва бигзор он назди шумо то рӯзи чордаҳуми ҳамин моҳ нигоҳ дошта шавад, ва онро тамоми ҷамъомади ҷамоати Исроил бегоҳирӯзӣ кушанд.* **Раҳоӣ 12:6**

**Аз хуни он бар ду паҳлӯдарӣ ва бар болодарӣ молида шавад.**

*Ва аз хуни он гирифта, ба ҳар ду паҳлӯдарӣ ва ба болодарии хонаҳое ки дар онҳо онро мехӯранд, моланд.* **Раҳоӣ 12:7**

**То саҳар дар хонаҳо бимонанд.**

*...ва касе аз шумо аз дари хонаи худ то саҳар берун наравад.*

**Раҳоӣ 12:22б**

**Ҳеҷ устухонеро нашикананд.**

*Дар як хона хӯрда шавад; гӯшти онро аз хона берун набарор; ва устухони онро нашиканед.* **Раҳоӣ 12:46**

**Ман аз болои шумо мегузарам.**

*Ва, Ман дар он шаб аз сарзамини Миср гузашта, ҳар нахустзодаро дар сарзамини Миср, аз одамон то чорпоён, зарба мезанам, ва бар ҳамаи худоёни Миср доварӣ мекунам; Ман Парвардигор ҳастам.*

*Ва он хун барои шумо аломате мешавад бар хонаҳое ки шумо дар он ҷо мебошед, ва Ман хунро дида, аз болои шумо мегузарам, ва ҳангоме ки сарзамини Мисрро зарба мезанам, он офати ҳалокатовар ба шумо намерасад.* **Раҳоӣ 12:12,13**



Вақте ки Худо ба доварӣ меояд, то тамоми нахустзодагонро ба қатл расонад, Ӯ аз болои ҳар хонае ки хун бар паҳлударихои он молида шудааст, мегузарад, новобаста ба он ки хона аз шахси исроилӣ ё мисрӣ бошад. Хуни ба паҳлударихо молидашуда санҷиши назаррасе мешавад аз ин ки сокинони ин хона ба суханони Худо боварӣ доранд.

## Қоидаҳо

Пурсидан мумкин аст, ки чӣ мешуд агар касе мегуфт: “Куштани беҳтарин барраи рамаам хандаовар аст. Ман яки дигареро дорам, ки каме ланг аст, ва ҳамонро мекушам”.

Ва ё, агар каси дигаре ба дӯстони худ мегуфт: “Э-э... дӯстон! Имшаб чунон зебост. Ин идро дар берун гузаронем чӣ?”

Оё Худо дар ин сурат дованияшро боздошта, аз болои хонаҳои онҳо гузашта мерафт? Ҳаргиз не! Шояд ин мардум беҳтарин ниятҳои дунёро доштанд, аммо онҳо ҳарфи дастурҳои Худоро пайравӣ нанамуданд. Онҳо корҳоеро аз рӯи фаҳмиши худ анҷом доданд, айнан мисли Қобил ва мардуми замони Нӯҳ. Худованд бар онҳо тавре ки бар мисриён амал кард, хоҳад кард, зеро онҳо ба Ӯ таваккал намуданро рад карданд. Онҳо он чиро, ки барояшон шоиста буд, гирифтанд.

Аз дигар тараф, тахмин кунем, ки як шахси мисрӣ шунид, ки Худо ҷазои охиринро мефиристад, ва он шахс чунин фикр кард: “Ман медонам, ки худоёни мо дурӯғинанд, аммо исроилиён Худои ҳақиқиро мепарастанд. Ман мехоҳам, ки Ӯ Худои ман низ шавад. Ӯ аз ман чӣ мехоста бошад?” Агар ин мисрӣ ба Худои ягона таваккал карда, дастурҳои рӯзи Песаҳро риоя кунад, оё Худо дар ин шаб аз болои вай гузашта меравад? Оё ин одам аз ҷазо раҳо меёбад? Албатта, ӯ раҳо меёбад, ба сабаби имони худ ва ба сабаби он, ки назди Худованд мувофиқи хости Ӯ омад. Худо имони ин одамро ба эътибор гирифта, барояш файзу марҳамати Худро ато мекард.

> *Ва нисфи шаб чунин воқеъ шуд, ки Парвардигор ҳамаи нахустзодагони сарзамини Мисрро, аз нахустзодаи фиръавн, ки бар тахт нишаста буд, то нахустзодаи асире ки дар зиндон буд, ва ҳар нахустзодаи чорпоёнро зарба зад.*
>
> *Ва дар он шаб фиръавн, ва ҳамаи ходимонаш, ва ҳамаи мисриён бархестанд, ва фарёди азиме дар Миср рӯй дод, зеро хонае набуд, ки мурдае дар он набошад.*
>
> *Ва [фиръавн] Мусо ва Ҳорунро шабона даъват намуда, гуфт: “Бархезед ва аз миёни қавми ман берун равед, ҳам шумо ва ҳам банӣ-Исроил; ва рафта, Парвардигорро ибодат намоед, чунон ки гуфтед. Гӯсфандон ва говони худро низ, чунон ки гуфтед, гиред, ва равед, ва маро низ баракат диҳед”.*
>
> *Ва мисриён бар қавм фишор меоварданд, то онҳо зудтар аз сарзамин равона шаванд, зеро гуфтанд: “Ҳамаамон мемирем”.*

> *Ва дар ҳамон рӯз чунин шуд, ки Парвардигор банӣ-Исроилро мувофиқи лашкарҳошон аз сарзамини Миср берун овард.*
>
> **Раҳоӣ 12:29-33,51**

## Худо ба суханаш вафодор аст

Худо ба фиръавн пурсабрӣ зоҳир намуда, ба воситаи пайғамбари Худ, Мусо, барояш паёми равшан дод. Фиръавн имкониятҳои бисёр дошт, то ба исроилиён иҷозати рафтан диҳад, аммо вақте ки ӯ дар норозигияш устувор мемонд, Худо ҳамон тавре ки гуфта буд, кард. Худо мисли мо нест. Бисёр вақт мо ба фарзандонамон таҳдиди ҷазо додан мекунем, аммо ба амал намегузарем. Худо ҳамеша ба суханаш вафодор аст.

Исроилиён, баръакс, некии Худоро диданд, чунки ба Ӯ бовар карданд. Ҳангоме ки Худо барои доварӣ кардан омад, дар ҳар ҷое ки бар паҳлудариҳои хонаҳо хун дида мешуд, Ӯ аз болояшон гузашта рафт. Ӯ нахустзодаи ҳар яке аз ин хонаҳоро зинда нигоҳ дошт, аммо фақат ба хотири он ки баррае дар ҷояш кушта шуда буд. Ин мувофиқи таъйиноти пешакии Худо буд. Худо марги ҳайвонро дар ҷои Ҳобил ҳамчун пардохти арзиши гуноҳ қабул кард. Ҳангоме Иброҳим писари худро ба қурбонӣ овард, қӯчқоре дар ҷояш мурд. Акнун, ҳангоми Песаҳ, баррае дар ҷои нахустзода кушта шуд. Ҳайвонро чун ҷонишин қурбон карда, ин одамон ба тарзи муайян нишон медоданд, ки ба Худо ҳамчун ба Наҷотдиҳандаи худ имон доранд. Азбаски онҳо ба Худо бовар карданд, онҳо ба фармони Ӯ итоат намуданд.

Ин бояд барои исроилиён анъанае мегардид. Ҳар сол онҳо бояд Песаҳро хӯрда ба ёд меоварданд, ки Худо онҳоро аз асорат наҷот дода буд.

> *...он рӯз барои шумо рӯзи ёдгорӣ мешавад, ва онро ҳамчун иде барои Парвардигор ид кунед; онро, ҳамчун қонуни абадӣ, насл ба насл ид кунед.* **Раҳоӣ 12:14**

Ҳанӯз то имрӯз бисёре аз намояндагони насли Иброҳим хуни қурбониро ҳамчун аломати ҳифзи Худо аз бадӣ бар дарҳо ва деворҳои хонаҳои худ мемоланд. Оё ин анъана аз касе сар шудааст, ки ба ёд овардааст, ки чӣ тавр Худо пайравони ин дастурҳоро зинда нигоҳ дошта буд? Мо намедонем, аммо маълум аст, ки Худо марҳаматашро нисбати ҳама касоне, ки бовар карда барраеро ба қурбонии хунин оварданд, қудратмандона нишон дод.

Пас, исроилиҳо аз дасти мисриёне ки онҳоро ғулом карда буданд, озод шуданд. Худо суханашро нигоҳ дошт – айнан ҳамон тавре ки гуфта буд.

# Боби ҳаштум

1. Нон, бедонаҳо ва об
2. Даҳ қоида
3. Толори доварӣ

# 1. Нон, бедонаҳо ва об

Исроилиён ҳангоми ба роҳ баромаданашон мисли анбӯҳи бетартибе буданд. Мисриён ҳарчи бештар аз исроилиён халос шудан хоста, ба онҳо чизҳои қиматбаҳои худро медоданд. Пас, исроилиён бо чорвоёнашон, бе ин ки муддатеро барои бо тартиб ҷамъ кардани анҷомҳояшон гузаронанд, бо шитоб кишварро тарк карданд.

Агар миқдорашонро, ки беш аз дуюним миллион буд, ба назар гирем, он ҳаяҷонеро ки дар байнашон ҳукмфармо буд, ба худ тасаввур карданамон мумкин аст. Мусо онҳоро роҳбарӣ мекард, аммо чӣ тавр ба ин анбӯҳи бузург фарёд зада, “Ин сӯ биёед!” гуфтан мумкин аст? Ҳатто гарданро дароз карда, Мусоро дидани тамоми халқ ғайриимкон буд. Худо мушкилиро ҳал кард:

> *Ва Парвардигор рӯзона дар сутуни абр пешопеши онҳо мерафт, то роҳро ба онҳо нишон диҳад, ва шабона – дар сутуни оташ, то ба онҳо рӯшноӣ бахшад, ва онҳо рӯзона ва шабона роҳ раванд.* **Раҳоӣ 13:21**

Ба шарофати ин сутуни оташ мардум метавонистанд фавран ба фармони ба роҳ даромадан гӯш кунанд. Ҳамаи онҳо бояд фақат ба роҳнамоии Парвардигор таваккал мекарданд, ва ба ин сутун нигоҳ карда, аз пайи он мерафтанд. Чӣ тарзи боҳашамати нигоҳ доштани анбӯҳи мардум!

Роҳи кӯтоҳтарин аз Миср то Канъон (сарзамини ваъдашуда) аз сарзамине мегузашт, ки мардуми он дар муҳорибаҳо ҳимоя кардани худро хуб медонистанд. Бо дидани тӯдаи дуюнимmиллионнафарае, ки ба онҳо наздик мешавад, онҳо ҳақ доштанд ба амали ҷавобӣ тайёрӣ бинанд. Аммо...

> *... Худо онҳоро ба роҳи сарзамини фалиштиён набурд, агарчи он наздик буд; зеро Худо гуфт: “Мабодо қавм ҷангро дида, пушаймон шаванд ва ба Миср баргарданд”. Ва Худо қавмро бо роҳи биёбон давр занонда, сӯи баҳри Қулзум бурд.* **Раҳоӣ 13:17,18**




Худо барои исроилиён ғамхорӣ мекард. Ӯ онҳоро ба таври тааҷҷубовар аз баҳри Қулзум[1] гузаронид, то баъд онҳоро бо роҳи биёбони Сино, маҳалли амалан беодам, барад. Дар чунин як ҷой онҳо аз ҳар душман дар амон буданд. Аммо онҳо ба норасоии хӯрок рӯ ба рӯ шуданд. Ва он

гоҳ исроилиён ба шикваю нола сар карданд:

> *Ва тамоми ҷамоати банӣ-Исроил дар биёбон аз Мусо ва Ҳорун шикоят карданд. Ва банӣ-Исроил ба онҳо гуфтанд: “Кошки аз дасти Парвардигор дар сарзамини Миср мемурдем, ҳангоме ки назди деги гӯшт менишастем ва ба серӣ нон мехӯрдем! Зеро моро ба ин биёбон берун овардед, то тамоми ин ҷамоатро аз гуруснагӣ кушед”.* **Раҳоӣ 16:2,3**

Халқ аз баромаданашон пушаймон шуда буданд ва ҳатто мехостанд ба асорат баргарданд. Ҷавоби халқ ба меҳрубонии Худо, ки онҳоро бо хӯрок таъмин мекард, ба таври ҳайратовар ношукрона буд, зеро Худо то ҳол ба онҳо хуб ғамхорӣ мекард, ва ҳаргиз нияти тарк карданашонро надошт. Исроилиён бояд ба Худо рӯ меоварданд, то аз Ӯ хӯрок талабанд, зеро Худо мехост эҳтиёҷоташонро қонеъ созад. Аммо дар ҷои ин, онҳо ба нолаву шиква даромаданд.

## Нон ва бедонаҳо

> *Ва Парвардигор ба Мусо сухан ронда гуфт: “Ман шикоятҳои банӣ-Исроилро шунидаам; ба онҳо сухан ронда гӯй: “Шомгоҳон гӯшт мехӯред, ва саҳарӣ аз нон сер мешавед; ва мефаҳмед, ки Ман Парвардигор Худои шумо ҳастам”.*
>
> *Ва шомгоҳон чунин шуд, ки бедонаҳо пайдо шуда, бошишгоҳро пӯшонданд; ва саҳарӣ як қабат шабнам гирдогирди бошишгоҳ нишаст.*
>
> *Ва ҳангоме ки қабати шабнам нопадид шуд, инак, бар рӯи биёбон чизи резаи лӯнда-лӯндае, резае мисли яхча бар замин хобидааст.*
>
> *Ва банӣ-Исроил онро диданд, ва ба якдигар гуфтанд: “Ин чист?”* Зеро намедонистанд, ки он чист.*
>
> *Ва Мусо ба онҳо гуфт: “Ин ноне аст, ки ПАРВАРДИГОР ба шумо додааст, то ки хӯред”.* **Раҳоӣ 16:11-15**

* “Ин чист?” тарҷумаи таҳтуллафзии калимаи ”манн” аст. Баъзе тарҷумаҳо калимаи “манн”-ро истифода мебаранд.

Худо барояшон нону гӯшт дод, ҳатто бе он ки барои ба даст овардани онҳо кор кунанд. Ҳар саҳар нон барояшон дастрас буд; онҳо фақат ҷамъ мекарданд. Ба ҳамин сурат, исроилиён ҳар рӯз ба ёд меоварданд, ки Худо эҳтиёҷоташонро қонеъ мекунад. Албатта онҳо аз шикваи худ, ки аз норасоии хӯрок карда буданд, каме ноҳоҳат буданд. Акнун Худо дарси дигареро ба онҳо медод.

## Дарси одӣ

Таъминот бо нон ба ду мақсад хизмат мекард. Аввалан, он бояд гуруснагии исроилиёнро бартараф мекард, аммо Худо мақсади дигаре низ дошт:

> *...то онҳоро имтиҳон намоям, ки мувофиқи шариати Ман рафтор мекунанд ё не.* **Раҳоӣ 16:4б**

Худо ба воситаи Мусо ба исроилиён гуфт, ки нонро бештар аз андозае ки барои як рӯз кифоякунанда аст, ҷамъ накунанд. Ин дастури басо сода буд, аммо:

> *Онҳо ба Мусо гӯш надоданд, ва баъзе касон аз он то саҳар боқӣ гузоштанд, ва он кирм карда, бӯй гирифт; ва Мусо бар онҳо хашмгин шуд.* **Раҳоӣ 16:20**

Ин як дарси одие буд, ва касе ба он тоб наовард. Вале ба воситаи ин дарс мардум фаҳмиданд, ки вақте Худо чизе мегӯяд, онро ҷиддӣ бояд қабул кард, зеро Ӯ лоиқи боварист. Беитоатӣ оқибатҳои шадид дорад.

## Боз шиква

> *Ва тамоми ҷамоати банӣ Исроил, бо амри Парвардигор, аз биёбони Син ба сафари худ равона шуданд; ва дар Рафидим хайма заданд, ва обе барои нӯшидани қавм набуд.*
>
> *Ва қавм бо Мусо кашмакаш карда, гуфтанд: “Ба мо об диҳед, то нӯшем... Чаро моро аз Миср берун овардӣ, то ки мо ва фарзандони мо ва чорвои моро аз ташнагӣ кушӣ?”*
>
> *Ва Мусо сӯи Парвардигор фарёд карда, гуфт: “Бо ин қавм чӣ кунам? Андаке мондааст, ки маро сангсор кунанд”.*
> **Раҳоӣ 17:1,2а,3б,4**

Исроилиён дарсро воқеан аз худ накарда буданд. Инак, онҳо боз ғур-ғур доранд, аммо ин дафъа ба хотири об. Исроилиён аз иҷрои вазифаи ба хости Худо итоат намудан ва халқи Худо будан бисёр дур буданд.

> *Ва Парвардигор ба Мусо гуфт: “Аз пеши қавм гузар намо, ва аз пирони Исроил бо худ гир; ва асои худро ки дарёро бо он задӣ, ба дастат гирифта, равона шав. Инак, Ман дар он ҷо пеши ту бар кӯҳпорае ки дар Ҳуриб аст, меистам ва ту кӯҳпорарo мезанӣ, ва об аз он мебарояд, ва қавм менӯшанд.*
>
> *Ва Мусо пеши назари пирони Исроил чунин кард.* **Раҳоӣ 17:5,6**

### Об

Бо хоҳиши тасвир додани ин муъҷиза баъзе рассомон Мусоро нишон медиҳанд, ки сахраро мезанад ва аз он як фаввораи хурде ҷорӣ мешавад. Дар асл аз он бояд як ҷӯйи калоне ҷорӣ мешуд, зеро як анбӯҳи бениҳоят зиёди мардуми ташна ва тамоми чорвои онҳоро нӯшонидан лозим буд. Як фаввораи одии об ҳаргиз кифоякунанда намебуд. Китоби Муқаддас мегӯяд:

> *Кӯҳпораро шикоф кард, ва об ҷорӣ шуд, дар ҷойҳои хушк мисли дарё равон шуд.* **Забур 104:41**

Боз ҳам Худо эҳтиёҷоти халқро қонеъ кард, агарчи мардум ба қадраш нарасида буданд. Офаридгор Соҳиби онҳо буд ва метавонист онҳоро ҷазо диҳад, зеро гуноҳ дар ниҳояти кор оқибатҳоро ба бор меорад. Аммо Худо бо онҳо пуртоқат ва меҳрубон буд. Ӯ файз – некиеро, ки онҳо сазовораш набуданд, ба онҳо зоҳир намуд. Инсони гуноҳкор ҳаргиз шоистаи ин навъ муҳаббат нест, аммо Худо сарфи назар аз гуноҳи инсон эҳтиёҷоташро қонеъ менамояд.

## 2. Даҳ қоида

Парвардигор ба исроилиён гуфт, ки онҳо ба аҳли башари боқимонда чун намуна хизмат бояд кунанд, то нишон диҳанд, ки муносибати Худо бо инсон ва муносибати инсон бо Худо чӣ гуна бояд бошад. Албатта, исроилиён дар бораи Худо чизҳои зиёдеро бояд меомӯхтанд. Худо раванди ошкор намудани Худро давом медод ва инак ҷиҳати дигари хислати Ӯ бояд ошкор мешуд.

Дар моҳи сеюми берун омадани банӣ-Исроил аз сарзамини Миср, дар ҳамон рӯз, онҳо ба биёбони Сино расиданд... ва дар он ҷо Исроил рӯ ба рӯи кӯҳ хайма заданд.

> *“Ва Мусо сӯи Худо баромад, ва Парвардигор аз кӯҳ ӯро даъват намуда, гуфт: “Ба хонадони Яъқуб чунин гӯй ва ба банӣ-Исроил хабар деҳ: шумо он чиро, ки Ман ба мисриён кардам, дидед, ва Ман шуморо бар болҳои уқобон бардоштам, ва шуморо назди Худ овардам. Ва ҳоло, агар шумо ба овози Ман ҳақиқатан гӯш диҳед, ва аҳди Маро риоя кунед, шумо аз миёни ҳамаи қавмҳо ганҷи махсуси Ман мешавед; зеро тамоми замин аз они Ман аст. Ва шумо барои Ман подшоҳии коҳинон ва халқи муқаддас мешавед. Ин аст суханоне ки ту бояд ба банӣ-Исроил гӯӣ”.* **Раҳоӣ 19:1-6**

## Агар…, пас

Худо фақат баён кард: Агар шумо ба Ман гӯш диҳед, пас Ман шуморо қабул мекунам. Ҳамин тавр шумо барои дигар халқҳо шаҳодате мешавед ва онҳо Кӣ будани Маро мефаҳманд". Як шарт вуҷуд дошт: *"агар шумо ба Ман гӯш кунед, пас..."* Ҳеҷ кадом шарти дигаре вуҷуд надошт.

То ҳол комёбиҳои исроилиён на чандон барҷаста буданд. Онҳо беш аз андозаи лозим, бар хилофи огоҳие ки Худо барояшон дода буд, нон ҷамъ карда буданд. Онҳо дар ҷои таваккал кардан ба Худо шикваву нола карданд. Ҷавоби шоиста аз ҷониби онҳо чунин мебуд: "Худованд, дар қисмати итоат мо ҳеҷ ҳастем. Ту муқаддасӣ, вале мо, мо гуноҳкорем. Агар Ту аз мо интизори он бошӣ, ки мо қавми коҳинон, халқи муқаддас мешавем, пас мо ба нокомӣ маҳкум мебошем!"

## Мо метавонем!

Бо вуҷуди ин, вақте ки Мусо барои баён кардани пешниҳоди Худо халқро ҷамъ кард, ҳама онро бо шавқу завқ қабул карданд:

> *Ва тамоми қавм якҷоя ҷавоб гардонда, гуфтанд:* ***"Ҳар он чи ПАРВАРДИГОР гуфтааст, ба ҷо меорем".*** **Рахҳоӣ 19:8**

Онҳо ҷавоб доданд: "Албатта, Худо, мо ба иҷрои гуфтаҳои Ту ҳозирем. Мо коҳинони бузург хоҳем буд. Покӣ бошад..., бе ягон мушкилӣ! Мо муқаддастарин халқе ки ҳаргиз надида будӣ, хоҳем шуд. Мо инро метавонем!" Албатта ман аз будаш зиёдтар нишон додам, аммо шумо фикрро мефаҳмед. Дар асл мардум то ба дараҷаи кофӣ маънои калимаи муқаддасро фаҳмида наметавонистанд. Пас Худоро лозим буд, ки инро барояшон равшан фаҳмонад.

## Кӯмакҳои аёнӣ

Дарс бо кӯмакҳои аёнӣ сар мешавад:

> *Ва ПАРВАРДИГОР ба Мусо гуфт: "Назди қавм рафта, онҳоро имрӯз ва фардо муқаддас гардон, ва бигзор онҳо либосҳошонро шӯянд, ва ба рӯзи сеюм тайёр бошанд, зеро дар рӯзи сеюм ПАРВАРДИГОР, пеши назари тамоми қавм, бар кӯҳи Сино фуруд меояд".* **Рахҳоӣ 19:10,11**

Худо ба Мусо гуфт, ки исроилиён бояд либосҳояшонро шуста, худро муқаддас гардонанд (худро ба Худо бахшанд). Ин амал гуноҳро пок намекард; он фақат ба исроилиён кӯмак мекард, то зарурати аз гуноҳ

пок буданро фаҳманд. Баъди чандин аср, шоир в файлосуфи бузург, Ҷалоллидини Румӣ, назарияи Худоро, ки Ӯ ба мардум пешкаш карданӣ буд, фаҳмид. Ӯ чунин навишт: “Дуои мувофиқ ин аст: Худовандо, маро шустушӯ намо. Дасти ман фақат як қисми маро шустан метавонад, аммо он рӯҳамро шуста наметавонад. Ман метавонам ин пӯстамро бишӯям, аммо Ту метавонӣ маро шустушӯ кунӣ”. Тозагии берунӣ баробар ба тозагии дарунӣ нест. Дастони тоза боиси тоза шудани дил намегардад.

Агарчи амали шустушӯи либосҳо намоишгари тозагӣ ё тозагии исроилиён пеши Парвардигор буд, ин амал худ аз худ онҳоро аз гуноҳ пок карда наметавонист. Он фақат ба мардум ёрӣ дода метавонист, то фаҳманд, ки тозагии рӯҳонӣ ҷиҳати муҳими росткорӣ буд. Аммо Худо кӯмакҳои дигарро низ барояшон дошт. Ӯ ба Мусо гуфт:

> *Ва ҳадде барои қавм гирдогирд муқаррар намуда, гӯй: “Аз баромадан бар кӯҳ ва даст расондан ба доманаи он эҳтиёт шавед; ҳар кӣ ба кӯҳ даст расонад, ҳатман мемурад”.*
>
> **Раҳоӣ 19:12**

Ҳудудҳои таъйиншуда ба даври кӯҳ тасвири ҷудоӣ байни Худо ва инсон ба сабаби гуноҳ буд. Мусо мардумро огоҳ кард, ки ба Худо наздик наоянд, зеро Ӯ муқаддас аст, вале инсон гуноҳкор, ва дар ҳузури Ӯ истодагарӣ карда наметавонад. Ин ёдоварӣ аз он ки оқибати гуноҳ марг аст.

> *Ва дар рӯзи сеюм чунин шуд, ки баробари дамидани субҳ тундарҳо ва оташакҳо ба амал омада, абри ғафсе кӯҳро фаро гирифт, ва садои хеле баланди шайпур ба гӯш расид; ва тамоми қавме ки дар бошишгоҳ буданд, ба ларза даромаданд. Ва Мусо қавмро ба пешвози Худо аз бошишгоҳ берун овард, ва онҳо дар домани кӯҳ истоданд.*
>
> *Ва тамоми кӯҳи Синоро дуд фаро гирифта буд, чунки Парвардигор дар оташ бар он фуруд омад, ва дуди он чун дуди кӯра мебаромад; ва тамоми кӯҳ бисёр меларзид.*
>
> **Раҳоӣ 19:16-18**

Ин кӯмакҳои аёнӣ ҳам таъсирбахш ва ҳам даҳшатнок буданд: раъду барқ, абри ғафс, садои карнай, дуди оташ. Тамоми халқ дар ваҳм буданд. Инсони гуноҳкор дар ҳузури Худои қуддус сабаби тарсидан дошт. Парвардигор паёмашро мерасонид.

Дар якчанд дақиқаи баъдина инсон бояд фаҳмиши беҳтарини чигунагии Худоро ба даст меовард. Худо бояд калимаҳои *муқаддас* ва *росткор*ро ба инсон мефаҳмонд. Ин мисли он буд, ки гӯё Худо

барояшон мегуфта бошад: “Худи шумо дидаед, ки чӣ тавр ман ба шумо ғамхорӣ мекунам. Ман қонунҳои Худро ҳаргиз ба шумо чунин равшан баён накарда будам. Агар шумо ба даҳ фармудае ки Ман ба шумо медиҳам, итоат кунед, шумо халқи муқаддас, қавми ягонае мешавед, ки аз муносибатҳои махсус бо Ман баҳраманд аст. Шумо хоҳед фаҳмид, чӣ тавр рафтор бояд кард ва чӣ тавр дар мувофиқат зиндагӣ бояд кард. Қавмҳо ва халқҳои дигар рафтори шуморо дида, низ ба Ман итоаткор шуда росткор мегарданд”[2].

Баъд Худо ба онҳо даҳ фармударо дод:



**Фармудаи #1**

*Ман Парвардигор Худои ту ҳастам... Туро худоёни дигар, ғайр аз Ман, набояд бошанд.* **Раҳоӣ 20:2а,3**

Худо намехост, ки мардум чизеро ё касеро ғайр аз Худи Ӯ парастиш кунанд. Ва инак сабаби он:

> *Ман Парвардигор ҳастам, ва дигаре нест;*
> *ғайр аз Ман Худое нест.* **Ишаъё 45:5а**

Фақат як Худое вуҷуд дорад, ки лоиқи эҳтиром аст. Халқ набояд ба ягон худои дигаре таваккал кунад, балки фақат ба Худои ягонаи ҳақиқӣ. Онҳое ки мехостанд муқаддас бошанд, бояд танҳо Ӯро парастиш мекарданд.

---

Баъзеҳо фикр мекунанд ки ин фармударо вайрон накардаанд. Аммо маънои ин фармуда чунин аст: агар оила, дӯстон, роҳбарони рӯҳонӣ, мартаба, кор, намуди зоҳирӣ, пул, хуш гузарондани вақтҳои холӣ, ба нафақа баромадан — ҳар чизе ё ҳар касе — барои шумо назар ба Худо муҳимтар бошанд, пас шумо ин фармударо вайрон кардаед.

---



**Фармудаи #2**

*Буте, ҳар сурате аз он чи дар осмон аз болост, ва аз он чи дар замин аз поён аст, ва аз он чи дар об аз зери замин аст, барои худ насоз. Ба онҳо саҷда набар ва онҳоро ибодат накун.* **Раҳоӣ 20:4,5а**

Аввалин фармуда ба мо мефармояд, ки дигар худоёнро парастиш накунем. Дар фармудаи дуввум ба мо фармуда шудааст, ки сурат ё санами ягон худоро саҷда накунем, хоҳ Худои ҳақиқӣ бошад ё дурӯғин.

Худо ҳатто намехоҳад, ки одамон суратҳо ва мусавварахоеро, ки симои Худи Ӯро намоиш медиҳанд, парастиш кунанд. Азбаски Худованд Рӯҳ аст, барои инсон фоида надорад, ки аз Ӯ сурати ҷисмонӣ созад. Ҳеҷ як тасвире ки сохтаи дасти одамӣ бошад, шоистаи парастиш нест – танҳо Худои зинда шоёни он аст.

> *Ман Парвардигор ҳастам, ва номи Ман ҳамин аст, ва ҷалоли Худро ба дигаре, ва ситоиши Худро ба бутҳо намедиҳам.*
>
> **Ишаъё 42:8**

Дуввум талабот барои расидан ба муқаддасӣ – барои ба Худо ва Офаридгор писанд омадан – ҳеҷ як тасвири Худо ё офаридаҳояшро парастиш накардан аст.



## Фармудаи #3

> *Номи Парвардигор Худои худро беҳуда ба забон нагир, зеро Парвардигор касеро, ки номи Ӯро беҳуда ба забон мегирад, беҷазо намегузорад.* **Раҳоӣ 20:7**

Инсон доим бояд Худоро эҳтиром дорад. Зеро Ӯ Худои соҳибихтиёр аст, ҳатто номи Ӯ набояд сабукфикрона ба забон гирифта шавад. Ӯ Довари тамоми замин буда, лоиқи ҳурмату эҳтиром аст. Ҳамчун Подшоҳ, Ӯ лоиқи бузургтарин ҳамду саноҳост. Фармудаи 3 равшан аст: барои муқаддас будан Худои Таолоро баланд эҳтиром кардан лозим аст.

Агар шумо номи Худоро ҳамчун нидо истифода баред, шумо ин фармударо вайрон мекунед. Агар шумо чунин гӯед: “Худо хоҳад, ман ин ё он корро мекунам”, бе ин ки ягон шавқе барои нигоҳ доштани суханатон дошта бошед, пас шумо номи Худоро хор дониста, ин фармударо вайрон кардед. Агар шумо чунин гӯед: “Ба номи Худо ман ин ё он корро накардаам!” дар ҳоле ки медонед, ки шумо онро кардаед, пас шумо номи Худоро беҳуда ба забон гирифтед.



## Фармудаи #4

> *Рӯзи шанберо дар хотир дор, то ки онро муқаддас шуморӣ. Шаш рӯз кор кун ва ҳар амалатро ба ҷо овар; вале рӯзи ҳафтум шанбеи Парвардигор Худои туст; дар он ҳеҷ кор накун...* **Раҳоӣ 20:8,9,10а**

Худо ба мардум фармуд, то рӯзи ҳафтум, шанберо, чун рӯзи истироҳат риоя кунанд. Ин рӯзи махсус бояд ба бақияи аҳли башар нишон медод,

ки Худо бо онҳо муносибати махсус барқарор кардааст. Худо ба Мусо гуфт:

> *Ва ту ба банӣ-Исроил сухан ронда гӯй: “Шанбеҳои Маро албатта риоя намоед, зеро ин дар миёни Ман ва шумо барои наслҳои шумо аломатест, то донанд, ки Ман Парвардигор ҳастам, ки шуморо муқаддас мегардонад.* **Раҳоӣ 31:13**

Барои муқаддас будан исроилиён бояд рӯзи шанбе, аломатеро, ки онҳоро аз дигар миллатҳо фарқ мекунонанд, эҳтиром мекарданд.



## Фармудаи #5

*Падару модари худро эҳтиром намо...* **Раҳоӣ 20:12а**

Бо ин фармуда Худо ба фарзандон гуфт, ки падару модарашонро эҳтиром кунанд. Дар хонадони дуруст на душманӣ, балки осоиш бояд ҳукмрон бошад. Фарзандон бояд боэҳтиром ва фармонбардор бошанд. Дар айни ҳол дар назар дошта шудааст, ки падару модар некӯаҳволии оилаашонро хоҳон мебошанд. Худо ба тамоми фарзандон гуфт, ки барои муқаддас будан онҳо бояд падару модари худро иззат намоянд. Худованд мехоҳад, ки дар оила на бесарусомониву душманӣ, балки тартибу иззат ҳукмфармо бошанд.

Ҷанҷол бардоштан, гӯши худро ба карӣ андохтан, баҳс кардан, қаҳр кардан, ба гап надаромадан ё танқид кардан рафторҳое ҳастанд, ки набудани эҳтиромро нишон медиҳанд.



## Фармудаи #6

*Одамкушӣ накун.* **Раҳоӣ 20:13а**

Азбаски ҳаётро Худо мебахшад, мумкин нест, ки инсон инсонеро аз ҳаёт маҳрум кунад. Боз ҳам, Худованд нахост, ки ин фармон танҳо ба одамкушӣ маҳдуд шавад. Ӯ инчунин сабабҳоеро, ки ба ин амал тела мекунанд, дар назар дошт. Навишта мегӯяд:

> *Худо... андеша ва ниятҳои дилро месанҷад.*
>
> *Ва ҳеҷ офаридае нест, ки аз Ӯ ниҳон бошад, балки ҳама чиз пеши чашмони Ӯ бараҳна ва ошкор аст: ба Ӯ ҳисобот медиҳем.* **Ибриён 4:12б,13**

Азбаски Худо ба дил менигарад, ӯ ба куштор маънии васеътар аз ин ки мо дода метавонем, медиҳад. Худо баъзе навъҳои хашмро баробар ба қатл медонад:

*Шунидаед, ки ба қадимиён гуфта шудааст: “Одамкушӣ накун; ҳар кӣ одамкушӣ кунад, сазовори доварӣ мешавад”. Лекин Ман ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба бародари худ беҳуда хашм гирад, сазовори доварӣ мешавад: ҳар кӣ бародари худро “аҳмақ” гӯяд, сазовори ҳукми шӯро мешавад; ва ҳар кӣ “аблаҳ” гӯяд, сазовори оташи дӯзах мешавад.* **Матто 5:21,22**

Барои эҳтиром доштани қоидаҳои росткорӣ, ки Худо барпо кардааст, набояд ба ғазаб омада бе сабаби боарзиш хашмгин шавем.



## Фармудаи #7

*Зино накун.* **Раҳоӣ 20:14**

Худо гуфтааст, ки фақат ҳамон вақте ки кас оиладор мешавад, муносибатҳои ҷинсӣ доштан мумкин аст, ва ҳамсарон бояд ба якдигар вафодор бошанд.

Азбаски Худо дили одамро мебинад, Ӯ медонад чӣ вақт инсон фикрҳои нопок дорад.

*Шунидаед, ки гуфта шудааст: “Зино накун”. Лекин Ман ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба зане бо чашми шаҳват нигоҳ кунад, дар дили худ бо вай зино кардааст.* **Матто 5:27,28**

Агар шахс ба каси дигаре, ба ғайр аз ҳамсари худ, бо ҳаваси муносибатҳои ҷинсӣ доштан нигоҳ кунад, шариатро вайрон кардааст. Барои муқаддас будан шахс бояд дар фикр ва дар амал пок бошад.



## Фармудаи #8

*Дуздӣ накун.* **Раҳоӣ 20:15**

Худо намехоҳад, ки кас он чиро, ки аз они худаш нест, гирад. Маҳз Худо ба ҳар кас ҳақ медиҳад, то соҳиби баъзе чизҳо бошад. Он ки дуздӣ мекунад, Худоро гӯш намекунад ва наметавонад росткор дониста шавад.

Ин фармуда ба ҳар гуна қаллобиҳо низ дахл дорад. Масалан, ҳангоми кӯчондан дар имтиҳон ва ё ҳангоми насупоридани андоз.



## Фармудаи #9

*Дар ҳаққи ёри худ гувоҳии бардурӯғ надеҳ.* **Раҳоӣ 20:16**

Инсон бояд доим ростгӯ бошад, зеро Худо тоқати дурӯғро надорад. Мо аллакай дидем, ки шайтон дурӯғгӯй ва табиатан маккор аст. Аммо Худо тамоман дигар хел мебошад. Ҳақиқат аз Худо бармеояд ва қисми таркибии табиати Ӯ аст. Худо:

> *... Худо(ест), ки дурӯғ гуфта наметавонад...* **Титус 1:2б**

Вақте ки Парвардигор чизе мегӯяд, дилпур метавон буд, ки ин рост аст, зеро:

> *... дурӯғ гуфтани Худо мумкин нест...* **Ибриён 6:18б**

Азбаски Худо ҳақиқат аст, ҳар дурӯғ хор дидани Ӯст. Шайтон падари дурӯғ аст; ҳар кӣ дурӯғ мегӯяд, худро дар қатори вай қарор медиҳад. Мувофиқи ин қонун, маҳкумкуниҳои дурӯғин, тӯҳматҳо, бадномкунӣ ва бадгӯӣ гуноҳ ба шумор мераванд.



### Фармудаи #10

> *Хонаи ёри худро тамаъ накун; ва зани ёрат, ғуломаш, канизаш, говаш, хараш ва ҳар чизеро, ки аз они ёрат аст, тамаъ накун.* **Раҳоӣ 20:17**

Одам набояд он чиро, ки ба дигар кас тааллуқ дорад, ҳавас кунад, хоҳ гап дар бораи дороии ӯ равад, ё истеъдодҳояш, ё намуди зоҳирияш ё ҳар чизи дигараш.

Шайтон мақоми Худоро ҳавас кард, вақте гуфт: “Ман мисли Ҳаққи Таоло хоҳам шуд”. Тамаъ, чашмгуруснагӣ ва рашк гуноҳҳое мебошанд, ки дар назари Худо махсусан баданд. Ин роҳи шайтон аст.

Дар ҷамъиятамон мо доим ба чашмгуруснагиву ҳавас рӯ ба рӯ мешавем, ки бо тарзи бисёр моҳирона зоҳир мегарданд. Бисёр касон фикр мекунанд, ки бо ҳар арзише ки бошад, бояд аз дигарон пас намонанд. Ба мо ёд медиҳанд, ки мо чизи беҳтареро сазоворем ва ин дар мо ҳисси дигари гуноҳолуд — ғурурро ба вуҷуд меоварад.

### Акнун ман медонам

Инак, ба одамон даҳ фармуда дода шуд. Худо онҳоро бар лавҳҳои сангин кандакорӣ карда буд, шояд барои ишора кардан бар он ки Шариати Ӯ устувор ва тағйирнопазир аст. Дар тӯли вақт инсон худро бовар мекунонд, ки фиреб кардан қобили қабул аст, аммо қонунҳои

Шариат дигар нашудаанд – онҳо ин амалро ҳама вақт маҳкум мекунанд. Минбаъд исроилиён аниқ медонистанд, ки Худо чиро гуноҳ меҳисобад.

Дар Каломи Худо навишта шудааст:

> *...агар шариат намебуд, гуноҳро намешинохтам. Зеро агар шариат намегуфт, ки "тамаъ накун", ман намедонистам, ки тамаъ чист.* **Румиён 7:7б**

Боз ҳам, саволҳо боқӣ монда буданд. Худо итоат ба ин қоидаҳоро то чӣ андоза сахтгирона талаб мекард? Оё гоҳ-ногоҳ вайрон кардани баъзеи ин қоидаҳо раво буд? Худо чиро интизор буд?



# 3. Толори доварӣ

Худо ба одамон даҳ фармударо дод. Аммо ин маҷмӯи қоидаҳо аниқиро металабид: онҳо бояд чӣ тавр ва кай риоя карда мешуданд. Оё истисноҳо вуҷуд доранд? Фарз мекунем, ки касе дар гузашта зино карда буд, оё

Худо ӯро барои хатояш ҳамеша ҷавобгар меҳисобад? Қонунгузори комил чиро талаб дорад?

Аввалан, Худо огоҳӣ дод, ки барои ба Ӯ писанд омадан мо бояд тамоми фармудаҳоро риоя кунем:

> *Ман ... ба ҳар кас... гувоҳӣ медиҳам, ки* ***ӯ бояд тамоми шариатро ба ҷо оварад.*** **Ғалотиён 5:3**

Мо наметавонем фақат чор қонунро интихоб намоем, ки мехоҳем инҳоро риоя намоем ва дигар қонунҳоро нодида гузорем. Худо дар ин хусус бисёр возеҳу равшан мегӯяд, ки ба тамоми фармудаҳо итоат кардан лозим аст. Илова бар он, Навишта мегӯяд:

> *Касе ки тамоми шариатро нигоҳ дошта, валекин дар як чиз хато кунад, нисбат ба ҳама чиз айбдор мешавад.* **Яъқуб 2:10**



Вайрон кардани яке аз фармудаҳои шариат чун буридани ресмони дорои даҳ гиреҳ аст. Ҳангоме ки фақат як гиреҳро мебуред, тамоми ресмон канда мешавад. Айнан ҳамин тавр, ҳангоме ки шумо фақат як фармудаи шариатро вайрон мекунед, тамоми меъёри илоҳии ростқориро вайрон мекунед.

Агар мо ягон фармударо ЯК ДАФЪА вайрон кунем, ин мисли он аст, ки мо ҳамаи фармудаҳоро вайрон карда бошем. Мо дигар комил нестем, ва Парвардигор моро ба ҳузураш қабул карда наметавонад.

Худо комилан муқаддас аст ва фақат касонеро, ки мисли Ӯ мебошанд, қабул карда метавонад. Агар ростқории инсон ба ростқории Худо баробар наояд, муносибат байни Худо ва инсон дубора барқарор шуда наметавонад.

Илова бар ин ки мо бояд тамоми Шариатро риоят кунем, Худо моро барои гуноҳҳое, ки мо надониста содир мекунем, ҷавобгар меҳисобад:

> *Ва агар касе гуноҳ кунад, яъне бар хилофи яке аз манъҳои Парвардигор амал кунад, вале инро надонад, – ӯ айбдор аст, ва барои гуноҳаш ҷазо меёбад.* **Ибодат 5:17**

Боре ман ин масаларо ба як ҷуфт навхонадорон мефаҳмондам. Ҳамин ки ман дар давоми дарс ба ҳамин масъала дахл кардам, ҷавонмард қасам хӯрда бо мушт бар рӯи миз зад ва гуфт: "Худо ноҳақ аст! Агар танҳо як роҳи ба Худо писанд омадан – нигоҳ доштани тамоми шариат вуҷуд дошта бошад, ин барои ман ғайриимкон аст. Ман ҳамаи ин фармудаҳоро пурра ба ҷо оварда наметавонам!" Ноумедии ӯ ошкор буд.

## Дониши гуноҳ

Худо хеле хуб медонист, ки инсон наметавонад тамоми ин фармудаҳоро комилан риоя кунад. Ин барои Ӯ ҳайратовар набуд. Нияти Худо ҳангоми фармудани ин даҳ фармуда маълум буд:

> *Мо медонем, ки ҳар чи шариат мегӯяд... то ҳар даҳоне баста шавад ва тамоми ҷаҳон пеши Худо айбдор гардад.*
>
> **Румиён 3:19**

Ин оят ба мо ду чизро ёд медиҳад:

1. Шариат ҳама касонеро, ки даъво доранд писандидаи Худо бошанд, водор мекунад, ки даҳон пӯшанд ва хомӯш бошанд. Касе наметавонад даҳ фармонро самимона омӯхта, гуноҳкор будани худро эътироф накунад.

2. Даҳ фармон ба мо нишон медиҳанд, ки ҳамаи мо, бешубҳа, шариатро вайрон кардаем. Дар аввал инсон дӯсти Худо ва беайб буд. Аммо вақте ки Одаму Ҳавво ба дастурҳои Худо беитоатӣ карданд, Ӯ маҷбур шуд, ки дӯстияшро ба канор гузошта, либоси доварӣ дар бар кунад. Дар ҷои дӯсти инсон будан, Худо акнун довари инсон шуд, ва инсонро ба истодан дар назди курсии доварӣ даъват кард. Ҳеҷ ҳимоягаре ба ҳимояи инсон барнахост, то тарафдораш бошад. Касе инро карда наметавонист. Ҳатто олитарин ҳимоягар наметавонист бовар кунонад, ки маҳкумшаванда беайб аст. Ҳеҷ як довари дорои назари номуайян набуд, ва на порае. Довари хариданашаванда баёнашро кард. Ҳукмнома бароварда шуд. Инсон дар вайрон кардани шариати Худо АЙБДОР шинохта шуд.

> *Чунки бо корҳои шариат ҳеҷ башаре пеши Ӯ сафед намешавад; зеро гуноҳ ба воситаи шариат дониста мешавад.* **Румиён 3:20**

Ин даҳ фармуда барои дарк намудани он ки мо гуноҳкор ҳастем, муқаррар шуда буданд.

Онҳо ба мо қуддусияти Худо ва гуноҳи инсонро нишон медиҳанд. Онҳо ченаки содаи хубу бад мебошанд. Шариат монанди асбоби санҷидани таб аст, ки ба мо касал буданамонро нишон медиҳад, аммо ҳеҷ як қудрати шифобахш надорад.

## Оина

Даҳ фармуда барои мо “фошкунанда” мебошанд, айнан мисли як оина дар рӯ ба рӯи рӯйи олуда. Агар шумо ба оина нигоҳ накунед,

донистан наметавонед ки рӯятон ифлос аст. Касе метавонист бо ангушт тарафи шумо ишорат карда гӯяд: “Рӯи шумо ифлос аст”, аммо шумо метавонистед инро рад карда гӯед: “Не, рӯи ман ифлос нест, ман чизеро намебинам!” ва шояд шумо ҳақиқатан ба ин боварӣ дошта бошед. Аммо, агар ба шумо оинаро медоданд, хуб мефаҳмидед, ки рӯи шумо дар ҳақиқат олуда аст ва шумо инро рад карда наметавонистед. Шумо маҷбур мешудед иқрор шавед, ки рӯятонро олуда кардаед.

Барои инсон низ чунин буд. Инсон, пеш аз ин ки Худо барояш шариатро дод, дар асл чӣ будани гуноҳро намефаҳмид. Мисли он ки оина олудагии рӯйро нишон медиҳад, даҳ фармуда ба мо дарки гуноҳро медиҳанд. Даҳ фармуда ба мо мисли як рӯйхате барои риоя кардан бо мақсади қабул шудан дар ҳузури Худо дода нашудаанд. Ин мақсади шариат набуд. Зеро ин ба касе монанд мебуд, ки кӯшиш мекунад рӯяшро бо оина молида онро тоза кунад. Оинаҳо на барои тоза кардан сохта шудаанд, балки барои акс додан. Воқеан, агар кас худро бо оина тоза кардан хоҳад, онро ифлос карда, ба акси равшан доданаш халал расонида метавонад. Касоне ки бо риоя намудани даҳ фармуда ба Худо писанд омадан мехоҳанд, одатан ин фармудаҳоро тағйир медиҳанд, то аз он чи ки ҳаст, камтар бад намоянд.

## Нуқтаи назари Худо

Оё шумо муқоисаеро байни ҳиссиёти мо ба калламуши мурда ва ҳиссиётҳои Худо нисбат ба гуноҳ дар хотир доред? Кӯшиши ба Худо писанд омадан ба воситаи риояи даҳ фармуда – атр задан бар калламуши мурда аст. Ин амал ба ҳеҷ ваҷҳ вазъияти калламушро беҳтар намесозад. Калламуш ба ҳар ҳол мурда мемонад, хоҳ атрзада бошад ё не. Худованд чунин кард, ки:

> *Гуноҳ... ҳамчун гуноҳ ошкор шавад ва бадии беандозаи гуноҳ ба воситаи фармуда маълум гардад.* **Румиён 7:13б**

Худо мехоҳад, ки кас гуноҳро, чи хурд бошад ё калон, тавре ки Ӯ мебинад, бинад, яъне ношоиста, вайронкунанда, таҳқиромез, нафратангез, бад, расво. Парвардигор ба мо фаҳмондан мехоҳад, ки қуддусияти Ӯ аз ҳар кадом дараҷаи росткорӣ, ки ба он расида метавонем, хеле бештар аст. Ҳатто вақте ки мо дар назари худ воқеан ҳақ менамоем, некӯии мо ба ҳеҷ ваҷҳ баробар ба қуддусияти Худо намешавад. Мо комилан аз ҳадаф дур мемонем.

## Варта

Пеш аз ин ки Худо шариатро диҳад, одам метавонист худро аз дигарон хубтар дониста, ба худ талқин кунад, ки Худо ӯро бештар дӯст медорад. Аммо шариатро ба одамизод дода, Худо хост, ки ҳар кас хулоса кунад:

> *Инак, ман дар гуноҳ офарида шудаам, ва модарам дар хато ба ман ҳомила гардидааст.* **Забур 50:7**

Акнун инсон метавонист на фақат ҳолати ҳақиқатан гуноҳолудаш, балки камолоти Худоро низ пай барад, фаҳмад ки қуддусияти Худо – росткории Ӯ – берун аз фаҳмиши инсонӣ буда, барои вай дастнорас аст. Чуқурие ки гуноҳ онро ба вуҷуд овард, хеле васеътар аз он буд, ки инсон ба худ тасаввур карда метавонист. Азбаски инсон наметавонист шариатро ба таври бояду шояд риоя намояд, ӯ наметавонист бо қувваи худ чуқуриеро, ки ӯро аз Худо ҷудо мекард, пур кунад.

## Ду гурӯҳ

Аксуламали исроилиён, ки ҳангоми аввалин хониши даҳ фармуда ба назар мерасад, монанди аксуламали бисёре аз одамони имрӯза аст. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки ҳамаи онҳо аз тарс ларзиданд, аммо аксари онҳо, бешубҳа, аз раъду барқ ба даҳшат афтода буданд. Онҳо аз аломатҳои аён, аз намоиши қудрати Худо гирифтори даҳшат гардида буданд; аммо дар масъалаи даҳ фармуда бисёре аз исроилиён ба мақсади ин паём сарфаҳм нарафтанд. Онҳо фикр мекарданд, ки бе мушкилӣ ин фармудаҳоро риоя хоҳанд кард. Бо бисёре аз мардуми имрӯза низ чунон аст. Онҳо кӯшиш мекунанд фармудаҳоро ба ҷо оваранд, бе ин ки дар бораи мақсади дода шудани инҳо фикр намоянд.

Аз тарафи дигар, дар натиҷаи ин воқеаҳо баъзе исроилиён фаҳмиши чуқуртари росткории Худоро дар бар карданд. Акнун онҳо маънои суханони Худоро, ки муқаддасӣ баробар ба беайб будан аст, мефаҳмиданд. Онҳо ба ларза омаданд, аммо ба сабаби тамоман дигар. Онҳо фаҳмиданд, ки ҳаргиз ба иҷрои пурраи ин қонунҳо расида наметавонанд.

Ҳар чӣ тавре ки бошад, Навишта мегӯяд, ки исроилиён ба ларза афтоданд:

> *Ва ба Мусо гуфтанд: “Ту ба мо сухан гӯй, ва мо гӯш мекунем, вале Худо ба мо сухан нагӯяд, мабодо мурем”.* **Раҳоӣ 20:19**

*Ва Парвардигор ба Мусо гуфт: "Назди Ман ба кӯҳ баро ва дар он ҷо бош, ва Ман тахтасангҳо ва Таврот ва фармудаҳоеро, ки барои таълим додан навиштаам, ба ту медиҳам".*

**Раҳоӣ 24:12**

Акнун даҳ фармуда ҷорӣ карда шуданд ва исроилиён ба риоя кардани инҳо ҳамчун қоидаи ахлоқ ӯҳдадор буданд. Онҳое ки нисбати худ ростгӯ буданд, хуб мефаҳмиданд, ки аз ӯҳдаи иҷрои ин фармудаҳо намебароянд. Ва агар кас дар чашмони Худо писанд омадан мехост, мефаҳмид, ки ба ягон воситаи дигар мӯҳтоҷ аст.

### Даҳ пешниҳод ё даҳ талаботи шариат?

Даҳ фармуда қоидаҳои ахлоқӣ ҳисобида мешаванд, чунки онҳо ба рафтор, одобу ахлоқи инсон дахл доранд.

Агарчи ин қоидаҳо муносибати шикастаи байни Худо ва инсонро дубора барқарор карда наметавонанд, онҳо боз ҳам беаҳамият нестанд. Мисли он ки қоидаҳои физика тартиби дунёро нигоҳ медоранд, қоидаҳои рӯҳонӣ тартиби ҷамъиятро нигоҳ медоранд.

Кишварҳои бисёр ин қоидаҳои рафтори мувофиқи Китоби Муқаддасро рад карда, мехоҳанд дар ҷамъияте зиндагӣ кунанд, ки аз нигоҳи одоб бетараф аст. Дар асл чунин як ҷамъияте вуҷуд надорад. Он наметавонад бетараф монад, зеро рад кардани нуқтаи назаре ҷонибдории нуқтаи назари дигар аст.

Асосҳои Китоби Муқаддасро рад карда, инсон нисбати беадолатӣ сангдил гардид. Ҳар як насли нав худро бо гуноҳ бештар баҳузур ҳис мекунад. Китоби Муқаддас таълим медиҳад, ки ин дар охир ба бесарусомонӣ меоварад.

### Шумо ба кадом гурӯҳ тааллуқ доред?

Аксари одамон тайёранд гуноҳкор будани худро эътироф кунанд. Аммо шумораи ками онҳо мехоҳанд иқрор шаванд, ки гуноҳкор буда, худро наҷот дода наметавонанд. Байни ин ду навъ шахсон фарқи бузургест.

❖ Баъзе гуноҳкорон боварӣ доранд, ки метавонанд худро дар чашми Худо мақбул созанд. Шояд онҳо тасаввур мекунанд, ки барои ин риоя кардани даҳ фармуда, фаъолият дар ҷамъомадҳои динӣ, дуоҳои пайваста, рӯзадорӣ, зиёратҳо, садақа додан ва ё меҳрубон будан бо ҳамсояҳо кофист. Онҳо фикр мекунанд, ки ин корҳоро ба ҷо оварда, ба Худо писанд омада метавонанд.

Дар ҳеҷ ҷои Китоби Муқаддас гуфта нашудааст, ки агар некӯкориҳои кас нисбат ба бадкирдориҳояш бештар бошанд, Худо ӯро қабул мекунад. Некӯкорӣ шоёни таъриф аст, аммо Китоби Муқаддас таълим медиҳад, ки ҳеҷ яке аз ин амалҳо муносибати барҳамхӯрдаи мо бо Худоро дубора барқарор намекунад. Инсон мушкилии хеле амиқтар дорад: рафтори гуноҳолуд, ки худро аз он халос карда наметавонад.

КОРҲОИ НЕК



КОРҲОИ БАД

**ЧУНИН АҚИДА ДАР КАЛОМИ ХУДО НЕСТ**

❖ Баёзе гуноҳкорони дигар медонад, ки худ халос шуда наметавонанд ва мефаҳманд, ки худро дар чашми Худо мақбул сохтан низ наметавонанд. Худро аз ин калламуши мурда, аз гуноҳе ки зиндагиро расво мекунад, раҳо додан ғайриимкон аст. Китоби Муқаддас қатъист: мо гуноҳкор буда, худро наҷот дода наметавонем.

> *Ҳамаамон монанди палиде гардидаем, ва тамоми росткории мо монанди либоси чиркин аст; ва ҳамаамон монанди барг пажмурда шудаем, ва гуноҳҳоямон монанди боде моро бардошта мебаранд.* **Ишаъё 64:6**

Камолоти мо аз қуддусияти Худо хеле дур аст. Мо метавонем гӯем, ки тамоми корҳои росткоронаи мо мисли калламушҳои мурдаанд. Ба хотир оваред, чунон ки калламуши мурда барои мо нафратовар аст, гуноҳ барои Худои пок ва муқаддас ба ҳамон андоза нафратангез аст.

# Боби нӯҳум

1. Хаймаи вохӯрӣ
2. Нобоварӣ
3. Доварон, подшоҳон ва пайғамбарон

# 1. Хаймаи вохӯрӣ

Чунон ки дар боби гузашта дидем, бешубҳа, баъзе исроилиёне ҳам буданд, ки ба фикрашон бо иҷрои ин даҳ фармуда метавонанд ба назари Худо писанд оянд. Ин шахсон роҳеро интихоб карда буданд, ки онҳоро ба биёбони рӯҳонӣ бурда мерасонд. Аз тарафи дигар, исроилиёни дигар омода буданд, ки худро ба ихтиёри Худо вогузоранд, то барояшон нишон диҳад, ки чӣ гуна назди Ӯ мақбул шудан мумкин аст.

Фарз мекунем, Худо барои ба инсон ёд додани он ки бояд чӣ кунад, то бо Ӯ муносибати дуруст дошта бошад, нақшаи омӯзиш тартиб додааст. Нуқтаи аввали он чӣ мебуд?

### Нақшаи дарс – зинаи #1

> Тасвир: Марде кӯшиш кард, ки шинокунон аз дарё гузарад; ҷараёни об ӯро бурд ва ӯ дудила шуда, барои ёрӣ фарёд зад. Дар байни шоҳидони ин саҳна танҳо як шиновари хубе буд, ки ба он бечора ёрӣ дода метавонист.
>
> Дигарон ӯро водор мекарданд, ки зуд худро ба об партояд, аммо ӯ чунин накард. Ӯ дар соҳил истода нигоҳ кард, ки чӣ тавр он бадбахти беш аз беш ноумедшуда бо шиддат дасту по мезанад. Ҳангоме ки қуввати он одам тамом шуд, наҷотгар ба ёриаш шитофта, ӯро сиҳату саломат ба соҳил кашид.
>
> Ҳангоме ки одамони атроф он наҷотгарро сарзаниш карданд, ки дарҳол ба ғарқшаванда ёрӣ нарасонд, ӯ дар ҷавоби онҳо гуфт: “Ин мард бо дасту пой заданҳои худ имкон намедод, ки барои ёрӣ сӯяш наздик оям. То даме ки ӯ худаш кӯшиш мекард худро наҷот диҳад, ман ҳеҷ чизе карда наметавонистам“.[1]
>
> Хулоса: қадами нахустин барои наздик шудан ба Худо ин аст – шахс бояд худро ҳамчун гуноҳкоре эътироф кунад, ки худро аз оқибатҳои абадии гуноҳ наҷот дода наметавонад.

Агар Худо дарсашро ҳамин тавр сар мекард, исроилиён бе шубҳа бо чунин фарёд бармехестанд: “Охир мо ҳамаи инро медонем. Ту ба мо аллакай инро гуфта будӣ!”

Ва Худо дар ҷавоб гуфта метавонист: “Бале, Ман инро медонам, аммо фақат мехоҳам, ки дар ин хусус ҳеҷ ягон шубҳае надошта бошед. Шумо бояд эътироф намоед, ки худро наҷот дода наметавонед. Ман ба ёрии касоне омада метавонам, ки ҳар кӯшишро барои наҷот додани худ тарк карда бошанд”.

Дарси зикршуда тасаввурӣ мебошад, аммо истифодаи он воқеист. Ин таълимест, ки дар ҳар ҷои Навиштаҳо ҷойгир аст. Акнун, қисми дуввуми ин дарсро дида мебароем:

> *Ва Парвардигор ба Мусо сухан ронда, гуфт: "Ба банӣ-Исроил гӯй, ки барои Ман пешкаш оваранд; аз ҳар касе ки дилаш ба додани бахшиш моил бошад, пешкаши [барои] Маро гиред.*
>
> *Ва бигзор онҳо барои Ман макони муқаддасе созанд, то Ман дар миёни онҳо сокин шавам.* **Раҳоӣ 25:1,2,8**

## Ёрии намоён

Исроилиён бояд макони муқаддасе месохтанд, хаймаи вохӯрӣ ном ҷои махсусе ки Худо дар он байни онҳо зиндагӣ кардан метавонист. Худо сохтмони хаймаи вохӯриро ба исроилиён на аз бахри он фармуд, ки ба манзилгоҳ зарурат дошт. Балки, аниқтараш, баҳри он, ки мехост як чизи намоёнеро барои ёрӣ ба халқи Худ истифода барад. Ба дараҷае ки мо дар омӯзишамон пешрафт намоем, маънои пурраи ин ёрии намоён бештар равшан хоҳад гардид. Шарҳи сохтмони хаймаи вохӯрӣ чандин саҳифаро дар бар мегирад, пас ҳангоми хониш пурсабр буда, онҳоро нахонда пеш наравед. Ин шарҳиёт барои фаҳмиши умумии мавзӯъ муҳим мебошанд.

Аввал Худо мардумро даъват намуд, то ихтиёрона ба ин нақша ҳиссагузорӣ кунанд. Ӯ мехост, ки ин атоҳо аз дили хуш оварда шаванд. Ҳеҷ фишоре набуд, ҳеҷ маҷбурияте. Ҳар кас барои овардани ҳадияаш озод буд. Инчунин Худо гуфт, ки хаймаи вохӯрӣ бояд айнан ҳамон тавр сохта шавад, ки Ӯ мегӯяд:

> *Мувофиқи ҳар он чи Ман ба ту нишон медиҳам, — ҳам намунаи маскан ва ҳам намунаи тамоми чизҳои онро, — ончунон созед.*
>
> **Раҳоӣ 25:9**

## Нақшаи хаймаи вохӯрӣ

Хаймаи вохӯрӣ ҷамъ карда мешуд ва аз ҷое ба ҷои дигар кӯчонида мешуд. Ин хаймае буд бо деворҳои сахт ва боми гилеммонанд. Он ду қисм дошт: сеяки масоҳатро ҳуҷрае ташкил медод, ки ҷои муқаддастарин буда, онро боз қудси қудсҳо меномиданд; ду ҳиссаи боқимонда ҷои муқаддасро, яъне қудсро ташкил медод. Пардаи вазнин, ки онро баъзан пӯшиш меноманд, ин ду ҷойро аз ҳам ҷудо мекард:

> *... парда қудсро барои шумо аз қудси қудсҳо ҷудо мекунад.*
>
> **Раҳоӣ 26:33б**

Дар гирди хайма саҳн буд, ки гирдаш бо пардаи баландияш 2 метр гирифта шуда буд. Танҳо як дарвоза ба дохили хаймаи вохӯрӣ мебурд. Асбобу анҷоми хаймаи вохӯрӣ аз ҳафт чизи асосӣ иборат буд, ки инҳо дар хайма ва дар саҳн ҷойгир шуда буданд.[2]

**НАҚШАИ УМУМИИ ХАЙМАИ ВОХӮРӢ**



## Саҳн

❶ ҚУРБОНГОҲИ МИСИН:



Дар рӯи саҳн, рост дар пеши даромад, қурбонгоҳе буд. Он басо калон буда, аз чӯб сохта шуда бо мис пӯшонида шуда буд. Аз ҳар кунҷ як шохе мебаромад.

❷ ЛАГАН:

Ин зарфи калони мисин, ки дар нимироҳ байни қурбонгоҳи мисин ва ҷои муқаддас қарор дошт, пур аз об буд.



❸ ЧАРОҒДОН:

Худо андозаҳои чароғдонро муайян накард, аммо шакли он маълум буд. Он пояи марказӣ дошт, ки аз он ҳафт шохаи дигар мебаромад. Азбаски он аз тиллои соф буд, калонияш маҳдуд буд.



❹ МИЗИ НОНҲОИ ТАҚДИМ:



Бар ин миз бояд дувоздаҳ нон гузошта мешуд, ки ҳар кадомаш рамзи яке аз қабилаҳои Исроил буд.

❺ ҚУРБОНГОҲИ СӮЗОНДАНИ БУХУР:

Ин қурбонгоҳ рост пеши пардае воқеъ буд, ки қудсро аз қудси қудсҳо ҷудо мекард. Ҳангоме исроилиён дар берун барои дуо ҷамъ мешуданд, бар он моддаҳои хушбӯйро месӯзонданд. Бӯи хуш, ки баланд мебаромад, рамзи дуоҳое буд, ки сӯи Худо мебароянд.






❻ САНДУҚИ ХУДО:

Ин қуттии хурди зарпӯш ҳамчун сандуқ сохта шуда буд. Дар он камаш ду чиз буд, ки мо инҳоро аллакай медонем: лавҳаҳои сангин, ки бар онҳо даҳ фармуда навишта шуда буданд ва зарфе бо намуна аз ноне, ки Худо онро ба исроилиён дар биёбон медод. Аз ҳар тарафи сандуқ ходаҳое буданд, ки бо онҳо сандукро аз ҷое ба ҷои дигар мебурданд.



❼ САРПӮШИ САНДУҚ:

Сандуқи Худо дорои сарпӯши аҷоиби тиллоие буд, ки ду фаришта болҳояшонро рӯи он кушода буданд. Танҳо сандуқи Худо бо сарпӯшаш дар қудси қудсҳо гузошта шуда буд. Худо гуфт:

> *Ва дар он ҷо Ман ба ту зоҳир гардида, аз болои сарпӯш, аз миёни ду каррубие ки бар сандуқи шаҳодат мебошанд, бо ту сухан меронам дар бораи ҳар он чи ба воситаи ту ба банӣ-Исроил мефармоям.* **Раҳоӣ 25:22**

## Коҳинон

*Ва ту бародарат Ҳорун ва писаронашро бо вай, аз миёни банӣ-Исроил, ба худ наздик кун, то ба Ман коҳинӣ кунанд...*
**Раҳоӣ 28:1а**

Худо ба Мусо гуфт, ки Ҳорун ва писаронашро барои хизмат дар хаймаи вохӯрӣ ҳамчун коҳинон таъйин кунад. Ҳорун саркоҳин муқаррар шуда буд. Парвардигор ин мардонро на ба сабаби шоистагияшон ҷудо кард, балки азбаски мехост, ки халқ қадр кардани қуддусияти Ӯро ёд гиранд. Ӯ намехост, ки хизмати вобаста ба хаймаи вохӯриро ҳар касе ки бошад, бетартиб анҷом диҳад. Коҳинон маълумоти махсусро ба даст меоварданд, то аз ӯҳдаи иҷрои дастурҳои Худо баромада тавонанд. Онҳо бояд мисли посбонони хайма дар нигоҳубини он, ҳангоми ба роҳ баромадани ин халқи сершумор, амал мекарданд.

## Анҷом ёфтани сохтмони хаймаи вохӯрӣ

Нӯҳ моҳ пас аз он ки исроилиён ба кӯҳи Сино омаданд, сохтмони хаймаи вохӯрӣ анҷом ёфт.

*Ва Мусо тамоми корро аз назар гузаронид, ва инак онҳо онро ба ҷо оварданд; ончунон ки Парвардигор фармуда буд, ба ҷо оварданд; ва Мусо онҳоро баракат дод.* **Раҳоӣ 39:43**

*Ва дар моҳи аввали соли дуюм, дар рӯзи якуми моҳ, маскан барафрошта шуд.* **Раҳоӣ 40:17**

Вақте ки сохтмони хаймаи вохӯрӣ анҷом ёфт, абре ки исроилиёнро роҳнамоӣ мекард, бар болои он бар қудси қудсҳо ҷойгир шуд. Ин нишонаи ҳузури Худо дар байни халқаш буд.

*Ва абр хаймаи вохӯриро пӯшонд, ва ҷалоли Парвардигор масканро пур кард. Ва Мусо ба хаймаи вохӯрӣ дохил шуда натавонист, зеро абр бар он сокин буд, ва ҷалоли Парвардигор масканро пур карда буд.* **Раҳоӣ 40:34,35**

## Вазифаи ёрии намоён

Акнун ки тамоми ашъёи хаймаи вохӯрӣ ҷо ба ҷо шуда буд, Худо онро дар миқёси бузург истифода бурда метавонист. Ӯ ба Мусо гуфт:

*«Ба банӣ-Исроил сухан ронда, ба онҳо гӯй: ҳангоме ки касе аз шумо хоҳад барои Парвардигор қурбонӣ кунад, — қурбонии худро аз чорпоён, яъне аз говон ва аз гӯсфандону бузон тақдим намояд.* **Ибодат 1:2**



Худо ба мардум фармуд, то ба хаймаи вохӯрӣ қурбонӣ оваранд.

*... қурбонии худро аз чорпоён, яъне аз говон ва аз гӯсфандону бузон тақдим намояд.* **Ибодат 1:2**

Онҳо байни гӯсфанд, буз ё гов интихоб кардан метавонистанд. Ҳайвонҳои дигар, масалан, хук, асп ва ё шутур, қабул намешуданд.

*...бигзор чорпои нари беайбро тақдим намояд...* **Ибодат 1:3а**

ки на касалӣ дошта бошад, на нуқсе.

*... онро назди дари хаймаи вохӯрӣ тақдим намояд, то ӯ ба Парвардигор писанд ояд.* **Ибодат 1:3б**



Қурбонӣ бояд дар саҳн, бар қурбонгоҳи мисин* оварда мешуд. Илова бар ин ки кас худро гуноҳкор ва ба наҷот додани худ нотавон эътироф намояд, ҳангоми наздик шудан ба Худо кас бояд қурбониро меовард. Лозим буд, то касе ки ҳайвонро тақдим мекунад:

* Дар Навишта мис одатан ба доварӣ бар гуноҳ ҳамонанд карда мешавад.

> *Дасти худро бар сари қурбонии сӯхтанӣ монад, ва ӯ писанд меояд, то гуноҳҳояш кафорат шавад.* **Ибодат 1:4**

Шахс бар сари ҳайвон даст гузошта, худро бо қурбонӣ ҳамонанд мекард. Азбаски ҳайвон акнун бардорандаи гуноҳи инсон шуда буд, он бояд мемурд. Ҷазо барои гуноҳ марг буд. Касе ки қурбониро тақдим мекард, баъд барои нишон додани фаҳмиши ин ки гуноҳи ӯ сабаби марги ин ҳайвон шуд, бояд гулӯи ҳайвонро мебурид. Ҳайвони беайб бояд дар ҷои гуноҳкор ҳамчун ивазкунанда мемурд. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки ин навъ қурбонӣ барои пӯшидани гуноҳи одам ба Худо писанд меомад.

Ин дастурҳо бояд барои исроилиён хеле шинос метобиданд. Оё тамоми росткорон аз замони Одам, Ҳобил ва Нӯҳ бо ҳамин тариқ ба Худо наздик намешуданд? Бо пошидани хуни ҳайвон ҳамчун қурбонии кафораткунанда бар қурбонгоҳ? Ин воқеан ҳамон тавр аст.



## Наҷотдиҳандаи росткор

Парвардигор ба исроилиён ёдовар шуд, ки ягона тариқи қабул шудан ба ҳузури Худо бовар кардан ба он аст, ки ғайр аз Ӯ Худои росткор ва наҷотдиҳандае нест (Ишаъё 45:21б).

Ҳангоми ба қурбонӣ овардани ҳайвон одамон имони худро ба Худо возеҳ нишон медоданд; онҳо ба гуфтаҳои Худо бовар мекарданд. Азбаски сазои гуноҳ марг аст, қурбонӣ рамзи чизи лозимие барои бахшида шудан буд.

> *...бе рехтани хун бахшоиш нест.* **Ибриён 9:22б**

> *Чунки ҷони ҷисм дар хун аст, ва Ман онро ба шумо барои қурбонгоҳ додаам, то ҷонҳои шуморо кафорат намояд; зеро ҳамин хун аст, ки ҷонро кафорат менамояд.* **Ибодат 17:11**

Ҳангоме ки Худо мурдани ҳайвонро медид, Ӯ қаноатманд мешуд, ки талаботи қонуни гуноҳ ва марг – дар ҷои одам мурдани ҳайвон – иҷро карда шудааст. Худо инсонро барои гуноҳаш ба ҷавобгарӣ намекашид ва ӯро маҳкум намекард; оқибатҳои абадии гуноҳаш дигар ба вай дахл надоштанд. Имони чунин одам ба Парвардигор писанд меомад ва Ӯ росткориро ба ҳисобаш медаровард, айнан ҳамон тавре ки Ӯ барои Иброҳим низ карда буд:

> *Иброҳим ба Худо имон овард, ва ин барои ӯ росткорӣ ҳисобида шуд.* **Румиён 4:3**

Азбаски ин росткорӣ аз Худо бармеомад, он ба одам камолоти лозимеро барои зистан дар ҳузураш медод.

Ин тарзи амал нав набуд. Ҳобил, Нӯҳ, Иброҳим ва тамоми одамони росткори дигар дар тӯли солҳо ҳамин тавр ба Худо наздик мешуданд. Албатта, хун ё ҳаёти ҳайвонот қатъиян қарзи инсонро пардохта наметавонист, чунки ҳаёти ҳайвон баробари ҳаёти инсон нест. Мувофиқи Навишта ин қурбониҳо чизи дигаре набуданд ғайр аз:

> *...сояи [ёрии аёнии] некиҳои оянда аст ва сурати воқеии онҳо нест... зеро аз имкон берун аст, ки хуни нарговҳо ва нарбузҳо гуноҳҳоро аз байн барад.* **Ибриён 10:1а,4**

## Рӯзи кафорат

Ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ саркоҳинон дар ҳар ҷои хаймаи вохӯрӣ озодона гашта метавонистанд, ғайр аз як ҷо. Даромадан ба Қудси Қудсҳо барояшон қатъиян манъ буд.

Қудси қудсҳо ҷое буд, ки Худо дар он ҷо ба таври рамзӣ бо одамон мезист. Инсони гуноҳкор ба он ҷо ҳатто як назар андохта наметавонист. Пардаи вазнини овезон дар байни ин ду қисм монеи ҳар нигоҳи кунҷков шуда, қудси қудсҳоро ҳимоя мекард. Ҳатто Ҳорун, саркоҳин, танҳо соле як дафъа – дар рӯзи кафорат – ба қудси қудсҳо даромада метавонист[3]:

> *Аммо ба қисми дуюми хайма соле як бор фақат саркоҳин медарояд, он ҳам бе хун не, ки онро барои худаш ва барои хатокориҳои қавм тақдим мекунад.* **Ибриён 9:7**

Беитоатӣ ба ин дастурҳо боиси марг мешуд:

> *Ва Парвардигор ба Мусо гуфт: "Ба бародарат Ҳорун гӯй, ки дар макони муқаддас ба пушти пардае ки пеши сарпӯши сандуқ аст, ҳар вақт дохил нашавад, то ки намурад, зеро Ман андаруни абр бар сарпӯш зоҳир мешавам.* **Ибодат 16:2**

Рӯзи кафорат оини ҳарсола – ёдоварии доимии он буд, ки гуноҳҳои инсон бояд пӯшида ва аз назари Худо дур шаванд. Ин оин бояд ҳар сол ба ҷо оварда мешуд, зеро ҳатто агар Худо ба оқибатҳои гуноҳ дучор шудани инсонро нахоҳад ҳам, хуни ҳайвон қарзи вобаста ба гуноҳро пардохт карда наметавонист, балки фақат ба таври муваққатӣ онро мепӯшонид.

Хаймаи вохӯрӣ, асбобу анҷомҳои он, коҳинон, қурбониҳо, рӯзҳои кафорат, тамоми инҳо ёрии намоёни олидараҷае буданд, ки Худо онро истифода мебурд. Ҳар яке аз ин ҷузъҳо нақшаи Худоро барои одамизод шарҳ медод.

## 2. Нобоварӣ

Исроилиён дар бораи Худо беш аз пеш дониш ҳосил мекарданд. Худо вафодорона эҳтиёҷоташонро бо хӯрок ва об қонеъ мекард. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Худо ҳатто тавре мекард, ки пойафзолашон фарсуда намешуданд. Акнун исроилиён соҳиби дастурҳои рафтор буданд. Агарчи риояи даҳ фармуда халқро дар ҳузури Худо мақбул карда наметавонист, ин қонунҳо боз ҳам меъёри ҳаёти росткорона буда, тамоми миллатро муттаҳид мекард. Исроилиён неку бадро фарқ карда метавонистанд. Худо ба онҳо инчунин муҳаббаташро нишон дод, вақте ки барояшон роҳи ба Ӯ писанд омаданро нишон дод: яъне ба воситаи имон, ки дар тақдим намудани қурбонии хунин ифода меёфт. Мо метавонистем чунон фикр кунем, ки исроилиён барои тамоми корҳое ки Худо барояшон анҷом дода буд, хеле миннатдор буданд. Агар онҳо

миннатдор ҳам буданд, корҳояшон дар ин бора шаҳодат намедод. Бори дигар онҳо ба шикваю нола пардохтанд. Аммо набояд фикр кард, ки танҳо исроилиён беитоат буданд, зеро худи мо ҳам табиати мисли онҳо дорем.

Дар ҳақиқат исроилиён мисли як намуна аз тамоми нажоди инсонӣ буданд. Донишашон оиди Худо сол ба сол зиёд мешуд, аммо бо ин фаҳмиш ҷавобгарияшон низ меафзуд. Навишта мегӯяд:

> *Ба ҳар касе ки бисёр дода шуда бошад, аз вай бисёр талаб карда мешавад; ва ба ҳар касе ки амонати бисёр супурда шуда бошад, аз вай бисёр талаб мекунанд.* **Луқо 12:48б**

Дар ҷамъи худ, исроилиён дар бораи Худо нисбат ба тамоми халқҳои дигар дониши бештаре доштанд.

> *Ва аз кӯҳи Ҳӯр бо роҳи баҳри Қулзум кӯч карданд, то ки сарзамини Адумро давр зананд. Ва дар роҳ қавм дилтанг шуданд. Ва қавм зиди Худо ва зиди Мусо гап заданд: “Чаро моро аз Миср баровардед, то ки дар биёбон мурем? Зеро на нон ҳаст ва на об, ва дили мо аз ин хӯроки нобоб нафрат дорад” .*
>
> **Ададҳо 21:4,5**




Ин айбдоркуниҳо бардурӯғ буданд. Худо ҳар рӯз ба эҳтиёҷоташон мерасид, аммо дар ҷои он ки аз Ӯ миннатдор бошанд, мардум Худоро дар бепарвоӣ айбдор мекарданд. Онҳо шариати Худоро хор диданд ва дар ҳаққи Ӯ беҳурматӣ карда дурӯғ гуфтанд.

Чунон ки мо аллакай дидем, вайрон кардани қонун беоқибат намемонад. Чунон ки вайрон кардани қонуни ҷозибаи замин устухонҳои шикастаро ба бор меоварад, онҷунон сарфи назар кардани қонунҳои одобу ахлоқии Худо низ оқибатҳо дорад.

Дар гузашта Худо борҳо ва борҳо* бар гуноҳҳои исроилиён чашмпӯшӣ кардааст. Ӯ ба онҳо файз зоҳир менамуд. Дар айни замон, Худо дар охир ҳамеша гуноҳро маҳкум мекунад. Исроилиён акнун дар муносибатҳои худ бо Офаридгор дар ҳолати ибтидоӣ набуданд. Онҳо дар бораи Худо чизҳои бисёр омӯхта буданд. Онҳо даҳ фармударо шинохта, сипас барои риоя кардани онҳо ҷавобгар шуда буданд. Худо наметавонист ба таври сода

* Худо фақат муддате гуноҳро сарфи назар мекунад. Ӯ гуноҳро доварӣ менамояд. Муқоиса кунед бо Амалҳо 17:30.

бар гуноҳ чашм пӯшида гӯяд: “Ҳеҷ гап нест. Биёед инро фаромӯш кунем”. Не, гуноҳ ҳаргиз беоқибат намемонад.

> *Ва Парвардигор морҳои заҳрдорро ба зиди қавм фиристод, ва онҳо қавмро заҳр заданд; ва мардуми зиёде аз исроилиён мурданд.* **Ададҳо 21:6**

Аз худи аввал Худо гуфта буд, ки гуноҳ ба сӯи марг мебарад – марги ҷисмонӣ, марги муносибатҳо ва марги ҷовидонӣ. Акнун ин ҳақиқат бо марги бисёре аз исроилиён равшан тасвир карда шуд.

Исроилиён ноумед шуданд ва фаҳмиданд, ки танҳо Худо онҳоро аз ин ҷазо наҷот додан метавонист. Худи онҳо худро наҷот дода наметавонистанд.

> *Ва қавм назди Мусо омада, гуфтанд: “Мо гуноҳ кардем, ки зидди Парваригор ва зидди ту гап задем. Сӯи Парвардигор дуо гӯй, то ки моронро аз мо дур кунад”.* **Ададҳо 21:7**

Мақсади доварии Худо ба вуҷуд овардани тағйирот дар рафтор ва афкор аст. Дар Китоби Муқаддас ин тағйирот бо калимаи тавба (бозгашт) кардан ифода ёфтааст. Фақат дар ҳамин ҷо дар рӯи замин кас имконият дорад тавба карда, ба Худо писанд ояд. Баъд аз мурдан, вақте ки гуноҳкор дар рӯ ба рӯи ҷазои Худо дар дӯзах қарор дорад, барои тағйир додани афкор аллакай дер мешавад.



Исроилиён гуноҳи худро фаҳмиданд. Пас онҳо тавба карда аз Худо дархост карданд, то онҳоро наҷот бахшад. Онҳо дубора ба Худо таваккал карданд.

> *Ва Мусо барои қавм дуо гуфт.*
>
> *Ва Парвардигор ба Мусо гуфт: "Барои худ мори заҳрдоре соз, ва онро бар сари ходае гузор; ва ҳар моргазида, агар ба он нигоҳ кунад, зинда мемонад".*
>
> *Ва Мусо мори мисине сохта, бар сари ходае монд; ва ҳар гоҳ касеро мор заҳр мезад, ҳамин ки вай ба мори мисин нигоҳ мекард, зинда мемонд.* **Ададҳо 21:7б-9**

Худо ба исроилиён имкон медод, то бовариашонро ба Ӯ нишон диҳанд. Ҳангоме мор касеро мегазид, барои шифо ёфтан ӯ фақат бояд ба мори мисин як нигоҳ мекард. Бо ин нигоҳ шахс имонашро ба Худо нишон медод – бовар мекард, ки Парвардигор суханашро ба ҷо меоварад.

Фарз кунем, ки каси моргазида ба мори мисин нигоҳ накард, балки ба ҳамсояҳояш гуфт: "Мусо тамоман беақл аст. Агар ӯ фикр кунад, ки кас метавонад бо як нигоҳ бар ин мори хандаовар аз заҳри мор шифо ёбад, пас ӯ бояд девона бошад. Шахсан ман ба ин чизҳо бовар намекунам". Ин гуна шахси моргазида мемурд, на фақат аз сабаби моргазида будан, балки ҳамчунин аз сабаби нобоварияш. Худо имонро таҳсин менамояд, вале нобовариро маҳкум мекунад.

Муҳим аст фаҳмем, ки мо бояд барои тамоми чизҳое ки Худо дар бораи Худ ба мо ошкор намудааст, ҳисобот диҳем.

### Бознигарӣ: марг

Китоби Муқаддас дар бораи марг аз се ҷиҳат мегӯяд:

1. **Марги бадан** (ҷудошавӣ байни рӯҳи инсон ва баданаш)
2. **Марги муносибатҳо** (ҷудошавӣ байни рӯҳи инсон ва Худо)
3. **Марги умед ба шодии оянда** (ҷудошавии абадӣ байни рӯҳи инсон ва Худо)

*... музди гуноҳ марг аст...* **Румиён 6:23**

# 3. Доварон, подшоҳон ва пайғамбарон

Акнун мо ба дарсе расидем, ки дар он асрҳои зиёди таърихи халқи Исроил дар якчанд саҳифа ба таври мухтасар баён карда мешаванд. Барои осон кардани вазифа сарлавҳаи ҳар қисмро бо матни нақшаи таърихие, ки дар саҳифаҳои 180-181 аст, муқоиса кунед.

Аз рӯзе ки исроилиён аз Миср баромаданд, то он рӯзе ки онҳо ба кишвари Канъон дохил шуданд, чил сол гузашт. Пеш аз ин ки халқ ба замини ваъдашуда дароянд, Мусо вафот кард, ва Еҳушаъ ном сарлашкари моҳир роҳбарии халкро ба ӯҳда гирифт.

Баъди расидан ба сарзамини ваъдашуда исроилиён чандин солро дар ҷойгир шудан бар он гузарониданд. Кишвар дар байни қабилаҳо тақсим гардид. Ҳар қабила намояндаи яке аз дувоздаҳ писарони Яъқуб (Исроил) буд.

## Давраи доварон

Як муддат исроилиён ба Худо таваккал доштанд, аммо баъд онҳо аз ҳақиқат рӯй гардонда, ба бутҳо имон оварданд. Азбаски онҳо худоёни дурӯғинро парастиш мекарданд, Парвардигорро лозим омад, ки онҳоро ҷазо диҳад. Ӯ ба дигар халқҳо роҳ дод, то бар онҳо ҳукмрон шаванд. Исроил маҷбур шуд, то хизмати халқҳои ғайрро ба ҷо оварда, барояшон андоз супорад. Баъд аз як муддат исроилиён тавба карда, сӯи Худо фарёд бароварданд, то онҳоро аз ситамгаронашон озод кунад. Худо роҳбареро ба миён меовард, ки ба унвони довар ёд мешуд, ва исроилиён ба рондани душманони худ муваффақ мешуданд. Ҳамин тариқ, даврае сар шуд, ки тақрибан сесад солро дар бар мегирад. Дар тӯли ин муддат понздаҳ шахс бар Исроил доварӣ карданд.




---

Гоҳо Худо халқҳои дигарро барои ҷазо додани исроилиён истифода мебурд, чунки онҳо худоёни дурӯғинро парастиш мекарданд. Дар мавридҳои дигар, Исроил дар навбати худ асбоби Худо барои ҷазо додани халқҳои бутпараст мегардид. Худо рӯйбинӣ намекунад. Ӯ мехоҳад, ки тамоми халқҳо танҳо ба Ӯ имон дошта бошанд.

## Давраи подшоҳон

Исроил назар ба халқҳои дигар боимтиёз буд, зеро ки он Худи Худоро ҳамчун роҳбару подшоҳ дошт. Дар айни ҳол, баъд аз гузаштани солҳо, исроилиён хостанд ба дигар халқҳо тақлид кунанд. Онҳо Худоро рад карда, подшоҳи инсониро бар худ талаб карданд. Худо бо дархосташон розӣ шуд, аммо исроилиён боз ҳам аз Ӯ дур шуда, ба худоёни дурӯғин дилдода мешуданд.

Исроил чандин подшоҳ дошт. Фақат баъзе аз инҳо ба Парвардигор итоаткор буда, ба Ӯ боварӣ доштанд; аз ин сабаб давраи солҳои ибтидоӣ давом дошт. Ягона фарқ дар он буд, ки акнун ба ҷои довар онҳо подшоҳе доштанд.

Бисёре аз ин подшоҳон шарафманд буданд, машҳуртарини онҳо, бешубҳа, Довуд аст. Бар акси подшоҳони сершумори дигари Исроил, Довуд пурра ба Худо таваккал мекард. Ӯ боварӣ дошт, ки Худо ӯро аз оқибатҳои гуноҳ наҷот дода метавонад. Довуд Худоро "Наҷиҳандаи ман" меномид.

Подшоҳ Довуд ҳамчунин пайғамбари бузург буд, ки Худо ӯро барои навиштани як қисми Навиштаҳо илҳом бахшида буд. Ӯ бо сурудҳои эҷодкардааш машҳур аст, ки дар онҳо Худоро барои муҳаббату марҳаматаш ситоиш мекард. Довуд ҳамчунин возеҳ дар бораи Наҷотдиҳандаи Ваъдашуда навишта, аз Худо ваъдаеро соҳиб шуд, ки Масҳшудаи Парвардигор аз насли ӯ хоҳад баромад.[4] Бузургтарин нияти Довуд ба иншооти ҳамонанд иваз кардани хаймаи вохӯрӣ буд. Онро ибодатгоҳ хоҳанд номид. Довуд онро дар Уршалим, ки дар давоми подшоҳияш пойтахти кишвар шуда буд, сохтан мехост. Гарчи Довуд тамоми маводи сохтмонро ҷамъ оварда буд, ин нақшаро писари ӯ Сулаймон амалӣ намуд.

Подшоҳ Сулаймон бо ду чиз машҳур шуд: ҳикмати бузургаш ва ибодатгоҳе ки сохт. Ин иншооти олидараҷа дар шаҳри Уршалим, бар кӯҳи Мӯриё, барпо гардид; эҳтимол дар ҷое ки Иброҳим ба қурбон кардани писараш ҳозир буд. Баъд аз марги Сулаймон халқ ба ду қисм ҷудо шуданд: даҳ қабилаи шимолӣ номи Исроилро бар худ гирифтанд, дар ҳоле ки ду қабилаи дигар халқи Яҳудо шуданд. Ин тақсимот аввалин қадам сӯи шикасти қатъии муносибатҳои халқ бо Худо шуд. Афтиш аз қабилаҳои шимолӣ сар шуд. Халқ мисли мошин дастурҳои Парвардигорро пайравӣ мекарданд, аммо дили онҳо аз Ӯ дур буд.

Худо Исроилро дар назари халқҳо шоҳиди хубе гардонданӣ буд, аммо Исроил чунин нашуд.

## Пайғамбарон

Худо назди исроилиён пайғамбаронро мефиристод. Ин одамон на танҳо бар зидди дуршавии ахлоқии мардум мавъиза мекарданд. Онҳо халқро огоҳ мекарданд, ки Худо онҳоро ба сабаби худпарастияшон доварӣ хоҳад кард. Исроилиён ба ғарибон раҳмдилӣ надоштанд, сустонро меранҷонданд ва он чиро ки аз онҳо набуд, барои худ мегирифтанд.

> *Парвардигор чунин мегӯяд: "Барои се ҷинояти Исроил, ва барои чор ҷинояташ ғазабамро аз он нахоҳам баргардонид, чунки росткорро ба нуқра, ва камбағалро дар ивази як ҷуфт кафш мефурӯшанд; орзуманди онанд, ки хоки замин бар сари бенавоён бошад, ва нармдилонро аз роҳ мезананд; ва мард ва падараш назди як зан мераванд, то ки номи қуддуси Маро беҳурмат кунанд; ва бар либосҳои гаравӣ назди ҳар қурбонгоҳ меёзанд, ва майи ҷазоёфтагонро дар хонаи Худои худ менӯшанд".* **Омӯс 2:6-8**

Бисёре аз ин пайғамбарон барои навиштани баъзе қисмҳои Навиштаҳо илҳом ёфта буданд. Онҳо инчунин ҷузъҳоеро дар бораи Наҷотдиҳандаи Ваъдашуда, ки омаданӣ буд, аниқ шарҳ додаанд.

Умуман, пайғамбарон на аз ҷониби исроилиён хуш қабул карда мешуданд, на аз ҷониби подшоҳонашон. Ва сабабаш он буд, ки инҳо паёмеро, ки халқ шунидан намехостанд, барояшон меоварданд. Масалан, Ишаъёи пайғамбар ба мардум гуфта буд:

> *Ва Худованд гуфт: "...ин қавм бо даҳони худ ба Ман наздик мешавад ва бо лабҳои худ Маро ҷалол медиҳад, вале дили худро аз Ман дур кардааст, ва тарси онҳо аз Ман натиҷаи омӯхтани фармонҳои инсонист".* **Ишаъё 29:13**

Аксари мардум паёми пайғамбаронро хор дида, ба Худо таваккал кардан нахостанд. Онҳо пайғамбаронро таъқиб карда, онҳоро мекуштанд. Барои бештар мураккаб кардани мушкилот пайғамбарони дурӯғин, ки аз тарафи шайтон ангехта мешуданд, ба саҳнаи рӯҳонӣ омаданд. Сарфи назар аз он ки Худо ба исроилиён дастурҳои возеҳро барои фарқ кардани ҳақ ва хато дода буд, пайғамбарони дурӯғин аз пайғамбарони ҳақиқӣ маъруфтар буданд, зеро чизҳоеро, ки исроилиён шунидан мехостанд, барояшон мегуфтанд. Худо Ирмиёро барои огоҳӣ додан назди исроилиён фиристод, то аз пайғамбарони дурӯғин боэҳтиёт шаванд.

*Парвардигори лашкарҳо чунин мегӯяд: “Ба суханони пайғамбарон, ки барои шумо пайғамбарӣ мекунанд, гӯш надиҳед: онҳо шуморо фиреб карда, рӯъёи дили худро баён менамоянд, на он чиро, ки аз даҳони Худо бошад. Ба бадгӯёни Ман ҳамеша мегӯянд: «Парвардигор гуфт, ки барои шумо осоиш мешавад». Ва ба ҳамаи онҳое ки ба саркашии дили худ рафтор мекунанд, мегӯянд: «Бадбахтие бар шумо намеояд»... Ин пайғамбаронро Ман нафиристодаам, балки худашон давидаанд; ба онҳо сухане нагуфтаам, балки худашон пайғамбарӣ кардаанд. Ва агар онҳо дар машварати Ман меистоданд, мебоист суханони Маро ба қавми Ман мефаҳмонданд, ва онҳоро аз роҳи бадашон ва аз бадии корҳояшон мегардонданд”.* **Ирмиё 23:16,17,21,22**

## Парокандашавии Исроил

Ниҳоят Парвардигор исроилиёнро маҳкум кард. Даҳ қабилаи шимолиро ашшуриён, ки дар соли 722-и пеш аз милод кишварро забт карда буданд, ба асорат бурданд. Китоби Муқаддас дар хусуси аз асорат бозгаштани онҳо чизе намегӯяд.




## Яҳудо ба асирӣ бурда шуд

Ду қабилаи ҷанубӣ то соли 586-и пеш аз милод ҳамчун мамлакати мустақил мавҷудиятро давом доданд. Баъд Бобилиён* шаҳри Уршалимро забт карда, ибодатгоҳи Сулаймонро вайрон карданд. Ва халқро ба асирӣ бурданд.

* Бобилиён сокинони он маконе буданд, ки дар он ҷо бисёр сол пеш одамон бурҷи Бобилро месохтанд.

Ҳангоми асорат исроилиён яҳудиён номида шуданд, зеро аксари онҳо аз қабилаи Яҳудо буданд. Дар набудани ибодатгоҳ ҳамчун маркази динӣ яҳудиён куништҳоро (ибодатгоҳҳои маҳаллиро) месохтанд, ки ҳамчун марказҳои муоширатӣ буданд ва дар онҳо Навиштаҳо таълим дода ва омӯхта мешуданд.

Асорат ҳафтод сол тӯл кашид, аммо дар соли 536-уми пеш аз милод ду қабилаи ҷанубӣ ба ватани худ барои обод кардани минтақаи атрофи Уршалим, ки собиқ аз они қабилаи Яҳудо буд, кам-кам баргаштан гирифтанд. Ибодатгоҳ дубора барпо шуд, аммо он ҳашамати ибодатгоҳеро, ки Сулаймон сохта буд, дигар надошт. Тақдим кардани қурбониҳоро низ сар карданд.

## Таъсири юнониён

Дар қарибии соли 400-уми пеш аз милод ҳикояи Китоби Муқаддас бо хомӯшии қариб чорсадсола қатъ мегардад. Таърихи ҷаҳон аз он кам бохабар аст. Искандари бузург, сарлашкари шукӯҳманди юнониён, тамоми Шарқи Наздик, аз ҷумла кишвари яҳудиёнро низ, забт карда буд. Дар тӯли асрҳои минбаъда забони юнонӣ забони тиҷорат ва фарҳанги эллинистӣ ва рамзи эътибор шуда буд.

Баъзе яҳудиён, саддуқиён, зуд фарҳанги юнониёнро қабул карданд. Гарчи миқдори саддуқиён кам буд, онҳо мардумони сарватманде буданд, ки эътибори бузурге доштанд. Онҳо саркоҳинонро зери назорати худ қарор дода буданд (мақоми саркоҳин дар он вақт вазифае шуда буд, ки онро харидан ва фурӯхтан мумкин буд). Бадбахтона, онҳо инчунин ҳаққонӣ будани баъзе қисматҳои Китоби Муқаддасро рад мекарданд. **Саддуқиён аз Каломи Худо дур мешуданд.**



Дар зарфи зиёда аз дусад сол яҳудиён таҳти тасарруфи қувваҳои ҳарбии юнониён буданд. Дар соли 166-и пеш аз милод онҳо зери роҳбарии Яҳудои Маккабӣ исён карда, як муддат аз соҳибихтиёрӣ баҳраманд шуданд.




Дар ин замон фарисиён, ҳизби ниҳоят динии яҳудӣ, аҳамият пайдо кард. Фарисиён ба урфу одати юнонӣ мухолифат мекарданд ва сахтгири Шариати Мусо буданд. Дар ғайрати худ онҳо қонунҳои иловагиро ҳамчун қабати нигоҳдоранда ба миён оварда буданд, то ки монеъ ба вайрон кардани Шариати Мусо шавад. Ин қонунҳои иловагӣ қуввати қонунро гирифта, ҳатто дар як қатор бо *Шариати Мусо* ҷойгир шуда буданд. **Фарисиён бар Каломи Худо *иловаҳо* дохил карданд.**

Гурӯҳи дигар, китобдонон, дар ҷамъияти яҳудӣ вазифаи муҳимеро анҷом медоданд. Китобдон шакли одамии мошини нусхабардорӣ буданд. Хеле пеш аз ихтирои мошинҳои чопӣ, ин одамон бо ҷидду ҷаҳд нусхаҳои Каломи Худоро менавиштанд. Унвони китобдонои маънии соҳиби тарбияи хуб ва ғайрати динӣ буд. Ин аниқтараш шарҳи вазифа буд, на ин ки ҷиҳати сиёсӣ ё мазҳабӣ. Бадбахтона, саъю кӯшиши онҳо бисёр вақт бо ғурури хос ҳамроҳ буд.

## Румиён

Озодии яҳудиён таҳти роҳбарии маккабиён фақат сад сол давом дошт. Дар соли 67-и пеш аз милод, ҳангоми ба Уршалим ворид шудани сарлашкар Помпей, румиён ин озодиро барҳам доданд.

Рум нисбати дини яҳудӣ, вақте ки онҳо андозҳоро супурда, шӯриш намебардоштанд, басо муросокор буд. Ҳамин тариқ дар асоси созиш сулҳ барпо шуд.

Азбаски империяи Рум бениҳоят калон буд, аз худи пойтахт – Рум тамоми империяро идора кардан ғайриимкон буд. Аз ҳамин сабаб барои назорат бар вилоятҳои гуногун ҳокимони маҳаллӣ таъйин мешуданд. Дар Яҳудия, ки акнун вилояти Рум шуда буд, марде ба номи Ҳиродус шоҳи лӯхтакмонанд таъйин шуд. Дертар ӯ бо номи Ҳиродуси бузург машҳур гардид. Ҳиродус марди бениҳоят золим буда, ба дини яҳудӣ танҳо ба ном пайрав буд. Ӯ ва наслаш зери ҳукумати Рум муддати сад сол ҳукмфармоӣ карданд. Халқи яҳудӣ эҳсоси нороҳатӣ намуда, дар орзуи наҷот буданд – онҳо интизори омадани касе буданд, ки ба онҳо сабукӣ дода метавонад.

Аз замони ваъдаи Худо ба Иброҳим, ки яке аз намояндагони насли ӯ Наҷотдиҳандаи Ваъдашуда хоҳад шуд, беш аз ҳазор сол гузашт. Бо гузаштани асрҳо, Худо доим соҳиби як халқе – баъзан сершумор, ва баъзан кам – буд, ки ба Каломи Ӯ бовар карда, мушкилиҳояш бо Ӯ ҳал мегашт. Ин мардум ғайратмандона омадани Масҳшудаи Парвардигорро интизорӣ мекашиданд. Дар давоми солҳои аввали империяи Рум онҳое ки дар ваъдаҳои Худо пойдор буданд, доим интизори иҷрои ваъдаҳои Ӯ буданд. Замон расид, аммо халқ дарк накард. Ҳама чиз ҷо ба ҷо буд. Фариштагони осмон бояд хомӯш мегардиданд ва шайтон ба ларза медаромад. Кӣ он Наҷотдиҳандаи Ваъдашуда хоҳад шуд?

## Он чӣ пайғамбарон пешгӯӣ кардаанд

Худо пешакӣ медонист, ки шахсоне хоҳанд баромад, ки худро бардурӯғ ҳамчун Начаҷотдиҳандаи Ваъдашуда муаррифӣ менамоянд. Барои дилпурӣ аз ин ки мардум Наҷотдиҳандаи ҳақиқиро аз дурӯғин фарқ кардан тавонанд, Худо тавре кард, ки чандин пайғамбар, дар давоми асрҳо баъзе аниқиҳоро дар бораи омадани Наҷоткор навишта монанд. Дар Таврот, таронаҳои Забури Довуд ва китобҳои пайғамбарон беш аз сесад пешгӯии аниқ дар хусуси Наҷотдиҳанда ҳастанд. Имкони ин ки сесад пешгӯӣ дар зиндагии як инсон иҷро шаванд, басо хурд аст. Доктор Петер Стонер, профессори машҳури илм дар Коллеҷи Вестмонт, ҳисоб карда баромадааст, ки ҳатто агар 48-тои ин пайғамбариҳоро дар назар гирем, имкони иҷро шудани инҳо дар зиндагии як шахс 1 бар 100 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 000 аст. Ин шумора чунон калон аст, ки аз тасаввури мо берун аст. Доктор Стонер фақат шумораҳо ба ҳаво наандохтааст. Ташкилоти илмии америкоӣ кори ӯро ҳамчун “тамоман бодалел” шинохтааст.



Дар ин китоб мо метавонем баъзе аз ин пайғамбариҳоро мушоҳида намоем. Ҳар ҷое ки шумо аломати “лӯлапечро” дар матн вохӯред, сухан дар бораи чунин пешгӯӣ меравад. Дар аксари ҳолатҳо ман номи пайғамбар ва солҳои байни дода шудан ва иҷрои пешгӯиро хоҳам дод. Дар боби оянда ман порчаҳои Навиштаҳоро, ки нисбат ба Наҷотдиҳандаи Ваъдашуда омадаанд, хоҳам овард. Он аз пайғамбариҳое иборат аст, ки Худо ба Ишаъё додааст. Бо хондани онҳо шумо касеро, ки сухан дар бораааш меравад, маълум карда метавонед.

## Насабнома (Шаҷара): Аз Одам то Исо

Калимаҳое ки бо шрифти ғафс навишта шудаанд, ба номҳои асосии авлод ишора мекунанд. Калимаҳое ки бо шрифти борик навишта шудаанд, ба номҳои ғайриасосӣ ишора мекунанд.




* Подшоҳоне ки дар насабномаи Исо дар Инҷили Матто зикр нашудаанд.

# Боби даҳум

1. **Фариштa Ҷаброил**
2. **Исои Масеҳ**
3. **Дар миёни муаллимони шариат**
4. **Яҳёи пайғамбар**

# 1. Фаришта Ҷаброил

Дар тӯли асрҳо шайтон таъсири марговаре бар одамизод дошт. Дар зери бори гуноҳ инсон фақат ягона умеде ба омадани Наҷотдиҳандаи Ваъдашуда дошт. Дуруст аст, ки Худо дар марҳамати Худ марги ҳайвонро ҳамчун пардохти муваққатӣ барои гуноҳ қабул кард. Аммо аз нигоҳи абадият, хуни ҳайвонҳо гуноҳро аз байн бурдан наметавонист; он фақат барои як муддат гуноҳро мепӯшонид. Ин дар Навиштаҳо бисёр возеҳ баён карда шудааст:

> *Зеро аз имкон берун аст, ки хуни нарговҳо ва нарбузҳо гуноҳҳоро аз байн барад.* **Ибриён 10:4**

Оё ҳалли мушкилии одамизод вуҷуд дошт? Шояд инсоне дар ҷои инсони дигар мемурд, аммо ин ҳеҷ гоҳ кофӣ буда наметавонист. Гуноҳкоре гуноҳкори дигарро наҷот додан наметавонист.

Ин мисли ду одамест, ки ба чоҳи чуқур афтида бошанд. Дар қаъри чоҳ дар байни лой беқарор ҷунбида, яке аз инҳо ба дигаре мегӯяд: “Маро аз ин ғори даҳшатнок барор! Ман дар лой ғарқ мешавам. Ин чӣ бӯи бадест!” Дигаре дар ҷавоб мегӯяд: “Магар ту девона шудаӣ? Охир, ман дар айни ҳамон ҳолате ки ту ҳастӣ, қарор дорам. Ман наметавонам туро аз ин ҷо бароварам”.

Як гуноҳкор гуноҳкори дигарро аз қаъри гуноҳ кашида баровarda наметавонад.

Албатта, бояд касе мебуд, ки аз берун ба ёрии инсон расида тавонад. Аммо дар тамоми рӯи замин як инсони бегуноҳе вуҷуд надошт. Баъд аз Одам ҳар инсон, чи пайғамбар ва чи коҳин, ҳама мисли Одам, дорои табиати гуноҳолуд, бо бӯи бади гуноҳ таваллуд шудаанд.

Инсон ба ХАЛОСГАРЕ эҳтиёҷ дошт, ки берун аз қаъри гуноҳ мебуд; каси бегуноҳ, ки худ қарзи гуноҳе барои пардохт намедошт; як касе ки тамоми одамизодро аз ботлоқи гуноҳ, ки дар он ғӯтидааст, баровarda тавонад. Вале ин НАҶОТДИҲАНДА кӣ хоҳад буд? Худо чунин шахсро аз куҷо пайдо карда метавонист? Оё Ӯ ягон фаришта ё пайғамбареро интихоб хоҳад кард? Ҳеҷ кас инро намедонист. Чӣ тавр Худо дилпур буда метавонад, ки мардум МАСҲШУДАИ ПАРВАРДИГОРРО ҳангоми омаданаш хоҳанд шинохт?

Пеш аз омадани Наҷотдиҳанда Худо барои эълон намудани ин хабар аввал як пайғамбарро фиристода, мардумро тайёр карданӣ буд. Аммо масъала дар бораи он, ки ин пайғамбар кӣ хоҳад буд, дар муқоиса бо шиносонидани Худи Наҷотдиҳанда аҳамияти начандон зиёд дошт.

## Закарё




*Дар айёми Ҳиродус, подшоҳи Яҳудия, Закарё ном коҳине аз навбати Абиё буд, ва зани ӯ аз духтарони Ҳорун буда, Элишабаъ ном дошт. Ҳар дуи онҳо пеши Худо росткор буданд ва аз рӯи тамоми фармудаҳо ва қоидаҳои Худованд бекаму кост рафтор мекарданд. Онҳо фарзанд надоштанд, чунки Элишабаъ нозой буд, ва ҳар ду ба пиронсолагӣ расида буданд.*

*Боре, ҳангоме ки ӯ бо навбати худ пеши Худо коҳинӣ мекард, мувофиқи одати коҳинӣ, қуръа ба номи ӯ баромад, ки ба ибодатхонаи Худованд даромада, бухур сӯзонад; ва ҳангоми бухур сӯзонданаш тамоми анбӯҳи мардум дар берун дуо мегуфт. Баногоҳ фариштаи Худованд бар ӯ намудор гардида, дар тарафи рости қурбонгоҳи бухур истод. Закарё ӯро дида, тарсид ва ба ҳарос афтод.*

*Аммо фаришта ба ӯ гуфт: "Эй Закарё, натарс, чунки дуои ту шунида шудааст, ва зани ту Элишабаъ ба ту писаре мезояд, ва бояд номи ӯро Яҳё гузорӣ. Ва туро шодмонӣ ва хурсандӣ насиб мешавад, ва бисёр касон ба таваллуди ӯ шодӣ мекунанд. Зеро ӯ дар назди Худованд бузург мешавад, ва май ва шароб наменӯшад, ва аз шиками модари худ аз Рӯҳулқудс пур мешавад, ва бисёр касонро аз банӣ-Исроил ба Худованд Худои онҳо бозмегардонад. Ва пешопеши Ӯ бо рӯҳ ва қуввати Илёс қадам мезанад, то ки дилҳои падаронро ба фарзандон ва саркашонро ба хиради росткорон баргардонад ва халқи дурусте барои Худованд омода намояд".* **Луқо 1:5-17**

Фаришта Ҷаброил ба Закарё гуфт, ки писараш, Яҳё, хабаррасон хоҳад буд, ки роҳи Парвардигорро ҳамвор месозад. Ин буд ҷузъиёти охирине, ки бояд фариштаҳоро ҳайрон мекард.

Чорсад сол пеш, пайғамбар Малокӣ дар ин бора навишта буд:

*Инак, Ман қосиди Худро мефиристам, ва ӯ роҳро пеши Ман холӣ мекунад; ва ногаҳон Худованд, ки шумо Ӯро меҷӯед, ба ибодатхонаи Худ меояд, ва қосиди аҳд низ, ки шумо хоҳони Ӯ мебошед; инак, меояд, мегӯяд Парвардигори лашкарҳо.* **Малокӣ 3:1**

Инак! Он бо сиёҳӣ бар сафед навишта шудааст! Закарё бояд аз худ мепурсид, ки чаро ман пештар инро нафаҳмидам. Ин чунон равшан буд! Парвардигори лашкарҳо гуфт: "Ман қосиди Худро мефиристам,

то роҳро пеши Ман омода кунад". Илова бар он, фаришта гуфт, ки Яҳё, писари Закарё, қосиде хоҳад буд, ки роҳи Парвардигорро омода мекунад.

## Элишабаъ

Закарё сахт ҳайрон шуда, ба хонааш баргашт. Худо ба ваъдааш вафо кард: ҳамааш тавре ки фаришта гуфта буд, шуд.

> *Ва пас аз он рӯзҳо зани ӯ, Элишабаъ, ҳомила шуда, панҷ моҳ худро аз ҳама пинҳон дошт, ва гуфт: "Дар ин рӯзҳо Худованд назар карда, ба ман чунин амал кард, то ки нанги маро аз миёни мардум бардорад".* **Луқо 1:24,25**

Бо вуҷуди ин, Закарё бояд аз худ мепурсид: "Дар воқеъ, Худои Тавонои Мутлақ чӣ тавр ба замин хоҳад омад? Оё дар як аробае, ки ҳафт аспи сафеди болдор онро пеш мебаранд ва анбӯҳҳои фариштаҳои дурахшон ба даври он? Оё Ӯ ҳукумати румиёнро ба поён мерасонад? Ӯ тахтро аз зери пои Ҳиродус хоҳад кашид?" Фаришта инҳоро муайян накард.

## Марям




Фаришта инчунин ба назди Марям ном зани ҷавоне омад.

> *Ва дар моҳи шашум Ҷаброили фаришта аз ҷониби Худо ба Носира ном шаҳри Ҷалил фиристода шуд назди бокирае ки номзади Юсуф ном марде аз хонадони Довуд буд; ва номи он бокира Марям буд.* **Луқо 1:26,27**

Юсуф ва Марям аз рӯи оини мардуми Шарқ ба ҳам номзад шуда буданд. Мувофиқи Навишта, ҳар дуи инҳо бевосита аз насли подшоҳ Довуд буданд, ки ҳазор сол пеш зиндагӣ карда буд.

> *Ва фаришта назди вай даромада, гуфт: "Салом бар ту, эй пурфайз! Худованд бо туст; ту дар миёни занон муборак ҳастӣ". Аммо вай ӯро дида, аз суханонаш парешон шуд ва дар дили худ гуфт, ки ин чӣ саломе бошад. Ва фаришта ба вай гуфт: "Эй Марям, натарс, чунки ту назди Худо файз ёфтаӣ; ва инак, ҳомила шуда, Писаре мезоӣ, ва бояд номи Ӯро Исо гузорӣ".* **Луқо 1:28-31**

Чӣ? Акнун навбати ҳайрон шудани Марям расид. Ҳангоме Марям охир тавонист сухан гӯяд, ӯ саволи хубе дод:

> *Марям ба фаришта гуфт: "Ин чӣ гуна мешавад, дар ҳоле*

> *ки ман бо марде набудам?" Фаришта дар ҷавоби вай гуфт: "Рӯҳулқудс бар ту меояд, ва қуввати Ҳаққи Таоло бар ту соя меафканад; бинобар ин он Зодаи Муқаддас ҳам Писари Худо номида мешавад".* **Луқо 1:34,35**

Марям бояд модари Наҷотдиҳанда мешуд – Ҳамон ки дар давоми асрҳо ба Иброҳим ва насли ӯ ваъда шуда буд!

Акнун вазъият равшантар мешуд. Марям Навиштаҳоро бисёр хуб медонист. Чандин замон пеш, дар боғи Адан, Худо ба Ҳавво Наҷотдиҳандаро ваъда дода буд, ки аз *насли зан* хоҳад буд. На аз *насли онҳо,* яъне мард ва зан. Акнун ваъда дар нуқтаи иҷроиш буд, ва кӯдак бояд аз бокирае ба дунё меомад – Ӯ фақат насли Марям хоҳад буд. *Навзод падари заминӣ нахоҳад дошт.* Он чи пештар интихоби беаҳамияти калимаҳо метобид, акнун маънои амиқ пайдо намуд.

Аммо ин ҷузъи хурди таърихи одамизод оқибатҳои боз ҳам бузургтар дошт. Азбаски кӯдак на бо нутфаи мард дар батни модар ба вуҷуд омад, ӯ аз насли Одам ба ҳисоб намеравад. Тамоми намояндагони насли Одам табиати ӯ, *табиати гуноҳолудро* ба мерос гирифтаанд.[1] Аммо Исо бояд *писари Одам* намебуд. Ӯ бояд *Писари Худо** мебуд. Исо бояд соҳиби *табиати Худои Таоло* мебуд. Ҳайратовар нест, ки фаришта ӯро "Зодаи Муқаддас" номида буд. Ин кӯдак бояд бе гуноҳ мебуд, айнан мисли он ки Худо бегуноҳ аст. Исо аз лаҳзаи дар батни модар пайдо шуданаш комил буд.

* ба саҳ. 187 - 188 нигаред ва маънидоди истилоҳи "Писари Худо"-ро мефаҳмед.

Пас, Худованд бояд ба замин бо тамоми ҷалоли осмонии Худ намеомад, балки бо роҳи ба дунё омадани тамоми одамизод – мисли навзод. Ҷаброили фаришта ба Марям гуфт:

> *"Инак, хеши ту, Элишабаъ, ки ӯро нозой меноманд, ӯ низ дар пирии худ писаре дар шикам дорад, ва ҳоло моҳи шашуми ӯст; зеро назди Худо ҳеҷ чиз ғайриимкон нест". Марям гуфт: "Инак, канизи Худованд ҳастам; бигзор бо ман аз рӯи сухани ту шавад". Ва фаришта аз пеши вай рафт.* **Луқо 1:36-38**

Марям медонист ки Элишабаъ барои кӯдакдор шудан хеле пир буд. Агар имкон дошт, ки Худо Элишабаъро боровар созад, ҳамчунин мумкин буд, ки Марям дар ҳолати бокира буданаш кӯдакдор мешуд. Марям қарор намуд, ки ба Худо таваккал мекунад.

## Яҳёи пайғамбар

*Чун вақти зоидани Элишобаъ расид, ӯ писаре зоид.* **Луқо 1:57**

Яҳё тавре ки Худо онро ваъда дода буд, таваллуд шуд. Мувофиқи Навишта, таваллуди ӯ як воқеае буд, зеро дар он замон нозой будани зан бад ҳисобида мешуд. Закарё чунон рӯҳбаланд шуда буд, ки ногоҳ барои ситоиши Худо сухан гуфтанро сар кард. Чизҳое ки ӯ мегуфт, як парвози кӯтоҳе буд дар таърихи одамизод бо таваҷҷӯҳ бар ваъдаҳои Худо, ки дар тӯли асрҳо борҳо такрор шуда буд: ваъдаҳои фиристодани Наҷотдиҳанда. Закарёи мӯйсафедро ба худ тасаввур кардан мумкин аст, ки чӣ тавр Яҳёи навзодро дар дастонаш баланд бардошта, ва ба ӯ чашм дӯхта, чунин мегӯяд:

*Ва ту, эй кӯдак, пайғамбари Ҳаққи Таоло хонда мешавӣ, чунки пешопеши Худованд қадам мезанӣ, то роҳҳои Ӯро омода кунӣ.*
**Луқо 1:76**

Яҳё бояд қосиде мешуд, ки омадани Наҷотдиҳандаи Ваъдашударо ба одамон хабар медиҳад.

### Маънои як ном

Дар Навиштаҳо пайғамбариҳои зиёд вуҷуд доранд, ки пеш аз таваллуди Исо навишта шудаанд; инҳо омадани Исоро бо аниқии комил эълон мекунанд. Ҳафтсад сол пеш аз таваллуди Исо пайғамбар Ишаъё навишта буд:



*Зеро **кӯдаке** барои мо зода шуд, Писаре ба мо дода шуд, ва ҳукмронӣ бар дӯши Ӯ мешавад, ва номи Ӯ Аҷиб, Мушовир, **Худои тавоно, Падари ҷовид,** Мири осоиш хонда мешавад.* **Ишаъё 9:6**

Аҳамият диҳед, ки кӯдак Худои тавоно, Падари ҷовид номида шудааст – ин ду ном фақат ба Худо тааллуқ доранд.

Чунон ки аллакай дидем, Худо номҳои бисёр дорад, ва ҳар яке аз онҳо як ҷиҳати хислати Ӯро шарҳ медиҳанд. Ду номи дигаре ки нисбати Исо истифода шудаанд, дорои маъноҳои аҷоибанд:

**1. Писари Худо**: Бисёриҳо ин унвонро ба маъние шарҳ доданд, ки

гӯё Худо бо Марям муносибатҳои ҷинсӣ дошт. Ин шарҳиёт на фақат нодуруст, балки куфр низ ҳаст. Дар ҳеҷ ҷои Каломи Худо ин фаразия вуҷуд надорад. Дар асл, Навиштаҳо тамоман хилофи инро мегӯянд. Мувофиқи Навишта, Марям то замони таваллуд шудани Исо бокира монда буд. Ӯ на ба воситаи якҷошавӣ бо ягон мард, балки ба воситаи як муъҷиза ҳомила шуд. Худо ба бадани Марям имкон дод, ки кори ғайритабиӣ кунад, яъне дар ҳолати бокирагӣ тифлеро ба дунё оварад.

Агар ин унвон ба ҷиҳати ҷисмонии Исо ҳеҷ дахле надошта бошад, пас он ба кадом маънист?

Дар аксари забонҳо калимаи писар бо насли ҷисмонӣ маҳдуд намешавад. Дар забони арабӣ, масалан, агар ба касе гӯянд, ки ӯ *писари кӯча* аст, дар назар дошта нашудааст ки кӯча тифлеро ба дунё овардааст. Ба ҳамин сурат, Навишта ибораи идиоматикиро барои шарҳ додани хислати як шахс истифода мебарад:

❖ *Юсӣ, ки... ба ӯ лақаби Барнаббо, яъне “писари тасаллӣ”-ро дода буданд...* **Амалҳо 4:36**

Бо ин мефаҳманд, ки зиндагии ӯ бо тасаллиҳо ва рӯҳбаландкуниҳое, ки ӯ ба дигарон меовард, фарқ мекард ва на аз боиси он ки падараш Тасаллӣ ном дошт.

❖ *...писарони саркашӣ...* **Эфесусиён 5:6б**

Албатта ин маънои онро надорад, ки марде ба номи Саркашӣ писарони бисёреро ба дунё овардааст. Ин оят аниқтараш дар бораи онҳое гап мезанад, ки табиатан беитоатанд.

❖ [Шоул ба Алимои ҷодугар гуфт] *...эй писари иблис, ва душмани ҳама гуна ростӣ...* **Амалҳо 13:10а**

Возеҳ аст, ки шайтон занеро гирифта як писаре аз вай ба дунё наовард! Ин порча бар шахси бадкирдор ишора мекунад.

Вақте ки Навиштаҳо дар бораи Исо сухан ронда мегӯянд, ки Ӯ Писари Худо буд, бояд фаҳмид, ки ин ишора ба табиати Ӯст. Исо соҳиби табиати комил ва муқаддас – соҳиби табиати Худо буд, бар акси инсони одӣ, ки дорои табиати пастафтидаи писари Одам аст.

*Писараш, ки дурахши ҷалол ва инъикоси моҳияти Ӯст...*
**Ибриён 1:3а**

**2. Писари Одам:** Ин унвон гуфтанӣ нест, ки Исо инсонеро ҳамчун падар дошт. (Юсуф шавҳари Марям буд, аммо ҳаргиз падари Исо набуд.) Исо унвони Писари инсонро фақат вақте дар бораи Худ сухан меронд, истифода мебурд. Ин унвон ду ҷиҳатро дар бар мегирад:

**а. Он баёнкунандаи инсонияти Исо аст:** Ҳатто дар сурате ки Исо падари инсонӣ надошт, Ӯ боз ҳам сурати инсонро ба худ гирифт. Бо вуҷуди он ки Ӯ мисли як инсон зиндагӣ мекард, гуноҳе накарда буд. Мо аҳамияти ин ҳақиқатро дертар ҳангоми омӯзиши худ хоҳем дид.

**б. Он баёнкунандаи воқеияти Исо аст:** Дар тӯли асрҳо, донишмандони Навиштаҳои Муқаддас маълум карданд, ки пайғамбарон дар бораи Масҳшудаи Парвардигор сухан ронда, унвони Писари инсонро истифода бурдаанд. Исо ин пайғамбаронро ёдрас мешуд, то нишон диҳад, ки Худи Ӯ иҷрои пайғамбариҳои онҳо оид ба Наҷотдиҳандаи Ваъдашуда буд. Он чиро, ки Дониёли пайғамбар 500 сол пеш аз таваллуди Исо навишта буд, муқоиса намоед:

> *Дар рӯъёҳои шаб ман дидам, ва инак, монанди Писари одам бо абрҳои осмон меомад, ва то Куҳанрӯзгор расид, ва ба пеши Ӯ наздик оварданд. Ва ҳукмронӣ ва ҷалол ва подшоҳӣ ба Ӯ дода шуд, то ки ҳамаи мардумон, умматҳо ва забонҳо Ӯро парастиш намоянд...* **Дониёл 7:13, 14а**

Бо мурури он ки мо дар омӯзиши худ пеш меравем, мо тамоми аҳамияти ин унвонро бештар хоҳем фаҳмид.

## Унвонҳои муттаҳидшуда

Унвонҳо, Писари Худо ва Писари инсон, танҳо дуто аз номҳои зиёде мебошанд, ки нисбати Исо дода шудаанд. Ҳангоме ду ном ба ҳам муттаҳид карда мешаванд, онҳо ифода мекунанд ки:

> *Худо дар ҷисм зоҳир шуд.* **1Тимотиюс 3:16а**

Вақте ки Худо ҷисми инсонро ба Худ гирифт, Ӯ аз Худо буданаш даст накашида буд. Ва бо гирифтани ҷисми инсонӣ Ӯ гуноҳкор низ нашуд. Ҳатто агар Худо бо хости Худ баъзе маҳдудиятҳоро ба Худ гирифта бошад ҳам, Ӯ комилан тавоно, донандаи ҳама ва

комилан одил монда буд. Барои мо фаҳмидан душвор аст, ки чӣ тавр Ӯ хислатҳои Худро нигоҳ дошта, Худро бо бадани инсонӣ маҳдуд карда тавонист, аммо ин таълими Навиштаҳост. Худо бузург аст ва Ӯ ҳар корро карда метавонад, ба ғайр аз ин ки бар хилофи Худ коре кунад. Худо пайғамбаронро водор карда буд, ки зоҳири инсонияшро ҳангоми бар рӯи Замин буданаш шарҳ диҳанд. Чӣ тавр метавонист Ӯ он чиро, ки гуфт, Худ иҷро нанамояд? Дар омӯзиши худ пеш рафта, мо хоҳем дид, ки чаро Худо чунин интихоберо кард.

**Охирин тавзеҳот**

Чунон ки баъзеҳо унвони Писари Худоро нодуруст маънидод карда, гуфтаанд, ки Худо ба тарзи ҷинсӣ писареро аз Марям пайдо кард, дигарон хулоса кардаанд, ки азбаски Марям модари Исо буд, вай модари Худо буд. Ин, албатта, дар назар дорад, ки Марям ҳам як навъ худо буд. Баъзеҳо боварӣ доранд, ки Марям маликаи осмон буда, Худо вайро ба занӣ гирифт, ва дар натиҷаи ин Исо таваллуд ёфт. Бори дигар, Навиштаҳо ин фикрро куфри бадтарин меҳисобанд. Ин фаразия дар ҳеҷ ҷои Каломи Худо таълим дода намешавад.

Навишта бисёр равшан мегӯяд: Марям зане буд, ки Худоро дӯст медошт ва Каломи Ӯро эҳтиром мекард, аммо ӯ фақат як мавҷуди инсонӣ буд. Ӯ на худое буд, ва на модари Худо. Марям худ гуноҳкор буд ва эҳтиёҷи худро ба Наҷотдиҳанда – як Халосгар – ба хубӣ дарк мекард.

> *...Ва Марям гуфт: "Ҷони ман Худовандро ситоиш мекунад,*
> *рӯҳи ман аз Худои Наҷотдиҳандаи ман ба ваҷд омад.*
>
> **Луқо 1:46,47**

# 2. Исои Масеҳ

> *Ва таваллуди Исои Масеҳ чунин буд: ҳангоме ки модари Ӯ Марям ба Юсуф номзад шуд, пеш аз он ки ҳамбистар шаванд, маълум гардид, ки вай аз Рӯҳулқудс ҳомила аст. Ва шавҳари вай Юсуф, ки марди росткор буд ва намехост вайро нангин кунад, ба дили худ гуфт, ки вайро пинҳонӣ сар диҳам.*
>
> **Матто 1:18,19**

Тибқи оини он замон, барои бекор кардани номзадӣ талоқномаеро ба даст доштан лозим буд. Як лаҳза худро ба ҷои Юсуф гузоред. Ӯ бояд

фарогирифтаи ғам мебуд. Марям бо кӯдаке ки аз они ӯ набуд, ҳомила гардидааст. Агар ӯ инро дар пеши ҳама хабар диҳад, тамоми мардум ҳақиқатро, ки Марям зинокор аст, хоҳанд фаҳмид, магар ин ки шарҳи аҷиби Марям дар бораи назди вай омадани фаришта рост бошад. Не, ин сафсатае буд! Бечора бояд дар ҳоли гум кардани ақл мебуд. Юсуф Марямро дӯст медошт аммо ӯ наметавонист бо зане оиладор шавад, ки ӯро фиреб кардааст ва тамоман маълум аст, ки ҳоло бо кӯшиши рад кардани ин ҳақиқат ҳикояи боварнашуданӣ мебофад. Дар ҳақиқат фикрҳои Юсуф ба мо маълум карда нашудаанд, аммо ҳамзамон мо медонем, ки ӯ қарор кард, то пинҳонӣ Марямро ҷавоб диҳад.

*Аммо ҳангоме ки ӯ дар чунин андеша буд, фариштаи Худованд дар хоб ба ӯ падид омада, гуфт: “Эй Юсуф, писари Довуд! Аз гирифтани зани худ Марям натарс; зеро он чи дар вай ба вуҷуд омадааст, аз Рӯҳулқудс аст; ва Писаре мезояд, ва ту Ӯро Исо* ном гузор; чунки Ӯ қавми Худро аз гуноҳҳошон наҷот медиҳад”*

* Исо — Парвардигор наҷот аст.



*Ва ҳамаи ин рӯй дод, то ба амал ояд каломе ки Худованд бо забони пайғамбар гуфтааст: “Инак, бокирае ҳомила мешавад ва Писаре мезояд, ва Ӯро Имонуил меноманд”, ки маънояш ин аст: Худо бо мост.* **Матто 1:20-23**

Юсуф инро равшантар аз ин шунида наметавонист. Марям дар ҳолати бокира буданаш писаре таваллуд мекунад! Кӯдакро Исо хоҳанд номид, ки маънояш “Наҷотдиҳанда” ё “Халосгар” аст. Ӯ мардумро аз оқибатҳои гуноҳҳояшон наҷот хоҳад дод (халос хоҳад кард)! Фаришта гуфт, ки як номи дигараш Имонуил хоҳад буд, ба маънои “Худо бо мост”. Исо, Худо дар ҷисм, дар миёни одамон хоҳад зист.

Ишаъёи пайғамбар ин воқеаро 700 сол пеш пешгӯӣ карда буд:



*Бинобар ин Парвардигор Худаш ба шумо аломате медиҳад: инак, бокирае ҳомила мешавад ва Писаре мезояд, ва Ӯро Имонуил меноманд.* **Ишаъё 7:14**

Юсуф бояд як қад парида аз хоб мехест. Пас Ишаъё ҳақиқатро гуфтааст! Ҳамааш ҳамон тавре ки Худо гуфта буд, воқеъ шуд. Аммо мардум чӣ хоҳанд гуфт? Чӣ фарқ дорад! Фақат як кор монда буд: ба Худо бовар кардан ва ба Ӯ итоат намудан, ва Юсуф чунин кард.

*Ва Юсуф аз хоб бедор шуда, өнчунон рафтор кард, ки фариштаи Худованд ба ӯ фармуда буд, ва зани худро қабул*

*кард. Ва бо вай ҳамбистар нашуд то даме ки вай Писари нахустини худро зоид. Ва Юсуф Ӯро Исо ном гузошт.*

**Матто 1:24,25**

## Таваллуд

*Дар он рӯзҳо аз ҷониби шоҳаншоҳ Августус фармоне баромад, ки дар тамоми рӯи замин номнависӣ гузаронанд.* **Луқо 2:1**

Қайсар ба пул зарурат дошт. Румиён қарор доданд, ки саршумории аниқи аҳолиро гузаронанд, ба тавре ки миқдори бисёртари одамон андозҳоро супоранд. Ҳар яке бояд дар шаҳри падарони худ номнавис мешуд. Юсуф бояд аз ин хабар чандон хуш намешуд. Ба қарибӣ вақти зоидани занаш мерасид. Азбаски ӯ дуредгар буд, албатта аллакай сохтани гаҳвораи навзодро сар карда буд, ва бо доязан дар бораи ҷои хуб ва тоза барои қабули навзод пешакӣ сӯҳбат карда буд. Ва инак ӯ акнун бояд занашро ба Байт-Лаҳм, зодгоҳи подшоҳ Довуд, ки ҳазор сол пеш ба дунё омада буд, барад. Фикри баромадан ба сафари 120-километра, дар ҳоле ки занаш дар арафаи зоидан буд, бешубҳа, ӯро ҳеҷ шод намекард; хусусан бо назардошти он ки ин сафарро бояд харсавор ё пиёда анҷом медод. Барои чӣ дар ҳамин вақт? Чаро дар Носира, зодгоҳи худи Юсуф, номнависӣ кардан мумкин нест? Чӣ ногуворие! Аммо румиён ҳеҷ интихобе нагузоштанд. Юсуф маҷбур шуд, ки Марямро ба Байт-Лаҳм барад.

*Ва ҳама барои номнависии худ, ҳар яке ба шаҳри худ мерафтанд. Юсуф низ аз Ҷалил, аз шаҳри Носира, ба Яҳудия, ба шаҳри Довуд, ки Байт-Лаҳм ном дорад, равона шуд, чунки ӯ аз хонадон ва насли Довуд буд, то бо Марям, ки номзади ӯ ва ҳомиладор буд, номнависӣ карда шавад. Ва ҳангоме ки онҳо дар он ҷо буданд, вақти зоидани вай расид; ва Писари нахустини худро зоид, ва Ӯро парпеч кард, ва Ӯро дар охуре хобонд, чунки дар мусофирхона ҷое барои онҳо набуд.* **Луқо 2:3-7**




Пас, Исо дар Байт-Лаҳм, дур аз хонаи Юсуфу Марям таваллуд шуд. Дар Байт-Лаҳм одам чунон бисёр буд, ки ягона маскан дар дастраси онҳо як оғилхонае шуд. Як охуре аввалин гаҳвораи Исо шуд. Шояд Юсуф ба зани худ нигоҳ карда фикр мекард, ки тамоми нақшаҳои зебояш барҳам хӯрданд. Дар Байт-Лаҳм! Дар оғилхонае! Ҳамзамон, ба кӯдак нигариста, Юсуф бояд ҳис мекард ки ҳамааш хуб – ва ҳатто комилан хуб буд.

*...Ва Юсуф Ӯро Исо ном ниҳод.* **Матто 1:25б**

## Чӯпонон

*Дар он сарзамин чӯпononе буданд, ки шабона дар ҳавои кушод рамаи худро посбонӣ мекарданд. Ва фариштаи Худованд бар онҳо намоён гардид, ва ҷалоли Худованд дар гирду пешашон дурахшид, ва онҳо хеле ҳаросон шуданд. Фаришта ба онҳо гуфт: "Натарсед; зеро ба шумо хушхабари басо шодибахш мерасонам, ки он барои тамоми қавм аст: Имрӯз дар шаҳри Довуд* ***Наҷотдиҳанда барои шумо ба дунё омад, ки Ӯ Масеҳ, Худованд аст****. Ин аст аломате барои шумо: Кӯдакро парпечшуда ва дар охуре хобида меёбед". Ногаҳон бо фаришта дастае аз лашкари осмон пайдо шуданд, ки Худоро ситоиш карда, мегуфтанд:*

*"Ҷалол ба Худо дар арши аълост, осоиш бар замин, хушнудии Ӯ бар одамон".* **Луқо 2:8-14**



Чӯпонон машғул буданд, мисли ҳамеша онҳо ғами рамаҳояшонро мехӯрданд. Гӯсфандони онҳо бисёр вақт ҳамчун қурбонӣ дар ибодатгоҳи Уршалим, ки якчанд километр шимолтар аз Байт-Лаҳм воқеъ буд, хизмат мекарданд. Ҳама чиз ба таври муқаррарӣ буд, вале ногоҳ фариштаҳо барои дигаргун кардани олами хурдтараки инҳо омаданд. Бешубҳа, онҳо аз ҳамдигар пурсидан гирифтанд: "Оё он чиро ки ман шунидам, ту ҳам шунидӣ? Масеҳ ХУДОВАНД аст!"

## Масеҳ / Масҳшуда

Калимаи юнонии *Христос* ҳаммаънои калимаи ибронии *Машияҳ* аст, яъне *Масеҳ/Масҳшуда*. Маънои ин калима "интихобшуда" аст. Дар тӯли асрҳои зиёд калимаи Масҳшуда ба Наҷотдиҳандаи Ваъдашуда тааллуқ дошт.

Акнун фариштаҳо мегуфтанд, ки Интихобшуда – Масеҳ – Худи Худованд аст.[2] Пайғамбарон дар бораи Масеҳ сухан ронда, унвони Худовандро ба кор мебурданд. Фариштаҳо ба чӯпонон баён карданд:

> *...Наҷотдиҳанда барои шумо ба дунё омад,*
> *ки Ӯ Масеҳ, Худованд аст.* **Луқо 2:11**

Дар ҳақиқат Худованд ба воситаи фариштаҳо дар бораи Худ сухан гуфт.

> *...Оё на Ман, ... ПАРВАРДИГОР ҳастам?*
>
> *...ғайр аз Ман Худои дигаре нест, – Худои росткор ва наҷотдиҳандае ғайр аз Ман нест.* **Ишаъё 45:21б**

Донистан муҳим аст, ки унвонҳои "Наҷотдиҳанда" ва "Худованд" фақат ба Парвардигор нисбат дода мешаванд. Вагарна баъзе оятҳоро нодуруст фаҳмида, ба фикр дар бораи вуҷуд доштани бештар аз як Худо, яке камтар ва бузургтар аз дигар омада метавонем. Аммо Навишта мегӯяд:

> *Ман, Ман Парвардигор ҳастам, ва ғайр аз Ман Наҷотдиҳандае нест.* **Ишаъё 43:11**

Ҳамеша фақат як Наҷотдиҳанда буд.

> *Ҳангоме ки фариштаҳо аз пеши онҳо ба осмон боло шуданд, чӯпонон ба якдигар гуфтанд: "Биёед, ба Байт-Лаҳм равем ва он чиро, ки дар он ҷо рӯй додааст, ва Худованд онро ба мо хабар додааст, бинем". Ва бо шитоб омаданд, ва Марям ва Юсуф ва Кӯдакро, ки дар охур хобида буд, ёфтанд. Ва чун диданд, он суханонеро, ки ба онҳо дар бораи ин Кӯдак гуфта шуда буд, паҳн карданд.* **Луқо 2:15-17**

Ин чӯпонон мардони бечора буданд, ва на касоне ки одатан ба таваллуди як шоҳ даъват карда мешуданд. Инчунин касони дигаре буданд, ки барои дидани Исо ба роҳ баромада буданд.

## Муғон (коҳинони зардуштиён)

> *Чун Исо дар айёми подшоҳ Ҳиродус дар Байт-Лаҳми Яҳудия таваллуд ёфт, аз ҷониби шарқ ба Уршалим муғон омада, гуфтанд: "Куҷост он Подшоҳи яҳудиён, ки таваллуд ёфт? Чунки ситораи Ӯро дар шарқ дидем ва омадем, ки ба Ӯ таъзим кунем".* **Матто 2:1,2**

Муғон дар ситорашиносӣ моҳир буданд. Онҳо аз шарқ, аз Арабистон ё дуртар, шояд аз сарзамини Форс омаданд. Маълум аст, ки ин одамон ба корҳои Худо дар ҷаҳон аҳамият медоданд, зеро онҳо масофаи калонеро аз ҳисоби худ тай карданд, ва барои дидани кӯдаки навзод аз минтақаҳои кӯҳӣ ва биёбонҳо гузашта омаданд.

Инҳо албатта аз ҷумлаи касоне буданд, ки ба дидани подшоҳ рафта метавонистанд! Ҳиродуси бузург, подшоҳе ки дар он замон дар Яҳудия подшоҳӣ мекард, бешубҳа, аз наздик шудани ин ҷамъияти соҳибэътибор огоҳ шуда буд. Ноаён гузашта рафтан аз сарҳадҳои Яҳудия барояшон ғайриимкон буд. Бо вуҷуди ин, ҳозир шудани инҳо ҳамчун таҳдид қабул карда нашуд, чунки онҳо дар сари лашкаре набуданд. Ин одамон танҳо як савол доштанд: "Куҷост он подшоҳе ки таваллуд шуд?"

> *Чун подшоҳ Ҳиродус инро шунид, ба ташвиш афтод, ва бо вай тамоми Уршалим ҳам.* **Матто 2:3**

Ин савол Ҳиродусро ба ларза овард. Ӯ эътибор ва қудрати шоҳонаи худро дар дастонаш мустаҳкам нигоҳ медошт ва ҳар касеро, ки ҷуръати гирифтани қудрати ӯро мекард, нобуд менамуд. Бешубҳа, тамоми шаҳр низ каме ба шӯр омада буд, зеро Ҳиродус бо зулми хос нисбат ба ҳамватанони худ машҳур шуда буд, хусусан дар вақте ки димоғсӯхта буд. Ӯ чӣ карданӣ буд? Ӯ мушовирони динияшро даъват кард:

> *Ва ҳамаи сардорони коҳинон ва китобдонони қавмро ҷамъ карда, аз онҳо пурсид, ки Масеҳ дар куҷо бояд таваллуд ёбад?*
>
> **Матто 2:4**

Сардорони динӣ, бешубҳа, ҳайрон буданд. Аз кай боз Ҳиродус ба дину мазҳаб шавқ дорад? Онҳо ҳаргиз мунтазир набуданд, ки ӯ дар бораи Масеҳ хоҳад пурсид.

Аз афти кор, агарчи муғон аз ин ҳодисаи муҳиме ки ин лаҳза дар замин анҷом меёфт, бохабар буданд, сардорони яҳудӣ дар ин мавирд бехабар ба назар менамуданд. Валекин Ҳиродус одами бонуфуз буд ва онҳоро лозим буд, ки ба саволи ӯ: “Масеҳ бояд дар куҷо таваллуд ёбад?” ҷавоб медоданд.

## Пешгӯӣ

Китобдони тарсонро дар ҳоли тоза кардани чанг аз дастнависи кӯҳна ба худ тасаввур кардан мумкин аст. Бародарони ӯ низ даври ӯро гирифта бо ҳам матни папирусро аз назар мегузаронанд. Китобдонон каме сар ҷунбониданд. Инҳо муътақид шудан мехостанд, ки Ҳиродус хуб мефаҳмад, ки инҳо на аз пеши худ сухан мегӯянд, балки суханони Микои пайғамбарро, ки 700 сол пеш дар ин бора навишта буд, баён мекунанд. Яке аз китобдонон беҷуръатона бар порчае ангушт гузошт. Ӯ овозашро соф карда хонд:



*Ва ту, эй Байт-Лаҳми Эфрот, ки дар миёни хонаводаҳои Яҳудо аз ҳама хурдтарӣ! Аз ту барои Ман Ҳокиме дар Исроил хоҳад баромад, ва баромади Ӯ аз қадим, аз айёми азал аст.* **Мико 5:2**

Пайғамбарӣ бисёр дақиқ буд: кӯдак дар Байт-Лаҳм, дар Эфрот бояд таваллуд мешуд. Азбаски ду шаҳре буданд, ки Байт-Лаҳм ном доштанд, яке дар наздикии Носира ва дигаре дар ҷануби Уршалим дар минтақаи Эфрот воқеъ буд, ва фарқ кардани инҳо аҳамият дошт.

Агар Юсуф медонист, ки Масеҳ бояд дар Байт-Лаҳми Эфрот таваллуд мешуд, ӯ мефаҳмид ки чаро ӯро лозим буд, то аз Носира ба Байт-Лаҳм сафар кунад. Ин мувофиқи нақшаи Худо буд. Номнависии румиён фақат як асбобе дар дастони Ӯ буд.

Ҳиродус дигар ҷузъиётро низ донистан мехост. Бале... Микои пайғамбар возеҳ гуфта буд, ки он кӣ таваллуд мешуд, аз азал вуҷуд дошт. Ҳиродусро бояд рангаш мепарид. Ин ғайриимкон буд! Танҳо Худо азалист. Шояд китобдонон кӯшиш мекарданд, ки ба мақсади фиреб қасдан ӯро тарсонанд? Ӯ бозияшро давом хоҳад дод. Ӯ тарзи парастишашро, ки ба подшоҳи нав нигоҳ доштааст, барояшон маълум хоҳад кард. Ҳиродус китобдонон ва коҳинонро бадар ронд.

> *Он гоҳ Ҳиродус муғонро пинҳонӣ даъват намуда, вақти пайдоиши ситорараро аз онҳо фаҳмида гирифт, ва онҳоро ба Байт-Лаҳм равона карда, гуфт: “Равед ва дар бораи он*

*Кӯдак бо диққат пурсуҷӯй кунед ва ҳамин ки Ӯро ёфтед, ба ман хабар диҳед, то ки ман ҳам рафта, ба Ӯ таъзим кунам".*

*Онҳо суханони подшоҳро шунида, равона шуданд. Ва инак, ситорае ки дар шарқ дида буданд, пешопеши онҳо мерафт ва ба болои он ҷое ки Кӯдак буд, расида, истод. Ва ситораро дида, беандоза шод ва хушҳол гардиданд, ва ба хона даромада, Кӯдакро бо модараш Марям диданд, ва зону зада, ба Ӯ таъзим карданд, ва ганҷҳои худро бароварда, тӯҳфаҳои тилло, лодан ва мурр[3] ба Ӯ пешкаш карданд.* **Матто 2:7-11**

Худо ба роҳнамоии мардуми Худ давом дод:

*Ва чун дар хоб ба онҳо паёми Худо омад, ки ба назди Ҳиродус барнагарданд, онҳо аз роҳи дигар ба ватани худ равона шуданд.*

*Ҳангоме ки онҳо баромада рафтанд, фариштаи Худованд дар хоб ба Юсуф падид омада, гуфт: "Бархез ва Кӯдакро бо модараш гирифта, ба Миср гурез ва дар он ҷо бош, то вақте ки ба ту гӯям...".* **Матто 2:12-15а**

Ҳамон тавре ки дар солномаҳои таърихии дунявӣ ба мо ошкор шудааст, Ҳиродус барои бартараф кардани Исо тамоми кӯшишҳояшро ба харҷ дод; аммо кӯдак дар Миср дар амон буд. Дар ҳикояҳои қадим Миср ҳамчун ҷои зулму ҷафо зикр шудааст. Он кишваре буд, ки доварихҳои Худоро аз сар гузаронидааст. Аммо акнун Худо Мисрро интихоб намуд, то ҷои мӯҳтарам низ шинохта шавад, ҳамчун маконе ки Ӯ Маряму Юсуфро ба он ҷо равона кард, то барои Масеҳ паноҳгоҳ бошад. Дар сарзамини Миср ин оилаи махсус дар амон буд; дар ҳоле ки дар кишвари яҳудиён золимӣ, беадолатӣ ва кӯшишҳои вайрон кардани нақшаҳои Худо ҷой дошт. Вазифаҳо баръакс шуда буданд.

Ниҳоят, Ҳиродус вафот кард. Пас Юсуф, Марям ва Исо ба кишвари худ баргаштанд, то дар Носира, ки Юсуф дар он дубора ба кори дуредгарии худ машғул шуд, ҷойгир шаванд.

*Ва Кӯдак калон шуда, рӯҳаш пурзӯр мегашт ва аз ҳикмат пур мешуд, ва файзи Худо бар Ӯ буд.* **Луқо 2:40**

## Калом

Кадоме хабаррасони беҳтар аст? Мактуб ё нависандаи мактуб? Мактубҳо фоидаманд ҳастанд; аммо дар сурате ки ҳақиқатан касеро шинохтан хоҳӣ, чизе беҳтар аз гузаронидани вақт бо ӯ ва бо ӯ рӯ ба рӯ сӯҳбат кардан нест. Мо дидем, ки дар тӯли асрҳо Худо касонеро, ки ба Каломаш, чӣ ба шунидашуда, чӣ навишташуда, бовар мекарданд, эҳтиром мекард. Аммо Худо на фақат дар суханҳо Худро ошкор кард; Ӯ ба замин омада, ҳамчунин Худро ба одамон шиносонид.

> *Дар ибтидо* ***Калом*** *буд, ва Калом бо Худо буд, ва Калом Худо буд.* ***Он дар ибтидо бо Худо буд****. Ва Калом* ***ҷисм гардид*** *ва дар миёни мо сокин шуд...* **Юҳанно 1:1,2,14а**

Кӣ буд он Каломе ки дар ибтидо бо Худо буд ва ҷисм гардид? Навиштаҳо мегӯяд, ки он каси дигаре ба ҷуз Исои Масеҳ набуд.

Дар ин бора фикр кунед! Худо дар ибтидо бо Худо буд! Албатта дар он замон номи Ӯ ҳанӯз Исо набуд (ки маънояш Наҷотдиҳанда аст). Ин ном фақат ҳангоми таваллуд шуданаш чун инсон барояш дода шуд.

Вақте матн мегӯяд, ки Исо дар ибтидо бо Худо буд, ин ба маъное нест, ки беш аз як Худо вуҷуд дорад! Инро мушоҳида кунед: Вақте ки мо гап мезанем, мо сухани худро аз худ ҷудо намеҳисобем. Мумкин нест, ки мағзро кушода доираеро, ки "КАЛОМ" номида мешавад, аз он бурида гирем. Калимаҳо фикрҳое ҳастанд, чӣ даҳонӣ ва чӣ навишташуда, ки ба ин ё он сурат қисме аз шахсияти моянд. Агар чизе ки ман мегӯям ё менависам, ба касе маъқул набошад, он кас суханони маро худ ба худ танқид намекунад; ӯ маро танқид хоҳад кард. Маро барои таъсире ки суханонам ба миён оваранд, ҷавобгар хоҳанд ҳисобид, ҳарчанд маъқул бошад ё не. Ман барои сухани худ муборак ё лаънат хонда мешавам, зеро ман бо сухани худ яке ҳастам. Айнан ҳамин тавр, Исо ва Худо яке мебошанд. Исо Каломи Худост.

Кас набояд аз он тааҷҷуб кунад, ки Худо тарзи беҳтарини ҳамсӯҳбат шудан бо одамонро истифода бурд:

> ***...Калом ҷисм гардид ва дар миёни мо сокин шуд...***
>
> **Юҳанно 1:14а**

# 3. Дар миёни муаллимони шариат

Калон кардани Исо бояд барои Юсуф ва Марям таҷрибае мешуд. Ӯ бегуноҳ ва комил буд. Ӯ ҳатто навҷавон шуда, ҳаргиз бетоқатӣ нанамуд, на ҷанҷол кард ва на аз фишор асабӣ шуд. Ҳикояҳое ҳастанд, ки дар онҳо дар бораи кӯдакии Исои Носирӣ гуфта шудааст; аммо ҳеҷ яке аз ин қиссаҳо дар Навиштаҳо ҷой надорад. Дар Навиштаҳо фақат як воқеаеро, ки ҳангоми дувоздаҳсолагӣ бо Исо рӯй дода буд, хонда метавонем.

> *Ҳар сол падару модари ӯ барои иди Песаҳ ба Уршалим мерафтанд. Инчунин ҳангоме ки Ӯ дувоздаҳсола буд, онҳо аз рӯи расми ид ба Уршалим омаданд.* **Луқо 2:41,42**

Мувофиқи анъанаҳои яҳудӣ, писарбачае ки ба синни навҷавонӣ мерасид, пурра узви ҷамъияти динӣ* мешуд. Сипас ӯ аз тамоми имтиёзҳо ва ҷавобгариҳои ба ҷавонмардон додашуда баҳраманд мешуд. Ҳангоми сафари солонаи худ ба Уршалим Юсуф ва Марям албатта ҳақиқатеро, ки писари онҳо ба балоғат расидааст, мефаҳмиданд.[4]

* Яъне писари аҳд мешавад, ва ин анъанаи қадима дар замони ҳозира низ чун маросими *бар митсва* вуҷуд дорад.

## Сафари бозгашт

Вақте ки ид ба охир мерасид, одамон бо аҳли хонаводаашон бармегаштанд. Мо тамоми ҷузъиёти ин сафари бозгаштро надонем ҳам, то як андоза онро ба худ тасаввур карда метавонем. Эҳтимол дорад, ки аҳли Носира барои ҳимояи ҳамдигар ва якҷоя будан бо ҳам сафар мекарданд. Азбаски кӯдакон оҳистатар роҳ мерафтанд, онҳо бо занон ва якчанд мардон саҳарии барвақт ба роҳ баромаданд. Боқимондагон бошанд, дар Уршалим дертар истоданд, то бори дигар маъбадро зиёрат кунанд ва баъдтар, то фаро расидани шаб ба онҳо расида гиранд.

> *Ва ҳангоме ки пас аз анҷоми рӯзҳои ид гашта мерафтанд, Исои Наврас дар Уршалим монд; ва Юсуф ва модари Ӯ аз ин огоҳ набуданд, ба гумони он ки Ӯ бо аҳли корвон меояд...*
> **Луқо 2:43,44а**

Чунон ки тахмин кардем, Марям бо баромадани офтоб ба сафар баромад. Вай Исоро дар миёни анбӯҳ намедид, аммо ба ташвиш намеафтод, зеро Исо дар чунин синну сол болиғ ҳисобида мешуд. Бешубҳа, Ӯ бо дигарон дар шаҳр мондааст ва ҳамроҳи Юсуф аст. Ин фикр Марямро хурсанд менамуд. Чӣ ҷавонмарди олиҷаноб! Ӯ хурсанд аст, ки Исо дар

ин чанд соати иловагӣ метавонад аз шунидани суханони муаллимони шариат дар маъбад баҳраманд шавад.

Вақте ки дигар мардон ба ҷои вохӯрии таъйиншуда омаданд, офтоб аллакай мефуромад. Онҳо рӯзи хушеро бо фаҳмидани чизҳои нав ва шунидани таълими муаллимони шариат аз Каломи Худо гузарониданд. Дар роҳ мардон дар бораи чизҳое ки шунида буданд, сӯҳбат мекарданд. Юсуф танҳо аз як чиз ғам мехӯрд... ки чаро Исо бо ӯ намонд. Охир, ҳамчун ҷавонмард, Исо бояд ба анҷоми ҷавобгариҳои худ мепардохт. Ӯ ин қадар чизҳоро фаҳмида метавонист, агар бо Марям ва кӯдакони дигар саҳар намерафт. Юсуфро лозим меояд ба Исо хотиррасон кунад, ки акнун Ӯ болиғ шудааст. Одатан ба Юсуф лозим намеомад, ки ба Исо чизеро хотиррасон кунад. Дар ин бора андеша намуда, ӯ ягон воқеаеро, ки лозим ба сарзаниш буд, дар ёд надошт.

Юсуф ва Марям ҳангоми вохӯрӣ ҳар ду хандон буданд:

– “Рӯзат хуш гузашт?”

– “Бале, бисёр хуб!”

– “Ба Исо маъқул шуд?”

– “Ба Исо?”

Хандаҳо ғайб заданд. – “Ман фикр кардам...!”

– “Лекин ман фикр кардам... !”

> *... [Онҳо] дар миёни хешон ва ошноён ба ҷустуҷӯи Ӯ сар карданд; ва чун наёфтанд, барои кофта ёфтани Ӯ ба Уршалим баргаштанд.* **Луқо 2:44б,45**

## Исо дар ибодатгоҳ

Юсуф ва Марям бо бехудӣ ба ҷустуҷӯи Исо сар карданд. Онҳо тамоми ҷойҳоеро, ки писарбачае дар синну соли Ӯ ба он ҷо рафта метавонист, дида баромаданд – ҷои фурӯши шириниҳо дар бозор, ҷойҳои сохтмонӣ ва ғайра. Бо ноумедӣ Юсуф маъбадро ба хотир овард, ҷои охирине ки ӯ Исоро дар он дида буд.

> *Пас аз се рӯз Ӯро дар ибодатгоҳ ёфтанд, ки дар миёни муаллимон нишаста, суханони онҳоро гӯш мекард ва ба онҳо савол медод. Ҳамаи онҳое ки суханони Ӯро мешуниданд, аз фаҳмиши Ӯ ва аз ҷавобҳои Ӯ ҳайрон мешуданд.* **Луқо 2:46,47**

Исо дар ҳамон ҷое буд, ки бояд мебуд, ва дар айни анҷоми он коре буд, ки Юсуфу Марям барояш орзу доштанд. Аммо фарқ дар он буд, ки

на муаллимони шариат Ӯро ёд медоданд, балки Ӯ онҳоро. Албатта, Ӯ барояшон дарс намедод, аммо саволҳои самимона, фаҳми олидарачаааш ва ҷавобҳои амиқи Ӯро дар назар нагирифтан номумкин буд. Ҳакимони ибодатхона ба ҳар як сухани ӯ диққат медоданд. Навиштаҳо нақл мекунанд, ки онҳо аз ақли ӯ ҳайрон шуда буданд.

На танҳо муаллимони шариат дар ҳайрат буданд. Юсуф ва Марям ҳайрон шуда, бешубҳа, хеле хотирҷамъ низ шуда буданд. Ҳамзамон, онҳо зуд гапи худро ёфтанд:

> *Чун Ӯро диданд, дар ҳайрат монданд; ва модараш ба Ӯ гуфт: "Эй фарзандам! Чаро Ту бо мо чунин рафтор кардӣ? Инак, падарат ва ман ғам хӯрда, Туро ҷустуҷӯ кардем".* **Луқо 2:48**

Исо дар ҷавоби онҳо чунин гуфт:

> *"Чаро Маро ҷустуҷӯ кардед? Магар намедонистед, ки Ман бояд дар пайи корҳои Падарам бошам?"* **Луқо 2:49**

**Ёдоварии одӣ**

Ин як эътирози беадабона набуд. Исо фақат гуфт, ки Ӯ дар ҷое буд, ки фарзанд дар он бояд бошад, яъне дар хонаи Падари худ. Валекин ин чӣ гуфтанӣ буд? Ӯ дар бораи кадом Падар мегуфт? Мо дар қисми оянда ин масъаларо амиқтар хоҳем омӯхт. Барои ин кофист донем, ки Исо ба волидайни Худ бо назокат дар ҳақиқат кӣ будани Худро ёдрас намуд.

> *Вале онҳо ба суханоне ки Ӯ гуфт, сарфаҳм нарафтанд. Ва Ӯ бо онҳо равона шуда, ба Носира омад; ва ба онҳо фармонбардор буд. Ва модари Ӯ ҳамаи ин суханонро дар дили худ нигоҳ медошт. Ва Исо дар ҳикмат ва дар қомат ва дар писандидагӣ назди Худо ва одамон пешрафт мекард.* **Луқо 2:50-52**

# 4. Яҳёи пайғамбар

Исо дар синни сисолагӣ ба таври расмӣ хизматгузорияшро сар кард. Яҳё, писари Закарё, аллакай ба омода кардани роҳи Масеҳ сар карда буд.

> *Дар он рӯзҳо Яҳёи Таъмиддиҳанда омада, дар биёбони Яҳудия мавъиза мекард, ва мегуфт: "Тавба кунед, чунки Подшоҳии Осмон наздик аст".*



> *Зеро ӯ ҳамон аст, ки Ишаъёи пайғамбар аз ӯ хабар дода, гуфтааст: "Овози нидокунандае дар биёбон: Роҳи Худовандро тайёр кунед, роҳҳои Ӯро рост кунед".*

*Он вақт аҳли Уршалим ва тамоми Яҳудия ва атрофи дарёи Урдун назди ӯ берун меомаданд.* **Матто 3:1-3,5**

Яҳё пайғамбарии қадими 700 сол пешро, ки онро Ишаъёи пайғамбар ба забон ронда буд, анҷом медод; ӯ роҳи Худовандро омода мекард. Дар ин паём Ишаъё гуфта буд:



*Овозатро бо тамоми қувват баланд кун, эй Уршалими муждабар! Баланд кун, натарс, ба шаҳрҳои Яҳудо бигӯй: "Инак, Худои шумо!"* **Ишаъё 40:9б**

Яҳё ба ҳама касоне ки шунидан мехостанд, мегуфт, ки Масҳшудаи Парвардигор омадааст. Ин хабарро шунида, мардум ба ҷунбиш омаданд.

## Таъмид

Ӯро Яҳёи Таъмиддиҳанда меномиданд, чунки ӯ одамонро ғӯтаи таъмид медод. Дар он замон таъмид расми оммавии Шарқи Наздик буд. Ба он аҳамияти калон медоданд. Бо вуҷуди ин имрӯз ин калимаро бисёр нофаҳмиҳо иҳота кардаанд.

Таъмид *ҳаммонанд шудан*ро дар бар мегирад. Маънои аввали калимаи юнонии *baptizo*, ки маънояш *таъмид* аст, ба саноати бофандагии он замон дахл дошт. Ҳангоме матоеро ранг кардан мехостанд, онро ба зарфи ранг меғӯтониданд. Ҳамин тавр матоъ ба худ ранги пигментро гирифта, комилан ба он ранг яке мешуд.

Яҳё таълим медод, ки яҳудиён аз Каломи Худо дур шуда буданд. Ӯ барояшон гуфт, ки онҳо бояд нисбати дур шудани худ тағйири фикрҳо намоянд ва сӯи Худо баргарданд; ба қавли дигар, онҳо бояд тавба кунанд. Касоне ки Яҳё таъмидашон медод, нишон медоданд, ки ба паёми тавбаи Яҳё ҳамроҳ шуданд ё шахсан бо он розӣ шуданд.

*Он вақт аҳли Уршалим ва тамоми Яҳудия ва атрофи дарёи Урдун назди ӯ берун меомаданд, ва ба гуноҳҳои худ иқрор шуда, дар дарёи Урдун таъмид мееёфтанд.*

*Чун бисёре аз фарисиён ва саддуқиёнро дид, ки назди ӯ барои таъмид меоянд, ба онҳо гуфт: "Эй афъизодагон! Кӣ ба шумо гуфт, ки аз ғазаби оянда гурезед? Акнун самаре оваред, ки сазовори тавба бошад".* **Матто 3:5-8**

## Тавба

Яҳёи Таъмиддиҳанда дар миёни шунавандагонаш фарисиён ва

саддуқиёнро дид. Ба ёд орем, ки инҳо касоне буданд, ки ба Каломи Худо сухан илова мекарданд ё аз он кам мекарданд. Ин ду фирқа бо ҳам соз намеомаданд, аммо онҳо як чизи умумие доштанд: онҳо худро беҳтар аз дигарон мепиндоштанд. Онҳо мағрур буданд. Яҳё онҳоро афъизодагон номид, зеро онҳо бар дигарон қоидаҳои иҷронашавандаеро мегузоштанд, дар ҳоле ки худ онҳоро риоя намекарданд. Яҳё барояшон гуфт, ки онҳо ба тавба – ба тағйир додани тарзи фикри худ – эҳтиёҷ доранд.

## Шинохти Исо

*Он гоҳ Исо аз Ҷалил ба дарёи Урдун назди Яҳё омад, то аз вай таъмид гирад. Лекин Яҳё Ӯро боздошта, гуфт: "Маро лозим аст, ки аз Ту таъмид гирам, ва Ту назди ман меоӣ?"*

**Матто 3:13,14**

Яҳё пайғамбар буд, аммо Ӯ фаҳмид, ки Исо беш аз пайғамбар аст. Исо эҳтиёҷ ба тавба надошт, зеро ки комил буд. Яҳё хоҳиш кард, ки пеши Исо барои гуноҳҳои худ тавба кунад, зеро мефаҳмид, ки баръакс, ӯ худаш эҳтиёҷ дорад, ки аз Исо таъмид гирад.

*Исо дар ҷавоби вай гуфт: "Акнун бигузор ин тавр бошад; чунки моро лозим аст ҳар гуна ростиро ин тавр ба ҷо оварем". Пас Яҳё Ӯро вогузошт.* **Матто 3:15**

Исо бар таъмид гирифтанаш исрор кард, то бо паёми Яҳё як шавад – Яҳё мардумро огоҳ мекард, ки ҳаёти росткорона бояд дошт. Ҳамин тариқ Исо ҳақиқати паёми Яҳёро тасдиқ мекард.

*Ва Исо таъмид ёфта, дарҳол аз об баромад, ва инак, осмон ба Ӯ кушода шуд, ва Рӯҳи Худоро дид, ки чун кабӯтаре фуруд омада, бар Ӯ қарор мегирад. Ва инак, овозе аз осмон расид, ки мегуфт: "Ин аст Писари дӯстдоштаи Ман, ки аз Ӯ хушнудам".* **Матто 3:16,17**

Мо каме дертар ин оятро дида мебароем.

## Барраи Худо

*Фардои он, Яҳё Исоро дид, ки ба сӯи вай меояд, ва гуфт: "Инак Барраи Худо, ки гуноҳи ҷаҳонро мебардорад; ин аст Он ки ман дар бораи Ӯ гуфтам: "Пас аз ман марде меояд, ки бар ман бартарӣ ёфтааст, зеро пеш аз ман будааст".*

**Юҳанно 1:29,30**

Яҳё Исоро ҳамчун Наҷотдиҳандаи Ваъдашуда, ки гуноҳи ҷаҳонро мебардорад, шинохт. Яҳё гуфт, ки Исо пеш аз вай – аз азал буд. Ӯ гуфт:

> *Ва ман дида, шаҳодат додам, ки Ӯ Писари Худост.*
>
> **Юҳанно 1:34**

Боре, ҳангоме ки ман Навиштаҳоро ба як оилаи ҷавон ёд медодам, мо ба ояте расидем, ки мегуфт: "Инак Барраи Худо, ки гуноҳи ҷаҳонро мебардорад..." Сипас зан фарёд зад: "Барра, барра! Оё байни ин Барра ва тамоми дигар барраҳое ки дар қисми кадимии Китоби Муқаддас дидаем, алоқае ҳаст?"

Ман дар ҷавобаш гуфтам: "Дар ҳақиқат, аз ин ҷо то ба охири дарсҳои мо шумо хоҳед дид, ки тамоми ҷузъиёти Каломи Худо бисёр хуб ба ҳам мувофиқат хоҳанд кард, ба тавре ки паёми он тамоман бароятон мантиқӣ хоҳад тобид".

## Ду хел бузургӣ

Баъзе шахсон мегӯянд, ки Худои Тавоно ҳаргиз бар замин нахоҳад омад, то мисли як навзоди нозук таваллуд ёбад... ва дар охури чиркин хобонда шавад. Ӯ ҳаргиз шакли инсонро бар Худ нахоҳад гирифт. Худо бениҳоят бузург аст ва чунин намекунад!

Аммо оё ин дуруст аст? Шояд лозим аст, ки калимаи "бузург"-ро муайян кунем. Инро аз назар гузаронед:

1. Бузургии подшоҳе ҳаст, ки дар ҳашамати қасри худ зиндагӣ мекунад. Ӯ бо сарват ва хизматгороне фаро гирифта шудааст, ки барои беҳбудияш ғамхорӣ мекунанд. Ӯ гоҳ-ногоҳ дастҳояшро олуда месозад ва ба санҷишҳову мушкилот хеле кам рӯ ба рӯ мешавад.
2. Ва сипас, бузургии табибе ҳаст, ки ҷои хубро дар кишвари худ тарк карда, дар як кишвари хориҷӣ муоинагоҳ мекушояд. Касалиҳо ва камбағалӣ даври ӯро мегиранд, аммо ӯ ба мардуми ин кишвар хизмат карда, барояшон кӯмак мерасонад, онҳоро шифо медиҳад ва дар охир зиндагияшро барои онҳо мебахшад.

Ба фикри шумо, кадом навъи бузургӣ шоистаи Худои файз ва марҳамат мебошад?

# Боби ёздаҳум

1. Озмудашуда

2. Қудрат ва шӯҳрат

3. Никӯдимус

4. Рад шудан

5. Нони ҳаёт

# 1. Озмудашуда

Дар сари офариниш шайтон бо нияти гирифтани ҷои Худо исён карда буд. Акнун ӯ мебинад, ки Худо-Писар* бузургию ҷалоли Худро ба канор мегузорад, то осмонро тарк карда дар сурати инсон ба замин ояд. Агарчи Исо ҳамеша Худо буд, ҳамчун инсон Ӯ дар назари шайтон суст тобид. Чӣ пирӯзие мешуд барои ӯ, агар ба ин ё он тарз Исоро фиреб дода тавонад. Худо бошад дигар хел медид. Ӯ ба одамизод дар бораи шахсияти Худ чизи бештареро маълум карданӣ буд.

* ба саҳифаи 187-188 нигаред, то фаҳмед, ки "Писари Худо" чӣ маъно дорад

> *Он гоҳ Рӯҳ Исоро ба биёбон бурд, то Ӯро иблис* озмояд, ва чил шабонарӯз рӯза дошта, охир гурусна монд.* **Матто 4:1,2**

* Иблис маънои айбдоркунандаи дурӯғин, тӯҳматкунандаро дорад.

Исо рӯзҳои зиёдеро бе ягон хӯрок гузаронида буд.

> *Ва озмоишкунанда назди Ӯ омада, гуфт: "Агар Ту Писари Худо бошӣ, ба ин сангҳо бигӯй, ки нон шаванд".* **Матто 4:3**

## Маслиҳати хурд

Шайтон ба Исо маслиҳат дод, то кори басо қонуниеро анҷом диҳад: яъне барои эҳтиёҷоти ҷисмонияш ғамхорӣ кунад. Ҳамин тариқ ин як фурсати олие барои Исо мебуд, то Ӯ воқеияти аслии Худро намоиш диҳад. Агар Ӯ Худо бошад, пас Ӯ ҳамонест, ки бо якчанд сухан дунёро низ офаридааст. Аммо як мушкилие дар ин ҷо буд. Бо қабул кардани маслиҳати шайтон Исо тобеи фармонҳои вай мешуд.

> *Ӯ дар ҷавоб гуфт: "Навишта шудааст, ки «одамизод на танҳо бо нон зинда аст, балки бо ҳар калимае ки аз даҳони Худо барояд»".* **Матто 4:4**

## Исо аз Навиштаҳо иқтибос меоварад

Исо ба пешниҳоди шайтон бо порчае аз Навиштаҳо – Каломи навишташудаи Худо – ҷавоб гардонд. Ӯ гуфт, ки пайравӣ ба дастурҳои Худо муҳимтар аст аз ғамхорӣ ба эҳтиёҷоти ҷисмонии худ. Инак тамоми баёния! Имрӯзҳо бисёр одамон ба ҷиҳати табиии зиндагии худ ғамхорӣ менамоянд, аммо ба беҳбудии рӯҳонии худ аҳамият намедиҳанд.

> *Зеро ба одам чӣ фоида дорад, ки агар вай тамоми дунёро ба даст оварад ва ҷони худро аз даст диҳад?* **Маркус 8:36**

## Шайтон аз Навиштаҳо “иқтибос меоварад”

> *Пас иблис Ӯро ба шаҳри муқаддас гирифта бурд ва ба кунгураи ибодатгоҳ гузошт, ва ба Ӯ гуфт: “Агар Ту Писари Худо бошӣ, Худро ба зер андоз; чунки навишта шудааст: «Ба фариштаҳои Худ дар бораи Ту фармон медиҳад, ва Туро рӯи даст мебаранд, ки мабодо пои Худро ба санге занӣ»”.*
>
> **Матто 4:5,6**

Ин иғвогарии дағалонае буд: “Инро нишон деҳ; исбот кун ки Ту Писари Худоӣ! Агар Худо ҳақиқатан Падари Туст, Ӯ ба ёрии Ту меояд!”

Шайтон порчаеро иқтибос овард, ки дар китоби Забур омадааст. Ӯ динро дӯст медорад, ва ба забон овардани Навиштаҳо яке аз маккориҳои дӯстдоштании ӯст. Мушкилӣ дар ин аст, ки ӯ онҳоро дуруст ба забон намеоварад, балки интихоб мекунад, то қисмҳои барояш даркориро истифода барад. Маҳз ҳамин тавр ӯ бо Ҳавво дар боғи Адан рафтор кард ва акнун худи ҳаминро бо Исо ба амал меоварад.

## Исо боз ҳам аз Навиштаҳо иқтибос меоварад

Бори дигар Исо ба озмоиши шайтон бо иқтибосоварии дуруст аз Навиштаҳо ҷавоб медиҳад. Ӯ чизеро исбот намекунад.

> *Исо ба вай гуфт: “Ҳамчунин навишта шудааст: «Худованд Худои худро наозмой»”.* **Матто 4:7**

## Пешниҳоди радшуда

> *Боз иблис Ӯро ба кӯҳи бисёр баланде бардошта бурд ва ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон ва шукӯҳи онҳоро ба Ӯ нишон дод, ва ба Ӯ гуфт: “Агар рӯй ба замин ниҳода, ба ман саҷда кунӣ, ҳамаи онҳоро ба Ту медиҳам”.* **Матто 4:8,9**

Шайтон пешниҳод кард, ки подшоҳиҳои тамоми дунёро ба Ӯ медиҳад, бо шарте ки ӯро саҷда намояд. Оё Исо ҳаминро намехост? Оё Ӯ намехост, ки тамоми халқҳо пайрави Ӯ бошанд? Он чи шайтон зикр накард, ин буд, ки ӯро саҷда карда, Исо хизматгори ӯ мешуд. Парастиш ва хизмат доим бо ҳам мераванд. Бо вуҷуди ин, ҳилаи шайтон барҳам хӯрд. Бори дигар Исо Навиштаҳоро ба кор бурд:

> *Он гоҳ Исо ба вай гуфт: “Аз Ман дур шав, эй шайтон; чунки навишта шудааст: «Ба Худованд Худои худ саҷда кун ва танҳо Ӯро ибодат намо»”. Пас, иблис Ӯро вогузошт, – ва инак, фариштаҳо омада, ба Ӯ хизмат мекарданд.* **Матто 4:10,11**

Исо ба доми ҳилагаронаи шайтон наафтид. Ӯ лоиқи маломат набуд, ва дар озмоиш ягон хатое накард. Сипас иблис дарҳол аз он ҷо ғайб зад, гарчи нақшаи шикаст додани Исоро аз даст надода буд.

Росткории Исо ба назари ҳама намоиш дода шуд.




Ҳамзамон шайтон як пирӯзие ба даст овард, чунки Яҳёи Таъмиддиҳанда зиндонӣ шуд.[1]

> *Чун Исо шунид, ки Яҳё дастгир шудааст, ба Ҷалил равона шуд. Ва Носираро тарк карда, дар Кафарнаҳум, ки дар канори кӯл аст, дар ҳудуди Забулун ва Нафтолӣ сокин шуд.* **Матто 4:12,13а**

---

## Бе гуноҳ

Мубориза байни хуб ва бад на доим ба таври баробар бурда мешавад. Исо, Худои Офаридгор, аз шайтон, ки офаридаи содаест, беандоза пурқудраттар аст.

Исо озмуда шуд, аммо Ӯ дар озмоиш наафтид. Ӯ комил буд.

Ҳеҷ як пайғамбаре, ҳақиқӣ ё дурӯғин, даъво ба бегуноҳ будани худ надошт. Навиштаҳо зиндагии мардуми бисёрро тасвир медиҳанд, ки ҳамчун гуноҳкор маълум шудаанд ва гуноҳҳои худро эътироф кардаанд, аммо Исо ҳаргиз эҳтиёҷе ба бахшиш пурсидан надошт. Ягон мисоли инро дар Навиштаҳо ҷустан кори беҳуда аст. Ҳатто наздиконаш, ки метавонистанд баҳузур дар зиндагии Исо ягон дoptero дида монанд, навиштаанд:

> *Ӯ гуноҳе накардааст, ва дар забонаш фиребе набуд.*
> **1Петрус 2:22**

Озмуда шудани Исо як далели дигаре буд аз комилан инсони ҳақиқӣ буданаш. Дар рӯзи доварии вопасин касе нахоҳад тавонист дар ҳузури Худо истода гӯяд: “Худовандо, Ту намефаҳмӣ: Ту дар қасре зиндагӣ мекунӣ; ман бошам, дар хок. Ту ҳаргиз барои гуноҳ кардан васваса нашудаӣ: ман бошам, шудам. Чӣ тавр Ту маро ҳукм кардан метавонӣ, дар ҳоле ки ҳаргиз ба мушкилиҳо мисли ман рӯ ба рӯ нашудаӣ?” Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Худои мо чунон нест:

> *...ки дар сустиҳоямон ба мо дилсӯзӣ карда натавонад, балки Ӯ монанди мо дар ҳама чиз озмуда шуд, ғайр аз гуноҳ.*
> **Ибриён 4:15**

---

# 2. Қудрат ва шӯҳрат

*Пас аз он ки Яҳё таслим карда шуд, Исо ба Ҷалил омад ва Инҷили Подшоҳии Худоро мавъиза карда, гуфт: “Вақт расидааст ва Подшоҳии Худо наздик аст. Тавба кунед ва ба Инҷил бовар кунед”.* **Маркус 1:14,15**

Азбаски миллати Исроил нуре барои намоиш додани муносибатҳо байни Худо ва инсон набуд, Исо бо пешниҳоди подшоҳии нав омад. Он чи Ӯ пешниҳод мекард, империяи сиёсӣ набуд, ки қонунҳояш бар лавҳаҳои сангин навишта шудаанд ва риояи инҳо ғайриимкон аст, балки аниқтараш подшоҳии рӯҳонӣ буд, ки дастраси ҳама буда, дар дилҳои одамоне навишта шудааст, ки қувваташон Худост.

Ба назари аввал, ин пешниҳод бояд яҳудиёнро ҳайрон мекард. Исо либоси камбағалона мепӯшид. “Оё Ӯ аз Носира нест? Магар падари Ӯ дуредгар нест?” Ва Ӯ пиёда сафар мекард. Подшоҳон ин тавр намегарданд! Подшоҳи ҳақиқӣ аспсавор, ҳамроҳи аробаҳо ва лашкар сафар мекунад. Ӯ бояд рост ба қасри Ҳиродус рафта майдонталабӣ мекард ва подшоҳии мустақилонаро эълон мекард. Аммо паёми Исоро ҳаргиз ин тавр шарҳ додан мумкин набуд. Ӯ ба мардум гуфт, ки тавба ва бозгашт кунанд. Чӣ навъ подшоҳ чунин гаперо мегӯяд? Овозаҳо паҳн мешуданд. Ва ҳатто одамони ҷиддӣ барои боздоштани ханда бар чунин даъвои шоҳона лаб зер мекарданд.

Дар айни замон баъзеҳо Ӯро ҷиддӣ қабул мекарданд. Тавба аз дил меояд, ва Исо маҳз дар дилҳои одамон подшоҳияшро барпо карданӣ буд. Онҳое ки шахсан Ӯро мешинохтанд, тасдиқ мекарданд, ки Ӯ дигар навъ аст. Суханони Ӯ ба фикр мекашиданд.

*Ва чун аз канори кӯли Ҷалил мегузашт, Шимъун ва бародараш Андриёсро дид, ки дар кӯл тӯр меандохтанд, чунки моҳигир буданд.*

*Ва дарҳол онҳоро даъват намуд. Онҳо падари худ Забдойро дар киштӣ бо коргарон гузошта, аз пайи Ӯ равона шуданд.*
**Маркус 1:16,20**

### Эътибор

*Ва онҳо ба Кафарнаҳум омаданд; ва дере нагузашта Ӯ дар рӯзи шанбе ба куништ даромада, ба таълим додан сар кард. Мардум аз таълими Ӯ дар ҳайрат монданд, чунки онҳоро*

*ҳамчун соҳибқудрат таълим медод, на ҳамчун китобдонон.*

**Марқус 1:21,22**

Одамон таълимоти Исоро шунида, мефаҳмиданд, ки Ӯ дорои як чизи ғайриодӣ аст. Таълими Ӯ толиби диққат буд, ва бо далел: Ӯ Худи Худо буд. Исо на фақат бо эътибор гап мезад, балки ҳамчунин бо амалҳои Худ тавоноияшро нишон медод.

*Дар куништи онҳо касе буд, ки рӯҳи нопок дошт, ва якбора фарёд зада, гуфт: "Ба мо чӣ кор дорӣ, эй Исои Носирӣ? Ту барои нест кардани мо омадаӣ! Ман медонам, ки Ту кистӣ; Ту Қуддуси Худоӣ!"* **Марқус 1:23,24**

Ин одам гирфитори дев буд. Ӯ розӣ буд, ки фариштаи шайтон дар вай маскан гирад. Дев кӣ будани Исоро медонист, зеро ба Исо муроҷиат намуда, чунин нидо намуд: *Қуддуси Худо*!

*Исо вайро манъ карда, гуфт: "Хомӯш шав ва аз вай берун ой!"*

**Марқус 1:25**

Исо намехост, ки дев кӣ будани Ӯро ба одамон ошкор кунад, зеро девҳо ҳамеша барои расидан ба мақсадҳои худ ҳақиқатро печутоб медиҳанд. Исо Худ исбот кард, ки Ӯ Худо буд, вақте ба дев фармуд, ки аз ин одам барояд.

*Рӯҳи нопок вайро ба ларза андохта, бо овози баланд фарёд заду аз вай берун шуд. Ҳама ба воҳима афтоданд, ба дараҷае ки аз якдигар мепурсиданд: "Ин чист? Ин чӣ таълимоти навест, ки Ӯ ба рӯҳҳои нопок низ боқудратона мефармояд, ва онҳо ба Ӯ итоат мекунанд?" Ва овозаи Ӯ зуд дар тамоми сарзамини Ҷалил паҳн шуд.* **Марқус 1:26-28**

Акнун забонҳо бо оҳанги дигар ба ҳаракат меомаданд. Қудрати Исо намоиш дода шуд, ва ин фақат оғоз буд!

*Махавие назди Ӯ омада, зорӣ кард ва зону зада, гуфт: "Агар хоҳӣ, маро пок кардан метавонӣ".*

*Исо, раҳмаш омада, дасташро дароз карда ба вай расонд ва гуфт: "Мехоҳам, пок шав!" Баъд аз ҳамин сухан махав дарҳол аз баданаш нест шуду вай пок гардид.* **Марқус 1:40-42**

Дар он замон махав касалии хатарнок буд. Он маъюбиҳои даҳшатнок меовард, ки ба марги оҳиста мерасонданд. Навишта мегӯяд, ки Исо ҳар гуна касалиро шифо медод, ҳатто вазнинтарин касалиҳоеро, ки одамон

гирифтори онҳо буданд. Барои Исо ҳеҷ касалии шифонопазир набуд. Ӯ ҳатто мурдагонро зинда мекард!

Муҳим аст фаҳмем, ки шифо додан на фақат як намоише буд барои мутаассир кардани мардум. Исо ба касоне ки ёрияшон медод, як дилсӯзии содиқонае дошт. Бо ин амалҳо Ӯ нишон медод, ки паёмаш ва Худи Ӯ аз Худо меомад. Исо на ба аспе эҳтиёҷ дошт, на ба аробае ва на ба лашкаре. Сухани одие барояш кофӣ буд. Ба ёд оваред, Ӯ КАЛОМ буд... Наҷотдиҳандаи Ваъдашуда, ки пайғамбарон дар борааш пешгӯӣ карда буданд.

**Девҳо**

Исо бар тамоми офаридаҳо ҳукмфармо буд ва ҳаст, ҳатто бар девҳо. Навишта мегӯяд:

> *Чунки ҳама чиз дар осмон ва бар замин, ҳар чизи намоён ва нонамоён, дар Ӯ офарида шудааст: хоҳ тахтҳо, хоҳ фармонравоиҳо, хоҳ сарвариҳо ва хоҳ қудратҳо, ҳамааш ба воситаи Ӯ ва барои Ӯ ба вуҷуд оварда шудааст; ва Ӯ пеш аз ҳама чиз аст...* **Кулассиён 1:16,17а**

Ҷанги байни хуб ва бад ҷанги байни ду тарафи баробарқувва нест. Исои Худованд хеле тавонотар аз шайтон аст, ки мавҷуди офаридашуда мебошад. Агар касе аз олами рӯҳҳо тарсон бошад, ӯро лозим аст донад, ки Исои Масеҳ барои халос кардан аз ин тарс омад. Мо баъдтар оиди ин мавзӯъ мутолиа намуда мебинем, ки чӣ тавр ин имконпазир аст.

# 3. Никӯдимус

*Дар байни фарисиён шахсе ки Никӯдимус ном дошт, сардори яҳудиён буд. Вай шабона назди Исо омада, гуфт: "Эй Устод! Мо медонем, ки Ту Устоде ҳастӣ, ки аз ҷониби Худо омадаӣ. Зеро мӯъҷизаҳоеро, ки Ту нишон медиҳӣ, ҳеҷ кас нишон дода наметавонад, магар ин ки Худо бо вай бошад".*

*Исо дар ҷавоби вай гуфт: "Ба ростӣ, ба ростӣ ба ту мегӯям: кас агар аз нав таваллуд наёбад, Подшоҳии Худоро дида наметавонад".* **Юҳанно 3:1-3**

## Аз нав таваллуд шудан?

Никӯдимус марди боэътибор буд. Ӯ аъзои шӯрои пирон, додгоҳи яҳудиён буд, ки ба румиён маслиҳат медод. Ҳамчун фарисӣ, Никӯдимус шариати Мусоро бо диққат риоя мекард. Азбаски ӯ яҳудӣ ва аз насли Иброҳим буд, ӯ худро аз ҷумлаи нажоди интихобшуда ҳисоб мекард. Никӯдимус ба як авлоди имтиёзнок мансуб буд ва ҳар он чи ба таваллуди ӯ дахл дошт, хуб буд. Бо вуҷуди ин Исо ба ӯ гуфт: "Ту бояд аз нав таваллуд ёбӣ". Исо ба додани хабарҳои хуш моил буд, аммо ин хабари Ӯ аҷоиб метофтанд. Чӣ тавр кас аз нав таваллуд шудан метавонист?

*Никӯдимус ба Ӯ гуфт: "Одами пир чӣ гуна таваллуд ёфта метавонад? Оё боз ба шиками модараш баргашта, таваллуд ёфта метавонад?"*

*Исо ҷавоб дод: "Ба ростӣ, ба ростӣ ба ту мегӯям: кас агар аз об ва Рӯҳ таваллуд наёбад, ба Подшоҳии Худо даромада наметавонад: он чи аз ҷисм таваллуд меёбад, ҷисм аст, ва он чи аз Рӯҳ таваллуд меёбад, рӯҳ аст. Аз он чи ба ту гуфтам, ҳайрон нашав: бояд шумо аз нав таваллуд ёбед.* **Юҳанно 3:4-7**

Исо на дар бораи таваллуди ҷисмонии Никӯдимус мегуфт – вақте ки ӯ аз ҷисм таваллуд шуд. Ӯ дар бораи таваллуди дуввум мегуфт, ки таваллуди рӯҳонист, ва оғози рӯҳонист. Ин хеле возеҳ буд. Аммо чӣ тавр кас метавонад рӯҳан таваллуд ёбад? Исо шарҳи Худро давом дод:

*Ва чунон ки Мусо дар биёбон морро боло бардошт, Писари Одам низ бояд ончунон боло бурда шавад, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, ҳалок нашавад, балки ҳаёти абадӣ ёбад.*

**Юҳанно 3:14,15**

Исо ба Ниқӯдимус мефаҳмонд, ки барои аз нав таваллуд ёфтан ӯ бояд мисли мардуми замони Мусо амал кунад. Аввалан ӯ бояд фаҳмад, ки гуноҳкор аст. Сипас ӯ бояд фикрҳояшро тағйир диҳад. Ниқӯдимус бояд дигар ба ақидаи худ, ки насабномаи падарӣ ва мақомаш ӯро дар назари Худо мақбул карда метавонад, хотима медод. Ӯ бештар бояд бовар мекард, ки Исо барояш василае барои мақбул шудан назди Худо медиҳад. Агар ӯ ба Исо бовар кунад, Ӯ барояш зиндагии абадӣ хоҳад дод.

## Имон ва таваккал

Дар ин матн калимаи *имон* маънии васеътар аз ризояти ақл дорад. Исроилӣ бовар карда метавонист, ки бо нигоҳ бар мори мисин шифо меёбад. Ҳамзамон, агар ӯ барои нишон додани имони худ ба Худо ба амал намегузашт, ӯ мемурд. Маънии калимаи имон дар Китоби Муқаддас амали ирода аст. Он бо *бовар кардан* ё *таваккал намудан* ҳаммаъно аст.

Мавзӯи имони мо нисбатан муҳим аст – он марказист! Чандин солҳо пеш як шахси бадахлоқ капсулаҳои карахткунандаи дардро заҳролуд карда буд. Мардуми бисёр, бо боварӣ ба ҳақиқӣ будани ин дору, тавре ки дар борааш гуфта шуда буд, онро истеъмол карда мурданд. Имони онҳо самимӣ буд, аммо дар чизи нодуруст қарор дода шуда буд.

Кас метавонад боварӣ дошта бошад, ки ягон объекти номаълуми парвозкунанда ӯро аз гуноҳаш наҷот медиҳад, аммо боварӣ ба чизи бардурӯғ беҳуда аст. Аз дигар тараф, агар Худо мавзӯи имони кас бошад, натиҷааш тамоман дигар хоҳад буд; чунон ки аллакай дида будем, Худо доим ба суханаш вафодор аст.

> *Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, ҳалок нашавад, балки ҳаёти абадӣ ёбад.* **Юҳанно 3:16**

## Зиндагии абадӣ

Исо зиндагии навро на фақат ба Ниқӯдимус ваъда кард, балки ба ҳар касе ки имон ба Ӯ биёрад! Фаришта ба Маряму Юсуф гуфта буд, ки писари худро Исо номанд, чунки маънии ин ном Халосгар, ё Наҷотдиҳанда аст. Акнун Исо эълон мекард, ки тамоми одамизодро аз оқибатҳои гуноҳ – аз ҷазои абадӣ дар кӯли оташ – наҷот медиҳад.

> *Зеро Худо Писари Худро ба ҷаҳон барои он нафиристод, ки бар ҷаҳон доварӣ кунад, балки барои он ки ҷаҳон ба воситаи Ӯ наҷот ёбад.* **Юҳанно 3:17**

Исо ба Замин на барои ҳукм кардани ҷаҳон омад, балки барои наҷот додани он аз бадбахтиҳое ки сабабашон гуноҳ, шайтон ва марг буданд.

> *Ҳар кӣ ба Ӯ имон дорад, маҳкум намешавад; лекин ҳар кӣ имон надорад, аллакай маҳкум шудааст, чунки ба номи Писари ягонаи Худо имон наовардааст.* **Юҳанно 3:18**

## Миёнае байни ин ду вуҷуд надорад

Исо таъкид мекунад, ки онҳое ки ба Ӯ имон овардаанд, барои гуноҳҳои худ ҷазо намебинанд, дар ҳоле ки касоне ки бовар намекунанд, аллакай маҳкум шудаанд. Миёнае байни ин ду вуҷуд надорад. Имкон надорад, ки гӯем: "Ман дар ин бора фикр хоҳам кард", аммо дар асл бетараф монем. Бояд қарор диҳем, ки бовар мекунем; вагарна беимон мемонем. Интихоб накардани чизе худ интихоб аст.

Бар илова, Исо мегӯяд, ки зарур нест интизори марг шавем, то дар хусуси қисмати абадии худ фаҳмем. Ҳар як инсон маҳкум шудааст ва аллакай дар роҳ сӯи кӯли оташ аст – то ба лаҳзае ки ӯ барои наҷот ёфтан имонашро бар Исо қарор диҳад ва ҳамин тавр соҳиби ҳаёти абадӣ мешавад. Инак ваъдаи Исо:

> *Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ сухани Маро шунавад ва ба Фиристандаи Ман имон оварад, ҳаёти абадӣ дорад ва ба доварӣ намеояд, балки аз марг ба ҳаёт гузаштааст.* **Юҳанно 5:24**

Исо нагуфт, ки гуноҳ маҳкумнашуда мемонад. Ӯ медонист, ки на тамоми олам ба Ӯ имон хоҳад овард. Сабабаш ҳар чӣ ҳам бошад, бисёре аз одамон интихоби бовар накарданро мекунанд.

> *Ва ҳукм ин аст, ки нур ба ҷаҳон омад; вале одамон торикиро бештар аз рӯшноӣ дӯст доштанд, чунки корҳои онҳо бад аст. Зеро ҳар кӣ кори бад мекунад, аз рӯшноӣ нафрат дорад ва пеши рӯшноӣ намеояд, то корҳояш фош нашаванд.*
> **Юҳанно 3:19,20**

Дар ин оят Исо нури рӯҳониро дар муқобили торикии рӯҳонӣ мегузорад. Ӯ мегӯяд, ки шахсони бисёр аз нур нафрат хоҳанд кард, чунки он гуноҳро намоён мекунад. Инсон хуш надорад, ки ҳолати гуноҳолудаш ошкор шавад. Инсон беҳ медонад, ки пинҳон шавад ё гуноҳи худро бар каси дигар гузорад, тавре ки Одаму Ҳавво низ карда буданд. Навишта мегӯяд, ки ин гуна шахсон торикиро бештар дӯст медоранд. Аммо Исо дар бораи кадом нур мегуфт?

*Ва Исо боз ба мардум гуфт: “Ман нури ҷаҳон ҳастам...”*

**Юҳанно 8:12а**

Исо нур аст. Ҳангоми офариниш Худо рӯшноиро офарид, то ин ҷоро равшан кунад. Баъд, Ӯ Худ ҳамчун рӯшноии рӯҳонӣ бар замин омад, то рӯҳан моро равшан созад.

*... ҳар кӣ Маро пайравӣ кунад, дар торикӣ роҳ намеравад, балки нури ҳаётро дорад.* **Юҳанно 8:12б**

# 4. Рад шудан

*Пас аз чанд рӯз Ӯ боз ба Кафарнаҳум омад; овоза шуд, ки Ӯ дар хона аст. Дарҳол мардуми бисёр ҷамъ омаданд, ба андозае ки назди дари хона низ дигар ҷой набуд; ва Ӯ ба онҳо Каломро баён мекард. Ва назди Ӯ бо марди шале омаданд, ки вайро чор кас бардошта буданд.* **Марқус 2:1-3**

## Марди шал

Ба ҳар ҷое ки Исо мерафт, шахсони касал ва маъюб дарҳол даври Ӯро мегирифтанд. Дар ин ҳикоя чор мард дӯсти шали худро назди Исо меоваранд.

*Ва чун ба сабаби бисёрии мардум ба Ӯ наздик омада натавонистанд, боми он ҷоеро, ки Ӯ буд, кушода шикоф карданд ва бистареро, ки марди шал дар болояш хобида буд, поён фуровარданд.* **Марқус 2:4**

Дар он замон бомҳои хонаҳо ҳамвор буданд. Зинапояе дар беруни хона ба он ҷо мебурд. Ин як макони салқине буд, ки бегоҳирӯзӣ дар он истироҳат мекарданд. Чун ин чор мард ба сабаби зиёд будани мардум назди Исо рафта натавонистанд, бо зинапоя ба болои хона баромаданд. Ин қисми мушкили кор буд. Сипас онҳоро лозим омад, ки дар бом рахна зада, марди шалро назди Исо фуроваранд. Бешубҳа, ин як вазифаи мушкиле буд. Оё чангу шикастапораҳоро тасаввур карда метавонед, ки бар сарҳои мардуме ки дар дохил буданд, мерехт? Бе ягон гапи зиёда маълум аст, ки дарси Исо бурида шуда буд. Ҳама бар сатҳи хона менигаристанд, зеро ба худ савол медоданд, ки чӣ гап аст. Рӯйҳои боҷуръати он чор мардро дида, шунавандагони Исо ба фарёд пардохтанд: “Беадабон! Шумо худро кӣ фикр кардаед? Ҳамаи мо ба хок баробар шудем! Кӣ ба шумо ҳақ дод, ки хонаро вайрон кунед?” Аммо Исо дар ин ҷо чизи дигареро дид:

> *Ва Исо имони онҳоро дида, ба шал гуфт: “Эй фарзанд, гуноҳҳои ту бахшида шуданд”.* **Маркус 2:5**

## Дил

Аввалин ғами Исо дар бораи дили ин шахс буд. Барои Ӯ бахшидани ин шахс ҳеҷ мушкилие надошт, зеро Ӯ Худо буд. Бо вуҷуди он якчанд нафар аз шунавандагони Исо бо бовар кардан ба ин мушкилӣ доштанд. Гарчанд онҳо инро бо овози баланд изҳор накарданд, фикрҳояшон бадхоҳона буданд:

> *Баъзе китобдонон, ки дар он ҷо нишаста буданд, дар дили худ андеша доштанд, ки “чаро Ӯ чунин куфр мегӯяд? Ғайр аз Худо кист, ки гуноҳҳоро бахшида тавонад?”* **Маркус 2:6,7**

Онҳо ҳақ буданд – танҳо Худо гуноҳҳоро бахшида метавонад!

> *Исо дарҳол дар рӯҳи Худ дарёфт, ки онҳо чунин андеша доранд, ва ба онҳо гуфт: “Барои чӣ дар дили худ ин тавр андеша доред?* **Маркус 2:8**

Исо фикрҳояшонро фаҳмида инро барояшон гуфт. Ҳолати китобдононро ба худ тасаввур кардан мумкин аст. Бешубҳа, онҳо ба ҷустуҷӯ дар хотири худ пардохтанд, ки дар ин даҳ дақиқаи охир фикрҳояшон чӣ буд. Маълум буд, ки Исо фикррониҳои онҳоро медонист! Аммо мақсади Исо мутаассир кардани онҳо набуд. Ӯ саволеро пешкаши онҳо кард:

> *Кадомаш осонтар аст: ба ин шал гуфтани он ки “гуноҳҳои ту бахшида шуданд”, ё гуфтани он ки “бархез, бистари худро бардор ва равона шав” ?* **Маркус 2:9**

## Боз саволҳо

Ҳатто ҳуқуқшинос саволи мушкилтар аз инро додан наметавонист. Китобдононро дар ҳоли об кардани майна барои дарёфти ҷавоб ба худ тасаввур кардан мумкин аст. “Шал будани ин шахс хуб маълум буд. Шифо доданаш ғайриимкон буд. Танҳо Худо ин гуна маъюбиро шифо дода метавонист. Агар Исо узвҳои аз кор мондаро дубора фаъол карда тавонист, ин ба маъноест ки Ӯ... аммо не, ин аз ақл берун аст. Худо ҳаргиз барои ба сар бурдани ин гуна зиндагӣ ба замин намеомад. Исо касе буд, ки дар гӯшаи пастафтодаи кишвар зиндагӣ мекард. Гузоштани ин гуна савол чӣ бешармиест! Ӯ Худро кӣ фикр мекард – Худо?”

Бе ин ки онҳо саволашонро гузошта бошанд, Исо дар ҷавобашон гуфт:

> *“Лекин то донед, ки Писари Одам дар рӯи замин қудрати бахшидани гуноҳҳоро дорад.., — ба шал гуфт, — ба ту мегӯям: бархез, бистари худро бардор ва ба хонаи худ равона шав”. Вай дарҳол бархест ва бистари худро бардошта, дар пеши назари ҳама равона шуд, ба тавре ки ҳама ҳайрон шуданд ва Худоро ҳамду сано хонда, гуфтанд: “Монанди инро ҳаргиз надидаем”.*
> **Маркус 2:10-12**

Мақсади муъҷизаҳо пешкаш намудани намоишнома ё консерт набуд. Инҳо аниқтараш исбот мекарданд, ки Исо ҳамон аст, ки дар борааш мегӯяд.

## Гуноҳкорони гумшуда

> *Ва боз ба канори кӯл рафт... Ҳангоми рафтанаш Левӣ писари Ҳалфойро дид, ки дар боҷгоҳ нишаста буд, ва ба вай гуфт: “Аз пайи Ман биё”. Вай бархеста, аз пайи Ӯ равона шуд.*
> **Маркус 2:13а,14**

Гарчанд Левӣ яҳудӣ буд, ӯ чун боҷгир барои румиён кор мекард. Ин навъ мардум ба пул ҳарис буда, аз мардум маблағи бештар аз он чи муқаррар шуда буд, ҷамъ мекарданд ва он пули барзиёд ситондаашонро ба кисаи худ меандохтанд. Онҳо омода буданд барои румиёни истилогар хизмат кунанд. Яҳудиён аз ин хел одамон нафрат доштанд. Бо вуҷуди ин, ҳангоми гузаштан аз гумрук, Исо Левиро даъват намуд, то аз паяш биёяд.

> *Ва ҳангоме ки Ӯ дар хонаи вай нишаста буд, бисёре аз боҷгирон ва гуноҳкорон низ бо Исо ва шогирдонаш менишастанд; зеро бисёр буданд, ва Ӯро пайравӣ менамуданд. Чун китобдонон ва фарисиён диданд, ки Ӯ бо боҷгирон ва гуноҳкорон хӯрок мехӯрад, ба шогирдонаш гуфтанд: “Чаро Ӯ бо боҷгирон ва гуноҳкорон мехӯраду менӯшад?” Исо инро шунида, ба онҳо гуфт: “На тандурустон, балки беморон ба табиб эҳтиёҷ доранд. Ман омадаам, ки на росткоронро, балки гуноҳкоронро ба тавба даъват кунам”.*
> **Маркус 2:15-17**

Исо фақат ба касоне ки ба эътироф кардани гуноҳкор будани худ ҳозир буданд, ёрӣ медод. Ин қадами аввалине барои қабул шудан дар назари Худо буд.

## Кор дар рӯзи шанбе

Сарзанишҳои доимии Исо, бешубҳа, фарисиёнро ба хашм меовард, чунки Ӯ онҳоро барои дурӯягияшон танқид мекард. Фарисиён бо умеди он ки Ӯро дар хато дастгир кунанд, ба поидани Ӯ пардохтанд.

> *Ва боз ба куниишт даромад; дар он ҷо шахсе буд, ки дасти хушкшудае дошт. Ва аз пайи Исо мепоиданд, ки шояд вайро дар рӯзи шанбе шифо диҳад, то Ӯро айбдор кунанд.* **Марқус 3:1,2**




Аз рӯи шариате ки Худо ба Мусо додааст, агар касе дар рӯзи шанбе кор мекард, ӯ шариатро шикаста, гуноҳкор шуморида мешуд. Дар фаҳмиши фарисиён ҳатто кӯмакҳои табиб кор ҳисобида мешуданд. Шариат шифо доданро дар рӯзи шанбе манъ намекард, аммо фарисиён қонунҳои худро ба Даҳ фармуда илова карда, онҳоро баробари Навиштаҳо медонистанд. Пас онҳо Исоро мепоиданд, то бинанд, ки оё Ӯ дар рӯзи шанбе ин одамро шифо медиҳад, хулоса, оё Ӯ дар рӯзи шанбе ҳам кор хоҳад кард ё не. Исо сабаби мавҷуд будани шариатро хуб медонист. Исо аз доми фарисиён огоҳ буд ва душманиро бартараф карда метавонист, аммо Ӯ қафо нагашт:

> *Пас ба марди дастхушк гуфт: "Дар миёнҷо исто".* **Марқус 3:3**

Исоро ба худ тасаввур кардан мумкин аст, ки чӣ гуна оҳиста давр мехӯрад, то бо маҳкумкунандагонаш рӯ ба рӯ шавад.

> *Ва ба онҳо гуфт: "Дар рӯзи шанбе кадом кор раво аст — некӣ кардан, ё бадӣ кардан? Ҷонеро наҷот додан, ё ҳалок кардан?"*
>
> **Марқус 3:4а**

Ӯ дар ин ҷо боз саволҳои нешдор мегузорад! Фарисиён озурда шуданд – онҳо аз хашму нороҳатӣ меҷӯшиданд! Бори дигар эҳтимолияташон ҳамчун сардорони мазҳабӣ зарба хӯрда буд.

> *Лекин онҳо хомӯш монданд. Ва ба онҳо бо ғазаб нигариста ва аз сахтдилиашон ғамгин гашта, ба он шахс гуфт: "Дасти худро дароз кун". Вай дароз кард, ва он монанди дасти дигараш сиҳат шуд.* **Марқус 3:4б,5**

## Суиқасд

Фарисиён фикр карданд, ки Исоро ба дом гирифтанд. Ӯ айбдор буд: Ӯ дар рӯзи шанбе кор кард!

*Фарисиён фавран берун рафта, бо ҳиродиён дар ҳаққи Ӯ маслиҳат намуданд, ки чӣ тавр Ӯро ҳалок кунанд.* **Марқус 3:6**

Дар ҳар вақти дигар ин гуна ҳамкорӣ тасаввурнашуданӣ буд. Ҳиродиён ҳизберо ташкил мекарданд, ки ҳукумати Ҳиродус ва румиёнро дастгирӣ мекард. Фарисиён, аз дигар сӯ, румиёнро бад медиданд, аммо Исоро зиёдтар бад медиданд. Дар ҳоле ки инҳо Исоро ба қатл расондан мехостанд, дастгирии Рум барояшон зарур буд.

Сардорони динӣ Исоро рад карда буданд. Ба фикри онҳо Ӯ Наҷотдиҳандаи Ваъдашуда набуд.

## Дувоздаҳ расул

*Лекин Исо бо шогирдонаш сӯи кӯл рафт, ва мардуми бисёре аз Ҷалил, Яҳудия, Уршалим, Адум ва он тарафи Урдун аз пайи Ӯ равона шуданд; ва аз атрофи Сур ва Сидӯн мардуми бисёре, чун корҳои Ӯро шуниданд, назди Ӯ омаданд.*

*Пас аз он ба кӯҳе баромада, ҳар киро, ки хост, назди Худ даъват намуд; ва онҳо назди Ӯ омаданд. Ва дувоздаҳ нафарро таъйин кард, то ҳамроҳи Ӯ бошанд ва онҳоро барои мавъиза фиристад, ва онҳо қудрат дошта бошанд, ки бемориҳоро шифо диҳанд ва девҳоро берун кунанд: Шимъунро, ки Петрус ном гузошт; ва Яъқуб писари Забдой ва Юҳанно бародари Яъқубро, ки ба онҳо Банӣ-Рагаш, яъне «писарони тундар» ном гузошт; ва Андриёс, Филиппус, Барталмо, Матто, Тумо, Яъқуб писари Ҳалфой, Шимъуни Ғаюр ва Яҳудои Исқарютиро, ки Ӯро таслим кард.*

**Марқус 3:7,8,13-19**

Исо аз байни пайравонаш дувоздаҳ нафарро интихоб кард ва бо онҳо вақти бештареро мегузаронид. Ин гурӯҳ аз одамони гуногун иборат буд: яке ҷамъкунандаи боҷу хироҷ, ки ходими румиён буд; дигаре ғаюри қатъӣ, ки ба барҳам додани ҳокимияти Рум ҳозир буд. Баъзеи дигарон сайёдони моҳӣ буданд. Танҳо Худо метавонист ин гуна одамонро барои ҳамкорӣ бо як мақсади умумӣ ҷамъ оварад. Бар хилофи пешгузаштагон, ин дувоздаҳ мард – ба истисноии яке – ба ҳар арзише ки бошад, ба пайравии Ӯ пардохтанд.

# 5. Нони ҳаёт




*Пас аз он Исо ба он тарафи кӯли Ҷалил, ё кӯли Табария рафт; ва мардуми бисёре аз паси Ӯ равона шуданд, зеро он муъҷизаҳоеро, ки ба беморон нишон медод, медиданд. Исо ба кӯҳе баромада, бо шогирдони Худ дар он ҷо нишаст. Иди Песаҳи яҳудиён наздик буд.*

*Исо чашм андохта, дид, ки мардуми бисёре назди Ӯ меоянд, ва ба Филиппус гуфт: "Аз куҷо нон харем, то инҳо хӯранд?"* **Юҳанно 6:1-5**

Бори дигар Исо саволҳо мегузорад:

*Лекин инро барои озмоиш ба вай гуфт; зеро Худ медонист, чӣ кардан мехост. Филиппус дар ҷавоби Ӯ гуфт: "Дусад динор барои онҳо кифоят намекунад, то ҳар яке андаке нон хӯранд". Яке аз шогирдонаш, Андриёс, бародари Шимъуни Петрус, ба Ӯ гуфт: "Ин ҷо бачае ҳаст, ки панҷ нони ҷав ва ду моҳӣ дорад; лекин барои ин қадар одам чӣ мешавад?"* **Юҳанно 6:6-9**

Метавон аз худ пурсид, ки ба ин миқдори ночизи хӯрок нигоҳ накарда, оё Андриёс умед дошт, ки Исо аз он баҳра гирифта метавонад.

*Исо гуфт: "Одамонро шинонед". Дар он ҷо сабза бисёр буд, ва мардон, ки қариб панҷ ҳазор буданд, нишастанд. Исо нонҳоро гирифта, шукр гуфт ва пора карда, ба шогирдон дод, ва шогирдон ба нишастагон доданд, ва ҳамчунин аз моҳиҳо низ ба қадре ки хостанд".* **Юҳанно 6:10,11**

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас чунон ба осонӣ нақл карда шудааст, ки кас метавонад чӣ воқеа рӯй доданро пай набарад. Исо як анбӯҳи бениҳоят бузургро бо хӯроки як писарбача сер кард. Ин як дарси содаи риёзиёти намоишӣ нест. Исо нонҳо ва моҳиёнро дар байни шогирдони худ тақсим кард, то дар навбати худ ба панҷ ҳазор нафар – **бе** назардошти занону кӯдакон, тақсим намоянд. Ин афзуншавии миқдор тааҷҷубовар аст. Исо бахил набуд ва ба ҳар кас ба серӣ хӯрок муҳайё кард. Илова бар ин, аз он хӯрок ба қадре боқӣ монда буд, ки ҳар яке аз дувоздаҳ шогирд метавонист сабади пур аз хӯрокро ба хонаи худ барад.

*Ҳангоме ки одамон ин муъҷизаро, ки Исо нишон дод, диданд, гуфтанд: "Ин ба ростӣ он пайғамбар аст, ки бояд ба ҷаҳон ояд".* **Юҳанно 6:14**

## Исо подшоҳ эълон шуд

Онҳое ки аз ин муъҷиза баҳра бурданд, чунон аз он мутаассир шуда буданд, ки қарор карданд, Исоро подшоҳи худ эълон кунанд. Аммо Исо ба ин чизҳо шавқ надошт. Вақти подшоҳии заминии Ӯ ҳанӯз нарасида буд. Ӯ бештар мехост, ки бар дили мардум подшоҳӣ намояд.

*Лекин Исо чун дарёфт, ки мехоҳанд омада, Ӯро ба зӯрӣ баранд ва подшоҳ кунанд, боз танҳо ба кӯҳ баромад.*

*Ва Ӯро дар он сӯи кӯл ёфта, ба Ӯ гуфтанд: "Эй Устод! Кай ба ин ҷо омадӣ?"*

*Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: "Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: Маро на ба сабаби аломатҳое ки дидед, балки ба он сабаб ҷустуҷӯ мекунед, ки нон хӯрда, сер шудед".*

**Юҳанно 6:15,25,26**

## Ниятҳои бад

Исо медонист, ки Ӯро барои он шоҳ эълон карданӣ буданд, то муфт хӯрокро ба даст оваранд. Мардум сарфи назар мекарданд, ки ин муъҷизаҳо Исоро ҳамчун Наҷотдиҳандаи Ваъдашуда маълум мекарданд. Исо ба онҳо гуфт:

*"На аз барои ғизои гузарон, балки барои ғизое меҳнат кунед, ки то ҳаёти абадӣ боқӣ мемонад, ва Писари Одам онро ба шумо медиҳад; зеро Худои Падар бар Ӯ мӯҳр задааст".*

**Юҳанно 6:27**

Хӯрок ба ин мардум ёрӣ медод, то як муддат зинда монанд, аммо барвақт ё дертар ҳамаи инҳо бояд мемурданд. Исо ба онҳо мегуфт, ки мақсади аввалинашон бояд ҷустуҷӯи чизҳое бошад, ки ҳаёти ҷовидониро барояшон муҳайё мекунанд.

*Ба Ӯ гуфтанд: "Чӣ бояд кунем, ки корҳои писандидаи Худоро ба ҷо оварда бошем?"*

*Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: "Кори писандидаи Худо ин аст, ки ба он Касе ки Ӯ фиристод, имон оваред"* **Юҳанно 6:28,29**

Мардум мехостанд донанд, ки барои сазовори ҳаёти абадӣ шудан чӣ кореро бояд анҷом медоданд. Исо дар ҷавобашон гуфт, ки онҳо бояд фақат бовар кунанд; фақат ба Ӯ таваккал кунанд, ки Ӯ Наҷотдиҳандаи онҳо хоҳад буд. Ва тамом. Ин чунон сода ба назар мерасид.

*Ба Ӯ гуфтанд: “Пас, Ту чӣ мӯъҷизае нишон медиҳӣ, то дида, ба Ту имон оварем? Чӣ кор мекунӣ?”* **Юҳанно 6:30**

Чӣ саволе! Онҳо аз Исо мепурсиданд, то барои собит кардани Наҷотдиҳандаи Ваъдашуда буданаш ба онҳо аломате нишон диҳад, ки Ӯ Ҳамон аст, ки тамоми пайғамбарон дар борааш пайғамбарӣ карданд, гӯё кори сер кардани панҷ ҳазор одам бо зиёфати як писарбача нокифоя буд! Дар асл, чизе ки онҳо мехостанд боз як хӯроки муфт, боз як нони дигар буд.

## Нони ҳаёт

*Исо ба онҳо гуфт: “Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: на Мусо нонро ба шумо аз осмон додааст, балки Падари Ман нони ҳақиқиро ба шумо аз осмон медиҳад; зеро нони Худо Он аст, ки аз осмон фуруд омада, ба ҷаҳон ҳаёт мебахшад”.*

*Он гоҳ ба Ӯ гуфтанд: “Эй Хоҷа! Ҳамеша ин нонро ба мо деҳ”.*

*Исо ба онҳо гуфт: “**Ман нони ҳаёт ҳастам**; касе ки назди Ман ояд, ҳаргиз гурусна намемонад, ва касе ки ба Ман имон оварад, ҳаргиз ташна намемонад”.*

**Юҳанно 6:32-35**

# Боби дувоздаҳум

1. Либоси олуда
2. Роҳ сӯи Худо
3. Нақша
4. Элъозор
5. Дӯзах
6. Пешвози ботантана ва
   таслим шудани Исо

# 1. Либоси олуда

Исо суханвари оличаноб буд. Бисёр вақт барои расондани ҳақиқат Ӯ масалҳоро ба кор мебурд. Масал як ҳикояест, ки фикри содаро мерасонад. Дар нақли зерин Исо бар зидди касоне баромад мекунад, ки ба фикрашон мушкилияшон бо Худо ҳал аст ва ба росткории шахсии худ такя мекунанд:

> *Ҳамчунин барои касоне ки ба росткор будани худ боварӣ дошта, дигаронро хор медиданд, чунин масале гуфт: "Ду кас ба ибодатгоҳ барои дуо даромаданд, ки яке фарисӣ ва дигаре боҷгир буд".* **Луқо 18:9,10**

Дар он замон, дар анъанаи яҳудиён, фарисиёнро ҳамчун нигоҳдорони дақиқи шариати Мусо мешинохтанд. Боҷгирон, баръакс, нобакорон ҳисобида мешуданд. Пас, аз нигоҳи ахлоқ ин ду шахс комилан муқобили ҳамдигар буданд, ки дар як ҷо дуо мекарданд.

### Фарисӣ

> *Фарисӣ рост истода, дар дили худ чунин дуо мегуфт: "Худоё! Туро шукр мегӯям, ки монанди касони дигар: ғоратгарон, ситамгарон, зинокорон, ё монанди ин боҷгир нестам. *Ҳафтае ду бор рӯза медорам ва аз ҳар чизе ки ба даст меоварам, даҳяк медиҳам".* **Луқо 18:11,12**

Мақсади рӯза гирифтан, яъне хӯрок нахӯрдани ӯ - барои дуо вақт ҷудо кардан буд. Ӯ ҳамчунин даҳяки даромади худро ҳамчун хайрот медод.

Ба як навъ худро таъриф карда, фарисӣ фақат баъзе аз чизҳоеро, ки мекард, ё намекард, номбар кард. Ӯ илова карда метавонист, аммо ин ҳоло аҳамияти зиёд надорад. Тарзи дуо карданаш ҳолати дилашро маълум карда буд. Фарисӣ бар рафтори неки худ – корҳои хуб – такя мекард, то ки росткор будани худро ба Худо нишон диҳад.

### Боҷгир

> *Аммо боҷгир, дуртар истода, ҳатто ҷуръат надошт ки чашмонашро сӯи осмон баланд кунад; балки синаи худро мезаду мегуфт: "Худоё! Ба мани гуноҳкор раҳм кун".*
> **Луқо 18:13**

Боҷгир гуноҳкор буданашро дарк мекард ва мефаҳмид, ки ба ёрии Худо мӯҳтоҷ аст. Ӯ сӯи марҳамати Худо зорӣ карда аз Ӯ хоҳиш мекард,

ки ба ӯ як воситае барои раҳоӣ аз ҷазои гуноҳҳояш дода шавад. Исо суханашро давом дода гуфт:

*“Ба шумо мегӯям, ки ин шахс бар хилофи он шахс сафед шуда* ба хонаи худ рафт. Зеро ҳар кӣ худро калон гирад, паст мешавад; ва ҳар кӣ худро фурӯтан созад, сарбаланд мегардад”.*

**Луқо 18:14**

* Сафед карда шудан дар Китоби Муқаддас маънои росткор эълон карда шуданро дорад.

## Тавба

Қобили зикр аст, ки Исо тавбаро ба фурӯтанӣ вобаста кард. Навиштаҳо возеҳ ошкор мекунанд, ки афтидани шайтон аз сабаби ғурураш рӯй дод. Он ҳамон чиз аст, ки ба инсон монеъ мешавад, то эътироф кунад, ки ӯ гуноҳкор буда ба ёрии Худо эҳтиёҷ дорад. Фарисӣ дилпур буд, ки агар ӯ шариатро дақиқ риоя кунад ва корҳои хайрия намояд, Худо ӯро қабул хоҳад кард. Ғурур тавре ӯро кӯр карда буд, ки ӯ эҳтиёҷашро намедид. Исо гуфт:

*“Ишаъё дар бораи шумо, эй дурӯягон, некӯ пайғамбарӣ кардааст, чунон ки навишта шудааст: «Ин мардум бо лабони худ Маро эҳтиром мекунанд, лекин дилашон аз Ман дур аст. Пас Маро беҳуда парастиш мекунанд, зеро фармудаҳои инсониро таълим медиҳанд». Зеро шумо фармудаи Худоро тарк карда, ривоятҳои инсониро, монанди шустани кӯзаҳо ва пиёлаҳо, нигоҳ медоред ва бисёр расмҳои дигарро ба ҷо меоваред”.* **Марқус 7:6-8**

## Кӯр

Фарисиён зоҳиран росткор метобиданд, аммо ботинан онҳо гуноҳкор мемонданд. Илова бар он, онҳо ба даҳ фармуда дастурҳои инсониро афзуда, аҳамияти онҳоро кам менамуданд:

*Ҳамин тавр каломи Худоро бо ривояти худ, ки ҷорӣ сохтаед, бартараф менамоед.* **Марқус 7:13а**

Фарисиён гумон мекарданд, ки таҷрибаи динияшон, корҳои хайрияи онҳо ва аҷдодони яҳудияшон онҳоро дар чашмони Худо мақбул мегардонанд.

Исо гуфт, ки ҳеҷ яке аз ин чизҳои берунӣ касеро мақбули Худо карда наметавонанд, чунки бадӣ аз дили инсон мебарояд:

*Тамоми ин чизҳои бад аз дарун пайдо шуда, одамро ҳаром мекунанд.* **Марқус 7:23**

Навиштаҳо равшан мегӯянд, ки ҳеҷ як кори нек моро дар пеши Худо росткор карда наметавонад. Баръакс, онҳо мегӯянд ки:

*...тамоми росткории мо монанди либоси чиркин аст.*

**Ишаъё 64:6б**

## Бандагон

Баъзе шахсон худашонро намунаи камолот ба худ тасаввур мекунанд, аммо Навиштаҳо рост чизи хилофи инро мегӯянд. Дар Навиштаҳо омадааст:

*...бандагони ...гуноҳе барои марг* [гардида] **Румиён 6:16**

Ҳар мавҷуди инсонӣ гирифтори гуноҳ аст. Исо ба онҳо гуфт:

*"Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ гуноҳ мекунад, ғуломи гуноҳ аст".* **Юҳанно 8:34**

Мардум бисёр вақт фиреб мехӯранд, чунки кӯшиш мекунанд некӣ кунанд, аммо кам ба кардани он муваффақ мешаванд. Вақте ки онҳо дар як соҳаи зиндагии худ пешрафт мекунанд, дар дигар соҳа заминаро аз зери пои худ медиҳанд. Табиати гуноҳолуд мухолифи тамоми кӯшишҳои ба сар бурдани ҳаёти росткорона аст.

Илова бар он, Каломи Худо мегӯяд, ки шайтон инсонро ғуломи худ гардондааст. Ҳатмӣ нест, ки ин маҳз маънои онро дошта бошад, ки шахс бо ҷодугарӣ ё фолбинӣ машғул аст, балки аниқтараш, иблис барои иҷрои нақшаҳои худ ба воситаи озмоишҳо ва ғурур ӯро ба ҳаракат медароварад. Шайтон бисёр мекӯшад, ки инсонро бовар кунонад, ки ӯ дар асл хуб аст. Навишта мегӯяд, ки одамон бояд:

*... аз доми иблис, ки онҳоро асири хости худ гардондааст, раҳоӣ ёбанд.* **2Тимотиюс 2:26**

Ҳатто ҳақиқате ки инсон дар асорати шайтон аст, наметавонад барои рафтори фосиди ӯ узре бошад. Мо дар назди Худо доим барои интихоби худ ҷавобгар мебошем. Ҳамзамон, воқеият дар бораи ғулом буданамон як масъалаеро пеши рӯи мо мегузорад: инсон дар чунин ҳолат тамоман имконият надорад, ки ба камолоти лозимӣ расад, то ба ҳузури Худо қабул шуда тавонад.

Саволи Айюби пайғамбар ҳанӯз қувват дорад:

*...инсон чӣ гуна пеши Худо росткор шавад?* **Айюб 9:2**

Чӣ тавр барои қабул шудан дар ҳузури Худо метавон худро аз гуноҳ халос карда, адолати ба Худо писандидаро ба даст овард?

**Ман масеҳӣ таваллуд шудаам...**

Маънои калимаи *масеҳӣ* “аз они Масеҳ”, яъне ба Масеҳ тааллуқ доштан аст. Мутаассифона, ҳоло ин калима, бар хилофи он чи Китоби Муқаддас таълим медиҳад, маънои ҳақиқии худро гум кардааст. Ҳатто дар асоси маънои аслии ин калима “ман масеҳӣ таваллуд шудаам” гуфтан тамоман нодуруст аст. Таваллуд ёфтан дар оилаи масеҳӣ касро масеҳӣ намекунад. Айнан ҳамон тавре ки таваллуд ёфтан дар шифохона касро табиб намекунад. Таваллуди ҷисмонии мо бо муносибати мо бо Худо ва бо қисмати абадии мо ҳеҷ робитае надорад.

Агарчи бисёр миллатҳо “масеҳӣ” номида мешаванд, калимаи масеҳӣ танҳо нисбат ба шахс истифода бурда мешавад. Баъзе аз ин “миллатҳои масеҳӣ” ҷиноятҳоеро содир кардаанд, ки барои номи Масеҳ шармоваранд. Баъзеи дигарашон бошанд, бадахлоқанд.

# 2. Роҳ сӯи Худо

Исо аксар вақт барои баён кардани ҳақиқатҳои рӯҳонӣ аз воқеаҳои ҳаррӯза истифода мебурд. Дар ин ҳикоя Исо ба шунавандагонаш



оғилро ёдрас мекунад, ки дар он замон аз санг сохта мешуд ва дар деворҳояш растаниҳои хордор мерӯиданд. Хорҳои он барои тарсондани ҳайвоноти даранда ва ҳамчун монеае барои ба девор баромадани дуздон хизмат мекарданд. Ин оғил фақат як дар дошт.

Рӯзона чӯпон гӯсфандонашро ба чарогоҳ мебурд. Бо фарорасии шаб чӯпон рамаро пас ба оғил мебурд. Худи ӯ дар даромадгоҳаш мехобид. Пас ғайриимкон буд, ки як баррае барояд ва ё касе ба дохил дарояд, бе ин ки чӯпонро бедор созад. Бадани ӯ ҳамчун дар буд.

*Боз Исо ба онҳо гуфт: "Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: Ман барои гӯсфандон дар ҳастам.* **Юҳанно 10:7**

Исо касонеро ки ба Ӯ худро месупоранд, ба гӯсфандон монанд мекунад, ки дар оғил дар амон ҳастанд.

*Ман дар ҳастам: ҳар кӣ ба воситаи Ман дарояд, наҷот меёбад, ва ба даруну берун меравад, ва чарогоҳ пайдо мекунад.*
**Юҳанно 10:9**

Исо тасдиқ мекунад, ки танҳо Ӯ дар аст – ва дари дигаре вуҷуд надорад. Танҳо ба воситаи Ӯ ворид шуда, аз оқибатҳои гуноҳ наҷот ёфтан мумкин аст. Фақат ба воситаи Ӯ зиндагии абадиро соҳиб шудан мумкин аст.

*Дузд меояд, то дуздад, кушад ва нобуд кунад; Ман омадаам, то онҳо ҳаёт ёбанд ва онро ба фаровонӣ дошта бошанд.*
**Юҳанно 10:10**



Duздон барои беҳбудии гӯсфандон ғамхорӣ намекунанд. Навиштаҳо онҳоро муаллимони дурӯғин меноманд. Онҳо зуд-зуд Каломи Худоро ба сурати ғайриқонунӣ барои ба даст овардани қудрат ва ё сарват ба кор мебаранд.

Ин муаллимон ҳар хел чораҳоеро ихтироъ мекунанд, ки ба воситаи онҳо мо, гӯё ки зиндагии абадиро сазовор шуда метавонистем. Ин чораҳо ба назар хуб менамоянд, аммо ҳамаашон ба марги рӯҳонӣ мебаранд:

> *Роҳе ҳаст, ки ба назари кас рост менамояд, вале оқибаташ роҳҳои марг аст.* **Масалҳо 14:12**

Аз тарафи дигар, Исо омад, то ба онҳое ки ба Ӯ таваккал медоранд, зиндагиро ба фаровонӣ – зиндагии пур аз шодиро диҳад. Ӯ гуфтааст:

> *“Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам; касе назди Падар омадан наметавонад, магар ин ки ба воситаи Ман”.* **Юҳанно 14:6**

Исо гуфтааст: ки **танҳо** Ӯ роҳ ба *сӯи* Худост;
ки **танҳо** Каломи Ӯ *ҳақиқат* аст;
ки **ҳаёт**и *абадӣ* фақат дар Ӯст.

Исо таъкид кард, ки ҳеҷ кас роҳи дигареро сӯи Худо ихтироъ кардан наметавонад. Чунон ки чӯпон ягона роҳ ба оғилхона буд, Исо ягона роҳ ба сӯи Худо аст.

# 3. Нақша

Ҳангоми омӯхтани зиндагии Исо, мо мушоҳида менамоем, ки Ӯ мақсади ба Замин омадани Худро бештар ва бештар ба шогирдонаш ошкор мекард.

> *Аз ҳамон вақт Исо ба фаҳмондан ба шогирдони Худ оғоз намуд, ки Ӯ бояд ба Ӯршалим равад ва аз дасти пирон, сардорони коҳинон ва китобдонон бисёр азоб кашад, ва кушта шавад, ва пас аз се рӯз бархезад.* **Матто 16:21**

Исо чизеро ки барои инсон ғайриимкон аст, ба ҷо меовард: Ӯ тарзи аниқи кушта шудани Худро пешгӯӣ намуд. Ӯ на фақат тарзи кушта шуданаш, балки низ баъзе воқеаҳои пеш аз маргашро гуфта дод. Он чи Ӯ гуфт, ба Петрус, ки яке аз шогирдонаш буд, маъқул нашуд.

> *Ва Петрус Ӯро ба як сӯ бурда, ба эътироз намудан сар кард: “Худо накунад, эй Хоҷа! Ин ба Ту ҳаргиз рӯй надиҳад!”*
> **Матто 16:22**

Петрус ба одамони бисёри имрӯза монанд аст, ки мегӯянд, ки агар Исо ҳақиқатан Худо мебуд, чунин ҳодисае рӯй дода наметавонист. Аммо Исо Петрусро сахт сарзаниш кард:

> *Лекин Ӯ баргашта ба Петрус гуфт: "Эй шайтон, аз Ман дур шав! Ту васвасакоре барои Ман ҳастӣ, зеро ту на оид ба чизҳои илоҳӣ, балки оид ба чизҳои инсонӣ андеша мекунӣ"*
>
> **Матто 16:23**

Исо ба Петрус гуфт: ки ӯ бозии шайтонро мебозид. Ӯ гуфт, ки Петрус нақшаи Худоро сарфаҳм намерафт, ки мувофиқи он Ӯро лозим буд:

> *... кушта шавад, ва пас аз се рӯз бархезад.* **Матто 16:21б**

Аммо барои чӣ Исо инро гуфт? Ба дараҷаи пешрафт дар омӯзишамон мо инро бештар хоҳем фаҳмид.

## Дигаргуншавӣ

Як ҳафта пас аз кушодани нақшаи Худ ба шогирдонаш, Исо се шогирди Худро ба болои кӯҳе бароварда, ба онҳо як намоишеро дар бораи дар ҳақиқат Кӣ будани Худ нишон дод.

> *Пас аз шаш рӯз Исо Петрус, Яъқуб ва бародари вай Юҳанноро ҳамроҳи Худ бурд ва онҳоро танҳо ба кӯҳи баланде баровард ва дар пеши назари онҳо дигаргун шуд: чеҳрааш чун офтоб дурахшид, ва либосаш чун нур сафед гардид.* **Матто 17:1,2**

Намуди зоҳирии Исо дигаргун шуд – рӯяш мисли офтоб медурахшид ва либосаш мисли нури тобон гардид. Шогирдон ҳамон нури пок ва дурахшони ҷалоли Худоро, ки ҷои муқаддастаринро дар хаймаи вохӯрӣ пур мекард, дида тавонистанд. Ин ҷалол доим ин ҷо – дар Исо – буд, аммо мардум онро дида наметавонистанд.

> *Ва инак, ду мард, Мусо ва Илёс, бо Ӯ гуфтугӯ мекарданд: онҳо дар ҷалоле намоён шуда, дар бораи оқибати Ӯ, ки бояд дар Уршалим ба амал ояд, сухан мерондaнд.* **Луқо 9:30,31**

Петрус аз чизи дидааш ба ҳайрат афтода, ба гуфтани чизҳои бефикрона сар кард.

> *Он гоҳ Петрус ба Исо гуфт: "Хоҷаам! Дар ин ҷо будани мо некӯст; агар хоҳӣ, дар ин ҷо се соябон месозем: яке барои Ту, яке барои Мусо ва яке барои Илёс". Ҳанӯз вай сухан мегуфт ва инак абри дурахшандае бар онҳо соя андохт; ва инак*

*овозе аз даруни абр баромад, ки мегуфт: “Ин аст Писари дӯстдоштаи Ман, ки аз Ӯ хушнудам; Ӯро гӯш кунед”.*

**Матто 17:4,5**

Аз осмон Худо-Падар гап зад.

*Чун шогирдон инро шуниданд, рӯй ба замин афтоданд ва бисёр тарсиданд. Лекин Исо наздик омада, ба онҳо даст расонд ва гуфт: “Бархезед ва натарсед”. Ва онҳо чашмони худро кушода, ғайр аз Исо касеро надиданд. Чун аз кӯҳ мефуромаданд, Исо таъкид намуда, гуфт: “То Писари Одам аз мурдагон барнахезад, ин рӯъёро ба касе нагӯед”.*

**Матто 17:6-9**

Чӣ таҷрибаи олидараҷа! Шогирдон дар он лаҳза намедонистанд ки чӣ фикр кунанд, аммо дертар Петрус навишт:

*Зеро, ҳангоме ки қуввати Худованди мо Исои Масеҳ ва омадани Ӯро ба шумо хабар додем, аз пайи афсонаҳои зиракона сохташуда нарафтаем, балки бузургии Ӯро бо чашмони худ дидаем, зеро Ӯ аз Худои Падар иззат ва ҷалол ёфт, вақте ки аз ҷониби ҷалоли бузург сӯи Ӯ чунин овоз расид: “Ин аст Писари дӯстдоштаи Ман, ки аз Ӯ хушнудам”. Ва ин овозро, ки аз осмон омада расид, мо шунидем, ҳангоме ки бо Ӯ дар кӯҳи муқаддас будем.* **2Петрус 1:16-18**

# 4. Элъозор

*Элъозор ном шахсе аз аҳли Байт-Анё, деҳаи Марям ва хоҳараш Марто, бемор буд. Марям ҳамон буд, ки ба Худованд равғани хушбӯй молида, пойҳои Ӯро бо мӯи худ хушконд; бародараш Элъозор бемор буд. Ва хоҳарон ба Ӯ кас фиристода, гуфтанд: “Эй Хоҷа! Инак, он касе ки дӯст медорӣ, бемор аст”.* **Юҳанно 11:1,3**




Элъозор, Марям ва Марто, дӯстони наздики Исо буда, дар наздикии шаҳри Уршалим зиндагӣ мекарданд. Дар он лаҳзаи ҷараёни таърих, Исо дар он тарафи дарёи Урдун, дар масофаи роҳи якрӯза аз шаҳри Байт-Анё буд.

*Исо Марто ва хоҳараш ва Элъозорро дӯст медошт. Чун шунид, ки вай бемор аст, дар ҷое ки буд, ду рӯз монд.* **Юҳанно 11:5,6**

Ин хеле аҷоиб менамояд. Ҳама медонанд, ки агар шахс сахт касал бошад, бояд зуд амал кард, аммо Исо боз ду рӯзи дигар таъхир мекунад! Ӯ чӣ фикр дошт?

> *Пас аз он ба шогирдонаш гуфт: "Боз ба Яҳудия равем". Шогирдонаш ба Ӯ гуфтанд: "Эй Устод! Бисёр нагузаштааст, ки яҳудиён мехостанд Туро сангсор кунанд, ва Ту мехоҳӣ боз ба он ҷо равӣ?"* **Юҳанно 11:7,8**

> *Он гоҳ Исо ба онҳо ошкоро гуфт: "Элъозор мурдааст; ва барои шумо шодам, ки дар он ҷо набудам, то имон оваред; вале акнун назди вай равем".* **Юҳанно 11:14,15**

## Касе ки чор рӯз инҷониб мурда буд

> *Чун Исо омад, фаҳмид, ки чор рӯз аст вай дар қабр мебошад. Байт-Анё дар наздикии Уршалим, дар масофаи тақрибан понздаҳ стадия буд; ва бисёре аз яҳудиён ба касоне ки назди Марто ва Марям буданд, ҳамроҳ шуданд, то онҳоро барои бародарашон тасаллӣ диҳанд. Чун Марто шунид, ки Исо меояд, ба пешвози Ӯ берун рафт; лекин Марям дар хона монд. Марто ба Исо гуфт: "Хоҷаам! Агар Ту дар ин ҷо мебудӣ, бародарам намемурд. Лекин ҳоло низ медонам, ки ҳар чи аз Худо хоҳиш кунӣ, Худо онро ба Ту медиҳад".* **Юҳанно 11:17-22**

Ба мо гуфта нашудааст, ки оё Марто дар бораи он чи Исо аз Худо дархост карда метавонист, ягон фикри муайян дошт ё не, аммо як чиз бисёр возеҳ аст: Марто ба Исо имон дошт:

> *Исо ба вай гуфт: "Бародари ту бармехезад". Марто ба Ӯ гуфт: "Медонам, ки дар растохез, дар рӯзи вопасин бармехезад".* **Юҳанно 11:23,24**

Марто аз баёноти Исо ҳайрон нашуд. Ӯ медонист, ки таълими Навиштаҳо ин буд, ки мо як рӯз аз мурдагон бармехезем – аммо ин фақат дар охири замонҳо рӯй медиҳад, вақте ки Худо ҳар касро доварӣ мекунад. То омадани он рӯз кас фақат як бор мемурад.

> *Исо ба вай гуфт: "Ман растохез ва ҳаёт ҳастам; ҳар кӣ ба Ман имон оварад, агар мурад ҳам, зинда мешавад; ва ҳар кӣ зинда бошад ва ба Ман имон оварад, то абад намемурад. Оё ба ин бовар мекунӣ?"* **Юҳанно 11:25,26**

Ин суханон пуртаъсир буданд. Исо гуфт, ки Элъозор барои дубора

зинда шудан набояд то омадани он рӯз интизорӣ кашад. Исо, ки диҳандаи ҳаёт буд, қудрат дошт Элъозорро дар ҳар вақте ки бошад, зинда кунад. Оё Марто ба ин боварӣ дошт?

*Ба Ӯ гуфт: "Ҳа, Хоҷаам! Ман бовар мекунам, ки Ту Масеҳ Писари Худо ҳастӣ, он Шахс, ки ба ҷаҳон меояд".*

**Юҳанно 11:27**

Вай на фақат ба гуфтаи Исо боварӣ дошт, балки тасдиқ мекард, ки Исо Масеҳ буд.

*Ва гуфт: "Вайро куҷо гузоштаед?"*
*Ба Ӯ гуфтанд: "Эй Хоҷа! Биё ва бин".*
*Исо гиря кард.* **Юҳанно 11:34,35**

Бисёр касон ақидаҳои худро дар хусуси сабаби гиря кардани Исо баён кардаанд. Баъзеҳо мегӯянд, ки Исо аз боиси зинда кардани Элъозор – ва бо ин восита аз шодӣ ва бартариҳои осмон маҳрум карда, ба ин ҷаҳони гуноҳ ва ғам баргардондани ӯ – андӯҳгин буд. Навиштаҳо сабаби гиряи Исоро намефаҳмонанд, аммо ин ҳикоя ба мо маълум мекунад, ки Ӯ ғам мехӯрд; Ӯ ҳиссиёти инсонӣ дошт, агарчи бегуноҳ буд.

*Яҳудиён гуфтанд: "Нигаред, чӣ қадар вайро дӯст медошт!" Баъзе аз онҳо гуфтанд: "Оё ин Шахс, ки чашмони кӯрро воз кард, наметавонист коре кунад, то ин ҳам намурад?" Исо, дар ҳолате ки дар худ оҳ мекашид, ба сари қабр омад. Ва он як ғоре буд, ки санге бар даҳанааш гузошта буданд.*

**Юҳанно 11:36-38**

Мувофиқи одати яҳудиён, мурда дар қабре гузошта мешуд, ки ҷои дафн барои ҳамаи наслҳои оила буд. Одатан ғорҳои табииро ҳамчун қабр истифода мебурданд, аммо баъзан қабр дар сахра канда мешуд. Ин қабрҳо калон буданд; ва дар ҳуҷраи навҳа ❶ рост истодан мумкин буд. Дар дохили қабр рафҳои дар сахра кандашуда ❷ буданд, ки бар онҳо ҷасадро ❸



мегузоштанд. Санги бениҳоят калони ба шакли доира тарошидашуда ❹, ки вазнаш чандин тонна буд, дар хандақе ❺ дар пеши даромадгоҳ буд, ва имкон медод, ки ба ин ё он сӯ ғелонда шуда, роҳи даромадро дастрас кунад.

Вақте ки қабр пӯшида буд, санги даҳани он дар чуқурчаи пеши даромадгоҳ қарор мегирифт. Ба ҳамин сурат, ғелонданаш на он қадар осон буд.

> *Исо гуфт: "Сангро бардоред".*
>
> *Марто, хоҳари мурда, ба Ӯ гуфт: "Хоҷаам! Акнун бадбӯй шудааст; зеро чор рӯз гузаштааст".*
>
> *Исо ба вай гуфт: "Оё ба ту нагуфтам, ки агар имон оварӣ, ҷалоли Худоро мебинӣ?" Пас сангро аз он ҷое ки мурда гузошта шуда буд, бардоштанд.*
>
> *Исо чашмони Худро сӯи осмон боло карда, гуфт: "Эй Падар! Туро шукр мегӯям, ки сухани Маро шунидӣ. Ва Ман медонистам, ки ҳамеша сухани Маро мешунавӣ; лекин барои мардуме ки дар ин ҷо истодаанд, гуфтам, то бовар кунанд, ки Ту Маро фиристодаӣ".*
>
> *Чун инро гуфт, бо овози баланд нидо кард: "Эй Элъозор, берун ой!" Ва мурда, ки дастҳо ва пойҳояш ба кафан печида ва рӯяш бо рӯймоле пӯшида буд, берун омад. Исо ба онҳо гуфт:*
>
> *"Вайро воз кунед ва монед, ки равад".* **Юҳанно 11:39-44**

Хуб буд, ки Исо "Элъозор" гуфт. Агар Ӯ фақат "Баро!" мегуфт, тамоми дафншудагони ин қабр аз он мебаромаданд. Элъозор ба ҳаёт баргардонда шуд! Дӯстонаш бояд аввал кафанашро, ки ӯро мепечид, мекушоданд, то ки Элъозор ба гаштан сар кунад. Бе ягон шубҳа, Исо муъҷизаи олидараҷае кард!

> *Бисёре аз яҳудиён, ки бо Марям омада буданд, чун кори Исоро диданд, ба Ӯ имон оварданд. Лекин баъзе аз онҳо назди фарисиён рафта, он чи Исо карда буд, ба онҳо гуфтанд. Сардорони коҳинон ва фарисиён дар шӯро ҷамъ омаданд ва гуфтанд: "Чӣ бояд кард? Ин Шахс муъҷизаҳои зиёде нишон медиҳад. Агар Ӯро чунин вогузорем, ҳама ба Ӯ имон меоваранд, ва румиён омада, кишвар ва халқи моро мегиранд".*
>
> *Аз ҳамон рӯз маслиҳат карданд, ки Ӯро кушанд.*
>
> **Юҳанно 11:45-48,53**

**Ин одам кист?**

Исо Кӣ буданашро возеҳ нишон дод. Рӯзе шогирдон дар баҳр гирифтори тӯфон шуданд. Исо дар киштӣ буд, аммо Ӯ сахт хобида буд. Баъд аз он ки Ӯро бедор карданд ва хатареро, ки ба он дучор шуда буданд, барояш фаҳмонданд. Исо:

> *...бархеста, ба бодҳо ва кӯл фармон дод, ва оромии комил фаро расид. Ва одамон ҳайрон шуда, мегуфтанд: "Ин кист, ки бодҳо ва кӯл низ ба Ӯ итоат мекунанд?"* **Матто 8:26б,27**

Чунон ки Худо ҳангоми офариниши Замин бо сухани одӣ фармуд, то обҳо пайдо шаванд, ҳамон тавр низ Исо тавонист ба обҳо фармояд, ки хомӯш шаванд. Ва ҳамон тавре ки Худо дар ибтидо тавонист бо сухани Худ зиндагиро ба вуҷуд оварад, ҳамчунин Исо тавонист бо фармони Худ касро ба зиндагӣ баргардонад. Ӯ гуфт:

> *Ман растохез ва ҳаёт ҳастам.* **Юҳанно 11:25а**

Баъзе касон ба Исо бовар карданд. Дигарон ба дасисабофӣ пардохтанд, то Ӯро ба қатл расонанд. Ҳатто зинда кардани шахси мурда натавонист саркоҳинон ва фарисиёнро бовар кунонад. Онҳо чизҳои барояшон бениҳоят зиёд: қудрати худ ва ғурури худро аз даст медоданд. Ба ҳамин тариқ онҳо ба шайтон монанд мешуданд!

# 5. Дӯзах

Дар тӯли се сол Исо ҳама касонеро, ки Ӯро шунидан мехостанд, таълим медод. Бо назардошти воқеаҳои рӯйдода ин муддати хеле кӯтоҳе буд. Таълими Исо баъзан дилро гарм мекард ва баъзан ба ҷавобгарӣ мекашид. Ӯ доим масалҳо ё воқеаҳои ҳақиқатан рӯйдодаро ба кор мебурд. Дар як маврид Исо ҳодисаи ҳақиқатан рӯйдодаро нақл кард:

> *Шахси сарватманде буд, ки либосҳои арғувон ва катон дар тан мекард, ва ҳар рӯзро бо ҳашамат ва бо хушӣ мегузаронд. Ва Элъозор ном бенавое буд, ки назди дарвозаи ӯ мехобид, ва танаш пур аз захм буд; ва орзу дошт аз резаҳое ки аз дастархони он сарватманд меафтоданд, шиками худро сер кунад; ва сагон омада, захмҳои ӯро мелесиданд.*
>
> **Луқо 16:19-21**

## Марги марди бечора

> *Ҳангоме ки он бенаво мурд, фариштаҳо ӯро ба паҳлӯи Иброҳим бурданд.* **Луқо 16:22а**

Дар ин ҳикоя, "паҳлӯи Иброҳим" ба маънои осмон аст, ки баъзан биҳишт номида мешавад. Ин Элъозор **на** он Элъозор аст, ки Исо ӯро зинда карда буд. Ин Элъозор баъд аз марг ба биҳишт рафт, аммо на аз боиси бечора буданаш, балки аз сабаби он ки ба Худо имон дошт.

## Марги марди сарватманд

> *Он сарватдор низ мурд, ва ӯро гӯронданд; ва дар дунёи мурдагон ӯ, дар ҳолате ки азоб мекашид, чашм андохта, аз дур Иброҳимро бо Элъозор, ки дар паҳлуяш буд, дид. Ва фарёд зада, гуфт: "Эй падарам Иброҳим! Ба ман марҳамат кун ва Элъозорро фирист, то ки нӯги ангушташро ба об тар карда, забони маро салқин гардонад, зеро ман дар аланга азоб мекашам".* **Луқо 16:22б-24**

Сарватманд ба дӯзах рафт, аммо на аз боиси сарватманд буданаш, балки аз он сабаб ки ба Каломи Худо аҳамият намедод, ва ҳангоми дар рӯи замин буданаш фақат барои худ зиндагӣ мекард. Ӯ аз Иброҳим дархост кард, то ба ёрияш биёяд.

> *Лекин Иброҳим гуфт: "Эй фарзандам! Ба хотир овар, ки дар зиндагиат чизҳои хуб насиби ту ва чизҳои бад насиби Элъозор шуда буд; акнун вай дар ин ҷо тасаллӣ меёбад, ва ту азоб мекашӣ. Илова бар ҳамаи ин, дар миёни мо ва шумо ҷарии бузурге ҳаст, ба тавре ки онҳое ки аз ин ҷо назди шумо гузаштан мехоҳанд, наметавонанд, ҳамчунин аз он ҷо назди мо намегузаранд".* **Луқо 16:25,26**

## Бебозгашт

Каломи Худо равшан таълим медиҳад, ки ба мо фақат замоне ки ин ҷо дар рӯи заминем, тавба ва бозгашт кардан – тағйир додани фикрҳо – мумкин аст. Баъд аз марг фурсати дуввум барои халос шудан аз дӯзах ва расидан ба осмон вуҷуд надорад. Касоне ки бо Худо оштӣ накарда мемиранд, то абад аз Ӯ ҷудо мебошанд. Дар ҳеҷ ҷои Навиштаҳо наомадааст, ки барои касоне ки дохили дӯзах шуданд, аз он ҷои азоб раҳо шудан мумкин аст. Ҳатто вақте ки марди сарватманд барои раҳм фарёд мезад – дар бораи як навъ сабукӣ барои азоби худ зорӣ мекард –

ӯ марҳамат наёфт. Марҳамат фақат дар ин зиндагӣ ба мо ато шудааст. Марди сарватманд суханашро идома дод:

> *Ва ӯ гуфт: "Пас, эй падар, аз ту илтимос мекунам, ки вайро ба хонаи падари ман фиристӣ, зеро ман панҷ бародар дорам. Бигзор онҳоро огоҳ кунад, ки онҳо низ ба ин макони азоб наоянд".* **Луқо 16:27,28**

Ҳатто дар ҳолати чунин азобҳои даҳшатнок ин мард зиндагии заминияшро ба ёд оварда метавонист. Ӯ медонист, ки панҷ бародараш бо Худо оштӣ накардаанд, ва мехост касе ба онҳо дар ин бора хабар расонад.

> *Иброҳим ба ӯ гуфт: "Онҳо Мусо ва пайғамбарон доранд; ба суханонашон гӯш кунанд". Аммо ӯ гуфт: "Не, падарам Иброҳим! Лекин агар яке аз мурдагон назди онҳо равад, тавба мекунанд". Ба ӯ гуфт: "Агар ба Мусо ва пайғамбарон гӯш намедода бошанд, яке аз мурдагон бархезад ҳам, имон намеоранд".* **Луқо 16:29-31**

Пеш аз ин мо ҳикояи дигар Элъозорро дида баромадем, ки Исо ӯро аз мурдагон зинда карда буд; бо вуҷуди ин намоиши бузурги қувват, мардуми бисёр нахостанд Исоро ҳамчун Наҷоткор ва Шоҳи худ қабул кунанд. Онҳо бештар барои куштани Ӯ маслиҳат як мекарданд. Навишта таълим медиҳад, ки агар одамон ба паёми наҷот, ки пайғамбарони Худо расондаанд, бовар кардан нахоҳанд, ҳатто агар:

> *... яке аз мурдагон бархезад ҳам, имон намеоранд.*
>
> *Луқо 16:31*

Ин шарҳи дӯзах қариб мувофиқи шарҳи кӯли оташ[1] аст. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки онҳое ки дар дӯзаханд, аллакай гирифтори ҷазои абадианд.

## 6. Пешвози ботантана ва таслим шудани Исо

*Чун наздики Уршалим, ба Байт-Фоҷӣ ва Байт-Анё, назди кӯҳи Зайтун расиданд, Ӯ ду шогирди Худро фиристода, ба онҳо гуфт: "Ба ин деҳа, ки рӯ ба рӯи шумост, равед; чун даромадед, харкурраеро*



*баста меёбед, ки ҳанӯз касе бар он савор нашудааст; онро воз карда, ин ҷо биёред".* **Марқус 11:1,2**

*Ва курраро назди Исо оварда, ҷомаҳои худро бар он партофтанд, ва ба он савор шуд. Бисёр касон ҷомаҳои худро бар роҳ густурданд, ва дигарон шохаҳои дарахтонро бурида, бар роҳ густурданд. Ва онҳое ки аз пеш ва аз пас равона буданд, фарёд мекарданд: "Ҳӯшионо! Муборак аст он ки ба номи Худованд меояд! Муборак аст Подшоҳии падари мо Довуд, ки ба номи Худованд меояд! Ҳӯшионо дар арши аъло!"* **Марқус 11:7-10**

Маънои калимаи ҳӯшионо "акнун наҷот деҳ" аст. Тӯдаи мардум воридшавии Исоро ҳамчун навъи намоиши румӣ, ки одатан барои тантанавор пешвоз гирифтани ғолибе истифода мешуд, тантанавор ҷашн мегирифтанд. Мардум барояш каф мезаданд ва ситоиш менамуданд, бо умеде ки Исо румиёни ситамгарро меронад.

Надониста, халқ пешгӯии қадими 500-соларо ба ҷо меоварданд. Закарёи пайғамбар менавишт, ки Исоро чунин пешвоз хоҳанд гирифт:

*Хеле ба ваҷд ой, эй духтари Сион! Нидоҳои шодӣ бидеҳ, эй духтари Уршалим! Инак, Подшоҳи ту назди ту меояд, ки росткор ва соҳиби наҷот ва нармдил аст, ва бар харе, бар курраи бачаи модахар савор аст.* **Закарё 9:9**

Ин ягона дафъаест, ки Исо чунин як пешвози боҳашаматеро қабул кард. Ӯ далеле барои он дошт. Исо мехост онҳоеро, ки ҷӯёи қатлаш буданд, ба амал водор намояд. Ӯ мехост, ки онҳо акнун дер намонда амал кунанд.

*То иди Песаҳ ва Фатир ду рӯз монда буд; сардорони коҳинон ва китобдонон роҳе меҷустанд, ки чӣ гуна бо ҳила Ӯро дастгир карда, кушанд; лекин мегуфтанд: "На дар ид, мабодо мардум ба шӯр оянд".* **Марқус 14:1,2**

Мувофиқи ақидаи анбӯҳи мардум, лаҳзаи он расида буд, ки Исо Худро Подшоҳи воқеии Исроил эълон кунад. Аммо барои сардорони динӣ, ки дар ҷустуҷӯи қатли Ӯ буданд, вазъият душвор мегардид. Агар онҳо аз Исо халос шудан мехостанд, ин фурсате буд барои гузаштан ба амал. Ҳамзамон онҳо аз аксуламали мардум метарсиданд; зеро бо тамоми эҳтимол, Исо хеле машҳур шуда буд.

Шаҳр пур аз мардумоне буд, ки барои иди Песаҳ омада буданд.

Миқдори зиёди одамон аз пушти Исо мепоиданд, бо умеде ки ҳоло Ӯ ба пеш кардани румиён сар хоҳад кард. Аммо бо гузаштани вақт, ва дар ҳоле ки эълони қонунии подшоҳияш рӯй намедод, шӯҳрати Исо зуд фаромӯш шуд.

## Хӯроки иди Песаҳ

Исо аз ду шогирди Худ дархост намуд, то ҳуҷраеро барои хӯрдани хӯроки Песаҳ омода кунанд.

> *Бегоҳи рӯз Ӯ бо он дувоздаҳ омад. Ва ҳангоме ки нишаста хӯрок мехӯрданд, Исо гуфт: "Ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки яке аз шумо, ки бо Ман хӯрок мехӯрад, Маро таслим мекунад". Онҳо ғамгин шуда, паси ҳамдигар ба Ӯ гуфтанд: "Оё ин манам?" Ва дигаре: "Оё ин манам?" Лекин Ӯ дар ҷавоби онҳо гуфт: "Яке аз дувоздаҳ, ки бо Ман даст ба табақ меандозад".*
>
> **Марқус 14:17-20**

Дар лаҳзаи интихоб кардани шогирдон, се сол пеш, Исо аллакай медонист, ки яке дар байни онҳо хиёнаткор буд.

Ҳазор сол пеш, Довуди пайғамбар, бо ишора бар ин хиёнат суханони зеринро ба Наҷотдиҳанда нисбат додааст:



> *Ҳатто касе ки бо ман дӯст буд, ва аз ӯ дилпур будам, ва ӯ нони маро мехӯрд, пошнаи худро бар ман баланд кардааст.* **Забур 40:10**

## Хиёнат

Хоин Яҳудои Исқарют буд. Бо вуҷуди хазинадори гурӯҳ буданаш, ӯ дузд низ буд. Эҳтимол, ӯ иззати нафси худро ба ҷо оварда, кисаҳояшро пур мекард, бе ин ки шогирдони дигар аз ин бохабар шаванд. Аммо Исо инро медонист, ва маълум аст, ки шайтон ҳам аз ин бохабар буд. Шайтон дар атрофиёни Исо нуқтаҳои сустеро меҷуст ва барои абадан нобуд кардани Наҷотдиҳандаи Ваъдашуда лаҳза ва ҷои мувофиқеро интизор буд. Акнун ӯ фурсати муносиберо зери назар кард. Яҳудо хуб мувофиқ шуда буд. Дар лаҳзаи тақсим кардани нон, шайтон амал кард ва ба даруни Яҳудо ворид шуд.

> *Он гоҳ Исо ба вай гуфт: "Он чи мекунӣ, ба зудӣ кун". Лекин аз нишастагон ҳеҷ кас нафаҳмид, ки чаро ба вай чунин гуфт.*
>
> **Юҳанно 13:27б,28**

*Пас вай рафта, бо сардорони коҳинон ва сардорони навкарон гуфтугӯ кард, ки чӣ гуна Ӯро ба онҳо таслим кунад. Онҳо шод гаштанд ва ба вай пул доданӣ шуданд.* **Луқо 22:4,5**

## Нони порагардида ва косаи шарбати ангур

Ҳодиса бо Яҳудо дар сари дастархон рӯй дода буд. Ҳангоме ки хоин берун рафт, то нақшаи иблисонаи худро ба амал оварад, Исо хӯрдани таомро давом дод. Ин таоми шом дорои аҳамияти бузург аст:

*Ва ҳангоме ки хӯрок мехӯрданд, Исо нонро гирифта, баракат дод ва пора карда, ба онҳо доду гуфт: "Гиред, хӯред, ин бадани Ман аст".* **Маркус 14:22**

Маълум аст, ки онҳо на ҷисми Исоро мехӯрданд, вале Исо гуфт, ки нони порагардида бадани Ӯро ифода мекунад. Шогирдон бояд ба худ савол медоданд. Оё Исо бар баёноти пештараи Худ ишора мекард, вақте мегуфт, ки Ӯ нони ҳаёт аст?

*Ва косаро гирифта, шукргузорӣ намуд ва ба онҳо дод; ва ҳама аз он нӯшиданд. Ва ба онҳо гуфт: "Ин аст хуни Ман аз аҳди нав, ки барои бисёр касон рехта мешавад".* **Маркус 14:23,24**

Боз ҳам тарзи баёни рамзӣ: хуни Исо ба қарибӣ барои бисёр касон рехта мешуд. Мо дертар аҳамияти ин ибораро дида мебароем.

*Ва суруд* хонда, ба сӯи кӯҳи Зайтун равона шуданд.* **Маркус 14:26**

* суруди ситоиши Худо

❸ **Шаби панҷшанбе:**

Исо бо шогирдонаш таоми Песаҳро бо ҳам хӯрданд. Баъд аз сароидани суруди ситоиши Худо онҳо ба сӯи боғи Ҷатсимонӣ рафтанд, ки дар доманаи кӯҳи Зайтун воқеъ буд.

❷ **Аз душанбе то чоршанбе:**

Исо бо шогирдонаш дар Уршалим, Байт-Анё ва давру пеши он буд.




❶ **Якшанбе:**

Исо бар куррае савор шуда вориди Уршалим шуд. Анбӯҳи мардум Ӯро бо нидоҳои: "Ҳӯшионо!" пешвоз гирифтанд.

# Боби сездаҳум

1. Боғи Ҷатсимонӣ

2. “Ҷои косахонаи сар”

3. Қабри холӣ

# 1. Боғи Ҷатсимонӣ

*Ба маконе омаданд, ки Ҷатсимонӣ ном дошт; ва Ӯ ба шогирдонаш гуфт: “Дар ин ҷо шинед, то Ман дуо гӯям”. Ва Петрус, Яъқуб ва Юҳанноро бо Худ бурд; ва парешону дилтанг шуд. Ва ба онҳо гуфт: “Ҷони Ман аз шиддати ғам наздик ба марг аст; дар ин ҷо монед ва бедор бошед”. Ва каме пештар рафта, рӯ ба замин афтод ва дуо гуфт, ки агар мумкин бошад, он соат аз Ӯ гузарад; ва гуфт: “Аббо*, Падар! Ҳама чиз ба Ту мумкин аст; ин косаро аз Ман гузарон; лекин на хости Ман, балки хости Ту шавад”.* **Маркус 14:32-36**

* истилоҳе ки маъноям **падар** аст, ва ҳангоми муроҷиати эҳтиромона ба падар истифода мешавад.

Исо бо суханоне ки аз муносибатҳои наздик байни падар ва писар дарак медод, фарёд зад: “Аббо (Падар), хоҳиш мекунам, роҳи дигаре пайдо кун”; сипас, Ӯ бо дуои зерин иродаи инсонияшро мутеи иродаи Падари осмонии Худ кард: “Бигзор хости ту иҷро шавад”.

*Ва дарҳол, ҳанӯз ки Ӯ сухан мегуфт, Яҳудо, ки яке аз он дувоздаҳ буд, ва бо вай мардуми бисёре аз ҷониби сардорони коҳинон, китобдонон ва пирон бо шамшеру калтакҳо омаданд. Таслимкунандаи Ӯ ишорае ба онҳо дода, гуфта буд: “Ҳар киро бӯсам, Ӯ ҳамон аст; Ӯро дастгир кунед ва зери назорати сахт баред”.* **Маркус 14:43,44**

*Исо, ки огоҳ буд аз он чи бояд ба Ӯ рӯй диҳад, берун омада, ба онҳо гуфт: “Киро ҷустуҷӯ мекунед?”*

*Ба Ӯ ҷавоб доданд: “Исои Носириро”.* **Юҳанно 18:4,5а**

## Ҷавоби Исо

*Исо ба онҳо гуфт: “**Ман ҳастам**”. Яҳудои таслимкунандаи Ӯ низ бо онҳо истода буд.* **Юҳанно 18:5б**

Исо қатъиян ҷавоб дод: *“МАН ҲАСТАМ”*. Чунон ки мо аллакай онро дида будем, *МАН ҲАСТАМ* номи Худо буда, маъноям *“Он ки бо қудрати Худ зинда аст”* мебошад. Ин номи Худо буд, ва ин тавр на ягон шахси ғайр, балки Худи Худо номида мешуд. Таъсири ин суханон назарнамо буд:

*Чун Исо ба онҳо гуфт: “Ман ҳастам”, – онҳо пас рафта, ба замин афтоданд.* **Юҳанно 18:6**

Онҳо на фақат бар замин афтоданд, балки аввал ақиб гашта буданд. Ин ҷилои кӯтоҳи ҷалоли Исо онҳоро ақиб ронда, аз пой ғалтонд. Исо ба онҳо якчанд лаҳзае барои ба ҳол омадан гузошта:

*Боз аз онҳо пурсид: "Киро ҷустуҷӯ мекунед?"*

*Гуфтанд: "Исои Носириро".* **Юҳанно 18:7**

Ин суханон беҷуръатӣ ва ҳаросеро, ки дастгиркунандагони Исо ҳис мекарданд, тасвир менамоянд, зеро Ӯ онҳоро бо як сухан бар замин афтонд. Ин дастгиркунӣ тамоман на он тавре ки пешбинӣ шуда буд, ба амал меомад. Ин тӯдаи мардум ҳанӯз пештар ба ҳарос афтода буданд, ҳангоме Исо маълум кард, ки аз аломати хиёнаткоронаи Яҳудо бохабар аст:

*Ва Исо ба вай гуфт: "Эй Яҳудо! Оё Писари Одамро бо бӯса таслим мекунӣ?"* **Луқо 22:48**

*Ва чун омад, дарҳол ба Ӯ наздик шуда, гуфт: "Эй Устод! Эй Устод!" Ва Ӯро бӯсид.* **Маркус 14:45**

Аксуламали шогирдони дигар ногаҳонӣ буд. Шимъӯни Петрус силоҳ ба даст буд:

*Ва ногоҳ яке аз ҳамроҳони Исо даст ба шамшер бурда, онро аз ғилоф кашид ва ба ғуломи саркоҳин зада, гӯши вайро бурид.* **Матто 26:51**

*Исо дар ҷавоб гуфт: "Бас кунед". Ва ба гӯши вай даст расонда, шифо дод.* **Луқо 22:51**

Дар бораи дилсӯзии Исо чӣ бояд гуфт? Ҳатто дар ин вазъияти шиддатнок Исо дар фикри дигарон буд; Ӯ хизматгори саркоҳинро шифо дод. Амали Петрус бошад дурандешона набуд. Ин як ғайрати бефикронае буд. Бо вуҷуди ин, чунин амали ӯ далерона буд, зеро миқдори шогирдон аз дастгиркунандагон хеле кам буд ва ӯ кӯшиш ба харҷ дод, то ягон коре бикунад! Дар айни замон Петрус аз шамшер дида, бо тӯри моҳигирӣ моҳиртар буд!

## Боз саволҳо

Он гоҳ Исо ба дастгиркунандагони Худ саволи мушкиле медиҳад:

*...Дар ҳамон соат Исо ба мардум гуфт: "Гӯё бар зидди роҳзане бо шамшеру калтакҳо берун омадаед, то Маро дастгир кунед. Ҳар рӯз Ман назди шумо дар ибодатгоҳ нишаста,*

> *таълим медодам, ва шумо Маро дастгир накардед. Лекин ин ҳама шуд, то ки навиштаҳои пайғамбарон ба амал оянд". Он гоҳ ҳамаи шогирдон Ӯро вогузошта, гурехтанд.* **Матто 26:55,56**

Саволҳои Худо ҳамеша фикрҳои ниҳонии шахсро ошкор мекунанд. Агар тӯдаи мардум каме дар бораи ин фикр мекарданд, онҳо хандаовар будани ҳолати худро дар рӯ ба рӯи Исо пай мебурданд. Аммо азбаски онҳо фақат як фикр – бартараф кардани Масеҳро дар сар доштанд, ҳатто ин намоиши нави қудрати мӯъҷизаноки Исо онҳоро аз ин кор бознамедошт. Ҳатто суханони Исо дар бораи ба амал омадани пешгӯиҳои азими пайғамбарон оиди онҳо наметавонистанд онҳоро аз иҷрои нияти қотилона боздоранд.

Аз тарс барои ҳаёти худ, шогирдон гурехтанд:

> *Он гоҳ ҳама Ӯро вогузошта, гурехтанд. Он гоҳ дастаи сарбозон бо мириҳазори худ ва нигаҳбонони яҳудӣ Исоро дастгир карда, бастанд.* **Марқус 14:50; Юҳанно 18:12**

Вақте дар ин бора фикр мекунем, вазъият каме бемаънӣ ба назар мерасад. Исо танҳо буд, ва барои дастгир кардани Ӯ як қисми ҳарбии иборат аз сесад то шашсад нафар фиристода шуда буд. Илова ба ин, дар он ҷо сардорони яҳудӣ, коҳинон ва ходимон низ буданд. Ин бештар аз миқдори даркорӣ буд. Ҳоҷати пурсидан мебуд, ки оё онҳо дар умқи дил худро аз қудрат маҳрум ҳис намекарданд? Онҳо Исоро дастгир карда, Ӯро бастанд. Шайтон, эҳтимол, тантана мекард.

## Ба ҳузури шӯро

> *Ва Исоро назди саркоҳин оварданд; ва ҳамаи сардорони коҳинон ва пирон ва китобдонон назди вай гирд омаданд.* **Марқус 14:53**

Дар замони одӣ шӯрои пирон ҳаргиз шабона доир намешуд. Воқеияте ки шӯрои иборат аз ҳафтоду як нафар мардон – тавонист чунон зуд ҷамъ карда шавад, ба мо ишора мекунад, ки дар ин ҷо гап дар бораи суиқасд аст. Пешакӣ як шудани ин одамон барои ҷамъ шудан дар шаб аллакай дар ин бора мегӯяд. Он коре ки инҳо мекарданд, аз тарафи қонунҳои худашон манъ шуда буд. Ҳатто касоне ки бо тартиботи адлияи ин давра шинос нестанд, дар муҳокимаи Исо қонуншиканиҳои бисёреро мушоҳида мекунанд. Қоидаҳо муҳим набуданд. Онҳо хоҳони марги Исо буданд:

> *Сардорони коҳинон ва тамоми шӯро дар ҷустуҷӯи гувоҳие*

*бар зидди Исо буданд, то Ӯро кушанд, лекин наёфтанд. Зеро бисёр касон бар зидди Ӯ гувоҳии бардурӯғ доданд, лекин ин гувоҳиҳо ба якдигар мувофиқ набуданд.*

*Ва баъзе касон бархеста, бар зидди Ӯ гувоҳии бардурӯғ дода, гуфтанд: "Мо шунидем, ки Ӯ мегуфт: «Ман ин ибодатхонаи бо дасти одам сохташударо вайрон мекунам ва дар се рӯз дигареро бино мекунам, ки бо дасти одам сохта нашуда бошад»". Лекин чунин гувоҳии онҳо низ мувофиқ набуд.*

*Пас саркоҳин бархест ва дар миёна истода, аз Исо пурсид: "Ҳеҷ ҷавоб намедиҳӣ? Ин чист, ки инҳо бар зидди Ту гувоҳӣ медиҳанд?" Аммо Ӯ хомӯш монд ва ҳеҷ ҷавоб надод. Боз саркоҳин аз Ӯ пурсида, гуфт: "Оё Ту Масеҳ, Писари Худои Муборак ҳастӣ?"* **Марқус 14:55-61**

Савол равшан буд: "Оё Туӣ Масеҳ аз осмон, ки ваъда дода шуда буд, ё не?"

*Исо гуфт: "Ман ҳастам; ва шумо рӯзе Писари Одамро мебинед, ки аз дасти рости Қудрат нишаста, бо абрҳои осмон меояд". Он гоҳ саркоҳин ҷомаи худро даронда, гуфт: "Дигар ба гувоҳон чӣ эҳтиёҷ дорем? Шумо куфрро шунидед; чӣ мулоҳиза доред?" Пас ҳама Ӯро айбдор карда, сазовори марг донистанд.* **Марқус 14:62-64**

Саркоҳин Қаёфо маънои ҷавоби Исоро хуб медонист. Исо ба Худои Тавоно баробар буданашро эълон кард. Ҳар чи ба табиати Худо таҳдид мекард, куфр ба шумор мерафт; пас худро Писари Худо номидани як одами одӣ таҳқире буд. Аммо Исо як одами одӣ набуд – Ӯ Каломи азалии Худо ... Наҷотдиҳандаи Ваъдашуда буд, ки тамоми пайғамбарон дар борааш навишта буданд! Ҳамзамон, азбаски Қаёфо ва сардорони дигари яҳудӣ ба ин бовар намекарданд, онҳо Ӯро ба марг маҳкум карданд. Аммо онҳо як мушкилие барои ҳал кардан доштанд: шӯрои пирон ҳуқуқи қатл кардани касро надошт; фақат румиён дорои чунин қудрат буданд.

# 2. "Ҷои косахонаи сар"

Азбаски шабона маҷлис кардани шӯро ғайриқонунӣ буд, роҳбарон ва пирони яҳудӣ бо баромадани офтоб бори дигар ҷамъ гардиданд, то ба мурофиа шакли қонунӣ дода шавад. Исо бояд хаста мешуд. Ӯ шаб хоб нарафт, ва яҳудиён бо мақсади тарсондан Ӯро сахт заданд.

*Ва тамоми аҳли маҷлис бархоста, Ӯро назди Пилотус бурданд.* **Луқо 23:1**

## Понтиюс Пилотус

Понтиюс Пилотус, ҳокими Яҳудо, дорои тамоми қудрати империявии Рум буд. Одатан яҳудиён ҳуқуқи баровардани ҳукми қатлро надоштанд. Онҳо ба тасдиқномаи Рум эҳтиёҷ доштанд. Сардорони динӣ назди Пилотус рафтанд. Онҳо медонистанд, ки ҳоким одами сустирода буд, ва бо каме кӯшиш ӯро ба фикри худ моил кардан мумкин аст.

*Ва ба айбдор кардани Ӯ сар карда, гуфтанд: “Мо ёфтем, ки Ӯ халқро гумроҳ мекунад, ба шоҳаншоҳ андоз додан намемонад ва мегӯяд, ки Ӯ Масеҳ, подшоҳ аст”.* **Луқо 23:2**

Исо ҳаргиз ба шогирдони Худ монеъ нашуда буд, то андозҳоро супоранд. Баръакс, Ӯ ба онҳо иҷрои ин корро маслиҳат медод. Ин айбдоркуниҳо тамоман бардурӯғ буданд, аммо ин ҳеҷ аҳамияте надошт. Боз як қонуншикании дигар. Ба ҳар ҳол ҳақиқат дар он буд, ки Исо Худро Масеҳ эълон мекард!



*Пилотус аз Ӯ пурсид: “Оё Ту Подшоҳи Яҳудиён ҳастӣ?”*

**Луқо 23:3а**

*Исо ҷавоб дод: “Подшоҳии Ман аз ин ҷаҳон нест; агар Подшоҳии Ман аз ин ҷаҳон мебуд, навкарони Ман меҷангиданд, то Ман ба яҳудиён таслим карда нашавам; лекин ҳоло Подшоҳии Ман аз ин ҷо нест”.* **Юҳанно 18:36**

Исо мехост, ки дар дилҳои одамон ҳукмронӣ кунад. Ӯ ниятҳои сиёсӣ надошт.

*Пилотус ба Ӯ гуфт: “Пас, Ту подшоҳ ҳастӣ?” Исо ҷавоб дод: “Ту худ мегӯӣ, ки Ман подшоҳ ҳастам. Ман барои он таваллуд ёфтаам ва барои он ба ҷаҳон омадаам, ки бар ростӣ шаҳодат диҳам; ва ҳар кӣ аз ростист, овози Маро мешунавад”. Пилотус ба Ӯ гуфт: “Ростӣ чист?”* **Юҳанно 18:37,38а**

Мардум имрӯзҳо ҳамон саволро мегузоранд. Аммо Пилотус табъи шунидан надошт; ӯ ҳатто мунтазири ҷавоб нашуд:

*Чун инро гуфт, боз назди яҳудиён баромад ва ба онҳо гуфт: “Ман дар Ӯ ҳеҷ айбе намеёбам...”* **Юҳанно 18:38б**

Пилотус ба коҳинон бовар намекард. Ӯ ҳукмфармои румӣ буд ва мефаҳмид, ки яҳудиён чӣ қадар аз ӯ нафрат доштанд. Ӯ сахт шубҳа мекард, ки инҳо воқеан дар дил тарафдори қайсар бошанд. Шӯрои пирон, албатта, барои талаб кардани марги Исо сабабҳои дигар дошт.

*Пилотус ба сардорони коҳинон ва ба мардум гуфт: “Дар ин Шахс ҳеҷ айбе намеёбам”. Лекин онҳо дар гапи худ истода, мегуфтанд, ки Ӯ мардумро ба шӯр меоварад ва дар тамоми Яҳудия, аз Ҷалил сар карда то ин ҷо, таълим медиҳад. Ҳангоме ки Пилотус номи Ҷалилро шунид, пурсид: “Магар Ӯ ҷалилӣ аст?” Ва чун донист, ки Ӯ аз вилояти Ҳиродус аст, Ӯро назди Ҳиродус равона кард, ки вай низ дар он рӯзҳо дар Уршалим буд.* **Луқо 23:4-7**

Пилотус албатта ҳаққи иштирок дар мурофиаи Исоро дошт, аммо вазъият нозук мегардид. Исоро дар шӯронидани мардум айбдор мекарданд. Агар Исо сабабгори исёни воқеӣ мешуд, чӣ тавр Пилотус инро ба баландмақомони Рум мефаҳмонд? Барояш осонтар мебуд, ки аз ин даст шуста, ҳамаро ба дасти Ҳиродус супорад. Ба ҳар сурат, Ҳиродус ва ӯ дӯст ҳам набуданд.

## Ҳиродус Антипос

Ҳиродус Антипос, писари Ҳиродуси Бузург, лӯхтаки румӣ буд. Ӯ бар Ҷалил, вилояти зодгоҳи Исо, қудрати ҳуқуқӣ дошт. Ҳиродус ба ҷашни иди Песаҳ ба Уршалим омада буд.

> *Ҳиродус Исоро дида, хеле хурсанд шуд, зеро кайҳо боз Ӯро дидан мехост, чунки дар бораи Ӯ бисёр шунида буд ва орзу дошт, ки аз Ӯ муъҷизае бинад. Ва ба Ӯ саволҳои бисёре дод; аммо Ӯ ба вай ҳеҷ ҷавоб надод.* **Луқо 23:8,9**

## Хомӯшӣ

Исо медонист, ки Ҳиродус ба ҳеҷ ваҷҳ хоҳони аниқ кардани ҳақиқат набуд. Вай барои хушгузаронии вақти худ муъҷизаҳо меҷуст, ва ба шахсияти Исо беҳурматӣ зоҳир менамуд. Ва Исо ба хоҳиши вай розӣ нашуд. Ӯ бештар хомӯш монд.

> *Сардорони коҳинон ва китобдонон истода, бо ҷидду ҷаҳд Ӯро айбдор мекарданд. Ва Ҳиродус бо сарбозони худ Ӯро таҳқир ва масхара карда ва либоси дурахшоне бар Ӯ пӯшонда, назди Пилотус гардонда фиристод. Дар ҳамон рӯз Пилотус ва Ҳиродус бо ҳамдигар дӯст шуданд, зеро пештар ба якдигар душманӣ доштанд.* **Луқо 23:10-12**

## Ӯро ба салиб каш!

Баъд аз дастгир шудан Исо дар се мурофиаи маҳкамаи яҳудӣ ва ду мурофиаи маҳкамаи румӣ ҳозир шуд. Ин мурофиаи шашум, охиринаш буд. Хабари дастгир шуданаш акнун дар тамоми шаҳр паҳн шуд. Акнун саркоҳин ва шӯрои пирон дар айбдор кардани Исо танҳо набуданд. Ба онҳо шумораи зиёди шаҳрвандон пайвастанд. Ин издиҳоми бевафо, ки чанд рӯз пеш фарёди "Ҳӯшионо!" мебароварданд, акнун бо ҷӯшу хурӯш дод зада мегуфтанд: "Ӯро ба салиб каш!" Пилотус дар вазъияти душвор қарор гирифт. Ба қадре ки Ӯ бештар бо Исо сарукор дошт, бештар боварӣ ҳосил мекард, ки Ӯ одами муқаррарӣ нест!

> *Пилотус сардорони коҳинон, сардорони дигар ва мардумро хонда, ба онҳо гуфт: "Ин Шахсро ҳамчун гумроҳкунандаи мардум пеши ман овардед; ва инак, ман дар пеши шумо тафтиш кардам ва дар ин Шахс аз он айбҳое ки шумо ба гардани Ӯ мегузоред, чизе наёфтам; ҳамчунин Ҳиродус наёфтааст, зеро ман шуморо назди вай фиристода будам,*

*ва дар Ӯ ҳеҷ гуноҳи сазовори марг ёфт нашудааст. Пас, Ӯро* ***қамчинкорӣ*** *карда,* ***озод*** *мекунам".* **Луқо 23:13-16**

На Ҳиродус ва на Пилотус дар Исо чизеро, ки шоистаи марг бошад, наёфтанд. Дар ҳақиқат, маълум мешавад, ки касе аз ӯҳдаи дар ягон ҷиноят ё хато айбдор кардани Исо намебаромад. Ҳамзамон, аз боиси сустиродагӣ, Пилотус як созишеро бо ду қадам пешниҳод кард:

**1. Ӯ Исоро ҷазо медиҳад:**

Ин лату кӯби одӣ набуд. Қамчине ки истифода мешуд, чӯбе буд бо тасмаҳои дарози чармин. Бар ҳар яке аз ин тасмаҳо порчаҳои устухон ва оҳан дар шакли шабпарак часпонда шуда буданд. Дасти маҳкумшударо бар сари хода болотар аз сараш мебастанд, тавре ки тахтапушташ комилан барои тозиёна кушода буд. Ҳангоме ки қамчин ба бадан мерасид, порчаҳои устухон ва оҳан ба пӯст чуқур медаромаданд. Ҳангоме ки қамчин бардошта мешуд, пӯст тамоман канда мешуд. Ин навъ лату кӯб чунон сахт буд, ки гоҳо маҳкумшудагон зери он ҷон медоданд.



Мувофиқи қонун, фақат ҷинояткори маҳкумшударо чунин ҷазо додан мумкин буд. Пилотус Исоро беайб эълон карда буд. Оё ӯ умед дошт, ки ҳангоми бо чунин ҷазои даҳшатнок Исоро ҷазо додан, айбдоркунандагонаш ором мешаванд ва пешниҳоди дигарашро қабул мекунанд?

**2. Ӯ Исоро озод мекунад:**

Румиён дар ин макон одате доштанд, ки ҳамчун изҳори иродаи нек, ба хотири иди Песаҳ, як ҷинояткори ба марг маҳкумшударо озод мекарданд. Пас Пилотус пешниҳод кард, ки Исо озод карда шавад – баъд аз тозиёна хӯрданаш.

*Аммо мардум саросар фарёд зада, гуфтанд: "Ӯро куш! Барои мо Бараббосро озод кун".*

*Боз Пилотус ба онҳо сухан ронд, чунки мехост Исоро озод кунад. Лекин онҳо фарёд зада, гуфтанд: "Ӯро ба салиб каш, ба салиб каш!" Бори сеюм вай ба онҳо гуфт: "Ӯ чӣ бадӣ кардааст? Ҳеҷ гуноҳи сазовори марг дар Ӯ наёфтам; пас, Ӯро қамчинкорӣ карда, озод мекунам".* **Луқо 23:18,20-22**

*Он гоҳ Пилотус Исоро гирифта, фармуд тозиёнааш зананд.* **Юҳанно 19:1**

Ҳафтсад сол пеш аз ин Ишаъёи пайғамбар навишта буд, ки Масеҳ бо ихтиёри Худ ба ин гуна азобҳо тоб меоварад:

*Ман тахтапуштамро ба зарбазанҳо, ва рухсорамро ба ришканҳо додаам; рӯямро аз хориҳо ва туфкуниҳо пинҳон накардаам.* **Ишаъё 50:6**

Аммо сарбозон бо ин тамом накарданд; онҳо қарор доданд, то бар Исо масхарабозӣ карда, каме дилхушӣ намоянд:

*Ва сарбозон тоҷе аз хор бофта, бар сараш гузоштанд, ва ҷомаи арғувон ба Ӯ пӯшонданд, ва гуфтанд: "Салом, эй Подшоҳи яҳудиён!" Ва Ӯро торсакӣ мезаданд.* **Юҳанно 19:2,3**

*Ва най бар сараш мезаданд ва бар Ӯ туф мекарданд ва, зону зада, ба Ӯ таъзим мекарданд.* **Маркус 15:19а**

Ин масхаракунӣ қисми ҳукмномаи Пилотусро ташкил намекард. Одатан ҷомаи арғувонро подшоҳон бар тан мекарданд. Тоҷи хор як тақлиди золим аз тоҷи шоҳона буд. Ин буд масхараи ба дараҷаи ниҳоят расида.

Ҳафтсад сол пеш аз ин Ишаъёи пайғамбар ҳамчунин навишта буд:

*Ӯ нафратзада буд ва радди мардум.... ва мо Ӯро писанд намекардем.* **Ишаъё 53:3**

*Боз Пилотус баромада, ба онҳо гуфт: "Инак, Ӯро пеши шумо мебарорам, то донед, ки ман дар Ӯ ҳеҷ айбе намеёбам". Ва Исо, тоҷи аз хор бофтае бар сар ва ҷомаи арғувон дар тан, берун омад. Ва Пилотус ба онҳо гуфт: "Инак он Одам!"* **Юҳанно 19:4,5**

Пилотус медонист, ки бар зидди адолат рафтор мекард, вақте иҷозат дод, то бо Исо чунин рафтор намоянд. Бешубҳа, ӯ умед дошт, ки бо намоиши ин марди маҷрӯҳу хуншор ва бо тоҷи хор бар сар раҳми мардумро меоварад.

> *Чун сардорони коҳинон ва нигаҳбонон Ӯро диданд, фарёд зада, гуфтанд: "Ӯро ба салиб каш, ба салиб каш!" Пилотус ба онҳо гуфт: "Шумо Ӯро гирифта, ба салиб кашед, чунки ман дар Ӯ айбе намеёбам".* **Юҳанно 19:6**

Пилотус хуб медонист, ки чунин кор барояшон номумкин аст. Шӯрои пирони яҳудиён қудрати ба қатл маҳкум кардани касро надошт.

## Писари Худо

> *Яҳудиён ба вай ҷавоб доданд: "Мо шариате дорем, ва мувофиқи шариати мо Ӯ бояд мурад, чунки* ***Худро Писари Худо кардааст"****.*
>
> *Чун Пилотус ин суханро шунид, зиёдтар тарсид. Ва боз ба қаср даромада, ба Исо гуфт: "Ту аз куҷоӣ?"* **Юҳанно 19:7-9а**



Ба Пилотус аллакай расонда буданд, ки Исо ҷалилӣ буд – барои ҳамин вай Ӯро назди Ҳиродус фиристод. Акнун ӯ аз Исо аз куҷо омаданашро боз мепурсид. Пилотус, бешубҳа, каме дар изтироб буд, зеро пеши Касе меистод, ки Худро Писари Худо меномид, ки аз осмон фаромадааст! Юнониён бовар мекарданд, ки худоён барои бо одамон хешу табор шудан аз кӯҳи Олимп мефуромаданд. Шояд Пилотус ба худ савол медод, ки оё Исо низ аз он ҷумла аст. Маълум аст, ки Исо як ҷинояткори одӣ набуд. Тарзи рафтораш дар давоми мурофиа оромии рӯҳӣ ва дилпурии ҳайратоварро намоиш медод. *Исо, ту аслан аз куҷоӣ?*

> *Лекин Исо ба вай ҷавоб надод. Пилотус ба Ӯ гуфт: "Ба ман сухан намегӯӣ? Магар намедонӣ, ки қудрат дорам Туро ба салиб кашам ва қудрат дорам Туро озод кунам?" Исо ҷавоб дод: "Ҳеҷ қудрате бар Ман намедоштӣ, агар аз боло дода намешуд; аз ин рӯ он касе ки Маро ба ту таслим кард, гуноҳи бештаре дорад". Ва аз он вақт Пилотус кӯшиш дошт Ӯро озод кунад. Лекин яҳудиён фарёд зада, гуфтанд: "Агар Ӯро озод кунӣ, дӯсти шоҳаншоҳ нестӣ; ҳар кӣ даъвои подшоҳӣ кунад, зидди шоҳаншоҳ сухан мегӯяд". Чун Пилотус инро шунид, Исоро берун овард ва дар он ҷое ки Сангфарш ва ба ибронӣ Ҷабто номида мешуд, бар курсии доварӣ нишаст. Рӯзи тайёрии Песаҳ буд...* **Юҳанно 19:9б-14а**

Омодагӣ барои Песаҳ, рӯзи куштани барраи песаҳ буд.

> *... Тақрибан дар соати шаш ба яҳудиён гуфт: “Инак Подшоҳи шумо!”*
>
> *Лекин онҳо фарёд заданд: “Ӯро нест кун, нест кун, ба салиб каш!”*
>
> *Пилотус ба онҳо гуфт: “Оё Подшоҳи шуморо ба салиб кашам?”*
>
> *Сардорони коҳинон ҷавоб доданд: “Ғайр аз шоҳаншоҳ подшоҳе надорем”.* **Юҳанно19:14б,15**

Яҳудиён Исоро ҳамчун подшоҳ рад карданд. Онҳо қайсарро аз фиристодаи Худо афзал донистанд.

> *Ниҳоят, Ӯро ба дасти онҳо супурд, то ба салиб кашанд.*
>
> *Ва онҳо Исоро гирифта бурданд. Ва Ӯ салиби Худро бардошта, ба маҳалле ки “Ҷои косахонаи сар” ва ба ибронӣ Ҷолҷолто ном дошт, равона шуд[1]; ва дар он ҷо Ӯро ба салиб кашиданд ва бо Ӯ ду каси дигарро: яке аз ин тараф ва дигаре аз он тараф, ва Исо дар миёна.* **Юҳанно 19:16-18**

## Мехкӯб кардан

Ба салиб кашидан як намуд ҷазои румиён буд, ки онро фақат барои ғуломон ва ҷинояткорони бадтарин нигоҳ медоштанд. Ин тарзи ҷазо маъмулӣ буд. Таърихи ҷаҳон дар бораи садҳо шахсон, ки дар як вақт ба салиб кашида шуда буданд, шаҳодат додааст. Чунон ба назар мерасад, ки чандин навъи ба салиб кашидан вуҷуд доштанд:



**Дарахт:** қатлшавандаро ба дарахт зер карда дар ягон ҳолат, мувофиқи самти нумӯи шохаҳо, мечаспонданд. Таърихшиноси яҳудии асри аввал, Юсуф, менавишт ки сарбозони румӣ бо маслуб кардани маҳбусон дар ҳолатҳои ғайриодӣ вақташонро хуш мегузаронданд.[2]



**Ходаи сода дар замин устуворшуда:** дастони қатлшаван-даро болои сараш мехкӯб мекарданд.



**Ду порча чӯби дар шакли X шинондашуда:** дастон ва пойҳои қатлшавандаро бар чор кунҷи ходаҳо мехкӯб мекарданд.



**Ходае бо як чӯби кӯндаланг дар сараш:** ин шакл баъд аз дарахт бештар истеъмол мешуд. Дастони қатлшавандаро ба дарозии чӯби кӯндаланг мехкӯб мекарданд.



**Дар шакли салиб:** Ин усул одатан барои ҷинояткорони номдор нигоҳ дошта мешуд ва дар баландии салиб лавҳае бо шарҳи ҷиноят кӯфта мешуд. Эҳтимол, Исоро бар чунин навъ салибе мехкӯб карда буданд.

Одатан, қатлшавандаро бараҳна мехкӯб мекарданд. Бандҳои дастҳо ва буҷулакҳои пойҳои қатлшавандаро ба салиб мехкӯб менамуданд.

Ҳазор сол пеш, Худо ба подшоҳ Довуд фармуд, ки як таронаи ба марги Исо бахшидашударо нависад. Дар ин тарона Довуд суханони Худоро иқтибос меоварад, ки мегӯяд:

> *... дастҳо ва пойҳоямро сӯрох карданд. Ҳамаи устухонҳоямро мешуморам, лекин онҳо тамошокунон ба ман менигаранд.* **Забур 21:17б,18**



Ин матн хеле пеш аз ин ки румиён ба сари қудрат оянд, ва беш аз 800 сол пеш аз ин ки онҳо ба салиб кашиданро ҳамчун шакли давлатии ҷазои асосӣ қабул кунанд, навишта шуда буд.

Ба салиб кашидан ҳамчун сахттарин шакли ҷазо додан шинохта шудааст. Марг оҳиста сурат мегирифт – ҷонканӣ баъзан то чандин рӯз идома дошт. Ниҳоят, қатлшаванда аз нафастангӣ мемурд. Аз нӯгҳои даст овезон буда, қатлшаванда ба сабаби фишор бар диафрагма аз нафас кашидан мемонд. Ягона роҳи нафаскашӣ бардоштани бадан бо кашидани худ бар дастҳо ва тела кардан бо пойҳо буд, ки имкони фаъолиятро ба диафрагма медод. Ба сабаби меххо, ин гуна ҳаракатҳо бо дардҳои шадид ҳамроҳ мешуданд. Захмдорӣ ва бемадорӣ тоқатнопазир мегардиданд, қатлшаванда дигар барои нафас кашидан баланд шуда наметавонист ва ҷон месупурд.

Мехҳо ва кӯшишҳои нафас гирифтан барои қатлшаванда ягона сарчашмаи дарду азоб набуданд. Ӯ инчунин аз ташнагӣ ва гармо азоб мекашид. Одамон барои тамошо меомаданд ва, чун дар мавриди Исо, барои масхара кардан, меомаданд.

> *Пилотус айбномае навишта, бар салиб овехт, ки чунин навишта шуда буд: "ИСОИ НОСИРӢ, ПОДШОҲИ ЯҲУДИЁН". Бисёре аз яҳудиён он айбномаро хонданд, зеро ҷое ки Исо ба салиб кашида шуд, ба шаҳр наздик буд, ва айбномаро ба забонҳои ибронӣ, юнонӣ ва румӣ навишта буданд.* **Юҳанно 19:19,20**
>
> *Ва сарбозон, чун Исоро ба салиб кашиданд, либоси Ӯро гирифта, ба чор ҳисса тақсим карданд, ба ҳар сарбоз як ҳисса; ва пероҳанро низ гирифтанд. Лекин пероҳан дарз надошт, балки аз боло то поён бофта шуда буд.*
>
> *Пас онҳо ба якдигар гуфтанд: "Онро пора накунем, балки қуръа бар он партофта бинем, ки аз они кӣ мешавад".*
>
> **Юҳанно 19:23-24а**

Партофтани қуръа диққати сарбозонро аз вазифаи нафратоварашон каме ба дигар тараф мебурд. Онҳо зери салиби Исо нишаста, эҳтимолан дар ҳоли шӯр додани мӯҳраҳо дар кулоҳи худ, фаҳмида наметавонистанд, ки ҳамин тариқ пайғамбарии қадимиро ба амал меоварданд:



> *... то гуфтаи Китоб ба амал ояд, ки мегӯяд: "Сару либоси Маро дар миёни худ тақсим карданд ва бар пероҳани*

> *Ман қуръа партофтанд”. Ва сарбозон чунин карданд.*
>
> **Юҳанно 19:24б** (бо Забур 21:19 муқоиса кунед)

> *Ва мардум истода, тамошо мекарданд. Сардорон низ бо онҳо масхаракунон мегуфтанд: “Дигаронро наҷот медод, бигзор Худро наҷот диҳад, агар Ӯ Масеҳи интихобшудаи Худо бошад”.* **Луқо 23:35**

Даҳ аср пеш, подшоҳ Довуд пешгӯӣ карда буд, ки Наҷотдиҳандаи Ваъдашударо масхара хоҳанд кард:

> *Валекин ман кирм ҳастам, ва на одамизод; нанги мардумон ҳастам ва нафаратзадаи қавм. Ҳар кӣ маро бинад, масхара мекунад; лаб мекушоянд, сар меҷунбонанд.*
>
> **Забур 21:7,8**

Довуд ҳатто суханонеро, ки барои масхара кардани Исо ба кор бурда шуданд, навишта буд:

> *“Ба Парвардигор таваккал карда буд, ӯро раҳо кунад; агар дилхоҳаш бошад, ӯро наҷот диҳад”.* **Забур 21:9**

> *Сарбозон низ Ӯро истеҳзо мекарданд ва наздик омада, ба Ӯ сирко медоданд ва мегуфтанд: “Агар Ту Подшоҳи яҳудиён бошӣ, Худатро наҷот деҳ”.*
>
> *Ва яке аз ҷинояткорони овехташуда Ӯро дашном дода, мегуфт: “Агар Ту Масеҳ бошӣ, Худро ва моро наҷот деҳ”.*
>
> *Аммо дигаре, баръакс, вайро манъ намуда, гуфт: “Оё ту аз Худо наметарсӣ, дар ҳоле ки худат низ ба ҳамин ҷазо маҳкум шудаӣ? Ҷазои мо аз рӯи инсоф аст, чунки сазои амали худро гирифтаем; лекин Ӯ ҳеҷ бадӣ накардааст”.*
>
> *Ва ба Исо гуфт: “Эй Худованд, чун бо қудрати Подшоҳии Худ биёӣ, маро ба ёд овар!”*
>
> *Ва Исо ба вай гуфт: “Ба ростӣ ба ту мегӯям, ки имрӯз бо Ман дар биҳишт мешавӣ”.*
>
> **Луқо 23:36,37,39-43**

Исо ба бадкори дуввум гуфт, ки дар лаҳзаи баъд аз мурдан рӯҳҳои онҳо дар биҳишт вомехӯранд. Исо чунин гуфт, зеро медонист, ки ин одам барои раҳо шудан аз оқибатҳои гуноҳ – ҷазои абадӣ, ба Ӯ имон дошт.

> *Тақрибан соат шаши рӯз буд, ки тамоми заминро то соати нӯҳ торикӣ фаро гирифт...* **Луқо 23:44**

*Ва дар соати нӯҳ Исо бо овози баланд фарёд зада гуфт: “Элоҳӣ, Элоҳӣ! Лама шабақтанӣ?”, яъне: “Худои Ман, Худои Ман! Чаро Маро тарк кардаӣ?”* **Маркус 15:34**

Ва боз, Худо ҳазор сол пеш ба воситаи подшоҳ Довуд суханони дақиқи Масеҳро пешгӯӣ карда буд:

*Худои Ман, Худои Ман! Чаро Маро тарк кардаӣ?*
**Забур 21:2а**

Суханони Исо, ки бо овози баланд гуфта шуданд, беҳуда набуданд. Мо маънои инҳоро дар боби оянда хоҳем дид.

Аҳамияти лаҳзаҳои охирини Исоро бар салиб ба дараҷаи кофӣ таъкид кардан ғайриимкон аст. Каломи Худо мегӯяд:

*Ва Исо бо овози баланд нидо кард: “Эй Падар! Рӯҳи Худро ба дасти Ту месупорам”. Ва инро гуфта, ҷон дод.*
**Луқо 23:46 ва Юҳанно 19:30б**

*Ва пардаи ибодатхона аз боло то поён дарида, ду пора шуд.*
**Маркус 15:38**

Исо мурда буд. Аммо оё шайтон ва девҳояш воқеан бар Худо ғолиб шуданд? Баъзе чизҳо возеҳ набуданд. Чаро пардаи ибодатгоҳ пора гардид? Ва чаро аз боло ба поён? Ва чаро Исо бо чунин қувват фарёд зада “Иҷро шуд!” гуфт?

## Пардаи порашуда

Ба хотир доред, ки ибодатгоҳ нусхаи аниқи хаймаи вохӯрии аслӣ буд, ки аз ҷое ба ҷои дигар бурда мешуд. Пардае ки дар борааш сухан меравад, ҷои муқаддасро (қудсро) аз ҷои муқаддастарин (қудси қудсҳо) ҷудо мекард. Пора шудани парда бе аҳамият набуд. Аввалан, Навишта мегӯяд, ки ин парда ба инсон монеае барои дидани дохили ҷои муқаддастарин буд – назар андохтан ба он ҷо сабаби мурдани кас мешуд. Асрҳо пеш Худо ба Мусо гуфта буд:

*Ба бародарат Ҳорун гӯй, ки дар макони муқаддас ба пушти пардае ки пеши сарпӯши сандуқ аст, ҳар вақт дохил нашавад, то ки намурад, зеро Ман андаруни абр бар сарпӯш зоҳир мешавам.* **Ибодат 16:2**

Дуввум, барои пора кардани ин парда қуввати фавқулода доштан даркор буд. Мегӯянд, ки ин парда андозаи 18 метр дарозӣ, 9 метр бар

дошт ва ғафсии он ба андозаи бари як кафи дасти одам – беш аз 10 см буд.



Охир, аз боло то поён пора шудани парда фақат як маъно дошт: Он ки пардаро пора кард, Худо буд, на инсон!

Мувофиқи вақтҳисобкунии яҳудиён, Исо дар соати нӯҳ мурда буд, ва барои мо ин тақрибан соати сеи баъд аз пешин мешавад. Дар ин соат ибодатгоҳ пур аз коҳиноне буд, ки машғули вазифаҳои худ буданд. Ин соати қурбонии бегоҳ, вақти куштани барра буд. Инчунин он рӯз иди Песаҳ буд. Пора шудани пардаро пинҳон кардан ғайриимкон буд: дар он ҷо мардуми бениҳоят зиёд ҳузур доштанд ва ин ҳодиса басо ҳайратангез буд.

Пас аз андаке маънои пардаи порашуда маълум мешавад.

## Иҷро шуд!

Ибораи "Иҷро шуд" тарҷумаи калимаи юнонии "тетелестай" мебошад. Ин калима матавонист ба маъноҳои бисёр истифода шавад, аммо сетои инҳоро, ки ба воқеаи мо алоқа доранд, дар зер меоварем:

1. *Тетелестай* калимаест, ки як хизматгор онро ҳангоми анҷоми вазифааш ба соҳиби худ мегуфт: "Ман кореро ки бароям фармуда будед, иҷро кардам".

2. *Тетелестай* истилоҳи тиҷоратие низ буд, ки байни юнониён бисёр истифода мешуд. Он ба маънои анҷоми пардохта шудани қарз буд. Ҳангоми гузошта шудани охирин қисми маблағ метавонистанд гӯянд: “Тетелестай”, яъне “қарз пардохта шуд”. Бостоншиносон забонхатҳои андозсупории қадимаро пайдо кардаанд, ки бар онҳо калимаи *“тетелестай”* – яъне *пурра пардохта шуд* навишта шуда буд.

3. Интихоби барраи қурбонӣ дар ибодатгоҳ вазифаи муҳим буд. Тамоми рамаро санҷида, як барраи комилеро меёфтанд, ва мегуфтанд “тетелестай” – яъне вазифа иҷро шуд.

Исо низ чунин фарёд зад: “Коре ки Ту ба Ман супурда будӣ, иҷро шуд; қарз пардохта шуд; барраи ивазкунанда пайдо шуд!” Каломи Худо мегӯяд, ки Исо бо овози баланд фарёд зад: “Иҷро шуд!”

*Чун мирисад ин ҳодисаро дид, Худоро ҳамду сано хонда, гуфт: “Ба ростӣ ин одам росткор буд”.* **Луқо 23:47**

Қобили зикр аст, ки аввалин касе ки дар бораи фарёди Исо нуқтаи назарашро баён кард, мирисаде буд – сардори сад сарбоз. Яқинан ин мард фарёди мағлубиятро аз фарёди ғалаба фарқ карда метавонист.

*... Азбаски рӯзи тайёрии ид буд, — зеро он шанбе иди бузург буд, — яҳудиён аз Пилотус хоҳиш карданд, ки соқи пойҳои онҳоро шикананд ва поён фуроваранд, то ки ҷасадҳоро бар салиб дар рӯзи шанбе намонанд.* **Юҳанно 19:31б**

## Шикастани устухонҳои по

Он рӯзҳо ҳафтаи иди Песаҳ буд, ва рӯзи қатли Исо ба авҷи ҷашни ин ид рост омад, зеро дар он рӯз бояд барраро қурбонӣ мекарданд. Саркоҳинон мехостанд ҳарчи зудтар амали ба салиб кашиданро ба охир расонанд, то ба ҷашнвора халал набошад. Пас онҳо дархост карданд, ки устухонҳои пойҳои ба салиб мехкубшудагон шикаста шаванд. Ин барояшон монеъ мешуд, то худро баланд карда нафас кашанд ва маргашонро ба сабаби нафастангӣ зуд мегардонд – агар шикаста шудани устухонҳои пойҳояшон онҳоро пештар накушад.

*Сарбозон омада, соқи пойҳои нафари якум ва нафари дигарро, ки бо Ӯ ба салиб кашида шуда буданд, шикастанд. Чун назди Исо омаданд ва диданд, ки аллакай мурдааст, соқи пойҳои Ӯро нашикастанд, балки яке аз сарбозон ба паҳлуи Ӯ найза зад, ва ҳамон дам хун ва об ҷорӣ шуд.* **Юҳанно 19:32-34**

Сарбози румӣ, ки дар санъати ҷазодиҳӣ моҳир буд, бо найзае дили Исоро сӯрох кард. Ба анҷом нарасондани ҷазо тасаввурнопазир буд. Сарбоз хуб медонист, ки дар куҷои бадан бояд силоҳи марговарашро фурӯ халонад, то дилпур шавад, ки ҳаёт дигар дар бадан боқӣ намондааст. Навишта мегӯяд, ки обу хун аз бадани Исо ҷорӣ шуд. Мувофиқи ақидаи мутахассисони тиб, ин санҷише буд барои боварӣ ҳосил кардан ба ин ки Исо мурдааст.

> *Ва он касе ки дид, шаҳодат дод, ва шаҳодати вай рост аст; вай медонад, ки рост мегӯяд, то шумо низ имон оваред. Зеро ин рӯй дод, то гуфтаи Китоб ба амал ояд, ки мегӯяд: “**Ҳеҷ як устухони Ӯ шикаста намешавад**”. Ва Китоб боз дар ҷои дигар мегӯяд: “Ба он Касе ки найза задаанд, хоҳанд нигарист”.* **Юҳанно 19:35-37**

# 3. Қабри холӣ

## Ҷумъа: бегоҳирӯзӣ

> *Пас аз он Юсуф, ки аз аҳли Ромо ва аз тарси яҳудиён шогирди ниҳонии Исо буд, аз Пилотус хоҳиш кард, ки ҷасади Исоро гирад. Ва Пилотус ба вай иҷозат дод. Вай омада, ҷасади Исоро гирифт. Ва Никӯдимус, ки пештар шабона назди Исо омада буд, низ омад ва тақрибан сад паймона мурр ва уди омехта овард. Онҳо ҷасади Исоро гирифтанд ва мувофиқи одати дафни яҳудиён, хушбӯиҳо пошида, ба кафан печонданд. Дар он ҷое ки Ӯ ба салиб кашида шуд, боғе буд, ва дар боғ қабри наве ки дар он ҳанӯз ҳеҷ кас гузошта нашуда буд. Дар он ҷо Исоро гузоштанд, чунки рӯзи тайёрии иди яҳудиён буд, ва он қабр наздик буд.* **Юҳанно 19:38-42**

> *Ва заноне ки ҳамроҳи Исо аз Ҷалил омада буданд, аз дунболи вай рафта, қабрро ва чӣ гуна дар он гузошта шудани ҷасади Ӯро диданд. Чун баргаштанд, хушбӯиҳо ва равғани атрафшон тайёр карданд; ва рӯзи шанбе мувофиқи шариат истироҳат карданд.* **Луқо 23:55,56**

Сарфи назар аз ин ки Юсуф ва Никӯдимус аъзоёни шӯрои пирон буданд, маълум мешавад, ки ин мардон шогирдони ниҳонии Исо буданд. Онҳо ҷасади Исоро ба кафан печонда, бо 34 кг атриёт, тавре ки назди яҳудиён оин буд, молиданд. Онҳо ҷасадро дар мақбарае гузоштанд ва санги калоне, ки вазнаш то ба 2 тонна расида метавонист, ба даҳани қабр ғелонда шуда буд. Занон ҳамаи ин чизҳоро мушоҳида мекарданд

ва баъд ба хонаҳои худ баргаштанд, то атриёти дигареро барои хатми дафн омода кунанд. Ин буд шаби ҷумъа.

## Шанбе

> *Фардои он, ки баъди рӯзи тайёрӣ ба шанбе буд, сардорони коҳинон ва фарисиён назди Пилотус ҷамъ омаданд, ва гуфтанд: "Эй хоҷа! Дар хотир дорем, ки он фиребгар, ҳангоме ки зинда буд, гуфта буд, ки «пас аз се рӯз зинда мешавам». Пас, фармон деҳ, ки қабрро то рӯзи сеюм посбонӣ кунанд, мабодо шогирдонаш шабона Ӯро дуздида, ба мардум гӯянд, ки аз мурдагон бархест, ва фиреби охирин аз аввалин бадтар шавад". Пилотус ба онҳо гуфт: "Посбононро гиреду рафта, чунон ки медонед, посбонӣ кунед". Онҳо рафта, дар назди қабр посбононро гузоштанд ва санги онро мӯҳр карданд.*
>
> **Матто 27:62-66**

Посбонии қабр ба касони одӣ бовар карда супурда нашуда буд. Дастаи посбонони румӣ иборат аз чор то шонздаҳ кас буда, ҳар кадомашон



барои ҳимояи масофаи 2 метр таъйин шуда буданд. Якҷоя онҳо ба як баталион[3] муқобилат карда метавонистанд.

Пилотус ба саркоҳинону фарисиён фармуд, то қабрро мӯҳр зананд. Барои ин бояд ресмонҳоро бар санг кашида, бо лой сахт мекарданд ва бар лой мӯҳр мезаданд. Ба ҳамин сурат, агар касе ба қабр дохил шудан мехост, ин ҳамон лаҳза маълум мегашт.

## Якшанбе

Посбонон рӯзи шанбе, рӯзи шанбеи яҳудиён, гузошта шуданд. Якшанбе, ҳангоме ки ҳанӯз торик буд:

> *... заминҷунбии сахт рӯй дод; чунки фариштаи Худованд аз осмон фуромада, сангро аз даҳанаи қабр ғелонд ва бар он нишаст. Намуди вай монанди барқ ва либосаш чун барф сафед буд. Посбонон аз вай тарсида, ба ларза афтоданд ва монанди мурда шуданд.* **Матто 28:2-4**

Ҳамон даме ки сарбозон фариштаро диданд, онҳо фаҳмиданд, ки чизе аз дасташон намеомад. Ибораи “монанди мурда шуданд” ибораи кӯҳнашудаест, ва маънояш ин аст: онҳо аз сабаби тарс аз ҳол рафтанд! Чӣ ҳодисае! Кӣ ба худ тасаввур кардан метавонист, ки қабр холӣ хоҳад шуд. Исо зинда шуд. Ин аз имкон берун буд!

## Дар айни замон…

> *Пас аз гузаштани шанбе, Марями Маҷдалия ва Маряме ки модари Яъқуб буд, ва Салӯмит хушбӯиҳо хариданд, то рафта ба Ӯ моланд. Ва хеле барвақт дар рӯзи якуми ҳафта, чун офтоб баромад, онҳо ба сари қабр омаданд. Ва ба ҳамдигар мегуфтанд: “Сангро аз даҳанаи қабр барои мо кӣ меғелонад?”*
>
> *Чун нигаристанд, диданд, ки санг ғелонда шудааст; ва ҳол он ки он бисёр калон буд.* **Маркус 16:1-4**

Шояд Марями Маҷдалия дар ҳоли ҳайрат ва тааҷҷуб қабри кушодаро як ду давра зад. Вай, бешубҳа, хулоса баровард, ки ҷасади Исо дуздида шуд. Вай гирякунон назди шогирдони Исо дубора баргашт, то ки аз ин хабар онҳоро огоҳ созад. Он вақт Марям ва Салӯмит роҳи худро идома дода ба қабр даромаданд.

> *Ва чун ба қабр даромаданд, ҷавонеро дар тарафи рост нишаста диданд, ки либоси сафед дар тан дошт; ва*

*тарсиданд. Вай ба онҳо гуфт: “Натарсед. Исои Носирии ба салиб кашидашударо ҷустуҷӯ мекунед; Ӯ зинда шуд ва дар ин ҷо нест. Инак ҷое ки Ӯро гузошта буданд. Лекин рафта, ба шогирдони Ӯ ва ба Петрус гӯед, ки Ӯ пеш аз шумо ба Ҷалил меравад; Ӯро, чунон ки ба шумо гуфта буд, дар он ҷо мебинед”.*

**Марқус 16:5-7**

*Ва онҳо шитобон аз қабр баромада, бо тарс ва шодии бузург давида рафтанд, то ба шогирдони Ӯ хабар диҳанд.*

*Ҳангоме ки барои огоҳ кардани шогирдони Ӯ мерафтанд, инак Исо ба онҳо вохӯрда, гуфт: “Салом бар шумо!” Онҳо наздик омада, ба пойҳояш часпиданд ва ба Ӯ таъзим карданд. Он гоҳ Исо ба онҳо гуфт: “Натарсед; рафта, ба бародаронам хабар диҳед, ки ба Ҷалил раванд; ва дар он ҷо Маро мебинанд”.*

**Матто 28:8-10**

## Ӯ аз мурдагон бархест

Нақли ин воқеаҳоро[4] хонда, ташвишу шодиеро, ки ин хабари субҳидам ба амал овард, ҳис кардан мумкин аст. Онҳое ки шоҳиди марги Исо буданд, ба баёноти занони пурваҷд нобоварӣ зоҳир намуданд. Дар аввал:

*... суханонашон ба онҳо сафсатае намуд, ва ба гапи онҳо бовар накарданд.* **Луқо 24:11**

Петрус сӯи қабр давид, то бинад, ки оё ин ҳақиқат аст ё не. Юҳанно низ, аз Петрус пеш гузашта, ба он ҷо давид, аммо дар даҳани қабр истод:

*Баъд Шимъуни Петрус аз пайи вай омада, ба қабр даромад ва кафани гузоштаро дид ва рӯймолеро, ки бар сари Ӯ буд, на бо кафан, балки дар гӯшае алоҳида печида дид.* **Юҳанно 20:6,7**

Мақбара намуди ҷоеро надошт, ки онро ғоратгарон тороҷ карда бошанд. Кафанаш гӯё ки ҳанӯз ҳам ҷасади Исоро печонида буд, аммо холӣ буд! Ҷасад аз он гузашта баромада буд. Порчаи матоъ, ки даври сари Исоро бо он печонида буданд, низ дар он ҷо алоҳида гузошта шуда буд, гӯё ки касе пеш аз баромадан онро ҷамъ карда бошад. Навишта мегӯяд, ки Петрус ин чизҳоро дид; аммо Юҳанно онҳоро дид ва бовар кард. Юҳанно дилпур шуда буд, ки Исо зинда шуд! Аммо Петрус ҳайратзада буд; барояш каме вақт даркор буд, то дар ин бора фикр кунад.

Вақте ки Марями Маҷдалия дубора ба қабр баргашт, бешубҳа, ҳанӯз

саҳарии барвақт буд.

> *... Аммо Марям дар беруни қабр истода, гиря мекард. Ва чун мегирист, хам шуда, ба даруни қабр нигоҳ кард. Ва ду фариштаи сафедпӯшро дид, ки дар он ҷое ки ҷасади Исо гузошта шуда буд, яке назди сар ва дигаре назди пой нишаста буданд. Онҳо ба вай гуфтанд: "Эй зан! Чаро гиря мекунӣ?"*
>
> *Ба онҳо гуфт: "Хоҷаи маро бурдаанд, ва намедонам, ки Ӯро куҷо гузоштаанд".* **Юҳанно 20:11-13**

Мақбара дар боғе буд, ва Марям фариштаҳоро боғбонон гумон кард. Ӯ чунон ғамгин буд, ки кӣ будани ин мардонро напурсид. Бояд ба хотир овард, ки Марям сахт ғам хӯрда, дар давоми сӯҳбат гиря мекард.

> *Чун инро гуфт, ба пас рӯ овард ва Исоро истода дид; вале надонист, ки ин Исо аст. Исо ба вай гуфт: "Эй зан! Чаро гиря мекунӣ? Киро ҷустуҷӯ мекунӣ?"*
>
> *Вай ба гумони он ки ин боғбон аст, ба Ӯ гуфт: "Эй хоҷа! Агар ту Ӯро бурда бошӣ, ба ман гӯй, ки Ӯро куҷо гузоштаӣ, то ман Ӯро гирифта барам".*
>
> *Исо ба вай гуфт: "Эй Марям!"* **Юҳанно 20:14-16а**



Ҳангоме ки Исо номи ӯро гирифта садо кард, дар хотири Марям тамоми вохӯриҳо ва сӯҳбатҳо бо Устоди дӯстдоштааш ҷилвагар шуданд. Марям дарҳол овози Ӯро шинохт.

> *...вай рӯ оварда, ба Ӯ гуфт: "Раббунӣ!", яъне: "Устод!".*
>
> **Юҳанно 20:16б**

Акнун вай як сабаби дигаре барои гиристан дошт. Бешубҳа, вай мувофиқи таомули он рӯзҳо ба пои Исо худро андохт.

> *Исо ба вай гуфт: "Ба Ман даст нарасон, чунки ҳанӯз назди Падари Худ боло нарафтаам. Лекин назди бародарони Ман рафта, ба онҳо гӯй..."*
>
> *Марями Маҷдалия омада, ба шогирдон хабар дод, ки Худовандро дидааст, ва Ӯ ба вай чунин гуфтааст.*
>
> **Юҳанно 20:17а,18**

## Посбонон

Дар ин вақт посбонон ба ҷустуҷӯи саркоҳинон рафта буданд. Онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ намехостанд бо Пилотус рӯ ба рӯ шаванд.

> *... баъзе аз посбонон ба шаҳр омада, ба сардорони коҳинон тамоми воқеаро хабар доданд. Ва онҳо бо пирон ҷамъ омада ва маслиҳат карда, ба сарбозон пули бисёре доданд ва гуфтанд: "Гӯед, ки шогирдони Ӯ шабона омада, ҳангоме ки мо дар хоб будем, Ӯро дуздидаанд. Ва агар ин хабар ба гӯши ҳоким расад, мо вайро розӣ мекунем ва шуморо аз хатар раҳо менамоем". Онҳо пулро гирифта, мувофиқи он нишондод амал карданд. Ва ин овоза то имрӯз дар миёни яҳудиён паҳн шудааст.*
>
> **Матто 28:11б-15**

Маблағи калоне лозим шуд, то сарбозон бигӯянд, ки гӯё дар хоб буданд. Аммо ин як фиребе буд. Бори дигар дар паси ин ҳама дасти шайтонро дидан мумкин аст, ки кӯшиши маҳдуд кардани зарари худро мекард. Охир ӯ падари дурӯғ аст. Аз тарафи ӯ ин кӯшиши сусти барканор шудан аз беобрӯӣ буд. Бе шубҳа, ӯ мағлуб шуданашро дарк мекард. Исо, МАСҲШУДА, сарашро кӯфт, тавре ки Худо онро дар боғи Адан пешгӯӣ карда буд.

## Исои зинда

Исо ба зиндагӣ баргашт! Ӯ воқеан ҷисман зинда буд! Дар давоми се рӯз бадани Ӯ дар қабр аз зиндагӣ маҳрум, аз рӯҳ ҷудо монда буд. Сипас,

бо намоиши бошукӯҳи қудрати фавқуттабиӣ, Исо дар бадани нав аз мурдагон бархест.

Ҳанӯз дар тӯли хизмати заминияш, Исо марги Худро пешгӯӣ карда буд:

> *“Аз ин сабаб Падар Маро дӯст медорад, ки Ман ҷони Худро фидо мекунам, то онро боз ёбам. Ҳеҷ кас онро аз Ман намегирад, балки Худи Ман онро фидо мекунам. Қудрат дорам, ки онро фидо кунам, ва қудрат дорам, ки онро боз ёбам. Ин фармударо аз Падари Худ гирифтаам”.*
>
> **Юҳанно 10:17,18**

## Чаро Исо бояд мемурд?

Марги Исо одӣ набуд. Барои мавҷуди инсонӣ марг натиҷаи гуноҳ, оқибати шикастани шариати Худост. Аммо Исо даҳ фармударо комилан ба ҷо овард. Ӯ бегуноҳ буда, сазовори марг набуд. Мувофиқи қонуни гуноҳ ва марг, Исо абадан зиндагӣ карда метавонист. Пас... чаро Ӯ мурд? На шайтон, на яҳудиён ва на румиён Исоро аз зиндагӣ маҳрум карда наметавонистанд. Ӯ бо ризоияти Худ мурд, аммо... чаро? Хонданро давом диҳед ва дар боби оянда ҷавоби ин саволро хоҳед ёфт.

Он чи субҳидами рӯзи якшанбе рӯй дод, фақат оғоз буд. Дар давоми чил рӯз Исо назди ёрони зиёди Худ омад. Ба ҳар ҳол, як воқеаи муҳими дигаре низ дар рӯзи якшанбе рӯй дода буд. Акнун дар ин бора сухан хоҳем ронд.

# 72 СОАТЕ КИ ҶАРАЁНИ ТАЪРИХРО ТАҒЙИР ДОДАНД

Ҷумъаи яҳудиён*

**ПШ** Шогирдон Песаҳро тайёр мекунанд.
Таоми Песаҳ.
Исо ва шогирдонаш ба боғи Ҷатсимонӣ мераванд.
Исо дар боғ дастгир мешавад; шогирдон мегурезанд.

**ҶМ** мурофиаи 1-ум — ба ҳузури Ҳонон (хусури саркоҳин).
мурофиаи 2-юм — ба ҳузури саркоҳин ва шӯрои пирон.
мурофиаи 3-юм — ба ҳузури шӯрои пирон (барои ҳукмро қонунӣ гардондан).
**с.6,30** мурофиаи 4-ум — ба ҳузури Пилотус.
мурофиаи 5-ум — ба ҳузури Ҳиродус (Исоро масхара мекунанд).
мурофиаи 6-ум — ба ҳузури Пилотус (Исоро қамчинкорӣ мекунанд).

**Соати 9** Исоро ба салиб мекашанд.

**нисфирӯзӣ**

**Соати 15** Исо фарёд мезанад: "Иҷро шуд".
Пардаи ибодатгоҳ ду пора мешавад.
Устухонҳои пойҳои ду роҳзан шикаста шуданд;
яке аз сарбозон паҳлӯи Исоро бо найза сӯрох кард.
Юсуф аз Ромо ҷасади Исоро барои дафн пурсид.
Ҷасади Исо дар қабр гузошта шуд.

Шанбеи яҳудиён

**ШБ**

Дастаи посбонони румӣ талаб шуда, ба сари қабр гузошта мешавад.

Қабр мӯҳр зада мешавад.

Якшанбеи яҳудиён

**ЯШ** Заминҷунбӣ; фариштаҳо сангро аз ҷо ғелониданд; сарбозон мегурезанд.
Занон ба сари қабр мераванд.
Исо ба Маряму Салӯмит зоҳир мешавад.
Исо ба Марями Маҷдалия зоҳир мешавад.
Исо ба Петрус зоҳир мешавад.

* Рӯзи яҳудиён бо фурӯ рафтани офтоб сар шуда, тамоми шаб ва рӯзи дигар, то фурӯ рафтани навбатии офтоб давом мекард.

# Боби чордаҳум

1. Дар роҳи Аммоус
2. Шариат ва пайғамбарон
   (Аз Одам то Нӯҳ)
3. Шариат ва пайғамбарон
   (Аз Иброҳим то шариат)
4. Шариат ва пайғамбарон
   (Аз хаймаи вохӯрӣ то мори мисин)
5. Шариат ва пайғамбарон
   (Аз Яҳёи Таъмиддиҳанда то растохези Исо)

# 1. Дар роҳи Аммоус

*Дар ҳамон рӯз ду нафар аз онҳо ба деҳае мерафтанд, ки тақрибан шаст стадия аз Уршалим дур буд, ва Аммоус ном дошт. Ва бо ҳамдигар дар бораи ҳамаи ин рӯйдодҳо гуфтугӯ мекарданд. Ва ҳангоме ки онҳо гуфтугӯ ва андешаронӣ мекарданд, Худи Исо наздик омада, бо онҳо равона шуд. Лекин чашмони онҳо баста буданд, ба тавре ки Ӯро нашинохтанд. Ба онҳо гуфт: "Дар бораи чӣ бо ҳамдигар дар роҳ гуфтугузор мекунед, ва чеҳраҳоятон ғамгин аст?"* **Луқо 24:13-17**

Ин мардон низ шогирдони Исо буданд, агарчи аз ҷумлаи он дувоздаҳ шогирдон набуданд.

*Яке аз онҳо, ки Клеупос ном дошт, дар ҷавоби Ӯ гуфт: "Наход ки танҳо Ту аз онҳое ки ба Уршалим омадаанд, аз он чи дар ин рӯзҳо рӯй додааст, бехабар ҳастӣ?"*

*Ба онҳо гуфт: "Аз чӣ?"*

*Ба Ӯ гуфтанд: "Аз он чи ба Исои Носирӣ рӯй додааст, ки Ӯ пайғамбаре буд тавоно дар кирдор ва гуфтор дар пеши Худо ва тамоми мардум; чӣ гуна Ӯро сардорони коҳинон ва сардорони мо таслим карданд, то ки ба марг маҳкум шавад, ва Ӯро ба салиб кашиданд. Лекин мо умед доштем, ки Ӯ ҳамон аст, ки бояд Исроилро халосӣ диҳад. Аммо, бо ин ҳама, имрӯз рӯзи сеюм аст, ки ин рӯй додааст. Баъзе аз занони мо низ моро дар ҳайрат андохтанд; онҳо саҳарии барвақт ба сари қабр рафтаанд ва ҷасади Ӯро наёфтаанд ва омада гуфтанд, ки дар рӯъё фариштаҳоро низ дидаанд, ки мегӯянд: Ӯ зинда аст. Ва баъзе аз рафиқони мо ба сари қабр рафта, ончунон ки занон гуфта буданд, ёфтаанд; лекин Ӯро надидаанд".*

**Луқо 24:18-24**

Ду шогирд хулосаи кӯтоҳи ҳодисаҳои рӯзро баён карданд. Албатта ҳамаи ин барои Исо навигарӣ набуд, аммо Исо то охири нақли онҳо ботоқат интизор шуд. Ӯ низ барои онҳо чизи гуфтание дошт:

*Ва Ӯ ба онҳо гуфт: "**Эй бехирадон, ки барои боварь кардан ба гуфтаҳои пайғамбарон дили дерфаҳм доред!** Оё лозим набуд, ки Масеҳ ин ранҷҳоро аз сар гузаронда, ба ҷалоли Худ расад?" Ва аз Мусо ва аз ҳамаи пайғамбарон сар карда, он чиро, ки дар тамоми Китоб дар бораи Ӯ гуфта шудааст, ба онҳо фаҳмонда дод.* **Луқо 24:25-27**

Исо ба онҳо гуфт, ки МАСЕҲ бояд азоб мекашид, мемурд ва дубора ба зиндагӣ бармегашт. Ӯ аз Китоби Муқаддас ҳар чиро ки дар бораaш навишта шуда буд, аз худи аввал, қадам ба қадам ба онҳо фаҳмонда дод. Чӣ дарси олидарача!

> *Ва онҳо ба деҳае ки сӯяш мерафтанд, наздик омаданд, ва Ӯ чунин вонамуд кард, ки мехоҳад роҳашро давом диҳад. Вале онҳо Ӯро нигоҳ дошта, гуфтанд: "Бо мо мон, чунки шом наздик аст, ва рӯз ба поён мерасад". Ва Ӯ даромад, то бо онҳо монад. Ва ҳангоме ки Ӯ бо онҳо назди дастархон нишаст, нонро гирифта, баракат дод ва пора карда, ба онҳо дод. Он гоҳ чашмони онҳо кушода шуданд, ва Ӯро шинохтанд; вале Ӯ аз назарашон нопадид шуд. Ва онҳо ба якдигар гуфтанд: "Оё дил дар даруни мо наметапид, ҳангоме ки Ӯ дар роҳ ба мо сухан меронд ва Китобро ба мо мефаҳмонд?"* **Луқо 24:28-32**

Худи Худо ақли онҳоро кушод, то ки онҳо таълими Ӯро фаҳманд. Онҳо ба ҳаяҷон омада буданд!

> *Ва ҳамон соат бархеста, ба Уршалим баргаштанд ...*
> **Луқо 24:33а**

Роҳи бозгаштани онҳоро ба сӯи Уршалим ба худ тасаввур кардан мумкин аст. Роҳравон ин ду марди ба ҳаяҷон омада, бешубҳа, дар бораи он чи бояд ба он ёздаҳ шогирд мегуфтанд, сӯҳбат мекарданд. Онҳо хабарҳои бисёр хуш барои гуфтан доштанд:

> *...ба Уршалим баргаштанд ва он ёздаҳро ёфтанд, ки бо рафиқони худ ҷамъ шуда, мегуфтанд, ки Худованд ҳақиқатан бархестааст ва ба Шимъун падидор шудааст. Ва онҳо низ нақл карданд, ки дар роҳ чӣ рӯй дод, ва чӣ гуна Ӯро ҳангоми пора кардани нон шинохтанд.*
>
> *Ҳангоме ки онҳо дар ин бора гап мезаданд, Худи Исо дар миёни онҳо истода, ба онҳо гуфт: "Салом ба шумо".*
>
> *Онҳо ба тарсу бим афтода, гумон карданд, ки рӯҳе мебинанд.*
>
> *Лекин Ӯ ба онҳо гуфт: "Чаро ҳаросон шудед, ва аз чӣ сабаб дар дили шумо чунин фикрҳо пайдо мешаванд? Ба дастҳои Ман ва ба пойҳои Ман нигоҳ кунед: ин Худи Ман ҳастам; ба Ман даст расонед ва бинед; зеро рӯҳ гӯшт ва устухон надорад, чунон ки дар Ман мебинед". Инро гуфта, дастҳо ва пойҳои Худро ба онҳо нишон дод. Ва чун онҳо аз шодӣ ҳанӯз бовар намекарданд ва ҳайрон буданд, Ӯ ба онҳо гуфт: "Оё*

> *чизи хӯрдание дар ин ҷо доред?”*
>
> *Пеши Ӯ як порча моҳии бирён ва андак асали мумдор монданд; ва Ӯ гирифта, дар пеши назари онҳо хӯрд. Ва ба онҳо гуфт: “**Ин аст он чизе ки, чун бо шумо будам, ба шумо мегуфтам, ки ҳар он чи дар Таврoти Мусо ва дар китобҳои пайғамбарон ва Забур дар бораи Ман навишта шудааст, бояд ба амал ояд**”.* **Луқо 24:33б-44**

Исо ба ин шогирдон низ аз Китоби Муқаддас ҳар он чиро, ки ба марг, дафн ва растохезаш робита дошт, фаҳмонда дод, чуноне ки ба он ду шогирд дар роҳ ба Аммоус фаҳмонда буд. Исо ба шогирдон нишон дод, ки чӣ гуна ҳар қисми Навиштаҳои Аҳди Қадим (Таврот, Навиштаҳои пайғамбарон ва Забур) дар бораи Ӯ мегуфтанд.

> *Он гоҳ зеҳни онҳоро равшан кард, то ки Китобро фаҳманд. Ва ба онҳо гуфт: “Чунин навишта шудааст, ва чунин лозим буд, ки Масеҳ азоб кашад ва дар рӯзи сеюм аз мурдагон бархезад. Ва ба номи Ӯ, аз Уршалим сар карда, дар миёни ҳамаи халқҳо тавба ва бахшоиши гуноҳҳо мавъиза карда шавад. Ва шумо шоҳидони ин ҳастед”.* **Луқо 24:45-48**

Исо мегуфт, ки Ӯро лозим буд азоб кашад, мурад ва дубора ба ҳаёт баргардад, то ки Навиштаҳо ба амал оянд. Ӯ фаҳмонд, ки барои чӣ ин воқеаҳо хеле аҳамиятноканд, ва бояд дар тамоми дунё, аз Уршалим сар карда, нақл карда шаванд.

Пеш аз давом додани нақли мо, биёед ба оғоз баргардем, тавре ки Исо низ бо шогирдонаш кард. Биёед бинем, ки Исо дар бораи Худаш, тавре ки он дар Шариат, Навиштаҳои пайғамбарон ва Забур омадааст, чӣ гуфт.

Чаро Исо ба замин омад? Чаро Ӯ бояд азоб дида мемурд, бо вуҷуди он ки Ӯ боз аз мурдагон бармехест?

Оё Исо наметавонист танҳо ба одамон фармояд, ки ба Ӯ имон оваранд, бе ин ки ба салиб кашида шавад?

Сабаби ҳамаи ин воқеаҳо – мурдан, дафн шудан ва дубора аз мурдагон бархостанаш дар чӣ буд?

Мо ба қарибӣ қисми охирини муамморо ба ҷояш хоҳем гузошт. Пас, паёми Навиштаҳо бисёр фаҳмо мешавад.

# 2. Шариат ва пайғамбарон

## (Аз Одам то Нӯҳ)

Барои ҷавоб додан ба саволи “Чаро Исоро лозим омад, ки бимирад?”, бояд дар замон каме қафотар баргашта, ҳамаашро аз худи аввал дида бароем.

### Одаму Ҳавво

Оё шумо дӯстии наздикеро, ки байни Худо ва инсон дар ибтидои офариниш вуҷуд дошт, дар хотир доред? Худо инсонро барои мошини фармонбардор будан наофарид. Ӯ ба инсон иродаи озод дод, то бо хости дили худ эҳтиром кардани Худоро интихоб намуда тавонад, мисли писаре ки падарашро ҳурмат мекунад.

Шумо дар ёд доред, ки инсон бо итоати худ метавонист аз мушоракат бо Худованди олам баҳраманд гардад, чунки Худо некӯаҳволии Одаму Ҳавворо мехост. Худо ва Одам бо ҳам дӯст буданд.

Дертар, Одаму Ҳавво дидаву дониста интихобе карданд, ва ба дастурҳои Худо аҳамият надода, аз дониши манъшуда чашиданд. Дар Навишта барои фаҳмо кардани рӯйдодҳо ба ёрии мо якчанд тасвирҳои таъсирбахш истифода шудаанд:

> Каломи Худо мегӯяд, ки инсон фикр мекард, ки аз Худо бештар медонад чӣ чиз барои ӯ хуб аст. Одам РОҲГУМ ЗАД.
>
> Ба ҷои итоат ба Худо, инсон ба шайтон бовар кард; ба шайтон ва девҳояш пайваста, ӯ инчунин ДУШМАНИ Худо гардид.

Аммо ин интихоб дорои оқибатҳо буд. Навишта таълим медиҳад, ки гуноҳ оқибатҳои ҷиддӣ дошт.

> Азбаски боварӣ аз байн рафт, муносибатҳо барҳам хӯрданд. Дӯстии бемонанде ки байни Худо ва инсон буд, фавран барҳам хӯрд. Инсон ба сабаби гуноҳаш аз Худои қуддус ва комил ҷудо шуда, барои Худо БЕГОНА шуд. Худо ба назари инсон дур ва бегона менамуд. Шайтон барои одам дӯсти дилхуштар аз Худо гардид. Барои расидан ба мақсадҳои иблисонаи худ, ӯ одамро ба воситаи дурӯғҳо идора мекард. Одам ҒУЛОМИ шайтон ва гуноҳ гардид.

Вақте одам хост, ки бо хости дили худ амал кунад, ӯ ба ягона дастуре ки

Худо дода буд, беитоатӣ кард. Бо ин интихоб инсон бар худ балоҳо овард, чунки қонунро шикаста аз оқибатҳо барканор мондан ғайриимкон аст.

> Худо акнун на дӯсти инсон, балки довари ӯ шуд. Ӯ инсонро ба содир кардани як ҷиноят АЙБДОР кард: шикастани шариати Ӯ, ва гуноҳ кардан бар зидди Худои қуддус.
>
> Худо қароре кард; Ӯ шаҳодатномаи қарзро кушод. Акнун инсон ҚАРЗДОР буд ва бояд онро пардохт мекард. Ҷазо барои гуноҳ марг буд.
>
> Баъд аз ин лаҳза ҳар мавҷуди инсонӣ бояд ҷисман МЕМУРД. Ҷони инсон аз баданаш ҷудо шуда, инсон аз оилаву дӯстони худ ҷудо мешуд.
>
> Ба сабаби марги ҷисмонӣ инсон бояд ба МАРГИ ДУВВУМ дучор мешуд. Инсон аз Худо ва аз муҳаббати Ӯ абадан бояд ҷудо мешуд. Ӯ бояд ба қайди кӯли оташ, ҷое ки барои шайтон ва девҳояш омода шуда буд, меафтид.
>
> Минбаъд марг дар се ҷиҳат бар зиндагии инсон ҳукмрон шуд ва ӯ чизеро дар ин вазъият дигаргун карда наметавонист. Инсон дигар интихобе надошт, ӯ бояд мемурд. Марг як воқеияти сахт ва даҳшатнокест, ки ҳамаи мо ба он бояд рӯ ба рӯ шавем. Ҳақиқате ҳаст, ки кас аз он метарсад.

Навиштаҳо ба таври қатъӣ мефармоянд:

> *...ҳар кас бояд барои гуноҳи худаш кушта шавад.*
>
> **2Воқеанома 25:4б**

Ин тасвирҳо ба мо ёрӣ медиҳанд, то фаҳмем, ки гуноҳи Одам ва Ҳавво байни Худо ва одамизод то чи андоза ҷудоиро андохтааст. Акнун инсон дар рӯ ба рӯи масъалае қарор дошт: **Чӣ тавр аз гуноҳ ва аз тамоми оқибатҳо халос шуда, сипас *росткории писандидаи Худоро* ба даст оварда метавонад, то аз нав ба ҳузураш қабул гардад?**

## Кӯшиши навмедона

Оё дар хотир доред, ки Одаму Ҳавво баргҳои анҷирро дар бар карда, кӯшиш намуданд гуноҳашонро пинҳон кунанд? Мо дидем, ки агарчи Худо кӯшишҳои Одаму Ҳавворо рад кард, Ӯ онҳоро аз нақша берун нагузошт, зеро ки Худо:

> *...тадбирҳо меандешад, то ки рондашудае аз Ӯ ронда намонад.*
>
> **2Самуил 14:14б**

Худо ин ҳодисаҳоро ба кор бурд, то принсипҳоеро, ки нисбати тамоми одамизод истифода мешаванд, ба Одаму Ҳавво – ва ба мо низ – таълим диҳад.

## Мақбул дар назари Худо

Чунон ки Одаму Ҳавво бо дуруст кардани намуди зоҳирияшон писанди Худо шудан натавонистанд, мо низ бар асоси намуди зоҳириямон наметавонем мақбули Ӯ гардем. Мо бо намуди худ метавонем инсонҳоро мутаассир кунем, аммо Худо ҳақиқатан кӣ будани моро медонад.

Мо дидем, ки Худо воситаи дар назари Ӯ мақбул шуданро ба Одаму Ҳавво дод, аммо мувофиқи шартҳои Худаш. Навишта мегӯяд:

> *Ва Парвардигор Худо барои Одам ва зани ӯ либос аз пӯст сохт ва онҳоро пӯшонд.* **Пайдоиш 3:21**

Агар мо шарҳи ин ояти кӯтоҳро дар ҷойҳои дигари Навиштаҳо намеёфтем, маънои он бароямон нофаҳмо мемонд. Пас ин ба чӣ маъност? Чӣ тавр Исо инро ба шогирдони Худ фаҳмонд? Бисёр сода: чунон ки барои пӯшонидани Одаму Ҳавво, мувофиқи хости Худо, лозим омад, ки ҳайвоне бимирад, Исоро низ лозим омад, ки барои ба Худо писанд омадани мо бимирад. Ин буд нақшаи Худо барои мо.

Ин аст воситае ки барои ба Худо писанд омадани мо пешбинӣ шудааст.

Азбаски шогирдон кӯшиш мекарданд он чиро, ки Исо ба онҳо мегуфт, фаҳманд, онҳо саволҳои бисёре медоданд.

Чаро Худо барои пӯшонидани Одаму Ҳавво ҳайвонеро кушт? Чаро Ӯ бо ягон чизи дигар онҳоро напӯшонид? Ва чаро лозим буд, ки Исо барои мо бимирад? Оё воситаи дигаре набуд? Шояд Исо шарҳашро бо ҳикояи оянда, қиссаи Қобил ва Ҳобил, давом дод.

## Қобил ва Ҳобил

Дар хотир доред, чӣ тавр фарзандони Одам ва Ҳавво, ҳар яке дар ҷои худ, қурбониҳояшонро тақдими Худо карда буданд? Чаро онҳо чунин карданд? Мо аллакай дида баромадем, ки воситаи Илоҳии раҳо шудан аз ду қисм иборат аст:

Яке ҷиҳати берунӣ – Қобил ва Ҳобил бояд ҳар яке қарори шахсияшонро қабул мекарданд; Онҳо бояд қарор медоданд, ки оё ба гуфтаи Худо бовар мекунанд ё не.

Ҷиҳати дигар дарунӣ – ёрии аёнӣ барои фаҳмидани он, ки барои аз байн бурдани гуноҳ чӣ чиз лозим буд.

Дар хотир биёред, вақте Қобил ва Ҳобил ба Худо қурбониҳо оварданд, Қобил аз сабзавоти боғи худ тақдим кард, аммо Ҳобил нахустзодаи рамаашро тақдим намуд. Худо қурбонии Қобилро рад карда, қурбонии Ҳобилро қабул кард. Чаро?

## Қобил

**Ҷиҳати дарунӣ:** Қобил ба Худо таваккал намекард ва ба гуфтаҳои Ӯ боварӣ надошт. Ӯ дар бораи тарзи халос шудан аз гуноҳ ва барқарор кардани муносибатҳои дуруст бо Худо андешаҳои шахсӣ фикр карда баровард.

Имрӯзҳо мардумони зиёде ҳастанд, ки дар бораи тарзи мақбул шудан ба ҳузури Худо ақидаҳои хос доранд. Доштани ақидаҳои шахсӣ мӯд шудааст; худое бар ченаки ҳар кас. Қобил дар ҷамъияти мо худро хуб ҳис карда метавонист.

**Ҷиҳати берунӣ:** Қобил дар асоси ақидаҳои худ, мувофиқи хости худ амал мекард.

Ӯ қурбониеро овард, ки тамоман бар хилофи ҳалли Илоҳии мушкилии гуноҳ буд. Аз сабзавот хун намеравад. Қобил аҳамият надод, ки:

> *...бе рехтани хун бахшоиш нест.* **Ибриён 9:22б**

Қурбонии ӯ ҳамчун ивазкунанда барои гуноҳаш хизмат накард. Навишта ба мо таълим медиҳад, ки мисли вай рафтор накунем:

> *...на ҳамчун Қобил, ки аз шарир буд... корҳои худаш бад буданд, вале корҳои бародараш — росткорона.* **1Юҳанно 3:12а**

## Ҳобил

Аммо қурбонии Ҳобилро Худо қабул кард.

**Ҷиҳати дарунӣ:** Ҳобил ба Худо ҳамчун ба Наҷоткори худ таваккал мекард. Ин ҳамин чизест, ки Худо барои Ҳобил мехост ва барои мо низ хоҳон аст. Борҳо ва борҳо Навишта баён мекунад, ки мо бояд ба Худованд Исои Масеҳ ҳамчун ба Наҷотдиҳандаи худ таваккал кунем.

**Ҷиҳати берунӣ:** Худо қурбонии Ҳобилро қабул кард, чунки он тасвири кори Масеҳ дар рӯи салиб буд.

❖ **Ивазкунанда:** чунон ки ҳайвони беайб дар ҷои Ҳобил мурд, анчунон Исо, ки аз ҳар гуноҳ дур буд, ҷазои маргро барои мо дид.

*Чунки Масеҳ низ, барои он ки шуморо сӯи Худо оварад, як бор барои гуноҳҳо азоб кашид, яъне росткор барои бадкорон дар ҷисм кушта шуд...* **1Петрус 3:18а**

❖ **Кафорат:** аз оғози ҷаҳон фарҳангҳои гуногун эҳтиёҷоташонро ба тақдим кардани қурбониҳои хунин мефаҳманд. Акнун мо сабабашро медонем. Чунон ки Ҳобил хуни ҳайвонро барои пӯшидани гуноҳи худ пош дод,ончунон Исо хуни Худро барои бахшида шудани гуноҳҳои мо рехт.

Навишта мегӯяд, ки он муносибатҳо бо Худо, ки ба сабаби беитоатии инсон қатъ гардида буданд, акнун бо марги Исо дубора барқарор шуданд:

*Ва шуморо, ки замоне... бегона ва душман будед, ҳоло дар бадани ҷисмонии Ӯ ба воситаи марги Ӯ оштӣ додааст...*

**Кулассиён 1:21-22б**

Азбаски мо авлодони Одаму Ҳавво мебошем, чун душманони Худо ба дунё меоем... аммо акнун, ба сабаби марги Исо бар салиб, мо бо Ӯ оштӣ шудем. Мо боз метавонем дӯсти Худо шавем. Муносибати қатъшуда дубора барқарор гардид.

Баъзеҳо хоҳанд гуфт: “Хуб, ман мефаҳмам, ки марги Исо масъалаи гуноҳро ҳал карда тавонист, аммо чӣ тавр соҳиби росткории ба Худо писандида шудан мумкин аст, то ба ҳузури Ӯ қабул гардем?”

Чунон ки мо аллакай дидем, ин мушкилӣ ду ҷиҳат дорад, мисли як тангае, ки ду тараф дорад. Ин тарафҳо бо ҳам алоқа доранд. Онҳоро аз ҳамдигар ҷудо кардан ғайриимкон аст. Ҳангоме Худо мушкилии гуноҳро ҳал намуд, Ӯ ба масъалаи росткор набудани мо низ ғамхорӣ кард. Дертар дар ин боб мо мебинем, ки чӣ тавр Ӯ инро кард.

## Нӯҳ

Дар замони Нӯҳ сокинон ба суханони Худо аҳамият намедоданд. Шояд онҳо ба хулосае омаданд, ки Нӯҳи мӯйсафед аз ақл берун шудааст. Ақидаҳои онҳо бемаъно буданд ва онҳо фақат барои лаҳзаи ҳозира зиндагӣ мекарданд. Худо на танҳо аз барои ақидаҳои нодурусти мардум оид ба зиндагӣ ба доварӣ пардохт. Тамоми онҳо ба сабаби беақлии худ

нобуд шуданд.

Худо гуфтааст: чунон ки одамон дар замони Нӯҳ барои гуноҳашон доварӣ карда шуданд, ҳамин тавр, Ӯ ҳамаи одамонро доварӣ хоҳад кард, новобаста ба он ки онҳо чӣ фикр мекунанд.

> *Аҳмақ дар дили худ гуфт: "Худо нест".* **Забур 52:2а; 13:1а**
>
> *Касе ки аз худаш дилпур бошад, аблаҳ аст.* **Масалҳо 28:26а**

Худо то як муддат имкон медиҳад, ки шахс Ӯро сарфи назар кунад ва ҳатто воситаи Илоҳии раҳоӣ аз довариро рад намояд; аммо дер ё зуд он шахс маҷбур мешавад бо чизи ногузир рӯ ба рӯ шавад: лозим меояд, ки қарзи гуноҳи худро бо марги абадии худ пардохт намояд. Оё дар ёд доред, ки чӣ тавр Нӯҳ ва писаронаш дар киштӣ дар амон буданд? Танҳо як киштие буд, ки ҳангоми тӯфон дар он паноҳ ёфтан мумкин буд ва фақат як даре буд, ки бо он дохил шудан мумкин буд. Ягон имконияти дигаре вуҷуд надошт.

Барои мо низ ончунон аст. Исои Масеҳ ягона роҳест, ки ба ҳаёти абадӣ мебарад. Дар замони Нӯҳ киштӣ ягона ҷое буд ки мардум ҳангоми тӯфон метавонистанд дар он паноҳ ёбанд. Барои мо Исо ягона паноҳгоҳест аз ҷазои абадӣ.

> *Исо ба вай гуфт: "Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам; касе назди Падар омадан наметавонад, магар ин ки ба воситаи Ман... "* **Юҳанно 14:6**

Танҳо як роҳ ҳаст, ки сӯи Худо мебарад. Касоне ки онро рад мекунанд ё ба он эътибор намедиҳанд, ҳамтақдири одамони даврони Нӯҳ хоҳанд шуд, ки ба огоҳиҳо дар бораи тӯфон гӯш додан нахостанд: марги абадӣ ва оқибатҳои он насибашон хоҳад шуд.

Навиштаҳо хеле возеҳанд: Исо ягона роҳест, ки моро сӯи Худо мебарад.

## Бобил

Оё Бобил – нахустин мисоли дини ташкилшударо – ба хотир меоваред? Мардум кӯшиш мекарданд, ки бурҷи осмонхарошеро бино кунанд. Мо дидем, ки маънои калимаи *дин* чунин аст: *кӯшишҳои инсон барои расидан ба Худо*. Сокинони Бобил кор карданд, то бо хишт ва қир бурҷе бино кунанд. Ба ҳамон сурат, дин саркорест, ки мубориза доимиро металабад. Он доим талабгори кӯшишҳои зиёдтар барои маъқул шудан ба Худо, худоён, рӯҳҳо ва ё санамҳо мебошад.

Баръакси *дин*, Навишта таълим медиҳад, ки Худи Худованд ягона роҳи дурусти расидан ба Худоро додааст, вақте ки аз рӯи марҳамати Худ, Ӯ дар шахси Исо Масеҳ то ба дараҷаи инсон фуруд омад. Бар салиб Исо тамоми кори даркориро барои дубора барқарор кардани муносибатҳои мо бо Худо иҷро кард.

Ҳаяҷони афзуншавандаи шогирдонро ҳангоми фаҳмидани ин ки нақшаи азалии Худо дар Шахсияти Исо иҷро шуд, ба худ тасаввур кардан мумкин аст. Дар тӯли асрҳо инсон орзу дошт ба рӯзи озодшавӣ аз гуноҳ расад. Акнун он вақт фаро расида буд. Аммо Исо чизе барои илова кардан дошт. Шубҳае нест, ки Ӯ дар давоми сухан ҳикояи Иброҳим ва Исҳоқро шарҳ дод.

# 3. Шариат ва пайғамбарон

## (Аз Иброҳим то шариат)

Вақте ки Исо ба шарҳи ҳикояи Иброҳим расид, шогирдон, бешубҳа, бисёр бодиққат буданд.

Дар хотир доред, чӣ тавр Худо аз Иброҳим талаб карда буд, ки писарашро бар кӯҳи Мӯриё ба қурбонӣ биёрад? Худо писари Иброҳимро ба марг маҳкум кард ва, рости гап, ӯ шоистаи он буд, зеро гуноҳкор буд. Иброҳим писарашро баста бар рӯи қурбонгоҳ гузошт. Писараш худро озод карда наметавонист.

Инак он паёме ки Худоба ин восита расонданӣ буд: тавре ки Исҳоқ худро раҳо карда наметавонист, мо низ ҳамон тавр бастаи гуноҳ буда, аз оқибатҳои гуноҳ озод шуда наметавонем.

Оё вақтеро дар ёд доред, ки Иброҳим richтро гирифт ва писарашро қурбонӣ карданӣ буд? Иброҳим боварӣ ба он дошт, ки Худо нек аст, ва масъалаи маргро ҳал хоҳад кард. Дар лаҳзаи охир, Худо аз осмон фарёд кард, то ба ин кораш монеъ шавад. Аз боиси боварии Иброҳим, Худо барои писари ӯ ивазкунандаеро дод, ки бояд ба ҷои писараш мемурд.

Мувофиқи Навишта, Иброҳим кӯҳро “Парвардигор пешбинӣ хоҳад кард” номид. Пурсидан мумкин аст, ки чаро ӯ онро “Парвардигор пешбинӣ кард” наномид? Ин чунон аст, ки гӯё Иброҳим мунтазири вақти қурбон шудани қурбонии дигаре буд. Қурбоние ки ба тамоми олам раҳоӣ меоварад. Ду ҳазор сол пас, дар ҳамин силсилакӯҳ, Исои Масеҳ пайғамбарии Иброҳимро анҷом дод, ҳангоме ки зиндагии комили Худро ҳамчун қурбонӣ овард.

## Ивазкунанда

Чунон ки як чорпо дар ҷои писари Иброҳим мурд, Исо низ дар ҷои мо мурд. Моро лозим буд барои гуноҳҳои худ бимирем, аммо Исо бар салиб барои мо мурд ва ҷазои моро дид. Ӯ ивазкунандаи мост.

Агар чорпо намемурд, писари Иброҳим мемурд. Агар Исо намемурд, худи моро лозим мебуд, ки қарзи гуноҳи худро супорем.

Навишта таълим медиҳад, ки Худо имони Иброҳимро қадршиносӣ намуд:

> *...Иброҳим ба Худо имон овард, ва ин барои ӯ росткорӣ ҳисобида шуд.* **Румиён 4:3б**

Оё он шаҳодатномаи қарзро дар ёд доред, ки ҳар як инсон ба сабаби гуноҳ онро дорад? Навишта мегӯяд, ки Худо росткориро ба ҳисоби Иброҳим ба хотири имонаш даровард. Худо инро аз барои он кард, ки кори Исоро бар рӯи салиб дар назар дошт. Мувофиқи Каломи Худо:

> *Аммо* ***на танҳо дар ҳаққи ӯ навишта шудааст, ки барои ӯ ҳисобида шуд, балки дар ҳаққи мо низ: барои мо низ ҳисобида мешавад****, ки имон дорем ба Он ки Худованди мо Исоро аз мурдагон бархезонд.* **Румиён 4:23,24**




Асрҳо инҷониб ҳар мавҷуди инсонӣ бо чунин шаҳодатномаи қарз ба дунё меояд – қарзи гуноҳи мо бениҳоят азим аст ва мо бояд онро пардозем. Ягона тарзи пардохти он марги абадии мост.

Аммо Исо ба миён омад. Марги Ӯ қарзеро, ки ба сабаби гуноҳҳои инсон – барои гуноҳҳои гузашта, ҳозира ва ё оянда – ба дӯшаш гузошта шуда буд, пурра пардохт намуд. Аз ҳамин сабаб Исо фарёд зад: “Иҷро шуд!” – “Қарз пардохта шуд!”

Ҳамзамон, ин пардохти Исо фақат ҳамон вақт ба ҳисоби мо даровардa мешавад, ки ба Ӯ имон оварем. Навишта мегӯяд:

> *Барои мо низ ҳисобида мешавад, ки имон дорем ба Он ки Худованди мо Исоро аз мурдагон бархезонд.* **Румиён 4:24**

Ба хотир биёред, ки калимаи имон, тавре ки он дар Каломи Худо истифода бурда мешавад, нисбат ба истеъмоли одии он маънои хеле васеътар дорад.

- ❖ Феълҳои *имон доштан, бовар кардан, таваккал намудан* дар Китоби Муқаддас дорои ҳамон як маъно мебошанд.
- ❖ Имони аслӣ бар ҳақиқатҳо асос меёбад (яъне бар ҳақиқате ки Исо дар ҷои мо барои гуноҳҳои мо мурд). Имон дар асоси *бахшидашуда ҳис кардани худ* бунёд намегардад.
- ❖ Мувофиқи Китоби Муқаддас, имони ҳақиқӣ на танҳо розигии фикрӣ бо ҳақиқат аст. Он таваккал аз таҳти дил, боварӣ ба фактҳоро дар бар мегирад, ки дар амали интихоб ифода меёбад. Мо имон доштанро *интихоб* мекунем. (Яъне: ман бовар мекунам, ки Исо қарзи гуноҳи маро пардохт.)

Ҳамаи ин бояд барои шогирдон хабари хушро ташкил медод. Барои мо низончунон бояд бошад. Каломи Худо мефармояд:

> *Зеро ҳар он чи пештар навишта шудааст, барои омӯхтани мо пештар навишта шудааст, то аз Китоб сабр ва тасаллӣ пайдо карда, умед дошта бошем.* **Румиён 15:4**

Шогирдон ҳикояҳоро дар бораи имон ва қурбонии Иброҳим хуб медонистанд. Агарчи онҳо ин чизҳоро аз кӯдакии худ мешуниданд, акнун бори аввал ин ҳикояҳоро дар матни умумии Навиштаҳо сарфаҳм рафтанд. Ҳангоме Исо гап мезад, овози паридани магасро ҳам шунидан мумкин буд. Чашмони ҳама ба Ӯ – Наҷотдиҳандаи Ваъдашуда – ки акнун дар миёнашон менишаст, дӯхта шуда буд.

## Песаҳ

Оё дар ёд доред, вақте ки исроилиён дар Миср ғулом буданд, Худо чӣ тавр онҳоро аз дасти фиръавн бо ҷазоҳои азиме ки ба сари мисриён

омаданд, раҳоӣ дода буд? Ҷазои охирин қатли тамоми нахустзодагон буд. Худо ба исроилиён гуфта буд, ки онҳо худро аз он фалокат бо итоат ба суханаш раҳонида метавонанд.

Оё ба хотир меоваред, чӣ тавр исроилиён бояд барраро қурбон мекарданд? Мувофиқи Навишта Исо Барраи қурбонии мост.

Тасодуфӣ нест, ки Исо аз худи таваллудаш ба ин чорпои безарар монанд карда мешуд. Исо дар оғиле – паноҳгоҳи гӯсфандон, таваллуд шуд. Нахустин зиёраткунандагонаш чӯпонон – мардоне буданд, ки барои ҳимояи гӯсфандон ғамхорӣ мекарданд. Мо гуфта будем, ки саркоҳинон Байт-Лаҳм, зодгоҳи Исоро ҳамчун макони парвариши гӯсфандони қурбонишаванда барои ибодатгоҳ муқаррар карда буданд. Яҳёи Таъмиддиҳанда дар бораи Исо гап зада мегӯяд:

> *Инак Барраи Худо, ки гуноҳи ҷаҳонро мебардорад.* **Юҳанно 1:29б**

Пас, мо набояд ҳайрон шавем, ки Исо ба барраи песаҳ баробар карда шудааст. Мувофиқатҳои зеринро дида бароед:

Оё дар ёд доред, ки барра бояд беайб мебуд?

> Исо *беайб* буд.

Он бояд гӯсфанди наринае мебуд.

> Исо *мард* буд.

Барраи Песаҳ бояд дар ҷои нахустзода кушта мешуд.

> Исо *дар ҷои мо* мурд.

Хуни барра ба паҳлӯдариҳо ва болодарии хона молида мешуд.

> Чунон ки исроилиён бояд барои дар амон мондан дар даруни хона мебуданд, фақат ҳангоме ки мо ба он чи Исо дар салиб ба ҷо овард, таваккал мекунем, метавонем дар амон монда, аз марги абадӣ раҳо шавем.

Вақте ки фариштаи нобудкунанда омад, ӯ аз болои хонаҳое ки хун бар онҳо молида шуда буд, *ҷаҳида гузашт*.

> Инчунин Худо барои мо воситаеро таъмин кард, ки бо он аз доварии Ӯ *раҳо шудан* метавонем. Ҷазое ки мо сазовораш мебошем на бар худамон, балки бар Исо омад.

Худи Худо ба исроилиён таъйин кард, ки ҳеҷ як устухони барраи песаҳ набояд шикаста шавад. Барра рамзи Исо буд, ки устухонҳояш шикаста

нашуда буд. Сарбозони румӣ:

> *Чун назди Исо омаданд ва диданд, ки аллакай мурдааст, соқи пойҳои Ӯро нашикастанд.* **Юҳанно 19:33**

Шогирдон бо ҳайрат Исоро гӯш мекарданд. Исо маънои аслии песаҳро мефаҳмонд, ва онҳо наметавонистанд ба худ ҳисобот надиҳанд, ки Исо маҳз дар ҳамон рӯзи қурбонӣ кардани барраи Песаҳ мехкӯб гардид. Шогирдон намедонистанд, ки коҳинон мехостанд баъд аз ид Исоро ба қатл расонанд, аммо нақшаи Худо муваффақ шуд. На фақат ин ки Исо дар рӯзи муқарраршуда мурд, балки Ӯ дар соати нӯҳум (15.00), дар соати таъйиншуда барои қурбонӣ кардани барра – дар вақти қурбонии шом, мурд. Исо айнан ҳамон тавре мурд, ки пайғамбарон пешгӯӣ карда буданд.[1] Навишта мегӯяд:

> *...зеро барраи Песаҳи мо, Масеҳ, барои мо кушта шудааст.* **1Қуринтиён 5:7б**



## Шариат

Оё даҳ фармонро дар хотир доред? Исроилиён бовар мекарданд, ки бе ягон мушкилӣ инҳоро риоя хоҳанд кард. Имрӯз низ бисёр одамон фикр мекунанд, ки бо иҷрои даҳ фармуда ё тафсири он дар шакли дигар ба Худо писанд меоянд. Ҳамзамон, мо дар омӯзиши худ дидем, ки Худо аз мо ғайр аз итоати комил чизи дигарро интизор нест.

> *Касе ки тамоми шариатро нигоҳ дошта, валекин дар як чиз хато кунад, нисбат ба ҳама чиз айбдор мешавад.* **Яъқуб 2:10**

Мо бо кӯшиши риоя намудани даҳ фармуда муносибатҳои шикастаамонро бо Худо дубора барқарор карда наметавонем.

> *Чунки бо корҳои шариат ҳеҷ башаре пеши Ӯ сафед намешавад; зеро гуноҳ ба воситаи шариат дониста мешавад.* **Румиён 3:20**

Шариат ду мушкилии машҳури моро ба ёдамон меоварад: дар мо чизе ҳаст, ки хоҳонаш нестем: гуноҳ; моро чизе лозим аст, ки дар ихтиёрамон нест: росткорӣ. Мо бо риояи даҳ фармуда росткории ба Худо писандидаро ба даст оварда наметавонем.

> ***Аммо акнун, берун аз шариат, росткории Худо ошкор шудааст, ки Таврот ва пайғамбарон бар он гувоҳӣ медиҳанд, — росткории Худо ба воситаи имон ба Исои Масеҳ барои ҳама кас ва бар ҳамаи имондорон.***
>
> **Румиён 3:21,22а**

Исо ба одамизод маълум кард, ки як навъи росткорӣ ҳаст, ки ба шариат вобаста намебошад. Ин росткориест, ки аз Худи Худо мебарояд. Навишта мегӯяд, ки барои ба даст овардани он имон овардан кофист. Ин чунон сода аст. Сода барои мо, вале на барои Худо.

Ба сабаби табиати росткоронаи Худ, Худо наметавонад гуноҳро беҷазо гузорад. Ӯ бояд онро бо марг ҷазо диҳад. То замони марги Исо мардум ҳайвонҳоро ба қурбонӣ меоварданд, ҳамчун музде барои гуноҳ. Дар айни ҳол, қурбониҳо гуноҳро фақат муваққатан мепӯшониданд, зеро:

> *... аз имкон берун аст, ки хуни нарговҳо ва нарбузҳо гуноҳҳоро аз байн барад.* **Ибриён 10:4**

Оё ягон ҳалли дигари масъала вуҷуд надошт? Ҳа, вуҷуд дошт. Худо бо муҳаббати фидокорона як кори аҷоибе ба амал овард:

> *Ӯро Худо пешниҳод кард, то ки дар хуни Ӯ ба воситаи имон*

> *кафорате бошад, барои нишон додани адолати Ӯ дар нодида гирифтани гуноҳҳои пештара дар замони пурсабрии Худо...*
> **Румиён 3:25**

Табиати одилонаи Худо бо марги Исо қонеъ гардид – музди ҷазои гуноҳ бо марги Ӯ пардохт гардид. Худо гуноҳҳои пештараро беҷазо мегузошт, чунки пешакӣ медонист, ки рӯзе Исо барои тамоми гуноҳҳо – гузашта, ҳозира ва оянда – мурда, пурра музди ҷазои моро пардохт мекунад. Исо мурд, то ба Худо имкони нишон додани инро диҳад:

> *... ва барои нишон додани адолати Ӯ дар замони ҳозира, то ки Ӯ одил бошад ва ҳар киро, ки ба Исо имон меоварад, сафед кунад.* **Румиён 3:26**

Калимаи ***сафедкардашуда*** истилоҳи ҳуқуқӣ буд, ки дар замони Исо ҳангоми мурофиаҳо истифода мекарданд. Оё дар хотир доред, ки баъд аз гуноҳ кардани Одам дар боғи Адан чӣ воқеа рӯй дод? Дар он вақт Худо дигар дӯсти инсон не, балки довари ӯ шуда буд. Довари беғараз ва одил инсонро ба содир кардани ҷиноят АЙБДОР кард: шикастани шариати муқаддаси Худо, гуноҳ бар зидди Худои қуддус. Инсон дар пеши Худо - Довар маҳкум карда шуд ва ба шикастани қонун айбдор буд. Ҳукмаш марг – марги абадӣ шуд.



Баъд аз ин Худо вазифаи доварро ба канор гузошт, то дӯсти инсон шавад. Худо-Писар, Каломи абадӣ, аз осмон омад, то дар ҳузури доварон дар шакли инсон-Худо, Исо, бо мо биистад. Ӯ фақат як ният ба дил дошт – ҳукми моро бар Худ гирад ва дар ҷои мо ҷазо бинад. Азбаски Ӯ бегуноҳ буд, Ӯ тавонист барои дигарон[2] бимирад. Ӯ дар ҷои мо мурд. Ӯ музди гуноҳро барои тамоми гуноҳҳо барои ҳамеша пардохт.

Акнун мушкилии гуноҳ ҳал шуд, аммо боз ба мо росткорӣ намерасид.

Мо аллакай дар ҳикояи Иброҳим дидем, ки росткорӣ бо имон ба даст оварда мешавад. Ҳамзамон, то ки ин покӣ ба мо дода шавад, чизи дигаре бояд дар доварии Худо анҷом меёфт. Исо на фақат либоси гуноҳолуди моро бар Худ кард, балки Ӯ ҳамчунин моро бо пироҳани тоза ва шахсии росткории Худ пӯшонид – росткорие ки сатҳи он бо камолоти Ӯ баробар аст.

Вақте ки Худо ҳамчун довар менишинад, Ӯ ба одамизод нигоҳ карда, мебинад, ки ӯ росткории Масеҳро дар бар кардааст. Акнун Ӯ ба таври ҳаққонӣ ва одилона метавонад гӯяд: “Ин мард (ё зан) пеши Ман комил аст”. Довари соҳибихтиёри осмонӣ болғаашро баланд бардошта мезанад ва эълон мекунад: “Сафед карда шуд!”

Ин аст маънои калимаи САФЕДКАРДАШУДА: “Дар назари Худо росткор эълоншуда”. Аммо ба ёд оред, ки ин фақат барои касоне ҳақиқат аст, ки бовар мекунанд, ки Исо дар ҷои онҳо мурд. Навишта мегӯяд:

> *Пас, чунин меҳисобем, ки одамизод, бе корҳои шариат, ба воситаи имон сафед мешавад.* **Румиён 3:28**

> *Пас, мо бо имон сафед шуда, бо Худо ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ осоиш дорем.* **Румиён 5:1**

Не, даҳ фармуда касро сафед карда наметавонанд.

> *Ва равшан аст, ки ҳеҷ кас ба воситаи шариат назди Худо сафед намешавад...* **Ғалотиён 3:11a**

> *Чунки ҳама гуноҳ карда, аз ҷалоли Худо маҳрум шудаанд.* **Румиён 3:23**

Аммо шариат сабаби вуҷуд доштанро дошт. Навишта ошкор мекунад, ки даҳ фармуда мисли муаллиме буд, ки аз дастамон гирифта моро сӯи салиб бурда, ба Наҷотдиҳанда эҳтиёҷ доштанамонро ба мо нишон медиҳад.

> *Пас, шариат тарбиятгари мо гардид, то моро ба Масеҳ расонад, то ба воситаи имон сафед шавем.* **Ғалотиён 3:24**

Тамоми олам ба Наҷотдиҳанда эҳтиёҷманд мебошад, зеро фақат росткории Масеҳро дар бар карда, мо метавонем ба ҳузури Худо қабул карда шавем.

## Муҳаббат ва адолат

Дар роҳи Аммоус Исо ба шогирдон гуфт, ки бояд мемурд. Ҳақиқат дар бораи он ки Исо бояд мемурд, моро нороҳат месозад, чунки мо медонем, ки шоистаи чунин муҳаббат нестем. Чаро Ӯ инро гуфт? Марги Ӯ фақат ба маънои зерин лозим буд:

Агар Худо фақат ба ғами қонеъ кардани адолати Худ мебуд, Ӯ моро мегузошт, то барои гуноҳҳои худамон мемурдем. Ин одилона мебуд, аммо муҳаббаташ Ӯро ба ин намонд.

Аз тарафи дигар, агар Худо фақат муҳаббати Худро ба роҳбарӣ мегирифт, Ӯро лозим меомад, то абадан чашмонашро бар рӯи гуноҳ пӯшад. Аммо ба сабаби адолати Худ ин низ ҳалли мушкилӣ набуд. Гуноҳ бояд ҷазо дода мешуд.

Ин ду хислат фақат дар салиб комилан баробарвазн намоиш дода шуданд – муҳаббати олӣ намоиш дода шуд ва адолат қонеъ гардид. Дар пешбинии Худо, салиб ба сабаби муҳаббат ва адолати Ӯ лозим буд.

> *Касе муҳаббати бузургтар аз ин надорад, ки ҷони худро барои дӯстони худ фидо кунад.* **Юҳанно 15:13**

> *Лекин Худо муҳаббати Худро нисбат ба мо бо ҳамин исбот мекунад, ки ҳангоме ҳанӯз гуноҳкор будем, Масеҳ барои мо мурд.* **Румиён 5:8**

Он чи Худо барои мо кард, берун аз фаҳмиши мост. Мо фаҳмида наметавонем, ки чӣ тавр Худованд ва Офаридгор барои офаридаҳояш чунин як дилсӯзиеро нишон дода, Худаш инсон шуд ва маргро чашид. Ин тасаввурнашуданист! Роҳҳои Худо болотар аз роҳҳои мост. Он чи бар мо боқӣ мемонад, ин боварӣ ба он чи Ӯ дар Каломи Худ мегӯяд, ва ҳамроҳи Марям гуфтан: “Чизе барои Худо ғайриимкон нест”. Мутеи Каломи Худо ва иродаи Ӯ бояд шуд.

# 4. Шариат ва пайғамбарон

## (Аз хаймаи воҳӯрӣ то мори мисин)

Оё дар хотир доред, чӣ тавр Худо ба Мусо сохтани хаймаи воҳӯриро фармуд? Ин як ёрии аёнӣ буд, ки ба мо имкон медод, то нақшаи Худои ҷовидро фаҳмида, муносибатҳои шикастаамонро бо Ӯ дубора барқарор созем.

Ба ёд меояд, ки Худо ҳузури Худро рӯзона дар сутуни абр ва шабона дар сутуни оташ намоиш медод. Ин сутун дар болои сандуқи аҳди Парвардигор дар ҷои муқаддастарин қарор гирифт.

### Даромадгоҳи ягона

Вақте ки касе барои наздик шудан ба Худо ба хайма меомад, аввалин чизе ки ӯ медид, девори кашидашуда ба даври ҳавлӣ ва даромадгоҳи ягона буд – ёдоварӣ аз ягона роҳи наздик шудан ба Худо. Исо гуфт:

> *"Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам; касе назди Падар омадан наметавонад, магар ин ки ба воситаи Ман..."* **Юҳанно 14:6**

### Қурбонгоҳи мисин

Чизи аввалине ки ҳангоми даромадан ба даромадгоҳи ягона ба дохили хайма ба назар мерасид, қурбонгоҳи мисин буд – ёдоварӣ аз аввалин коре ки шахс барои наздик шудан ба Худо бояд анҷом медод, яъне тақдим кардани қурбонии хунин. Барои мо низ ончунон аст. Қадами аввалин барои дубора барқарор кардани муносибатҳо бо Худо – ба воситаи Исо аст, ки барои мо қурбон гардид.

Ҳатто бо муқоисаи маҳдуд байни қурбонгоҳи мисин ва салиб дидан мумкин аст, ки ба чӣ андоза Исо маросими тасвиршудаи қурбониҳои хаймаи воҳӯриро пурра ба ҷо овард.



Ба воситаи ҳамин қурбонгоҳ Худо оқибатҳои даҳшатноки гуноҳро нишон медод, яъне ба воситаи марг ва хуни пошидашуда.

| **Қурбонгоҳи мисин** | **Салиб:** |
|---|---|
| Қурбонӣ: | Исо: |
| ... *аз чорпоён, яъне аз говон ва аз гӯсфандону бузон буд* | ...Бappaи Худо буд |
| ...*чорпои нар буд* | ...марде буд |
| ...*беайб буд* | ...бе гуноҳ буд |
| ...*ба ҷои гуноҳкор мемурд* | ... дар ҷои мо мурд |
| ...*[ қурбонии ] хун буд* | ...қурбонии хунин шуд |
| ...*барои кафорат шудани гуноҳҳо [-и гуноҳкор ] буд.* | ...роҳест барои мо, то бахшиши гуноҳҳоямонро ба даст орем |
| **Ибодат 1:2-5** | |

## Чароғдони тиллоӣ

Оё дар ёд доред, чӣ тавр Худо ба Мусо гуфт, ки чароғдони тиллоиро барои равшан кардани ҷои муқаддас созад? Ин чароғдон рамзи Исо буд, ки дар бораи Худ гуфта буд:

> *"Ман нури ҷаҳон ҳастам; ҳар кӣ Маро пайравӣ кунад, дар торикӣ роҳ намеравад, балки нури ҳаётро дорад".* **Юҳанно 8:12**

Исо мехоҳад моро аз торикиҳои гуноҳ озод карда, ба равшании ҳаёти абадӣ барад.

## Мизи нонҳои тақдим

Оё дар ёд доред, чӣ тавр Худо ба Мусо гуфт, ки мизеро барои гузоштани дувоздаҳ нон бар он созад? Ҳар яке аз ин нонҳо намояндаи яке аз дувоздаҳ қабилаи Исроил буд. Ин рамзи дигари Исо буд.

> *Исо ба онҳо гуфт: "Ман нони ҳаёт ҳастам; касе ки назди Ман ояд, ҳаргиз гурусна намемонад, ва касе ки ба Ман имон оварад, ҳаргиз ташна намемонад".* **Юҳанно 6:35**

Чунон ки дувоздаҳ нон маънои онро дошт, ки барои тамоми исроилиён нони кофӣ хоҳад буд, Исо низ барои гуноҳҳои тамоми олам мурд. Ҳамчун нони зиндагӣ, Ӯ ба мо ҳаёти абадӣ медиҳад, агар ба Ӯ имон оварем:

*Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба Ман имон оварад, ҳаёти абадӣ дорад. Ман нони ҳаёт ҳастам.*

**Юҳанно 6:47,48**

## Парда

Биёед бар пардаи вазнин нигоҳ кунем, ки Худо овехтани онро байни ҷои муқаддас ва ҷои муқаддастарин ба Мусо фармуда буд. Ба ҳузури Худо даромадани инсони гуноҳкор манъ шуда буд.

Навишта мегӯяд, ки мо аз Худо ҷудо карда шудаем ва ба сабаби гуноҳҳоямон ба ҳузури Ӯ омада наметавонем. Мо барои Ӯ БЕГОНА ҳисоб мешавем.

Аммо Исо ба миён омад. Навишта мегӯяд, ки пардаи хайма тасвири ҷисми табиии Исо буд. Ҳангоме Ӯ бар рӯи салиб мурд, парда аз боло то поён ду пора гардид. Ҳеҷ инсоне ин пардаро пора карда наметавонист; аммо Худо онро пора кард, то тасвир диҳад, ки бадани Исо барои шумо ва ман қурбонӣ шуд. Навиштаҳо моро ёд медиҳанд, ки ҳангоми ба Исо имон оварданамон гуноҳҳои мо бахшида мешаванд ва мо бо дилпурии тамом метавонем ба ҳузури Худо оем. Муносибати мо бо Худо барқарор аст.

*Пас, эй бародарон, азбаски мо ҷуръат дорем ба макони муқаддас ба воситаи хуни Исо, бо роҳи нав ва зинда дохил шавем, ки онро Ӯ барои мо ба воситаи пардае, яъне ҷисми Худ, аз нав кушодааст, ва азбаски мо Коҳини бузурге бар хонаи Худо дорем, пас бо дили соф ва бо имони комил, дилҳои худро ба воситаи пошидани хун аз виҷдони бад пок намуда ва бадани худро бо оби пок шуста, ба ҳузури Худо наздик оем.*

**Ибриён 10:19-22а**

*Аммо акнун, дар Масеҳ Исо, шумо, ки як вақте дур будед, бо Хуни Масеҳ наздик шудаед.* **Эфесусиён 2:13**

Аммо инсон на фақат мисли дӯст пазируфта шуд. Навишта мегӯяд, ки ӯ узви хонаводаи Худо гардид – ӯ фарзанд хонда шуд.

Дар ҷамъияти румии замони Исо фарзандхондагӣ оини қонуние буд, ки кас бо он бо ҳаққу ҳуқуқҳои писар бахраманд карда мешуд. Имрӯз фарзандон аз замони таваллудашон тамоми ҳаққу ҳуқуқҳои узви оиларо дар ихтиёр доранд. Аммо дар ҷамъияте ки мардон фарзандону занон, канизон ва маъшуқаҳо доштанд, фарзанд ворисси қонунияшон намешуд, то даме ки камаш ин ки бо ҳаққу ҳуқуқҳои писар бахраманд карда мешуд. Ҳамчун писар хонда шуда, ӯ аъзои оила мегардид.

Барои мо низ чунин аст. Пеш, мо барои Худо БЕГОНА будем, аммо акнун мо фарзанд шудаем.

> *Ва азбаски шумо писарон ҳастед, Худо ба дилҳои шумо Рӯҳи Писари Худро фиристодааст, ки нидо мекунад: "Або, Падар!" Бинобар ин ту* ***дигар ғулом нестӣ, балки писарӣ****; ва агар писар бошӣ, ба воситаи Масеҳ вориси Худо низ ҳастӣ.*
>
> **Ғалотиён 4:6,7**

## Сарпӯши сандуқи аҳди Парвардигор

Сарпӯш як пӯшиши алоҳидае буд, ки бар сари сандуқи аҳди Худованд дар ҷои муқаддастарин ҷойгир мешуд. Ба ҳамин ҷо коҳин соле як дафъа дар рӯзи кафорат хун меовард. Худо ба исроилиён воситаи раҳоӣ аз довариро дод: ба болои сандуқи аҳд пошидани хуни барраи қурбонӣ. Айнан ба монанди ҳамин, Исо акнун сарпӯши аҳди мост ва, ба сабаби хуни пошидашудаи Ӯ, мо воситаи раҳоӣ аз марги абадиро дорем. Инсон дигар ба тақдим кардани қурбониҳо эҳтиёҷ надорад. Исо қурбонии охирин шуд. Худо гуфт:

> ***"Гуноҳҳо ва бадиҳои онҳоро дигар ба ёд намеоварам****.*
>
> *Ва дар он ҷое ки бахшоиши онҳо бошад, қурбонӣ барои гуноҳ дигар лозим нест".* **Ибриён 10:17,18**

Бо марги Исо бар салиб, охирин Барра мурд. Аз вақти саршавии таърих Худо пешбинӣ намуд, ки марги Исо воситаи раҳоӣ аз доварӣ мешавад. Қурбонии барраҳо фақат тасвири оянда буд. Ин қурбониҳо дар худ бесамар буданд. Онҳо гуноҳро аз байн бурда наметавонистанд. Аммо акнун, тақдими қурбониҳо дигар лозим нест, чунки хуни Исо як бор барои ҳамеша қарзи гуноҳро пардохт.

> *Аз рӯи ҳамин хост мо ба воситаи* ***қурбонии якборaи*** *бадани Исои Масеҳ муқаддас шудаем.*
>
> *Ва ҳар коҳин ҳар рӯз дар ибодат меистад ва ҳамон қурбониҳоро борҳо тақдим менамояд, ки онҳо ҳаргиз гуноҳҳоро аз байн бурда наметавонанд. Аммо Ӯ* ***барои ҳамеша*** *як қурбониро барои гуноҳҳо тақдим намуда, аз дасти рости Худо нишаст.* **Ибриён 10:10-12**

Дар соли 70-уми милодӣ қувваҳои ҳарбии румӣ тахти сардории Титус ибодатгоҳи яҳудиро вайрон карданд ва ҳамин тариқ, қурбониҳо дар қурбонгоҳи мисин қатъ шуданд. Ин монанди он аст, ки Худо ба тамоми миллатҳо паёме фиристода бошад: минбаъд қурбониҳои ҳайвонҳо қабул намешаванд.

Худо ин қубониҳоро қабул мекард, чунки Ӯ қурбонии ягона – марги Исоро дар назар дошт. Ҳангоме Исо мурд, Ӯ на фақат барои як сол гуноҳро пӯшонид, балки онро тамоман, барои ҳамеша, аз назари Худо гум кард. Бар салиб Исо фарёд зад: "Иҷро шуд!" – *"Барраи охирин ёфт шуд"*.

| **Бо нигоҳ бар пеш...** | **...бо нигоҳ бар қафо** |
|---|---|
| Барра | Исо |
| Муваққатӣ | Барои ҳамеша |
| Кафорат — рӯпӯш шудани гуноҳ | Гуноҳҳо пурра аз байн бурда шудаанд |
| Қурбониҳои зиёд — ҳама вақт | Як қурбонӣ — як бор ва барои ҳамеша |

Имкон дорад, ки Исо дар бораи Худ ба шогирдон чизҳои аз ин зиёдтарро фаҳмонд. Дар ҳақиқат ин ёрии аёнӣ – хаймаи вохӯрӣ – пур аз ҷузъиётҳои аҳамиятнок аст ва муқоисаҳои бешумор тасвири онанд. Он чи Ӯ барояшон гуфт, воқеан фаромӯшнашаванда буд!

## Мусо ва мори мисин

Ба хотир биёред, чӣ тавр Худо ҳангоми гуноҳ кардани исроилиён морҳои заҳрдорро фиристод. Онҳо сӯи Худо фарёд карданд, то ба онҳо ёрӣ диҳад; Худо ба Мусо фармуд, ки мори мисинеро сохта, онро бар сари хода дар миёни бошишгоҳ баланд бардорад. Барои шифо ёфтан фақат бар мор НИГОҲ КАРДАН кофӣ буд. Ягон роҳи дигари наҷот ёфтан набуд.

> *Ва чунон ки Мусо дар биёбон морро боло бардошт, Писари Одам низ бояд ончунон боло бурда шавад, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, ҳалок нашавад, балки ҳаёти абадӣ ёбад.*
>
> *Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, ҳалок нашавад, балки ҳаёти абадӣ ёбад. Зеро Худо Писари Худро ба ҷаҳон барои он нафиристод, ки бар ҷаҳон доварӣ кунад, балки барои он ки ҷаҳон ба воситаи Ӯ наҷот ёбад.*
>
> *Ҳар кӣ ба Ӯ имон дорад, маҳкум намешавад; лекин ҳар кӣ имон надорад, аллакай маҳкум шудааст, чунки ба номи Писари ягонаи Худо имон наовардааст.* **Юҳанно 3:14-18**

Инсон аллакай маҳкумшуда ба дунё меояд. Мо мисли исроилиёне ҳастем, ки морҳо онҳоро газида буданд. Мо мисли МУРДА мебошем. Муносибати мо бо Худо вуҷуд надорад; бадани мо охир хоҳад мурд, ва баъд аз марг мо дар марги дуюм, ҷазо дар кӯли оташ, қисмат хоҳем дошт.

Аммо Исо ба миён омад. Ӯ бо марги Худ қарзи гуноҳро пардохт. Дар айни замон Исо дар қабр намонд. Ӯ ба зиндагӣ баргашт. Агар мо бо имон ба Исо нигарем, мисли он ки исроилиён ба мори мисин нигоҳ мекарданд, Ӯ ба мо зиндагии абадиро хоҳад дод. Чунон ки Исо ба ҳаёт баргашт, мо низ ЗИНДА шуда, то абад хоҳем буд. Навишта мегӯяд, ки лаҳзаи имон оварданамон мо аз нав таваллуд мешавем.

> *Ва шуморо, ки дар хатоҳо ва дар бехатнагии ҷисми худ мурда будед, бо Ӯ зинда кард, чунки ҳамаи хатоҳотонро бахшид.*
>
> **Кулассиён 2:13**

> *Худо ... моро, агарчи дар хатоҳо мурда будем, бо Масеҳ зинда кард.* **Эфесусиён 2:4,5**

Ҳатто агар мо собиқ рӯҳан МУРДА будем, ҳангоми ба Исо имон оварданамон мо ЗИНДА мегардем ва метавонем абадан бо Офаридгорамон дар осмон зиндагӣ кунем.

# 5. Шариат ва пайғамбарон

## (Аз Яҳёи Таъмиддиҳанда то растохези Исо)

Шояд вақте ки Исо ба шогирдонаш аҳамияти маънои ин воқеаҳоро мефаҳмонд, Ӯ чизҳои дигарро низ, ки мо ёд накардем, барояшон хотиррасон карда буд. Бешубҳа, шогирдон маҳз бо чизҳое ки ба онҳо наздик буданд, шавқманд шуда буданд.

### Чӯпони некӯ

Навишта мегӯяд:

> *Ҳамаамон монанди гӯсфандон гумроҳ будем: ҳар яке ба роҳи худ мерафтем.* **Ишаъё 53:6а**

Инсон чунон интихоб кард, ки бо роҳи худ равад, аммо ин роҳ ӯро аз Худо дур кард. Мувофиқи Навишта, инсон ГУМ шуда буд.

Аммо Исо ба ҷустуҷӯи мо омад. Исо ҳангоми ҳаёти заминияш барои тасвир додани дараҷаи ғамхории Худо ба инсон ҳикояи зеринро овард:

*“Кист аз шумо, ки сад гӯсфанд дошта бошад ва чун яке аз онҳоро гум кунад, он наваду нӯҳро дар саҳро гузошта, аз пайи он гумшуда наравад, то онро ёбад? Ва чун ёфт, бо шодӣ онро бар китфи худ мегузорад; ва ба хонаи худ омада, дӯстон ва ҳамсоягонро ҷеғ мезанад ва ба онҳо мегӯяд: «Бо ман шодӣ кунед, ки гӯсфанди гумшудаи худро ёфтам». Ба шумо мегӯям: дар осмон барои як гунаҳкоре ки тавба мекунад, шодӣ зиёдтар мешавад, аз он ки барои наваду нӯҳ росткоре ки ба тавба эҳтиёҷ надоранд”.* **Луқо 15:4-7**



Худо метавонист дар осмон монда, барои ҳамеша пушти Худро ба мо гардонад, аммо Ӯ чунон накард. Навиштаҳо возеҳ мегӯянд, ки Исо хост, ки ба ҷустуҷӯи моояд ва, ҳамчун чӯпони некӯ, баъдтар ҳам инро идома хоҳад дод.

*Ман чӯпони некам: чӯпони нек ҷони худро барои гӯсфандон фидо мекунад.* **Юҳанно 10:11**

Ин айнан ҳамон корест, ки Исо кард. Инак муҳаббати комил! Бале, Худо муҳаббат аст, аммо намоиши ин муҳаббат барояш хеле гарон афтид. Бар рӯи салиб Исо фарёд зад:

*“Элоҳӣ, Элоҳӣ! Лама шабақтанӣ?”, яъне: “Худои Ман, Худои Ман! Чаро Маро тарк кардаӣ?”* **Маркус 15:34**

Исо на фақат ҷисман мурд. Марги Ӯ инчунин дар рӯҳ буд: гуноҳ ҷудоиро металабад. Дар давоми соатҳои даҳшатноке ки Исо бар рӯи салиб буд, Ӯ ҷудоии воҳиманок аз Худо Падарро ба хотири гуноҳҳои ҷаҳон аз сар гузаронид, ки онҳоро бар Худ бор карда буд.

Навишта мегӯяд, ки бар рӯи тамоми замин торикӣ фаро расид, дар ҳоле ки нисфирӯз буд. Ин гӯё Худо нахост, ки тамоми ҷаҳон шоҳиди азоби марги Писараш шавад, ки бо розигии Худ гуноҳҳои моро ба Худ гирифт, то мисли Барраи ҷонишини мо бимирад. Худо ба мурдани Исо монеъ нашуд. Дар асл, инро Ӯ Худаш ба нақша гирифта буд. Чунон ки Иброҳими пайғамбар кордро бар сари писари азизаш бардошт, то ӯро кушад, Худо низ ба сабаби гуноҳҳои мо ҷазоро бар Писари Худ гузошт.

Писари Иброҳим марҳамат карда шуд, аммо на Писари абадии Худо. Ӯ қурбонии комил ва ягонае гардид.

## Мубодилаи азим

Навишта мегӯяд:

> *Зеро Ӯро, ки аз гуноҳ бехабар буд, барои мо қурбонии гуноҳ сохт, то мо дар Ӯ росткории Худо шавем.* **2Қуринтиён 5:21**

Худо тавре кард, ки Исо барои гуноҳҳои мо пешкаш шуда буд. Ҳангоме Исо гуноҳҳои моро гирифт, Худо, дар адолати Худ, тамоми хашму ғазаби Худро нисбати гуноҳ бар Исо рехт. Сипас Исо амалеро ба ҷо овардан тавонист, ки онро кардани мо номумкин буд – Ӯ фарёд зад: *“Иҷро шуд!”* Агар мо қарзи гуноҳи худро мепардохтем, моро лозим мебуд, ки то абад онро пардохт намоем. Мо ҳаргиз наметавонистем гуфт, ки: “Иҷро шуд”. Исо бошад ҳамаашро пардохт намуд. Қисми охири ин оят мегӯяд:

> *... то мо дар Ӯ росткории Худо шавем.* **2Қуринтиён 5:21б**

Мо маҳз дар Исо росткориро меёбем! Он аз мо нест. Худо росткории Худро ба мо медиҳад. Ин мубодилаи бузургтарини имконпазир аст: Исо гуноҳи нафратовари моро бар рӯи салиб бар Худ гирифт, ва ҳангоме ки мо бар Ӯ таваккал мекунем, Ӯ росткории Худро ба мо медиҳад. Мо дигар барои пӯшонидани гуноҳ ба хуни барраҳо эҳтиёҷ надорем, зеро чизи бениҳоят хубтар – росткории Масеҳро дар бар кардаем. Оё саволи қадимии Айюбро дар ёд доред?

> *...инсон чӣ гуна пеши Худо росткор шавад?* **Айюб 9:2**

Чӣ тавр мо худро аз гуноҳ халос карда, росткории ба Худо писандидаро ба даст оварда метавонем, то ба ҳузураш қабул шавем? Ҷавоб дар ин оят аст; биёед онро боз хонем:

> *Зеро Ӯро, ки аз гуноҳ бехабар буд, барои мо [қурбонии] гуноҳ сохт, то мо дар Ӯ росткории Худо шавем.* **2Қуринтиён 5:21а**

## Растохези Исо

Бале, Исо мурд; аммо, баръакси пайғамбарони қадим, Ӯ дар қабр намонд. Ӯ ба ҳаёт баргашт, то исбот кунад, ки марг бар Ӯ ҳеҷ қудрате надорад. Исо гуфт:

> *“Аз ин сабаб Падар Маро дӯст медорад, ки Ман ҷони Худро*

> *фидо мекунам, то онро боз ёбам. Ҳеҷ кас онро аз Ман намегирад, балки Худи Ман онро фидо мекунам. Қудрат дорам, ки онро фидо кунам, ва қудрат дорам, ки онро боз ёбам. Ин фармударо аз Падари Худ гирифтаам”.*
>
> **Юҳанно 10:17,18**

Мардум румиёнро дар қатли Исо айбдор мекарданд, ва сардорони диниро дар он гуноҳкор мекарданд, ки румиёнро ба ин кор водор намуданд. Дар тӯли асрҳо яҳудиёнро дар тамоми ин кори бад айбдор ҳисобида, ба таъқиботи сахт гирифтор менамуданд; аммо ин маънидоди дурӯғини ҳодисаҳо аст. Каломи Худо исрор мекунад, ки Исо Худаш бо ихтиёри Худ ҳаёташро дод. Ӯро ҳеҷ кас ба ин маҷбур накарда буд. Ин интихоби Худи Ӯ буд, ки далели муҳаббати Ӯ нисбати мо буд. Дар ҳақиқат тамоми одамизод ба мехкӯб кардани Исо бар рӯи салиб айбдор аст, зеро ки Ӯ барои гуноҳҳои тамоми инсоният мурд.

Растохези Исо намоиши тавонои он буд, ки ҳангоме Исо ба ҷои мо мурд, адолати Худо қонеъ гардид. Музди гуноҳ пурра пардохта шуда, кофӣ эълон карда шуд! Исо маргро мағлуб кард – қабр Ӯро нигоҳ доштан натавонист. Ӯ занҷири гуноҳро барҳам зад, қудрати шайтонро чаппагардон сохт ва оқибати даҳшатноки маргро аз байн бурд.

> *Ва азбаски фарзандон дар ҷисм ва хун шарик ҳастанд, Ӯ низ ҳамчунин шарики инҳо гардид, то ба воситаи марг соҳиби қудрати маргро, яъне иблисро нобуд намояд ва онҳоеро, ки аз тарси марг тамоми умр гирифтори ғуломӣ буданд, халосӣ диҳад.* **Ибриён 2:14,15**

Шайтон дар вақти растохези Исо бояд ноумед мешуд. Ӯ фикр мекард, ки пирӯзӣ ба даст овард, вақте ки Яҳудоро ба таслим кардани Исо водор кардан тавонист. Акнун ӯ ба нокомияш сарфаҳм рафт. Силоҳи боқувваттарини ӯ – марг – нешашро гум кард.

## Халосшуда

Дар давоми асрҳо инсон ҒУЛОМИ шайтон буд. Барои он ки ба мақсадҳои худ расад, шайтон ба воситаи фиребҳои ошкоро, тақлиди ҳақиқат ва ҳатто инкор кардани мавҷудияти худ, инсонро истифода мебурд.Ба ҳар сурат, ҳатто бе таъсироти шайтон ҳам, инсон наметавонист зиндагии комил ба сар барад. Ӯ ҒУЛОМИ гуноҳ буд.

Аммо Исо барои БОЗХАРИДАНИ мо омад. Фаҳмидани тамоми маънои ин калима бароямон душвор аст, агар алоқамандии онро бо

ғуломӣ, ки дар он замон ривоҷ дошт, сарфаҳм наравем.

Вақте ки шахси сарватманд барои харидани ғулом ба бозор мерафт, ӯ он ҷо бандиёни занҷирбасташудаи мазлум ва шикастаро медид, ки ба як маблағе фурӯхта мешуданд. Сарватманд қиматашро мепардохт ва он ғулом аз они вай мешуд. То ин дам чизи ғайриодие набуд. Ҳамзамон, баъзе вақт ягон чизи аҷоибу ҳайратовар рӯй медод. Баъзан чунин воқеъ мешуд, ки хӯҷаини нав ғуломашро аз бозор баровارда, занҷирҳояшро бармеканд ва вайро озод мекард. Пас, мегуфтанд, ки ин ғулом БОЗХАРИДА шуд, яъне фидия дода гирифта шуд.



Ин ҳамон корест, ки Исо барои мо кард. Мо бо занҷирҳои гуноҳ ва шайтон басташуда будем. Мо худро озод карда наметавонистем. Аммо Исо ба миён омад. Ӯ моро бо хуни Худ ба даст овард. Ӯ занҷирҳои моро шикаста, моро озод кард.

> *... зеро медонед, ки шумо на бо чизҳои нобудшаванда чун нуқра ё тилло* ***бозхарида*** *шудаед аз зиндагии ҳеҷу пуч, ки аз падарони худ мерос гирифтаед, балки бо хуни гаронбаҳои Масеҳ, ҳамчун барраи беайб ва бенуқс.* **1Петрус 1:18,19**

> *Масеҳ моро аз лаънати шариат* ***бозхарида****, барои мо лаънат гардид.* **Ғалотиён 3:13а**

> *Дар Ӯ мо бо хуни Ӯ раҳоӣ ва бахшоиши хатоҳоро мувофиқи сарвати файзи Ӯ пайдо кардаем.* **Эфесусиён 1:7**

## Оғил

Акнун монандиеро, ки Исо ҳангоми муқоисаи мо ба гӯсфандон истифода бурд, аз назар мегузаронем. Ба хотир биёрем, ки чӯпони некӯ ба дари оғил мехобид, то рамаашро дар амон нигоҳ дорад. Исо гуфт:

> *Ман дар ҳастам: ҳар кӣ ба воситаи Ман дарояд, наҷот меёбад...* **Юҳанно 10:9а**

Чунон ки оғил фақат як дар дошт, Исо ягона дарест, ки дохили ҳаёти

абадӣ мебарад. Худо ягон воситаи дигереро барои раҳонидани мо аз оқибатҳои гуноҳ пешбинӣ нанамуд.

> ...Чунон ки барои Қобил ва Ҳобил ягона роҳи наздик шудан ба Худо вуҷуд дошт;
>
> ...чунон ки ягона даре барои рафтан ба дохили киштии Нӯҳ буд;
>
> ...чунон ки фақат як даромад барои даромадан ба хаймаи вохӯрӣ вуҷуд дошт;
>
> ...ва чунон ки танҳо як даромадгоҳи оғил буд,
>
> **ҳамон тавр Исо ягона роҳест, ки сӯи Худо мебарад.**
>
> *Дар ҳеҷ каси дигар наҷот нест, ва ҳеҷ номи дигаре ба одамон дода нашудааст, то ба воситаи он наҷот ёбем.* **Амалҳо 4:12**

Таълими Исоро, ки бар Шариат ва пайғамбарон асос ёфта буд, шунида, шогирдон бояд ақидае пайдо мекарданд, ки натиҷаи ин паём чист. Онҳо дар империяи Рум зиндагӣ мекарданд. Румиён то ба як дараҷа нисбати динҳои ғайр пурбардошт буданд, аммо онҳо инчунин бовар мекарданд, ки қайсар худое буд. Румиён эътирозе надоштанд аз ин ки Исоро ҳамчун як воситаи дигари назди Худо омадан муаррифӣ мекарданд, аммо шогирдон дар сурати таълим додани ягона роҳ сӯи Худо будани Исо худро зери хатар қарор медоданд. Мувофиқи сачашмаҳои берун аз Китоби Муқаддас, аз дувоздаҳ шогирд даҳтояшон ба сабаби ҳамин паём ба қатл расонда шудаанд. Онҳо мурданд, чунки бар он чи ҳақиқат аст, исрор мекарданд. Касе ки қатл нашуд, ба бадарға маҳкум шуда буд.

## Фарисиён

Фарисиён дар диндории худ бенуқсон буданд. Онҳо рӯйхати дарози дастурҳои пайравӣ ба шариатро доштанд.

Хатои аз ҳама паҳншудаи замони мо – бовар кардан ба ин аст, ки агар корҳои неки мо аз корҳои бади мо бештар бошанд, ба осмон расида метавонем.

Гарчи фарисиён бисёр диндор буданд, Исо тарзи зисти онҳо ва инчунин таълимашонро, ки мардумро ба иштибоҳ мебурд, маҳкум мекард. Исо ба мо таълим медиҳад, ки ягона роҳ ба сӯи Худо – ба Ӯ имон овардан аст.

Ҳар рӯз мо имони худро таҷриба менамоем. Дар ҳақиқат, шумо худи ҳамин лаҳза низ имонатонро таҷриба менамоед. Агар шумо бар

курсӣ нишаста бошед, шумо имон доред, ки ин курсӣ вазни шуморо бардошта, нахоҳад шикаст. Аз эҳтимол дур аст, ки шумо ба ин курсӣ бо фикри “Ман имон дорам, ки ин курсӣ маро бардошта метавонад” нишастаед, аммо шумо чунин имонатонро таҷриба намудед. Ба як маъно имон бетараф аст. Он чиз аҳамият дорад, ки мо имони худро дар чӣ қарор медиҳем. Имкон дорад, ки курсӣ мешиканад, аммо ин фақат як курсӣ аст. Агар шумо дар ҳақиқате ки Исо қарзи гуноҳҳои шуморо пардохтааст, имонатонро қарор диҳед, шумо аз ин кораш дилпур буда метавонед. Ӯ ваъда дод:

> *Зеро шумо бо файз ба воситаи имон наҷот ёфтаед, ва ин на аз шумост, балки атои Худост, ва аз амалҳо нест, то ҳеҷ кас фахр накунад.* **Эфесусиён 2:8,9**

Мувофиқи Навишта, мо маҳз бо имон ба Исои Масеҳ аз оқибатҳои гуноҳ наҷот меёбем. Ин наҷот тӯҳфаи Худост. Мо ба сабаби ягон кори динӣ ё дигар кори хайрхоҳона сазовори он намешавем.

Тӯҳфа бепул аст. Агар барои гирифтани он кор кардан даркор бошад, он дигар тӯҳфа нест. Тӯҳфаҳо, ба маънии аслӣ, аз рӯи шоистагӣ намебошанд.

Агар кас фикр кунад, ки лоиқи чизест, пас он чиз дигар тӯҳфа не, балки муздаш мешавад. Зиндагии ҷовидоние ки Худо ато мекунад, тӯҳфа аст, зеро мо лоиқаш нестем.

Фарисиён дилпур буданд, ки корҳои хайрхоҳонаашон ба Худо маъқуланд. Аммо Худо мегӯяд, ки агар Ӯ одамонро мувофиқи он чи онҳо сазоворанд подош медод, ин барои онҳо ҳолати даҳшатовар мебуд. Худо моро на бар асоси корҳои некамон наҷот медиҳад, балки ба хотири имонамон.

> *Зеро музди гуноҳ марг аст, аммо атои Худо ҳаёти абадист дар Худованди мо Масеҳ Исо.* **Румиён 6:23**

*Бо имон*, мо бовар мекунем, ки Исо дар ҷои мо барои гуноҳи мо мурд.

*Бо имон*, мо бовар мекунем, ки Исо қарзи гуноҳҳои моро пардохт.

*Бо имон*, мо бовар мекунем, ки адолати Худо бо марги Исо қонеъ гардид. Мо боварӣ дорем, ки вақте ки Худо бар мо нигоҳ мекунад, Ӯ гуноҳҳои моро не, балки росткории Исоро, ки мо дар бар кардаем, мебинад.

*Бо имон,* мо бовар мекунем, ки Худо ба мо ҳаёти абадӣ бахшидааст.

Ин пурра бо имон аст, вале на бо имони кӯр-кӯрона. Ин имонест, ки бар ҳақиқатҳои дар Навиштаҳо мавҷудбуда асос меёбад.

Баъзеҳо мехоҳанд имонро ҷиҳати миқдорӣ диҳанд. Аз гуфтаи чунин одамон, кас метавонад имони кам ё зиёд дошта бошад. Ин тарзи фикр нодуруст аст. Таваккал кардан бар коре ки Исо дар рӯи салиб барои мо анҷом додааст, ба он монанд аст, ки кас дар ҳоли ғарқ шудан бошад ва наҷотдиҳандаи ӯ аз вай пурсад: “Оё боварӣ дорӣ, ки ман туро наҷот дода метавонам?” Он ғарқшаванда сар ҷунбонда, ишораи тасдиқ мекунад. Миқдор ё андозаи сар ҷунбондан аҳамият надорад. Он чиз аҳамият дорад, ки ғарқшаванда сар ҷунбонда тасдиқ менамояд ва ба наҷотдиҳанда боварӣ мекунад, ки ӯро наҷот медиҳад.

Агар ӯ баъдтар ба он кас мегуфт, ки миқдор ё андозаи ишораи сараш ӯро наҷот додааст, ин гапаш хандаовар мебуд. Барои мо низ чунин аст. Барои наҷот ёфтан аз гуноҳ мо бояд ба Исо таваккал намоем, аммо на миқдори имонамон моро наҷот медиҳад; аниқтараш ин он корест, ки Исо ҳангоми дар салиб мурданаш барои мо кард.

> *Зеро* ***росткории Худо дар он аз имон ба имон ошкор мешавад,*** *чунон ки навишта шудааст: “Вале* ***росткор бо имон зиндагӣ мекунад”.*** **Румиён 1:17**

Муқоиса бо ғарқшавандаро идома дода, аҳамият дорад ба худ ҷавоб диҳем, ки мо дар ҳоли ғарқ шудан мебошем. Агар шумо фикр кунед, ки хуб шино карда метавонед, ҳар гуна кӯмакро рад мекунед. Ё, агар донед, ки дар ҳоли ғарқ шудан ҳастед, аммо барои кӯмак хостан бисёр мағрур бошед, ғарқ мешавед. Дигарон дида метавонанд, ки шумо дасту по мезанед, аммо то даме ки шумо кӯмакашонро қабул накунед, онҳо ёрӣ додан наметавонанд. Дар соҳаи рӯҳонӣ низ чунин аст. Бояд донист, ки мо гуноҳкорем ва барои наҷот додани худ нотавонем – танҳо дар ин маврид наҷот ёфтани мо имконпазир мегардад. Ин аст қадами аввалин.

Каломи Худо пур аз тасвирҳои кӣ будани Исои Масеҳ ва кори кардаи Ӯст. Мо фақат тахмин карда метавонем, ки Исо кадоми инҳоро барои фаҳмондан ба шогирдони Худ истифода бурд. Бешубҳа, Ӯ тамоми ин тасвирҳоеро, ки мо бо ҳам дида баромадем, ё боз тасвирҳои дигарро истифода бурд. Ҳангоме Исо таълимашро ба охир расонид, эҳтимолан дар он хонае ки шогирдон ҷамъ омада буданд, хомӯшӣ ҳукмфармо буд. Акнун онҳо пеши рӯи саволе ки он ба мо низ дода мешавад, қарор доштанд. Мо ба чӣ ё ба кӣ имон дорем? Ба худ, ба дини худ, ба ақидаҳои худ, ба корҳои хайри худ – ё ба ҳақиқате ки Исо дар ҷои мо мурд, то ки қарзи гуноҳи моро пардохт намояд?

# Боби понздаҳум

1. Он чи пайғамбарон пешгӯӣ кардаанд

2. Исо ба осмон бармегардад

3. Оё ба пайғамбарон бовар мекунед?

# 1. Он чи пайғамбарон пешгӯӣ кардаанд

Ҳафтсад сол пеш аз таваллуди Исо Худо ба Ишаъёи пайғамбар навиштани порчаи зеринро фармуд. Онро бо диққат хонед ва бинед, ки оё ин порчаи пайғамбаронаи Навиштаҳоро тафсир кардан метавонед ё не.

*Кист, ки ба овозаи ба гӯши мо расида бовар карда бошад, ва кист, ки бозуи Парвардигор бар вай ошкор гардида бошад? Ӯ монанди навдае пеши Парвардигор рӯидааст, ва монанди решае аз замини хушк; Ӯро на симое буд, на зебоие, то ҳавас кунем, ки ба Ӯ назар андозем; ва на намуде буд, то хоҳони дидораш гардем. Ӯ нафратзада буд ва радди мардум, дардманд ва ранҷур, ва монанди касе ки аз вай рӯй мегардонанд; Ӯ нафратзада буд, ва мо Ӯро писанд намекардем.*

*Аммо Ӯ бемориҳои моро ба сар мебурд, ва ба дардҳои мо гирифтор буд, валекин мо гумон бурдем, ки Ӯро Худо зада, ба бадбахтӣ ва азобҳо гирифтор кардааст. Ва ҳол он ки Ӯ аз ҷиноятҳои мо захмдор, ва аз гуноҳҳои мо кӯфта шудааст; сазои осоиши мо бар Ӯст, ва ба воситаи захмҳои Ӯ мо шифо ёфтаем. Ҳамаамон монанди гӯсфандон гумроҳ будем: ҳар яке ба роҳи худ мерафтем; ва Парвардигор гуноҳи ҳамаи моро ба гардани Ӯ монд.*

*Ӯ ситам кашид, вале гардан фуровард, ва даҳони Худро воз накард; монанди гӯсфанде ки барои куштан бурда мешавад, ва монанди баррае ки назди пашмтарошонаш безабон аст, Ӯ ҳамчунон даҳони Худро воз накард; Ӯ аз банд ва аз доварӣ гирифта шуд, ва кист, ки бо насли Ӯ гап занад? Зеро Ӯ аз замини зиндаҳо канда шуд; барои гуноҳҳои қавми Ман ба Ӯ осеб расид. Ва қабри Ӯро бо бадкорон таъйин карданд, вале баъд аз мурданаш – бо сарватдоре гӯронидаанд, гарчанде ки Ӯ гуноҳе накардааст, ва дар забонаш макре набуд.*

*Валекин хости Парвардигор ин буд, ки Ӯро зарба зада, ба дардҳо гирифтор кунад; ҳангоме ки Ӯ ҷони Худро қурбонӣ кунад, насл дида, умраш дароз хоҳад шуд, ва хости Парвардигор дар дасти Ӯ муяссар хоҳад гардид. Ӯ аз заҳмати ҷони Худ самар дида, қонеъ хоҳад шуд; Бандаи Росткори Ман бо дониши Худ мардуми бисёрero сафед хоҳад кард, ва гуноҳҳои онҳоро бар дӯши Худ хоҳад бардошт. Бинобар ин Ман ба Ӯ дар миёни бузургон ҳиссае хоҳам дод,*

*ва Ӯ ғаниматро бо зӯрмандон тақсим хоҳад кард, дар ивази он ки ҷони Худро ба марг таслим намуд, ва аз ҷинояткорон шумурда шуд, ва гуноҳи мардуми бисёреро бар худ бор кард, ва барои ҷинояткорон шафоат намуд.* **Ишаъё, боби 53**

Ин порча фақат яке аз пайғамбариҳоест, ки дар бораи Масеҳи меомада маълумоти дақиқ медоданд. Тааҷҷубовар нест, ки Исо ба ду шогирди Худ гуфт:

*"Эй бехирадон, ки барои бовар кардан ба гуфтаҳои пайғамбарон дили дерфаҳм доред! Оё лозим набуд, ки Масеҳ ин ранҷҳоро аз сар гузаронда, ба ҷалоли Худ расад?"*

**Луқо 24:25,26**

Шояд Ӯ ба мо низ чунин гаперо мегӯяд?

# 2. Исо ба осмон бармегардад

Дар рӯзҳои пас аз зинда шуданаш, Исо бо шогирдон вақт гузаронда:

*... ба онҳо низ, баъд аз азобаш, бо далелҳои бисёр Худро зинда нишон дод ва дар давоми чил рӯз ба онҳо намоён шуда, дар бораи Подшоҳии Худо сухан гуфт.* **Амалҳо 1:3**

Охир, Ӯ онҳоро ба як ҷои маълум, воқеъ дар масофаи се километр аз шаҳри Уршалим овард.

*Ва онҳоро берун оварда, то Байт-Анё бурд ва дастҳои Худро бардошта, онҳоро баракат дод. Ва ҳангоме ки онҳоро баракат медод, аз онҳо ҷудо шуда, ба осмон боло бурда шуд.*

**Луқо 24:50,51**

*Чун Ӯ боло мебаромад, ва онҳо ба осмон менигаристанд, ногоҳ ду марди сафедпӯш назди онҳо пайдо шуданд ва гуфтанд: "Эй мардони Ҷалил! Чаро ин ҷо истода, сӯи осмон менигаред? Ҳамин Исо, ки аз пеши шумо ба осмон боло бурда шуд, чунон ки Ӯро сӯи осмон равона дидед, ончунон бармегардад".*

**Амалҳо 1:10,11**

Фариштаҳо гуфтанд, ки Исо дубора хоҳад омад. Агар вақт сарф карда ин мавзӯъро омӯзем, маълум хоҳем кард, ки Китоби Муқаддас дар бораи бозгашти Исо чизҳои бисёре барои гуфтан дорад. Худо ваъдаашро дар бораи омадани аввалини Исо иҷро кард ва мо метавонем дилпур бошем, ки Ӯ ваъда дар бораи омадани дуввумашро низ иҷро хоҳад кард. Худо доим ба ваъдааш вафодор аст.

Боқии Китоби Муқаддас баъзе воқеаҳоеро ҳикоя мекунад, ки дар давоми зиндагии шогирдон, ки расулон номида мешуданд, рӯй додаанд. Ин шогирдон дар бораи Исо ба анбӯҳи мардум шаҳодат медоданд:

> *Каломи Худо паҳн мешуд, шумораи шогирдон дар Ушалим хеле меафзуд, ва бисёре аз коҳинон низ фармонбардори имон мешуданд.* **Амалҳо 6:7**

Ҳатто аз коҳинон, ки дар марги Исо саҳмгузор буданд, ба Ӯ имон оварданд. Аммо на ҳама бовар карданд, ва шогирдон ба муқобилатҳо, ки барояшон ғайричашмдошт набуд, дучор шуданд. Шоул ном фарисии ҷавон, бо нафрати зиёд ба Исо, касонеро, ки пайрави таълимоти Ӯ буданд, ба қатл мерасонд ва зиндонӣ мекард. Шоул қонунҳову анъанаҳои дини худро бо ҷиддият риоя мекард. Ӯ фикр мекард, ки ба пайғамбарон бовар мекунад, аммо дар асл ӯ ҳаргиз ҳақиқатан паёми инҳоро нафаҳмида буд. Ӯ қарор кард, ки шогирдони Исоро хомӯш кардан лозим аст.

> *Шоул, ки ҳанӯз таҳдид ва куштор бар шогирдони Худованд меангехт, назди саркоҳин рафт ва аз ӯ номаҳо барои куништҳои Димишқ хост, то ки агар марде ё занеро аз аҳли Тариқат ёбад, бандӣ карда ба Уршалим оварад. Дар асnои роҳ, вақте ки ба Димишқ наздик омад, ногоҳ нуре аз осмон гирди ӯ дурахшид; ӯ бар замин афтод ва овозе шунид, ки мегуфт:*
>
> *"Шоул, Шоул! Барои чӣ маро таъқиб мекунӣ?"*
>
> *Гуфт: "Худовандо, Ту кистӣ?"*
>
> *Худованд гуфт: "Ман он Исо ҳастам, ки ту таъқибаш мекунӣ".* **Амалҳо 9:1-5**

Ин оғози зиндагии аҷоиб буд. Шоул тамоман дигаргун шуд. Ӯ акнун имондоронро ба қатл намерасонд ва худаш дар ҳақиқат имондор шуд. Вазифаҳо баръакс шуданд – таъқибкунанда уқубаткаш шуд. Боре Шоул сангсор шуда, ба мурдан гузошта шуда буд. Се бор ӯро латукӯб карданд, панҷ бор қамчинкорӣ карданд ва се бор киштие ки Шоул дар он буд, ғарқ шуд. Боре, ҳангоми ғарқшавӣ, ӯ дар давоми бисту чор соат дар мавҷҳо алвонҷ мехӯрд. Тамоми ин чизҳо бо Шоул рӯй дод, зеро ӯ ба Масеҳ чун ба Наҷотдиҳандаи Ваъдашуда, ки пайғамбарон дар борааш пешгӯӣ кардаанд, имони қавӣ дошт ва кӯшиш мекард ин ҳақиқатро ба дигарон расонад.

## 3. Оё ба пайғамбарон бовар мекунед?

Одамоне ҳастанд, ки баъд аз хондани Китоби Муқаддас ва фаҳмидани

паёми он, худро ба хатари беимонӣ дучор мекунанд.

Онҳо:

ба паём эътибор намедиҳанд;

паёмро рад мекунанд;

паёмро фаромӯш карда, бештар ба чизҳои зиндагии ҳаррӯза машғул мешаванд;

паёмро ночиз мегардонанд;

... ва чунин одамон умед доранд, ки Китоби Муқаддас хатост.

Ҳиродуси Агрипос аз ин ҷумла буд. Ӯ набераи Ҳиродуси Бузург ва писари амаки Ҳиродус Антипос буда, албатта фурсат дошт аз овозаҳое ки дар қаср дар бораи Исо мегаштанд, бохабар шавад. Бешубҳа, ҳар сухани ин пайғамбар аз Носира ба ӯ аз даҳони ҷосусонаш мерасид. Аммо Ҳиродус соҳиби обрӯ, шахси боэътибор буд. Ба ҷои он ки назди Шоҳи шоҳон фурӯтан шавад, ӯ ба таври худ ва барои худ зистанро давом медод. Ӯ ҳатто бо куштани яке аз шогирдони Исо дар пеши мардум шӯҳрат ёфт. Аммо як рӯз:

> ... *Дар рӯзи таъйиншуда Ҳиродус либоси шоҳона дар тан кард ва бар тахт нишаста, ба онҳо сухан ронд. Ва мардум нидо карданд, ки ин овози худоест, на овози инсон. Ногоҳ фариштаи Худованд ӯро зад, чунки ӯ Худоро ҷалол надод; ва кирмҳо ӯро хӯрданд, ва ӯ ҷон дод.* **Амалҳо 12:21-23**

Худо, дар файзаш, якчанд вақт гуноҳро тоқат мекунад, аммо як рӯз, дар адолати Худ, Ӯ онро маҳкум мекунад. Ин ҳукм метавонад дар ин зиндагӣ ё баъд аз марг иҷро шавад, аммо албатта хоҳад омад. Ҳиродус мурд ва дар кӯли оташ бо абадият рӯ ба рӯ шуд. Ояти зерин ҷолиби диққат аст:

> *Аммо каломи Худо пеш мерафт ва паҳн мешуд.* **Амалҳо 12:24**

Дигар ҳамасри Исо Ҳиродуси Агрипоси II буд. Ӯ набераи Ҳиродуси бузург ва писари Ҳиродуси Агрипос буд; ӯ низ кӣ будани Исоро медонист. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки подшоҳ Агрипос аз ҳар чи ба Исо алоқа дошт, хуб шинос буд. Шоул, ки акнун бо номи Павлус машҳур буд, дастгир шуда буд ва бояд ба ҳузури подшоҳ ҳозир мешуд. Дар ҳимояи худ Павлус аз Исо сӯҳбат кард. Ӯ гуфт:

> *"Аммо Худо ба ман ёр шуд, ва ман то имрӯз зинда мондаам ва ба хурду калон шаҳодат медиҳам ва гапе намезанам ғайр аз он чи пайғамбарон ва Мусо гуфтаанд, ки бояд рӯй диҳад, яъне*

*Масеҳ бояд азоб кашад ва аввалин Касе бошад, ки аз мурдагон бархеста, ба ин қавм ва ба халқҳо аз нур хабар расонад. Зеро подшоҳе ки ба ӯ далерона сухан меронам, аз ин бохабар аст; ман боварӣ дорам, ки чизе дар ин бора аз ӯ пӯшида нест, зеро ин дар ҷои ниҳон рӯй надодааст. Эй подшоҳ Агрипос, оё ба пайғамбарон бовар мекунӣ? Медонам, ки бовар мекунӣ".*

*Агрипос ба Павлус гуфт: "Кам мондааст маро бовар кунонӣ, ки масеҳӣ шавам".* **Амалҳо 26:22-23,26-28**

Ба назар мерасид, ки подшоҳ Агрипос суханони Павлусро мефаҳмид. То ба дараҷае ки ҳатто иқрор шуд, ки Павлус қариб ба ташвиқ карданаш дар имон муваффақ шуда буд. Аммо Агрипос хатарро интихоб намуд. Ӯ имон наовард. Ӯ ба паёми пайғамбарон беэътиноӣ кард, то ки қарор қабул накунад. То дараҷае ки маълум аст, ӯ ҳеҷ вақт имондор нашуд. Ӯ ҳақиқатро фаҳмид, аммо ба он бовар накарда ба қабр рафт. Ин интихоби ӯ буд.

Павлус низ пеши Феликс ном ҳокими румӣ ҳозир шуд. Павлус доим аз фурсат истифода бурда, дар бораи Исо маълумоти зиёд медод.

*Пас аз чанд рӯз Феликс бо зани худ Друсилла, ки яҳудӣ буд, омад ва Павлусро даъват намуда, суханони ӯро дар бораи имон ба Масеҳ гӯш кард. Аммо вақте ки ӯ дар бораи росткорӣ, парҳезгорӣ ва доварии оянда сухан меронд, Феликс ба ҳарос афтода, ҷавоб дод: "Алҳол рав, ва ҳар гоҳ фурсат ёбам, боз туро даъват мекунам".* **Амалҳо 24:24-25**

Феликс қарорашро ба вақти дертар боқӣ гузошт. Ӯ лаҳзаи мувофиқтареро интизор шудан хост. Қарори худро дертар гузоштан осон аст, аммо Китоби Муқаддас ба хотир мерасонад, ки алҳол вақти қарор додан аст:

*Инак, акнун вақти муносиб аст, инак, акнун рӯзи наҷот аст.*
**2Қуринтиён 6:2б**

На ҳикояҳои Китоби Муқаддас, на таърихи ҷаҳонӣ охирати Феликсро қайд намекунанд, аммо то ҷое ки маълум аст, ӯ дигар лаҳзаи мувофиқтареро барои имон овардан наёфт.

Шоул, Ҳиродус Агрипос, Агрипоси II ва Феликс ҳар яке ҳаққи интихобро доштанд. Ва чунин интихоб пеши рӯи мо низ қарор мегирад:

***...оё ба [паёми] пайғамбарон бовар мекунӣ?...*** **Амалҳо 26:27**

# Замима

## Луғат

## Тарҷумаи Китоби Муқаддас

## Саволе ки боз бармеояд

## Феҳристи адабиёт

## Маънидодҳои ишорашуда

# Луғат

**Аббо:** (дар забони арамӣ) падарҷон.

**Аҳд:** паймон.

**Баракат:** марҳамати Худо, гирифташуда ё атошуда.

**Бозхаридан:** харида гирифтан, ба маънои харидани ғулом дар бозор.

**Гуноҳ:** нарасидан ба мақсад; дар ин ҳол, нарасидан ба мақсади камолоти Худо; нафрат ё беэътиноӣ ба Худо ва Каломи Ӯ.

**Дев:** мавҷуди рӯҳонии мутеи шайтон.

**Иблис:** айбдоркунандаи дурӯғин; тӯҳматгар; боз як номи дигари шайтон; боқувваттарини тамоми мавҷудоти рӯҳонии бадкирдор.

**Иқрор шудан:** ба маънои розӣ шудан бо ягон факт, эътироф намудан.

**Имонуил:** (дар ибрӣ/юнонӣ) ба маънои Худо бо мост.

**Имон:** бар касе ё чизе боварӣ доштан ва таваккал намудан (нигар ба саҳифаҳои 114-116).

**Инҷил:** хабари хуш.

**Исо:** (дар юнонӣ аз ибрӣ) ба маънои Наҷотдиҳанда, Раҳокунанда, Халосгар, Озодибахш.

**Кафорат:** он чизе ки ҳамчун товони гуноҳ дода мешавад, фидя.

**Китобдон:** дар замони қадим, шахсе ки Навиштаҳоро нусхабардорӣ мекард.

**Коҳин:** шахсе ки дар хаймаи вохӯрӣ ё дар ибодатгоҳ вазифаҳоро иҷро мекард.

**Куништ:** ибодатгоҳи маҳаллии яҳудиён.

**Қурбонгоҳ:** барҷастагии аз хок ё санг сохташуда барои овардани қурбониҳо ба Худо ё худоён.

**Лаънат:** изҳори нохушӣ бар касе.

**МАН ҲАСТАМ:** номи Худо ба маънои он ки Ӯ ба Худии Худ вуҷуд дорад ё бо қудрати Худ мавҷуд аст.

**Марҳамат:** муҳаббати Худо нисбати гуноҳкорон; дилсӯзӣ.

**Масал:** ҳикояи кӯтоҳи пандомӯз.

**Масеҳ:** масҳшуда.

**Масҳ (тадҳин) кардан:** амали рехтани равған бар касе ё чизе барои ҷудо кардан барои Худо.

**Масҳшуда (тадҳиншуда):** касе ё чизе ки барои хизмати Худо интихоб шудааст.

**Мирисад:** сардори сад нафар сарбоз.

**Наҷотдиҳанда:** он ки наҷот медиҳад ва ё касеро халос мекунад.

**Омин:** калимаи мувофиқат; шакли изҳори ризоят: “Ин ҳақ аст!” ё “Ман розӣ ҳастам!”

**Пайғамбар:** паёмбар, касе ки аз ҷониби Худо гап мезанад.

**Парастиш:** эълон кардани бузургии Худо.

**Писари Одам:** иборае ки Исо бо ишора бар инсонияти Худ, вақте дар бораи Худ мегуфт, истифода мебурд. Муҳаққиқони Навиштаҳо ин ибораро бо Масеҳ яке медонанд (нигар ба саҳифаи 189).

**Писари Худо:** истилоҳи рамзӣ, хориҷ аз алоқадории ҷисмонӣ, барои ишора кардан бар ин ки Исо соҳиби хислатҳои Худост (нигар бар саҳифаҳои 187-188).

**Расул (ҳаворӣ):** ба маънои фиристодашуда аст; бештар нисбати дувоздаҳ шогирди Исо ва Павлус истифода мешавад.

**Росткор:** дар ҳоли оштӣ будан бо Худо; ин ибора маънои онро надорад, ки кас бегуноҳ аст; он метавонад ба тарзи рафтори кас ишорат кунад; шахси дорои тарзи зисти хуб ё дуруст.

**Рӯҳулқудс:** на фаришта ва на инсон, балки Рӯҳи Худи Худо.

**Сафед кардан:** амали мурофиавӣ, ки бо он шахсе дар назари Худо росткор эълон мешавад.

**Табиати гуноҳолуд:** баъзан табиати инсонӣ ё табиати Одам номида шудааст; ҳолати вуҷуди инсон.

**Тавба кардан:** тағйир додани афкор (нигар бар саҳифаи 170).

**Файз:** таваҷҷӯҳи Худо нисбати гуноҳкорон на аз рӯи шоистагӣ.

**Фарзандхондагӣ:** амали қонунигардондашуда, ки ҳангоми он шахсе ҳаққу ҳуқуқҳо ва ҷавобгарии писарро соҳиб мешавад.

**Фарисӣ**: шахси яҳудӣ, ки шариати Худоро дақиқ риоя мекард, то ба дараҷаи сохтани қонунҳои иловагӣ чун ёрӣ барои канораҷӯӣ аз шикастани қонунҳои Худо.

**Фариштa:** ба маънои паёмрасон; мавҷуди осмонӣ, рӯҳонӣ; махлуқи Худост.

**Фиръавн:** унвони подшоҳи Миср.

**Ҷалол:** таҳтуллафзан дорои вазн, яъне дорои қадру эътибор.

**Шайтон:** (дар ибрӣ/юнонӣ) ба маънои рақиб; душмани асосии Худо.

**Шанбе:** рӯзи ҳафтуми ҳафта.

**Шогирд:** шахсе ки барои дарёфти дастурҳо пайрави устодаш аст.

# Тарҷумаи Китоби Муқаддас

Китоби Муқаддас ба забони оммафаҳми ибрӣ, арамӣ ва юнонӣ навишта шудааст. Худо хост, ки он ба ҳар мард, зан ва кӯдак, сарфи назар аз пешгузаштагон ё вазъи иҷтимоияшон, фаҳмо бошад. Аз замони тамаддуни юнонӣ то имрӯз Китоби Муқаддас ба забонҳои аксарияти халқҳо ва гурӯҳҳои забонӣ тарҷума шудааает.

Вақте ки кас паёмро аз як забон ба забони дигар тарҷума мекунад, тарҷума дар қисмати дақиқият ва фасоҳати матн доим дорои сустиҳо ва боқувватиҳояш мешавад. Хушбахтона, дар қоидаи умум, Навиштаҳо бо ҷидду ҷаҳд тарҷума шудаанд ва он чи мо ҳоло ба даст дорем, бисёр дақиқ аст.

Ба мақсади дақиқтар фаҳмондани Китоби Муқаддас тафсирҳои гуногун бо шарҳи анъанаҳо, нақшаҳои ҷуғрофӣ ва ғайра нашр шудаанд. Ин воситаҳо ба мо дар фаҳмидани Китоби Муқаддас ёрӣ медиҳанд. Гарчи инҳо бисёр фоидабахшанд, дар хотир бояд дошт, ки инҳо фақат тафсири одамон оид ба матни Китоби Муқаддас буда, аз ҷумлаи Навиштаҳои Муқаддас нестанд.

# Саволе ки боз бармеояд

“Агар кас ба Исои Масеҳ ҳамчун ба Наҷотдиҳандаи худ бовар кунад, оё ин ба он маъност, ки он шахс метавонад мувофиқи хости худ зиндагӣ кунад – бадӣ кунад – ва бо вуҷуди ин баъд аз марг ба осмон меравад?” Инак саволест, ки бисёреҳо онро мегузоранд. Навиштаҳо ба он ҷавоб медиҳанд:

> *Пас чӣ гӯем? Оё дар гуноҳ монем, то файз зиёд шавад? Ҳеҷ гоҳ. Мо, ки нисбат ба гуноҳ мурдаем, чӣ гуна дар он боз зиндагӣ карда метавонем?* **Румиён 6:1,2**

Паёми марг ва растохези Масеҳ айнан нақшаи Худост барои озод кардани гуноҳкорон аз гуноҳ. Мувофиқи Каломи Худо, лаҳзае ки касе самимона ба Исо Масеҳ имон меоварад, бо ӯ ду чизи аҷоиб рӯй медиҳад:

1. Ин шахс аз оқибатҳои гуноҳ раҳо мешавад: Худо тамоми гуноҳҳояшро ба хотири Исо, ки пурра қарзи гуноҳро пардохтааст, мебахшад.
2. Ин шахс аз қудрати гуноҳ халос мешавад: Рӯҳулқудс, яъне Рӯҳи Худо дар вай сокин мешавад ва дилашро нав месозад.

Чунин шахс ҳама чизро аз нуқтаи назари нав мебинад: Вай аз бадӣ нафрат карда, ба дӯст доштани росткорӣ сар мекунад.

*Пас, касе ки дар Масеҳ аст, офаридаи навест; чизҳои қадима гузаштанд, инак ҳама чиз нав шудааст.* **2Қуринтиён 5:17**

*Аммо самари Рӯҳ инҳост: муҳаббат, шодӣ, осоиш, пурсабрӣ, меҳрубонӣ, некӯӣ, вафодорӣ, ҳалимӣ, худдорӣ. Ба инҳо ҳеҷ шариате муқобил нест.* **Ғалотиён 5:22,23**

*[Исо Масеҳ] Худро барои мо фидо кард, то моро аз ҳар бадӣ халосӣ диҳад ва барои Худ ҳамчун қавми махсусе ки дар корҳои нек ғайратманданд, пок намояд.* **Титус 2:14**

# Феҳристи адабиёт

Инак рӯйхати баъзе тавсияҳо дар робита бо мавзӯъҳои офариниш, тӯфон ва Бобил. Ҳатмӣ нест, ки муаллиф бо тамоми он чи дар ин асарҳо сабт ёфтааст, розӣ бошад.

Bones of Contention: A Creationist Assessment of Human Fossils—by Marvin L. Lubenow, Baker Bk House, Grand Rapids, MI 295 pp.

Darwin's Black Box—by Michael J. Behe, Touchstone, Simon and Schuster, NY, NY 307 pp.

The Revised & Expanded Answers Book: The 20 Most-Asked Questions about Creation, Evolution, and the Book of Genesis, Answered!—by Ken Ham, Jonathan Sarfati, Carl Wieland, edited by Don Batten, Ph.D, Master Bks, Green Forest, AR 274 pp.

Mount St. Helens (video): Explosive Evidence for Catastrophe—Steve Austin, Ph.D., ICR

The Young Age of the Earth (video)—American Portrait Films, Cleveland, OH

# Маънидодҳои ишорашуда

### Боби дуюм

1. Галактикае ки дар ин ҷо тасвир ёфтааст, Роҳи Каҳкашон нест, зеро сурат гирифтани он ғайриимкон мебошад. Барои тасвир додани он мо сурати галактикаи дигарро истифода бурдем, ки ба он монанд аст.
2. Яҳудо 6.
3. Луқо 20:36. Марг ба маънои табиӣ. Мавҷудияти фариштаҳо ҳеҷ гоҳ ба охир намерасад.
4. Марқус 12:25.

### Боби сеюм

1. НАСА (маркази амрикоии тадқиқотҳои аэронавтӣ ва кайҳонӣ).

## Боби чорум

1. Ваҳй 12:3-9; Одатан дар назар дошта шудааст, ки оятҳои 3 ва 4 ба сарнагуншавии шайтон робита доранд, дар ҳоле ки оятҳои 7 ва 9 дар бораи ҳодисаи оянда мегӯянд. Ман порчаро пурра иқтибос овардам, чунки оятҳои охирин ба мо мефаҳмонанд, ки дар оятҳои 3 ва 4 сухан дар бораи кӣ меравад.
2. Ин порча интихобҳои Одаму Ҳавворо нишон медиҳад.
3. Дар ин бора дақиқтар дар Румиён 5:12-14 навишта шудааст. Одам – падар, сардори тамоми насли башар буд. Ҳангоме ки ӯ гуноҳ кард, мо дар ӯ будем.
4. NEWSWEEK, 11 январи соли 1988, саҳ. 46-52.
5. Time, 4 декабри соли 1995, USA Edition, саҳ. 29

## Боби панҷум

1. Фикре ки бо ақидаҳои маъмулӣ мувофиқат намекунад.
2. Баъзе шахсон таълим медиҳанд, ки Худо қурбонии Қобилро ба сабаби рафтори бадаш қабул накардааст. Ҳоҷати баён нест, ки Қобил нисбат ба Худо муносибати мустақилона дошт, аммо Китоби Муқаддас равшан мегӯяд: “Бо имон Ҳобил ба Худо, назар ба Қобил, қурбоии беҳтаре тақдим намуд....” Китоби Муқаддас нагуфтааст, ки аз барои рафтори беҳтар. Қобил Худоро гӯш накард, зеро ки қурбонии мувофиқи талаби Худоро наовард. Ба Ибриён 11:4 нигаред.
3. Луқо 17:27; Матто 24:38.
4. Румиён 1:21-32; агарчи ин порча бевосита дар бораи замони Нӯҳ намегӯяд, он боз ҳам интихобҳоеро, ки мардум дар он замон мекарданд, ва оқибатҳои ин интихобҳоро нишон медиҳад.
5. Эҳтимол, бар асоси қатрони (ширеи) дарахти санавбар, ки бо ангишти аз чӯб ҳосилшаванда ҷӯшонида шудааст. Битуми қир фақат баъд аз тӯфон пайдо шуд.
6. Пайдоиш 6:3.
7. 2Петрус 2:5.
8. Олимони зиёд оид ба ғунҷоиши киштӣ ҳисоббарорӣ кардаанд. Барои маълумоти бештар ба сарчашмаи зерин муроҷиат намоед: *A FEASIBILITY STUDY* – by John Woodmorappe, ICR, El Cajon, CA. 306 саҳ.
9. Доктор Ҷон Баумгарднер, геофизик дар Лос Аламос Нэшнл Лэбораторис, Ню Мексико, моделеро бо номи “Catastrophic Plate Tectonics” (Табақаҳои тектоникии фалокатовар) тасвир медиҳад.
10. Айюб 40:10-28, 41:1-25.
11. То замони тӯфон одамон тақрибан то ҳазор сол зиндагӣ мекарданд (Пайдоиш, боби 5).
12. Худованд фуруд омад... Агар Худо якбора дар ҳама ҷой мавҷуд бошад, Ӯро чӣ лозим буд, ки фурояд? Китоби Муқаддас бисёр вақт ибораҳоеро дар робита бо Худо истифода мебарад, то ба мо ёрӣ диҳанд, ки матнро беҳтар фаҳмем. Масалан, Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Худо нигоҳ мекунад, агарчи Ӯ Рӯҳ буда, чашмони ҷисмонӣ надорад.

13. Ман аз Карл Уиланд миннатдорам, ки маро бо мақолае дар бораи генетика таъмин кард. Барои маълумоти бештар оиди мавзӯи нажодҳо ба *THE REVISED & EXPANDED ANSWERS BOOK* – by Ken Ham, Jonathan Sarfati, Carl Wieland, Ed. by Don Batten, Ph.D, Master Bks, Green Forest, AR. 274 саҳ. муроҷиат намоед.

### Боби шашум

1. Ба назар гиред, ки давомнокии умри инсон баъд аз тӯфон хеле кӯтоҳтар шуд. Дар синни 75-солагӣ Абром аллакай ҳамчун пирмарде ёд карда мешавад.
2. Аз Абром халқи бузурге ба вуҷуд омад: ӯ падари халқи яҳудӣ ва арабҳо мебошад.
3. Номи Абром бузург шуд: яҳудиён ва арабҳо Абромро бисёр эҳтиром доранд. Ишорат кардан муҳим аст, ки маҳз Худо номи Ӯро бузург кардааст, дар ҳоле ки мардуми Бобил худ дар пайи бузург гардондани номи худ буданд.
4. Маълум аст, ки таърих инро нишон медиҳад: онҳое ки яҳудиёнро таъқиб карданд, ба некӯаҳволӣ нарасиданд.
5. Юҳанно 8:56.
6. Матто 17:20.
7. Зеро музди гуноҳ марг аст... Румиён 6:23а. Ба боби чоруми ин китоб, зерсарлавҳаи ***Марг***, саҳ. 70 муроҷиат кунед.

### Боби ҳафтум

1. Дувоздаҳ қабилаи Исроил бо номҳои писарони Яъқуб номида мешаванд, аммо бо ду истисно: қабилаи Левӣ ба он дохил намешавад, чунки писаронаш сардорони динии миллат шуданд; қабилаи Юсуф низ вуҷуд надошт; авлодони ду писари ӯ, Эфроим ва Менашше, ду қабилаи намерасидаро пур мекунанд.

### Боби ҳаштум

1. Раҳоӣ 14:1 то 15:21.
2. Ин порча иборaҳои дигар хел ифодашудаи матни Раҳоӣ 19:5 мебошад.

### Боби нӯҳум

1. Ман ин тарзи ба доди шахси ғарқшаванда расиданро тарафдорӣ намекунам. Балки фақат ба таври мисол онро истифода бурдам.
2. ❶ Қурбонгоҳи мисин: Раҳоӣ 27:1,2
   ❷ Лаган: Раҳоӣ 30:18
   ❸ Чароғдон: Раҳоӣ 25:31
   ❹ Мизи нонҳои тақдим: Раҳоӣ 25:23,30
   ❺ Қурбонгоҳе барои сӯзонидани хушбӯиҳо: Раҳоӣ 30:1-3
   ❻ Сандуқи аҳд: Раҳоӣ 25:10,11
   ❼ Сарпӯш: Раҳоӣ 25:17-21
3. Ҳангоме ки сутуни абр бар қудси қудсҳо меистод, коҳинон ба он ҷо даромадан наметавонистанд, зеро он ишорат аз ҳузури Худо дар он ҷо буд. Ҳангоме сутуни

абр барои нишон додани роҳи сафар ба исроилиён аз он ҷо баланд мешуд, пас коҳинон барои ба кӯчидан тайёр кардани тамоми қисмҳои хаймаи воҳӯрӣ озодона ба дохили он мерафтанд.

4. 2Самуил 7:12-17.
5. Олимон дар муайян кардани санаҳои дақиқи офариниш, тӯфон ва Бобил бо ҳам розӣ нестанд. Тафсири таҳтуллафзии Китоби Муқаддас фосилаҳои миллион ё миллиардсоларо раво намедорад. Ин се ҳодиса зиёдаш як фосилаи чандин ҳазор солро дар бар мегирифт.

**Боби даҳум**

1. Инро набояд ҳамчун алоқаи генетикӣ тафсир намуд, ва набояд фикр кард, ки гуноҳ дар ягон хоначаи К.Д.Н. ҷойгир бошад. Чунин алоқа танҳо дар сатҳи рӯҳонӣ аст. Худо инсонро барои исён дар боғи Адан ба ҷавобгарӣ кашид, ва “... чунон ки ба воситаи як одам гуноҳ ба ҷаҳон дохил шуд ва бо гуноҳ марг омад, ончунон низ ба ҳамаи одамон гузашт, чунки ҳама гуноҳ карданд” (Румиён 5:12). Ҳамаи мо як падари инсонӣ дорем, пас тамоми мо соҳиби табиати гуноҳолудем. Падари Исо бошад Худо, Рӯҳулқудс буд, аз ин рӯ Ӯ соҳиби табиати Худо буд.
2. Дар Аҳди Қадим, ҳангоми сухан рондан дар бораи Масеҳ унвони Худованд истифода мешавад (Забур 109:1). Он қудрати Масеҳро – ба подшоҳӣ ҳақ доштани Ӯро ошкор месозад.
3. Атр
4. Эҳтимол, дар ҳамин сафар ба Уршалим бар Исо маросими “бар-митсва” ба ҷо оварда шуд. Дар Талмуд гуфта мешавад, ки ин маросимро ҳангоми расидани синни балоғат ба ҷо овардан даркор аст.

**Боби ёздаҳум**

1. Ҳиродуси Антипос, писари Ҳиродуси Бузург, Яҳёро зиндонӣ карда буд. Яҳё Ҳиродусро барои гуноҳе ки ҳангоми ба занӣ гирифтани зани бародараш содир намуд, айбдор мекард.

**Боби дувоздаҳум**

1. Як фарқе вуҷуд дорад: *“Ва марг ва дунёи мурдагон ба кӯли оташ партофта шуданд. Кӯли оташ марги дуюм аст”.* **Ваҳй 20:14**

**Боби сездаҳум**

1. Ман ҷараёни ба салиб кашиданро дақиқ шарҳ надодам. Дар он ҳангом ҳодисаи муҳиме рӯй дода буд: *“Ҳангоме ки Ӯро бурданд, Шимъун ном қайравониеро, ки аз саҳро меомад, даст гирифта, салибро бар китфаш гузоштанд, то аз паси Ӯ бардошта барад”.* **Луқо 23:26**
2. Whiston, *THE WORKS OF JOSEPHUS саҳ.* 720
3. Баталион – қисми алоҳидаи ҳарбӣ буда, аз сесад то ҳазор сарбозро дар бар мегирад.
4. Китоби Муқаддас пайдарҳамии воқеаҳои ин субҳро дақиқ тасвир наменамояд. Ман яке аз равишҳои имконпазири он воқеаҳоро тасвир намудам.

**Боби чордаҳум**

1. Исо соати 9 мехкӯб шуд, ин буд соати қурбонии саҳар. Ӯ соати 15 мурд, ин буд соати қурбонии шом.

2. Зиндагии комили Исо лоиқи қурбонии мақбул дониста шуд, лекин маҳз марги Ӯ музди гуноҳҳоро пардохт. Фақат бо марги Худ Исо талаботи шариатро қонеъ карда тавонист. Матто 5:17,18.